

*Деҳаи Зардали, вилояти Баткени Ҷумҳурии Қирғизистон*

УДК 372.8
ББК 74.26
М 50

Ношир: Намояндагии Сохтори UN Women дар Ҷумҳурии Қирғизистон

Тақриз: Эфтоди, Корманди барномаи миллии Сохтори UN Women дар Молдова

Тасвирҳо: Байиш Исманов  Тарҷума: Айпери Токтобаева

Дизайнер: Махмуд кизи Айжамал  Нашриёт: М-Максима, Бишкек

**М 50** «Ҳоҷагии шукуфони ман»: Дастури иловагии таълимӣ барои синфҳои 9-10 мактабҳои миёнаи.
Ралф ван Гелдер, Адриен ван Гелдер, Геральд Гюнтер, Надирбек Качкинбаев.
– Нашри чорум. Б.: 2016. -337 саҳ. Нашр 100 нусха.

**ISBN 978-9967-27-481-5**

Дастури иловагии таълимӣ барои синфҳои 9-10 мактабҳои миёнаи «Хоҷагии шукуфони ман» дар 2007 сол бо маблағгузории грантии Германия, аз ҷониби GTZ барои татбиқи лоиҳаи «Баландкунии иқтидор барои таъмини ҳаёти устувори аҳолии деҳот», дар навбати аввал, дар вилояти Баткен ва Ҷалол-Ободи Ҷумҳурии Қирғизистон пешниҳодшуда чоп шудааст. Нашри мазкур дар фаъолияти лоиҳаҳои гуногуни GTZ / GIZ дар давраи аз 2010 сол то 2014 сол истифода шудааст.

Дар 2013 сол ташкилоти GIZ дар Ҷумҳурии Қирғизистон ба Сохтори UN Women барои илова, нашр ва истифодаи фарзияи навшудаи китоби «Хоҷагии шукуфони ман» лутфан розигии худро дод. Сохтори UN Women ба Хадамоти минтақавии машваратии деҳоти Ҷалол-Обод (ХМД ҶА) барои илова, васеъ ва таъмин кардани имконияти минбаъдаи истифодаи китоби «Хоҷагии шукуфони ман» супориш дод. Нашри фарзияи иловашудаи китоб дар 2014 сол бо мадади «Раёсати СММ оиди дастгирии созмони сулҳ» (РДСС) тавассути лоиҳаи «Ташаккули доираи ҷонибдорон ва пешомадҳо барои устувории сулҳ» имконпазир гардид, ки дар айни замон дар Қирғизистон дар доираи РДСС «Фонди созмони сулҳ ва барқарорсозӣ» амалӣ мешавад.

Нашри 2016 сол “Хоҷагии шукуфони ман” аз ҷониби ҳукумати Финляндия дар доираи татбиқи лоиҳаи Сохтори UN Women дастгирӣ мешавад ва он барои истифодаи инклюзивӣ, амалӣ ва самараноки захираҳои об дар сатҳи ҷомеаҳо мусоидат мекунад. Маводҳои аз ҷониби ЮНИСЕФ нашршуда барои таҳияибоб оиди санитария истифода шуданд. Аз 2014 сол «Хоҷагии шукуфони ман» бо қисмати “баробар ба баробар” ба сохтмони «Мактаби бехатар ва сулҳҷӯи ман» равонашуда ва ба мақсади баландкуни қобилият ва малакаҳои хонандаҳои мактабҳои миёна барои таъмини баробарии гендерӣ ва васеъкунии ҳуқуқ ва имкониятҳо ба сифати шаҳрвадони масъулиятнок равонашуда пурра карда шудааст.

Нашри такрории фаслҳои алоҳидаи китоби 2016 сол ё нашри пурраи китоб бо шарти дар ҷои намоёни китоб пешниҳод кардани истинод дар бораи он, ки ноширони нусхаи аслии китоб GIZ ва Сохтори UN Women мебошанд, инчунин ҳангоми риоя намудани шартҳои дар зер зикршуда иҷозат дода мешавад. Нашри китоби мазкур бо мақсади гирифтани фоида танҳо дар ҳолате иҷозат дода мешавад, ки бобҳои асосии китоб ё китоб пурра бо мақсади маърифатӣ бо риояи шартҳои дар зер овардашуда чоп мешаванд. Ғайр аз ин, истифодаи китоби мазкур бо мақсади гирифтани фоида ба ширкатҳое, ки дар Ҷумҳурии Қирғизистон ба қайд гирифта шудаанд ва мақсади кӯмак ба маориф ва таълим танҳо дар кишварҳои Осиёи Марказӣ доранд, иҷозат дода мешавад. Истифодаи қисматҳои алоҳидаи фаслҳо ё тасвирҳои алоҳида бо мақсади тиҷоратӣ қатъиян ва беистисно манъ аст. Ҳангоми чопи навбатии қисми дилхоҳи китоби мазкур бо мақсади тиҷоратӣ ё ғайритиҷоратӣ аз ҷониби шахсони сеюм, муқаррарот ва қоидаҳои тарафи мазкур ва қонунгузории байналмилалӣ оиди ҳуқуқи муаллифӣ мавриди истифода қарор мегирад. Далели мавҷуд будан ё набудани ҳуқуқҳои мазкури шахсони сеюмро тарафи дар нашри такрории китоб манфиатдор бояд муқаррар ва амалӣ намояд.

Ношир чораҳои мутобиқро оиди риояи қонунҳои дахлдор меандешад, аммо барои муайянкунии мавҷуд будан ё набудани ҳуқуқҳои шахсони сеюм барои нашри такрории қисматҳои алоҳида ё нашри пурраи китоб масъулият намебарад.

**М4306010000-14**
**ISBN 978-9967-27-481-5**

УДК 372.8
ББК 74.26

© Ҳуқуқи муаллифӣ 2016 с.
Намояндагии Сохтори UN Women дар Қирғизистон
Ҳуқуқи муаллифӣ

© Аксҳои Геральд Гюнтер

MINISTRY FOR FOREIGN AFFAIRS OF FINLAND

FinWater WEI

*БО ДАСТГИРИИ МОЛИЯВИИ ҲУКУМАТИ ФИНЛЯНДИЯ НАШР ШУДААСТ*

# Мундарича:


**Хоҷагии шукуфони ман** ........ 6

**Пешгуфтор** ........ 11

**Фасли 1: Ту ва иқтисодиёти бозаргонӣ** ........ 21

Дарси 1 Ту ва иқтисодиёти бозаргонӣ ........ 22
Дарси 2 Тиҷорат чист? ........ 33
Дарси 3 Маркетинг ва фурӯш ........ 42

**Фасли 2: Ба нақша гирифтани тиҷорат** ........ 55

Дарси 4 Ба нақша гирифтани тиҷорат ........ 56
Дарси 5 Асосҳои баҳисобгирии фаъолияти соҳибкорӣ ........ 64
Дарси 6 Асосҳои тартибдиҳии бюджет ........ 73

**Фасли 3: Дастрасӣ ба машваратҳо ва маблағгузорӣ** ........ 79

Дарси 7 Идоракунии хавфҳо ........ 80
Дарси 8 Дастрасӣ ба воситаҳои микрокредитӣ ........ 85
Дарси 9 Дастрасӣ ба машваратҳо ........ 96

**Фасли 4: Баробарии гендерӣ** ........ 103

Дарси 10 Сарқонун ва баробарии гендерӣ; муайянкунии мафҳумҳои «ҷинс» ва «гендер» ва фарқияти онҳо ........ 104
Дарси 11 Вазифаҳои гендерӣ ва қолабҳо ........ 106
Дарси 12 Баробарии гендерӣ дар Қирғизистон ........ 109
Дарси 13 Иқдомҳои занони деҳот ........ 112

**Фасли 5: ОБ** ........ 119

Дарси 14 Об, санитария ва гигиена барои хонандагони мактаб ........ 120
Дарси 15 Асосҳои истифодаи самараноки об дар полезҳо ........ 137

**Фасли 6: Ташкили полез** ........ 159

Дарси 16 Идоракунии устувори захираҳои замин ........ 160
Дарси 17 Истифодаи самараноки хок ва тайёркунии компост ........ 170
Дарси 18 Ташкили полез ........ 181
Дарси 19 Истифодаи самараноки об ........ 193

**Фасли 7: Усулҳои муосири бурдани хоҷагии қишлоқ** ........ 203

Дарси 20 Ҳифзи меҳнат дар ҳоҷагии қишлоқ ........ 204
Дарси 21 Воситаҳои биологии ҳифзи растаниҳо ........ 212
Дарси 22 Воситаҳои кимиёвии ҳифзи растаниҳо ........ 220

**Фасли 8: Пешбурди хоҷагии замин барои ноилшавӣ ба некӯаҳволӣ** ........ 229

Дарси 23 Парвариши сабзавот дар полез ........ 230
Дарси 24 Парвариши картошка ........ 240
Дарси 25 Парвариш ва буридани шохҳои дарахтони мевадор ........ 247

**Фасли 9: Усулҳои муосири нигоҳдории айвонот** ........ 255

Дарси 26 Ҳайвонҳо дар хоҷагии ман ........ 256
Дарси 27 Усулҳои муосири бурдани чорводорӣ ........ 267

**Фасли 10: Паррандапарварӣ** ........ 275

Дарси 28 Паррандаҳои хонагӣ дар хоҷагии ман ........ 276
Дарси 29 Усулҳои парвариши паррандаҳои хонагӣ ........ 279

**Фасли 11: Хоҷагии шукуфони ман** ........ 287

Дарси 30 Хоҷагии шукуфони ман ........ 288

**Тестҳо** ........ 306

**Маълумоти иловагӣ ба дарсҳо** ........ 320

# Фанҳои барномаи таълимӣ, ки дар онҳо “Хоҷагии шукуфони ман” метавонад ба сифати китоби иловагӣ истифода шавад

| Қисмат/моҳ | Фан | Сен. | Окт. | Ноя. | Дек. | Янв. | Фев. | Мар. | Апр. | Май |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ту ва иқтисодиёти бозаргонӣ | Иқтисодиёт<br>Ҷуғрофия<br>Иштирок дар идоракунии ҷамъияти давлатӣ | | | | | | | | | |
| Тиҷорат чист? | Иқтисодиёт<br>Факултатив | | | | | | | | | |
| Маркетинг ва фурӯш | Иқтисодиёт<br>Факултатив | | | | | | | | | |
| Ба нақша гирифтани тиҷорат | Иқтисодиёт<br>Факултатив | | | | | | | | | |
| Асосҳои баҳисобгирии фаъолияти соҳибкорӣ | Иқтисодиёт<br>Факултатив<br>Математика | | | | | | | | | |
| Асосҳои тартибдиҳии буҷет | Иқтисодиёт<br>Математика<br>Иштирок дар идоракунии ҷамъияти давлатӣ | | | | | | | | | |
| Идоракунии хавфҳо | Иқтисодиёт<br>Факултатив | | | | | | | | | |
| Дастрасӣ ба воси-таҳои микрокредитӣ | Иқтисодиёт<br>Математика | | | | | | | | | |
| Дастрасӣ ба машваратҳо | Иқтисодиёт<br>Факултатив | | | | | | | | | |
| Сарқонун ва баро-барии гендерӣ...<br>Вазифаҳои гендерӣ ва қолабҳо<br>Баробарии гендерӣ дар Қирғизистон | Факултатив<br>Иштирок дар идоракунии ҷамъияти давлатӣ | | | | | | | | | |
| Иқдомҳои занони деҳот | Иқтисодиёт<br>Факултатив<br>Иштирок дар идоракунии ҷамъияти давлатӣ | | | | | | | | | |
| Об, санитария ва гигиена барои хонандагони мактаб | Биология<br>Химия<br>Ташреҳ<br>Асосҳои геоэкология<br>Факултатив | | | | | | | | | |
| Асосҳои истифодаи самараноки об дар полезҳо | Биология<br>Химия<br>Иқтисодиёт<br>Ҷуғрофия<br>Асосҳои геоэкология<br>Факултатив | | | | | | | | | |
| Идоракунии устувори захираҳои замин | Иқтисодиёт<br>Биология<br>Ҷуғрофия<br>Асосҳои геоэкология | | | | | | | | | |

## Фанҳои барномаи таълимӣ, ки дар онҳо “Хоҷагии шукуфони ман” метавонад ба сифати китоби иловагӣ истифода шавад

| Қисмат/моҳ | Фан | Сен. | Окт. | Ноя. | Дек. | Янв. | Фев. | Мар. | Апр. | Май |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Истифодаи самараноки хок ва тайёркунии компост | Ҷуғрофия<br>Дарси меҳнат<br>Асосҳои геоэкология | | | | | | | | | |
| Ташкили полез | Иқтисодиёт<br>Биология<br>Ҷуғрофия | | | | | | | | | |
| Истифодаи самараноки об | Биология<br>Ҷуғрофия<br>Асосҳои геоэкология | | | | | | | | | |
| Ҳифзи меҳнат дар хоҷагии қишлоқ | Ҷуғрофия<br>Факултатив<br>Химия | | | | | | | | | |
| Воситаҳои биологии ҳифзи растаниҳо | Биология<br>Асосҳои геоэкология<br>Факултатив | | | | | | | | | |
| Воситаҳои кимиёвии ҳифзи растаниҳо | Биология<br>Асосҳои геоэкология<br>Химия<br>Факултатив | | | | | | | | | |
| Парвариши сабзавот дар полез | Биология<br>Ҷуғрофия<br>Факултатив | | | | | | | | | |
| Парвариши картошка | Математика<br>Иқтисодиёт<br>Ҷуғрофия<br>Биология | | | | | | | | | |
| Парвариш ва буридани шохҳои дарахтони мевадор | Биология<br>Факултатив | | | | | | | | | |
| Ҳайвонҳо дар хоҷагии ман | Биология<br>Ҷуғрофия | | | | | | | | | |
| Усулҳои муосири бурдани чорводорӣ | Иқтисодиёт<br>Биология | | | | | | | | | |
| Паррандаҳои хонагӣ дар хоҷагии ман | Иқтисодиёт<br>Биология | | | | | | | | | |
| Усулҳои парвариши паррандаҳои хонагӣ | Иқтисодиёт<br>Биология | | | | | | | | | |
| Хоҷагии шукуфони ман | Барои ҳамаи фанҳо истифода кардан мумкин аст | | | | | | | | | |

Иқтисодиёт
Факултатив
Биология
Ҷуғрофия
Математика
Ташрех
Иштирок дар идоракунии Ҷамъияти-давлатӣ
Асосҳои геоэкология
Химия

# Хоҷагии шукуфони ман

Китоби “Хоҷагии шукуфони ман” якчанд ислоҳ ва иловаҳоро аз сар гузаронида, аллакай дар давоми даҳ сол мавриди истифода қарор гирифтааст. Китоби дарсии “Хоҷагии шукуфони ман” маҳсули кори Лоиҳаи GTZ «Баландкунии иқтидор барои таъминиҳаёти устувори аҳолии деҳот, пешгирии муноқишаҳо ва идоракунии софдилона» мебошад. Дар давраи аз 2003 сол то 2007 сол Лоиҳа моделҳои гуногуни таъмини ҳаёти устувори аҳолии деҳоти Қирғизистонро дар асоси таҷрибаи кор дар вилояти Баткен таҳия кардааст. Лоиҳа тавассути шабакаҳои ҳамкории маҳаллии худ дар ҳамаи мақомотҳои худидоракунии маҳаллӣ ва зиёда аз 100 деҳаи вилояти Баткен фаъолият бурдааст. Дар 2007 сол дар ҳамкорӣ бо Хадамоти Машваратии Минтақавии вилояти Ҷалол-Обод якчанд модели таҳияшуда дар 70 деҳаи вилояти Ҷалол-Обод паҳн карда шуданд. Зиёда аз ин, намудҳои махсуси фаъолият дар тамоми қаламрави Қирғизистон амалӣ шудаанд. Фаъолияти амалии мазкур ба кормандони Лоиҳа ва ҳамкорони маҳаллӣ имкон дод, ки мушкилот ва имкониятҳои хоҷагии қишлоқи Қирғизистонро дарк кунанд, инчунин роҳҳои ноилшавии муваффаққиятро дар шароити иқтисодиёти бозаргонӣ, тарзҳои кӯмак ба аҳолии маҳаллӣ ва пешгирии оқибатҳои иҷтимоии манфиро барои ҷомеаҳои маҳаллӣ, ки дар натиҷаи сатҳи баланди муҳоҷирати меҳнатии ҳам мардон ва ҳам шумораи зиёдшавандаи занон ба вуқӯъ меоянд, муайян намоянд.

GTZ ба хадамоти машваратии деҳот дар ҷануби Қирғизистон кӯмак расонд ва шабакаи васеи агентиҳои микрокредитии маҳаллӣ, инчунин кооперативҳои истеҳсоли тухмӣ ва маводҳои хоҷагии қишлоқро ташкил кард. Грантҳо асосан барои таълим ва зиёдкунии иқтидор равона карда мешуданд. Ғайр аз ин, грантҳои яккарата барои ташкили сармояи ибтидоӣ дода мешуданд. Грантҳо барои хароҷотҳои амалиётӣ дода намешуданд. Ғайр аз ин, ягон намуди субсидия дода нашудааст. Аз ин бармеояд, ки муассисаҳо аз ибтидо маҷбур шуданд, ки тибқи принсипҳои иқтисоди бозаргонӣ кор кунанд ва танҳо бо нерӯи худ ба муваффақият ноил шаванд. Бо ҳамин сабаб дар 2016 сол, яъне пас аз нӯҳ соли итмоми Лоиҳа ва новобаста ба тағйиротҳои гуногуни дар соҳаи микрокредитӣ рӯйдода, ҳамаи ташкилотҳои даҳ сол қабл созмондодашуда айни замон бомуваффақият амал мекунанд. Ташкилотҳои мазкур васеъ ва аз ҷиҳати сохтор мустаҳкам шуданд, устувории молиявии онҳо мунтазам тасдиқ мешавад: ҳамаи ин бо сабаби самтгузории ибтидоии онҳо ба тиҷорат (на бо мақсади гирифтани субсидия ё грант) ба даст омадааст. Масалан, новобаста ба қарзи бегарав, агентиҳои мазкури микрокредитӣ ҳар сол ба ҳазорон хонавода қарз ва машварат медиҳанд. Дар давоми даҳ соли сипаришуда ҳар як қарз пурра пардохт шудааст!

Лоиҳаи GTZ инчунин шумораи зиёди шогирдон ва калонсолонро оиди фаъолияти соҳибкорӣ дар хоҷагии қишлоқ таълим додааст ва бо мақомотҳои худидоракунии маҳалӣ, маъмуриятҳои ноҳиявӣ ва вилоятӣ, инчунин вазоратҳои алоҳидаи сатҳи миллӣ бо мақсади мусоидат дар ташкили иқтисоди бозаргонӣ ва ҷомеаи кушод дар Қирғизистон дар ҳамкории зич фаъолият кардааст.

Қирғизистон бо мавҷуд будани камтар аз шаш миллион аҳолӣ ва табиати дорои ҳамаи металлҳои дар ҷадвали давравии Менделеев мавҷудбуда, дар чорроҳаи роҳҳои тиҷоратӣ байни Хитой ва Аврупо ҷойгир шудааст. Иқлими кишвар барои бурдани доираи васеи намудҳои фаъолияти хоҷагии қишлоқ мусоид мебошад. Ҳамин тариқ, Қирғизистон соҳиби ҳамаи захираҳои табиӣ мебошад, ки барои таъмини ҳаёти хуби

мардумаш заруранд. Даврае, ки Москва таҷдиди Қирғизистонро маблағгузорӣ мекард, кайҳо гузаштааст. Дар айни замон дар кишвар иқтисоди бозаргонӣ афзалият дорад. Ин маънои онро дорад, ки ба зиммаи мардуми Қирғизистон ва Ҳукумати он ӯҳдадории истифодаи мутобиқи дороиҳои кишвар барои рушди миллат, некӯаҳволии тамоми мардум ва ободии наслҳои оянда гузошта шудааст.

Аз 2007 сол, вақте ки лоиҳаи GTZ кори худро анҷом дод, ҳам дар Қирғизистон, ҳам дар тамоми дунё тағйиротҳои сершуморе ба амал омаданд. Капитализми ба таври нокифоя танзимшаванда дар вобастагӣ бо бӯҳрони иқтисодӣ ба шумораи васеъшавандаи олами аз ҷиҳати иқтисодӣ мустақил аз охири 2007 сол таъсири манфӣ расонд, ки он ҳатто дар 2016 сол низ эҳсос мешавад. Баъзе аз кишварҳои олам мушкилотро нисбат ба кишварҳои дигар хубтар аз сар гузарониданд: бо мақсади дурнамои дарозмуддат табақаи миёна, инчунин сектори корхонаҳои миёна ва хурди Германия низоми мустаҳками шогирдиро ба роҳ монда, бо омодакунии ҷавонон ба фаъолияти корӣ машғул шудааст. Ҳамин тариқ, онҳо мехоҳанд муваффақияти иқтисодиёти Германияро таъмин кунанд ва бо сифати баланди маҳсулоти содиршаванда ва мутаносибан, бо арзиши баланди он тафовут дошта бошанд, ҳол он, ки кишварҳои дигари Аврупо, ки диққати асосиро ба сектори хизматрасонӣ равона мекарданд, мисли пештара бо бекорӣ байни ҷавонон дучор мешаванд, ки аз 20% зиёд аст; дар Хитой ҷаҳиши муваққатӣ (аммо ноустувор) дар маблағгузории давлатӣ суръати баланди афзоишро нигоҳ медорад ва норозигии мардуми кишварро зери назорат нигоҳ медорад; кишварҳои дорои захираҳои бои табиӣ, соҳиби низоми муқарраршудаи идоракунӣ, мисол Австралия, рушди иқтисодии худро тавассути арзиши баланди ашё таъмин карданд. Вобастагии сахти Россия аз нафт, ки боиси рушди иқтисодиёти кишвар шудааст, инчунин пастшавии қурби рубл, ки барои Қирғизистон оқибатҳои манфӣ дорад ва муҳоҷирони меҳнатӣ дар Россия интиқолҳои пулии хурдро ба хешутабори худ мефиристонанд ва гирандагони он асосан сокинони деҳоти Қирғизистон мебошанд, ба эҳсосшавии бӯҳрони сахт дар Қирғизистон овардааст.

Дар Қирғизистон аз лаҳзаи ҷунбишҳои сиёсии оммавии 2010 сол тадриҷан мӯътадилӣ мерасад, ки дар натиҷаи ин дар доираи ҷомеаи тиҷоратӣ барои маблағгузорӣ эътимод ба вуҷуд омадааст. Дар вазъияти бӯҳрони иқтисодии Россия ва Қазоқистон ва сустшавии суръати инкишоф дар Хитой, Қирғизистон тавонист вазъияти мазкурро хуб аз сар гузаронад.

Новобаста ба ин иқтисодиёти Қирғизистон аз ду намуди содироти нисбатан ноустувор: тилло, ки дар кони тиллои Кумтор истихроҷ мешавад ва муҳоҷирати меҳнатӣ, ки ба иқтисодиёти рушдкунандаи Россия ва Қазоқистон вобастагии зич дорад. Таҳия намудани стратегияи баромадан аз вазъияти пастшавии самаранокии ин ду манбаи даромад ба вуҷудомада бе расонидани хавфи баланд ба иқтисодиёти он зарур аст.

Бо назардошти норасоии қувваи кории соҳибмаълумот ва соҳибтахассус, инчунин бо назардошти набудани хоҳиши аксарияти маблағгузорони соҳибэътибори байналмилалӣ барои доштани ӯҳдадориҳо бо Қирғизистон бо сабаби мушкилот дар соҳаи идораи софдилона ва вазъи номӯътадили сиёсӣ, соҳаи хоҷагии қишлоқ ва саноати хӯрока аз ҷумлаи секторҳои иқтисодиёт мебошанд, ки дар он мардум метавонад кор кунад ва қути лоямут пайдо кунад. Бо назардошти маҳсулнокии пасти сектори хоҷагии қишлоқи Қирғизистон дар маҷмӯъ, ки бо сабаби истифодаи тарзу усул ва технологияҳои кӯҳнашуда, дастрасии маҳдуд ба маълумот ва дониш, инчунин ба кооперативҳо муттаҳидшавӣ хоҳиш надоштани фермерон рӯй медиҳад, барои ба муҳаррики афзоиши иқтисодиёти миллӣ мубаддал шудани хоҷагии қишлоқ ва истифодаи он ба сифати алтернатива ба мукофоти молиявие, ки аз муҳоҷирати меҳнатӣ ба даст меояд, иқтидорҳои то ҳадди пурра истифоданашуда низ мавҷуд аст.

Китоби “Хоҷагии шукуфони ман” бо мақсади расонидани кӯмак ба пуркунии фосилаи байни иқтидоре, ки мардуми Қирғизистон метавонист тавассути истифодаи захираҳои табиии дар ихтиёраш мавҷудбуда истифода кунад ва воқеияте, ки норасоии малакаву таҷриба ба истифодаи даромадноки захираҳои мазкур монеа мешавад, мусоидат кунад. Кишварҳои ҷаҳон, ба монанди Кореяи Ҷанубӣ, Сингапур ва Малайзия, ки кишварҳои феодалӣ, камбизоат ва суст тараққикарда буданд, танҳо ду насл пештар дар давоми якчанд даҳсола меҳнати пурмашаққат ба рушди саноатӣ расиданд ва шаҳрвандони худро бо ҳаёти бароҳат таъмин карданд. Дар Хитой дар давоми бисту панҷ сол тақрибан 400 миллион нафар шаҳрванд аз табақаи камбизоатии чуқур раҳо шуданд.

Асоси рушд ва шукуфоии мазкур - маблағгузорӣ ба таълим, эътирофи дониш ва меҳнатдӯстӣ мебошад. Бе мавҷуд будани дониши амиқ оиди истифодаи дурусти захираҳои табиӣ, ҳатто кишварҳои аз ҷиҳати захираҳои нефт бой метавонанд камбизоат гарданд. Ҷамъоварии донишу малака вақтро талаб менамояд. Инчунин мубаддалшавии дониши бадастомада ба баландкунии сатҳи некӯаҳволӣ низ дар маҷмӯъ вақт ва кӯшишро тақозо мекунад.

Ҳамин тариқ, агар ту хуб зиндагӣ кардан хоҳӣ, ба ғайр аз роҳи баландкунии сатҳи дониш ва ҷамъоварии боигарии худ дар давоми солҳои тӯлонии меҳнати пурмашаққат роҳи дигаре мавҷуд нест.

"Хоҷагии шукуфони ман" аз зинаи пасттарини нардбоне, ки бо он ту метавонӣ ба зиндагии хуб расӣ, оғоз мешавад. Қариб ҳамаи хонандаҳои синфҳои 9 ва 10 ба қитъаи замине, ки метавонад сермаҳсул ва даромаднок бошад, дастрасӣ пайдо хоҳанд кард; ин метавонад полези назди хона ё қитъа дар наздикии хона бошад. Дар ҳудуди шаҳр истифодаи қитъаҳои боғдорӣ ба ном дача имконпазир аст.

Мақсади барномаи таълимии мазкур дар он аст, ки ту, хонанда, малакаҳои асосии истифодаи самараноки захираҳои дар минтақаи мо мавҷудбударо пайдо карда тавонӣ. Омӯзиши амалӣ метавонад барои инкишофи малакаву таҷрибаи ту баҳри иштироки муваффақ дар иқтисодиёти бозаргонӣ кӯмак кунад. Ҳангоми гирифтани фоида ва маблағгузории қисмати калони он дар давоми якчанд сол, ту метавонӣ хоҷагии худро ташкил намоӣ, ки он асосии қонеъкунии талаботи хонаводаи ту ва ояндаи хуби сердаромад гардад. Дар фасли хотимавии китоби "Хоҷагии шукуфони ман" мо ба ту нишон медиҳем, ки чӣ тавр бо шарти мавҷуд будани хоҳиши дар замин кор кардан, дар давоми панҷ сол аз хонандаи оддии синфи нӯҳ ту метавонӣ хоҷагидори бой шавӣ.

Вобаста ба он, ки то кадом дараҷа ту муваффақ шудаӣ, ки асосан аз омодагии ту ба қабули тавсияҳои асоснок вобастагї дорад ва то кадом андоза ту софдилона ва босубот меҳнат мекунї, ту дар асоси таҷрибаи ҷамъоварикардаат метавонӣ фермери комёб, ё соҳибкор ё тоҷири муваффақ шавӣ. Дар ҳолати мазкур, агар иқбол ба ту боз каме хандад, ту метавонӣ ба пайроҳаи ташаккули шахси таъминшуда, сарватманду доро қадам гузорӣ. Ба ҳаёти мазкур на танҳо як орзу, балки солҳои тӯлонии меҳнати пурмашаққат ва софдилона мерасонад. Мо бо ин гуфтан мехоҳем, ки ҳамаи ин аз худат, аз эҳсоси хоҳиши ту ва садоқат ба меҳнат, аз меҳнатдӯстии ту вобастагии калон дорад. Чуноне, ки аз китоби мо бармеояд, ҳар қадаре, ки Қирғизистон дар раванди иқтисодиёти бозаргонӣ иштироки фаъолона барад, ҳамон қадар ба пешравии калон ноил мешавад. Бозорҳои кушода шаффофият, танзимкунии оқилона, сифат, боварӣ ва волоияти қонунро меписанданд. Онҳо ҳолатҳои ришвагирӣ, трайболизм, маҳдудият ва худпарастиро намеписанданд. Ҳар қадаре, ки мафҳумҳои охирин камтар зоҳир шаванд, ҳамон қадар иқтисоди бозаргонӣ, хонаводаи ту ва дар маҷмӯъ Қирғизистон пурқувват ва пуриқтидор мешавад.

Дар китоби "Хоҷагии шукуфони ман" ту маълумотро оиди он, ки иқтисоди бозаргониро ба манфиати худ чӣ тавр истифода кардан мумкин аст, омӯхта метавонӣ. Ҳамин тариқ, вақте, ки ту мехоҳӣ фермаи худро дар қитъаи замини худ ташкил кунӣ, ту аз хешовандони худ, Ҳукумати худ, инчунин аз кӯмаки хайрияи донорҳо вобаста нахоҳӣ буд. Ту метавонӣ фахр намоӣ, ки шахсан худат шуғли муваффақи худро ташкил кардӣ ва бо меҳнати софдилонаи худ ба комёбӣ ноил гаштаӣ. Дар фаъолият бароят комёбиро хоҳонем ва умедворем, ки ҳамаи орзуҳоят амалӣ мешаванд. Агар аксарият аз шумоён ба ин ноил шаванд, Қирғизистон дар давоми як-ду насл ба кишвари пурқувват ва мутараққӣ мубаддал мешавад. Бигзор манфиати шахсии ту дар қадами нахустини ту ҳавасмандиро тавлид кунад. Кӯдакон ва набераҳои ту бароят ташаккур хоҳанд гуфт.

Сабаби ба нашри такрории китоби "Хоҷагии шукуфони ман" ҷалб кардани Сохтори UN Women дар 2014 сол кори Сохтори UN Women дар соҳаи васеъкунии имкониятҳои занон дар Қирғизистон гардид, ки ба доираи он масъалаҳои таъмини ҳуқуқи занон ба замин, пешниҳоди дастрасӣ ба тухмӣ ба занони камбизоат, инчунин муҳоҷират дохил мешаванд. Сохтори UN Women фаъолияти худро дар Қирғизистон аз 1999 сол дар ибтидо дар шакли ЮНИФЕМ, аз 2010 сол Сохтор ба сифати ҳамкори мо, дар шакли Сохтори UN Women амалӣ мекунад. Ҳамкори мо, Хадамоти минтақавии машваратии деҳотии Ҷалол-Обод, ки китоби мазкурро ба ту ва мактабат пешниҳод мекунад, дар соҳаи додани донишу малакаҳои хоҷагии қишлоқ аз 1999 сол амал мекунад, аз 2003 сол инҷониб бо лоиҳаи GTZ, ки китоби "Хоҷагии шукуфони ман"-ро таҳия кардааст, аз 2012 сол бо Сохтори UN Women ҳамкорӣ мекунад.

Ҳарду ташкилот – Хадамоти машваратии деҳот ва Сохтори UN Women оиди васеъкунии имкониятҳои ҷавонони Қирғизистон дар самти истифодаи самараноки захираҳои табиии кишвар бо мақсади созмони сулҳ ва ноил шудан ба некӯаҳволии мардуми кишвар нуқтаи назари ягона доранд.

Нашри китоби "Хоҷагии шукуфони ман" аз 2016 сол бо лоиҳаи нави аз ҷониби Ҳукумати Финляндия барои Сохтори UN Women дар Қирғизистон вобастагӣ дорад. Лоиҳаи мазкур дар самти тақсими инклюзивии захираҳои обии маҳдуд дар як қатор ҷамоатҳо деҳот ва истифодаи нисбатан самараноки захираҳои об дар натиҷаи беҳтаршавии идоракунии иттиҳодияи истифодабарандагони об дар сатҳи мақомотҳои маҳаллӣ фаъолият менамояд. Самаранокии истифодаи оби объёри бояд аз ҳисоби ҳавасмандкунии усулҳо объёрии қатравӣ ва инкишофи хоҷагиҳои гармхона бояд баланд карда шавад. Нашри мазкури китоб инчунин масъалаҳои тандурустӣ ва санитария нисбатин истифодаи обро фаро мегирад.

Сохтори UN Women оиди мушкилоти занон, сулҳ ва бехатарӣ, таъмини ҳуқуқ ва имкониятҳои занони деҳот, зӯроварӣ нисбати занон, инчунин дар соҳаи имкониятҳои сиёсӣ фаъолияти мунтазам мебарад ва таҷриба нишон медиҳад, ки камбизоатӣ ва мавҷуд набудани донишу малака омилҳои асосии монеъшавии рушди иҷтимоӣ ва пурқувватшавии нобаробарӣ ва номӯътадилӣ мебошад. Барои ноил шудан ба рушд ва тараққиёт дар қаламрави тамоми Киргизистон аз фермерон истифодаи нисбатан самараноки заминҳои худро тақозо мешавад. Мусоидат ба баробарӣ мазмуни иштироки занони ҷавонро дар бозорҳои меҳнат бо пешниҳоди дастрасии онҳо ба воситаҳои истеҳсолотро дорад. Фермери ҷавону меҳнатдӯст, ки заминаи рушдро тавассути фаъолияти боинтизом тарҳрезӣ мекунад, дар ҳолати рӯҳафтодагӣ ба машрубот ва ё ифротгароии динӣ рӯй намеорад.

Ҷавон инчунин роҳи дуздидани арӯсро барои соҳиби дили ӯ шудан пеш намегирад. Дар навбати худ, духтаре, ки соҳибкори соҳаи хоҷагии қишлоқ мешавад, ҳуқуқ ва имкониятҳои худро васеъ мекунад ва метавонад шавҳари ояндаи худро дақиққорона интихоб кунад. Ҳангоми ин ӯ барои хонаводаи худ ягон сарбории зиёдатӣ нест. Ӯ ва шавҳараш пас аз расидан ба синни 20-солагӣ оиладор шуда метавонанд. Ҳангоми доштани таҷрибаву малакаҳои зарурӣ онҳо метавонанд хоҷагии пешқадамро ташкил кунанд. Онҳо фарзандони худро тарбия мекунанд ва дар дили фарзандони худ эҳсоси мусбиро нисбат ба меҳнати софдилона бедор мекунанд. Магар ин аз ҳолате, ки ҷавонон ҳангоми имконияти аввалин мактабро тарк мекунанд, то ки пеш аз ба муҳоҷират рафтан издивоҷ кунанд ва дар муҳоҷират корҳои камдаромадро иҷро намоянд, дар он ҷо ҳуқуқҳои онҳо дар бештари мавридҳо риоя намешаванд, инчунин кӯдакони худро, ки дар парастории бобову бибиҳояшон гузошта рафтаанд, аҳён-аҳён мебинанд, беҳтар нест?

Сохтори UN Women, ХМД Ҷалол-Обод ва Ҳукумати Финляндия умедвор ҳастанд, ки ҷавононе, ки ба маслиҳату тавсияҳои дар китоби "Хоҷагии шукуфони ман" пешниҳодшудро бомаром иҷро карданд, қисми ҷавононе мешаванд, ки тамоми Қирғизистонро ба сӯи рушду ободӣ мебаранд ва барои амалӣ кардани волоияти қонун, баробарии ҷамъиятӣ ва ватанпарастии ҳақиқие, ки тавассути мустаҳкамкунии иқтидор ва инкишофи кишвари худ дар қаламрави кишвари худ, на дар хориҷи он ба даст меоянд, заминаҳоро муҳайё мекунад.

***Геральд Гюнтер,***
***намояндаи Сохтори***
***UN Women дар Ҷумҳурии Қирғизистон,***
Бишкек, июли 2016 сол.

# ЁДДОШТИ МУҲИМ

## -БАНАҚШАГИРИИ ДУРНАМО

Дар хотир дошта бошед, ки барои амаликунии қисмати амалии курси мазкури омӯзишӣ бо саршавии рӯзҳои гарми баҳорӣ хонандагон бояд ташкили полези шахсии худ оғоз кунанд.

Барои Шумо, ҳамчун омӯзгор амалҳои зеринро пешакӣ ба нақша гирифтан зарурат дорад:

- Хонандагонро барои саривақт тайёр кардани поруи сӯхта ҳавасманд намоед;
- Аз хонандагон барои харидории тухмии зироатҳои зарурӣ маблағҳои пулиро ҷамъоварӣ намоед;
- Миқдори тухмии заруриро барои ҳар як хонанда харидоришавандаро навишта монед;
- Шахси боваринокро пайдо намоед, ки азми ба Бишкек ё Ош рафтанро дорад ва аз ӯ хоҳиш намоед, ки тухмиро дар мағозаҳои махсуси фуруши тухмии босифат харида орад;
- Тухмиро то кишт кардани он дар полез дар ҷои барои нигоҳдорӣ мутобиқ нигоҳ доред.

# Пешгуфтор

## Гирифтани таълим дар шароити иқтисоди бозаргонӣ

*“Вазифаи маълумоти миёна дар айни замон омодакунии шумораи зиёди ҷавононро барои омӯзиши минбаъдаи онҳо ва таъмини ҳаёти мӯътадил дар бар мегирад” (ЮНЕСКО)*

Иқтисоди бозаргонӣ мавҷуд будани қувваи кории соҳибтахассус ва хуб таълимгирифта тақозо мекунад. Ҳангоми ба роҳи фаъолияти меҳнатӣ қадам гузоштан ҷавонон бояд ба иҷрои кори дарпешистода бо масъулияти хос даст зананд, инчунин барои фаъолият дар рӯзи кории пурра ва бо тамоми қувваи қобилияти худ омода бошанд. Дар айни замон насли ҷавон бояд барои дар раванди зиндагӣ таълим гирифтан, мукаммалкунии малакаву таҷрибаҳои худ, гирифтани донишҳои нави хаётан муҳим бо мақсади истифодаи онҳо тавассути мутобиққунии онҳо ба шароитҳои маҳаллӣ омода бошанд. Ғайр аз ин, насли ҷавон бояд барои истифодаи натиҷаҳои пешравии илмӣ-техникӣ омодагӣ дошта бошанд.

Дар кишварҳои мутараққии ҷаҳон дар давоми соли сипаришудаистода ё ду соли охир дар барномаи ҳатмии таълимии мактаб шумораи муайяни соатҳо барои омодакунии хонандагон ба касби ояндаи онҳо ҷудо карда шудааст.

Аксарияти хонандагони мактаб дар кишварҳои мутараққӣ аллакай аз овони таълим дар мактаб кору фаъолият менамоянд, баъзеашон аллакай омодагии касбӣ-техникиро паси сар мекунанд. Дар Германия ҳар як хонанда бо тартиби ҳатмӣ бояд як ё ду маротиба дар як ҳафта ба машғулиятҳои амалӣ равад. Ҳангоми ба охир расидани таълими миёнаи мактабӣ хатмкунандагон асосҳои фаъолияти меҳнатиро медонанд. Бо суханҳои дигар, онҳо барои меҳнат кардан омодаанд!

### Мақсади китоби мазкур

Талабагон дар Қирғизистон шумораи зикршудаи соатҳоро, чун дар кишварҳои мутараққии ҷаҳон таълим намегиранд. Ғайр аз ин, нақшаҳои таълимии мактабҳо барномаҳои махсусро оиди гузариши таълим ба меҳнат дар бар намегиранд. Мактабҳо барои гузаронидани машғулиятҳои амалӣ таҷҳизоти зарурии махсусро надоранд, омӯзгорон бошанд, барои гузаронидани машғулиятҳои мазкур малакаву таҷрибаи зарурӣро надоранд. Дастурамали таълимии “Хоҷагии шукуфони ман” воситае мебошад, ки барои омодакунии хонандаҳои синфи 9, ки дар оғози хатми маълумоти миёна, шуғли шахсии истеҳсолӣ ва фоиданок истодаанд, хизмат мекунад. Китоби мазкур ба хонандагон дар инкишоф додани малакаи қабули қарорҳо ва самаранок бурдани фаъолияти хоҷагии қишлоқ ва соҳибкорӣ, инчунин барои фаҳмидани сабабҳое, ки баъзе аз хоҷагиҳои фермерӣ ва корхонаҳо ба муваффақият ноил мешаванд, баъзеашон ноком мешаванд, мусоидат мекунад.

“Хоҷагии шукуфони ман” бо мақсади пешниҳоди дониши амалӣ оиди иқтисоди бозаргонӣ ба хонандагони синфҳои 9-10 Қирғизистон таҳия шудааст. Дар китоб малакаҳои бурдани иқтисод, инчунин афзалиятҳои истифодаи малакаҳои мазкур аз ҷониби хонандагони мактаб дар рафти ташкили полези шахсии худ мутобиқ ба талаботҳои иқтисоди бозаргонӣ нишон дода шудаанд. Маводҳо ва вазифаҳо барои тарзи интерактивии таълими хонандагон таҳия шуда, ҳам аз ҷониби хонандагон ва ҳам аз ҷониби омӯзгорон кӯшишҳои зиёдро талаб мекунанд. Омӯзгорон усулҳои нави таълимро дар амал истифода мекунанд, хонандагон бошанд, пурра ба раванди дарс ҷалб мешаванд, саволҳо медиҳанд ва дар қабули қарорҳо иштироки фаъолона менамоянд.

## *Вазифаи дастури таълимии “Хоҷагии шукуфони ман”*

Маводҳо дар китоби мазкур чунон таҳия шудаанд, ки хонандагон тавонанд:

- Малака ва донишро оиди асосҳои бурдани тиҷорат, принсипҳои молиявӣ ва ҳуқуқии иқтисоди бозаргонӣ аз худ намоянд;
- Малакаи қабули қарорҳо ва ҳал кардани мушкилоту масъалаҳоро аз худ кунанд;
- Малакаи муоширатро ба даст оранд;
- Малакаи фаъолияти мустақилона ва муштаракро аз худ кунанд;
- Ҳангоми қабули қарори шахсӣ масъулиятро ба зиммаи худ гиранд;
- Муҳим будани масъалаи ба зиммаи гирифтани масъулиятро аз ҷониби ҳар як шаҳрванд барои пешбарии фаъолияти софдилона,адолат ва беғаразӣ дар ҷамъият фаҳманд.

## Созишнома байни омӯзгорон ва хонандагон

Хонандагон бояд ба зиммаи худ масъулиятро дар бораи он, ки ҳангоми гирифтани таълим онҳо бояд ба интизом риоя кунанд, бодиққат ва бо майли том ба гуфтаҳо гӯш андозанд, савол диҳанд, дар таҳлил ва баррасии мушкилоту масъалаҳо иштирок кунанд. Омӯзгорон бояд фаҳманд, ки таълим додан ва таълим гирифтан – ин муносибатҳои ҳамкорӣ мебошад, ки дар онҳо ҳар як тарафи иштирок кунанда гиранд бояд ҳуқуқҳои тарафи дигарро ҳурмату эҳтиром кунад.

| Масъулияти омӯзгор: | Масъулияти хонанда: |
|---|---|
|   |   |

| Масъулияти омӯзгор: | Масъулияти хонанда: |
| --- | --- |
| Ҳар як хонандаро барои расидан ба амалишавии пурраи қобилиятҳояш дастгирӣ намояд. | Саривақт ба мактаб ҳозир шавад ва дар ҳамаи дарсҳо иштирок намояд. |
| Принсипҳои таълимро дар давоми ҳаёти худ дар асосии таҷрибаи худ омӯзонад. | Дар синф бодиққат бошад ва ҳангоми зарурат барои кӯмак ба омӯзгор муроҷиат кунад. |
| Ҳуқуқи хонандагонро оиди изҳори озоди фикри худ эҳтиром кунад. | Ӯҳдадориро оиди таълим гирифтан тибқи қобилиятҳои пурраи худ ба зимма гирад. |
| Дарсҳоеро, ки хонандагонро барои ҷустуҷӯ ва пайдо кардани ҷавобҳо ҳавасманд мекунанд, таҳия намояд. | Ҳуқуқи дигарро барои таълим эҳтиром намояд. |
| Ба саволҳои хонандагон дуруст ва саривақт ҷавоб диҳад. | Ба фикри донишҷӯён ва омӯзгорони дигар бо эҳтиром муносибат намояд. |
| Ба саволҳо ва ташвишҳои хонандагон бодиққат ва хайрхоҳона гӯш андозад. | Дар дарсҳо иштироки фаъолона намояд. |
| Корҳои хонандагонро саривақт тафтиш кунад ва баргардонад. | Ба амволи хонандагон, омӯзгорон ва мактаб эхтиёткорона ва боэҳтиром муносибат кунад. |
| | Вазифаҳоро саривақт иҷро намояд. |

## Мавқеи дастури таълимии *“Хоҷагии шукуфони ман”* дар барномаи мактабии Ҷумҳурии Қирғизистон

Дастури таълимии *“Хоҷагии шукуфони ман”* нақшаи интегратсияшудаи таълимӣ ва захирае мебошад, ки бо мақсади истифода ба сифати дастурамали таълимӣ дар соҳаи иқтисодиёт, биология, ҷуғрофия, инчунин баъзе ҷанбаҳои математика ва истеҳсолоти касбӣ таҳия шудааст.

Китоби мазкур барои хонандагони синфҳои 9-10 таъин шудааст. Барнома барои гузаронидани се **соати таълимӣ дар як ҳафта дар давоми як соли таълимӣ** ҳисоб карда шудааст, ки онҳоро дар соатҳои барои факултативҳои фанни иқтисодиёт ва дарси мехнат ҷудошуда гузаронидан мумкин аст. Курс ба талаботҳои қисмати калони фанни иқтисодиёт ҷавобгӯ аст. Дар курси мазкур машғулиятҳои амалӣ бо ҷалби малакаҳои техникии банақшагирӣ, ченкунӣ ва лоиҳакашӣ мавҷуданд. Дар ҷадвал дар тарафи дохилии муқова нишон дода шудааст, ки чӣ тавр “Хоҷагии шукуфони ман” ба барномаи синфҳои 9-10 мутобиқ карда шуда, дар омӯзиши шумораи зиёди фанҳои дигар истифода кардан мумкин аст.

## Истифодаи дастурамал аз ҷониби омӯзгорон

Дастурамали маълумотии мазкур дар масъалае, ки хонандагонро чӣ тавр дар фанни иқтисодиёти бозаргонӣ таълим додан ва омода кардан зарур аст, дастурамали ягона ва дуруст намебошад. Дар шароити иқтисодиёти бозаргонӣ омӯзгор низ бояд дар давоми зиндагии худ таълим гирад, зеро усулҳои нав ба нав ба таври доимӣ таҳия ва ворид карда мешаванд. Ҳамин тариқ, омӯзгори ботаҷриба усулҳои навро на ба тағйиротҳои изофагӣ, балки ба сифати воситаҳои муфид баррасӣ хоҳад кард.

## Барои ҳавасмандкунии ҳамаи хонандагон барои таълим усули ягона вуҷуд надорад

Завқу қобилиятҳои хонандагон гуногун мебошад ва аз ин бармеояд, ки водоркунӣ барои ҷустуҷӯи ҷавобҳо ва хоҳиши таълим гирифтан инчунин гуногун хоҳад шуд. Ғайр аз ин, дар ҳар як синф хонандагоне мавҷуд мебошанд, ки хоҳиши зиёди хонданро надоранд. Вазифаи омӯзгор – нозукбин будан ва дарсҳои худро мутаносибан ба қобилиятҳо ва шавқи хонанда мутобиқ кунад. Баъзан барои ҷалб кардани диққати хонандагони вазнин вазифаҳои алтернативиро таҳия карда шаванд, то ки ботадриҷ онҳо ба маҷрои асосӣ ворид шаванд ва дар онҳо хоҳиши хондан бедор шавад. Муносибати мазкур нисбат ба хонандагони дигар ноодилона нахоҳад буд, зеро усули мазкур барои беҳтаркунии муҳити таълимии синф вобаста ба беҳтаршавии рафтори бади хонандагони вазнин ва бедоркунии шавқи онҳо ба хониш кӯмак мекунад.

Китоби мазкур ба хонандагон маълумоти муайянро медиҳад, аммо масъалаҳое мавҷуданд, ки андешаву фикрронии мустақилонаро талаб мекунанд. Ишораҳо барои омӯзгорон аз як тараф барои он дода шудаанд, ки онҳо таҳиякунии саволҳои мутобиқро барои хонандагон дар асоси маълумоти пешниҳодшуда омӯзанд, аз тарафи дигар - барои баровардани хулосаҳои зарурӣ дода шудаанд. Дар китоб барои омӯзгорон бо мақсади бурдани сабтҳо оиди истифодаи донишҳои нав ҷойҳои холии зиёд гузошта шудаанд.

## Истифодаи модулҳо

Пайдарҳамии модулҳои таълимӣ бо назардошти соли таълимӣ ва тақвими хоҷагии қишлоқи Қирғизистон пешниҳод шудааст. Модулҳо оиди масъалаҳои иқтисодиёти бозаргонӣ, асосҳои бурдани тиҷорат, баҳисобгирӣ, банақшагирӣ ва тартибдиҳии бюджетро дар аввали сол гузаронидан зарур аст. Дар охири январ, ҳангоми расидани рӯзҳои офтобӣ, хонандагон метавонанд омӯзиши маводҳои амалиро дар ҳавои кушод оғоз кунанд. **Ба аввали мавсими хоҷагидорӣ, яъне моҳи март хонандагон бояд чор фасли аввали китобро аз худ кунанд ва ба фасли 6 “Ташкили полез” гузаранд.**

Умедворем, ки дар он мактабҳое, ки модулҳои мазкур ба сифати машғулиятҳои факултативӣ истифода мешаванд, онҳо ҳам барои омӯзгорон ва ҳам хонандагон шавқовар ва муфид хоҳанд буд. Ҳамин тариқ, хонандагон ба ҷомеаҳои худ бо нигоҳи наву тоза назар меандозанд ва дар таҷрибаи корхонаҳои муваффақе, ки ҳангоми машғулият бо онҳо шиносоӣ пайдо карда буданд, метавонанд чизҳои зиёдеро омӯзанд. Ғайр аз ин, хонандаҳо дар асоси нокомиҳои дигарон дарс меомӯзанд, то ки худ ба хатогиҳои мазкур роҳ надиханд.

Ҳангоми ҳавои хубу кушод омӯзгорон бояд хонандагонро аз синфхонаҳо ба кӯча бароранд. Аз паи сабзавот ва дарахтони дар полез инкишофёбанда, ки дар наздикии мактаб ҷойгир шудаанд мушоҳида кардан, инчунин муқарраркунии намуди алафҳои бегона, зараррасонҳо ва масъалаҳои дигарро омӯзонидан мумкин аст. Хонандагон ҳангоми машғулиятҳои амалии мазкур  аз машғулиятҳои дар синф гузаронидашуда зудтар дониш меомӯзанд.

## Таълим дар иқтисодиёти бозаргонӣ

Вазифаи муҳимтарини иқтисодиёти бозаргонӣ дар айни замон - амалӣ кардани фаъолият бо назардошти тағйиротҳои ба вуқӯъ омадаистода мебошад. Вазифаи асосии омӯзгорон ба хонандагон омӯзонидани усулҳои ҷустуҷӯи маълумоте мебошад, ки онҳо дар оянда ба он зарурат хоҳанд дошт. Ғайр аз ин, омӯзгорон бояд дар хонандагон талаботи дар давоми тамоми умр ба донишомӯзӣ шавқ доштанро тарбия кунанд.

Омӯзгор бояд маводро ба усули таълимии худ, инчунин ба услуби азхудкунии маълумот аз ҷониби хонандагон ва талаботҳои онҳо мувофиқ кунад. Ҳангоми омодашавӣ ба дарс хондани бодиққати ҳар як модул, фаҳмидан ва баҳогузории он нисбат ба синфи мушаххасе ки маводи мазкур дар он таълим дода мешавад, зарур аст.

Дар шароити иқтисодиёти бозаргонӣ омӯзгорон малакаву донишеро, ки дар хониш заруранд, меомӯзонанд. Усули мазкур барои омӯхтан ва азхудкунии ҳаҷми калони маълумот, гузаронидани баҳогузорӣ ва таҳлили дониши гирифташуда кӯмак мекунад. Масъулияти омӯзгор ба хонандагон омӯзонидани муайянкунии тарз ва ҷойгиршавии маълумот, инчунин таҳлили онро дар асоси маълумоти воқеӣ ва ё илмӣ дар бар мегирад.

Дониши мазкур хеле муҳим аст, зеро пешакӣ донистани он, ки хонандагон дар оянда дар кадом маълумот эҳтиёҷ хоҳанд дошт, имконнопазир аст. Аксарият пешбурди фаъолияти хоҷагии қишлоқро давом медиҳанед, аммо баъзеи хонандагон дар касбҳои дигар рушд мекунанд.

## Вазифаи омӯзгор дар иқтисодиёти бозаргонӣ



*Байни омӯзгор ва хонанда бояд муносибатҳои ҳамкорӣ вуҷуд дошта бошанд*

Дар шароити иқтисодиёти бозаргонӣ омӯзгорон на танҳо паҳнкунандаҳои маълумот мебошанд. Дар шароити иқтисодиёти бозаргонӣ омӯзгорон фасилитаторон ё ташкилкунандагони таълим мебошанд.

## Талаботҳои хатмкунандагони мактабҳо:

Хатмкунандагони мактаб ҷустуҷӯ ва пайдо кардани мавқеи худро дар ҷаҳони тағйиротҳои технологӣ омӯзанд, зеро пас аз даҳ сол онҳо метавонанд аз рӯи касбе, ки онҳо ҳатто тасаввур карда наметавонистанд ва ҳоло умуман вуҷуд надоранд, ба кор машғул шаванд. Барои ҳаёт ва фаъолияти босамар хонандагон бояд:

- Донишҳои худро зиёд кунанд;
- Дониши худро нисбат ба талаботҳои худ мувофиқ кунанд;
- Дониши худро баҳогузорӣ ва таҳлил карда тавонанд;
- Омӯзишро давом диҳанд;
- Донишҳои барояшон навро кафш намоянд;
- Ба нақша гиранд;
- Қарор қабул кунанд;
- Қарорҳои қабулкардаро амалӣ намоянд;
- Масъалаҳоро ҳаллу фасл намоянд;
- Ба зиммаи худ масъулиятро барои амаликунии раванди фаъолият ва натиҷаҳои бадастомада гиранд, баъдан **фикр кунанд, баҳогузорӣ кунанд ва онҳоро баррасӣ намоянд.**

***Мо дар олами тағйиротҳо, монеаҳо, эҳсосоти баланд ва омӯзиш дар давоми тамоми ҳаёт зиндагӣ мекунем. Агар мо хуб омода шуда бошем, олами мазкур ба мо дарҳои худро васеъ боз мекунад. Мо бояд хурсанд бошем, ки дар олами мазкур зиндагӣ мекунем ва қисми олами мазкур мебошем.***

## Хонандагон чӣ тавр таҳсил мекунанд?

**Хонандагон дар холате, ки ба онҳо савол мегузоранд, беҳтар таҳсил мекунанд.** Онҳо он маълумотеро, ки худ донистан мехоҳанд, зудтар ва хубтар аз худ мекунанд. Ин хусусият воситаи муҳими таълим шуда метавонад.

Вазифаи омӯзгор расонидани кӯмакро ба хонандагон дар ҷустуҷӯи маълумот ва тафтиши дурустии маълумоти пеҳниҳодшаванда дар бар мегирад.

Хонандагонро барои ҷустуҷӯи мустақилонаи маълумот ҳавасманд кардан беҳтар аст. **Қаноатмандӣ аз пайдокунии мустақилонаи ҷавоб воситаи асосии ҷалби хонандагон ба раванди таълим мебошад.**



*Ҳангоми саривақт иҷро кардани кор ту вақтро барои истироҳат бо дӯстонат пайдо менамоӣ*

# Дар зер ду намунаи оддитарин оварда мешавад, ки метавонанд шавқи хонандагонро ба таҳсил зиёд кунанд:

## НАМУНАИ ТАЪЛИМ 1:

### Фарқият байни маркетинг ва фурӯш

Усули кӯҳнаи таълим дар тахтаи синфӣ навиштани рӯйхати қисматҳоеро дар бар мегирад, ки барои фурӯш бо назардошти иқтисодиёти бозаргонӣ бо истифодаи усулҳои маркетингӣ заруранд, на бо танҳо ҷойгиркунии маҳсулоту мол барои фурӯш дар бозор.

**Усули хуб – ба хонандагон додани вазифаи пайдокунии маълумот мебошад.**

**Омодакунӣ:** Бар ивази пешниҳоди миқдори зиёди маълумот ва далелҳо аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба синф маҳсулоти муайянро ба синф биёранд. Масалан, борпечи ба таври касбӣ, хуб борпечшудаи угро ё спагетти, инчунин макаронҳои истеҳсоли маҳаллӣ, ки дар бастаи оддии полиэтиленӣ борпеч шудааст.

**Қадами 1:** Синфро ба гурӯххои 4-6 нафара ҷудо кунед.

**Қадами 2:** Маркетинг чист? Ба хонандагон 5 дақиқаро барои навиштани фикри худ диҳед.

**Қадами 3:** Муҳокима дар дохили синф. Баъдан омӯзгор натиҷаҳои мубоҳисаро хулоса мекунад ва онро дар тахтаи синфӣ менависад. Бастаҳои диққатҷалбкунанда – як шакли маркетинг мебошад.
Дар пакетҳо бояд мавҷуд бошад:

- Номгӯи бренд;
- Кишвари истеҳсол;
- Борпечи рангоранги диққатҷалбкунандае, ки дафъаи дигар зуд шинохта мешавад;
- Маълумот оиди омодакунии махсулот;
- Рӯйхати маводҳои таркибӣ;
- Реклама бо нишон додани ширкати истеҳсолкунанда, то ки харидорон ба харидории маҳсулоти худи ҳамин ширкат дар оянда ҳавасманд бошанд. Маълумот дар болои борпеч тарзҳои истифодаи маҳсулотро номбар мекунад. Борпеч инчунин дар харидор эҳсоси таъмин будани сифати маҳсулотро бедор мекунад;
- Сертификаткунонӣ тибқи меъёрҳои саломатӣ;
- ИСО, СтД

Угро осон фурӯхта мешавад. Пакетҳои полиэтиленӣ бо угро дар пештоқҳои фурӯш ҷойгир карда шудаанд, аммо дар онҳо чизе нест, ки диққати харидорро ба худ ҷалб кунад. Дар болои он чизе навишта нашудааст, он сифати хуб надорад ва ба бастаҳои қулай борпеч карда нашудааст. Ҳарчанд, ки нархи ин угро арзонтар аст, аммо харидор ба сифати хуби он барои истеъмол ҳамроҳи хонавода боварӣ надорад.



## НАМУНАИ ТАЪЛИМ 2:

**Ту бо кадом тарз ту метавонӣ макаронҳои истеҳсоли маҳаллиро барои хуб ба фурӯш рафтани онҳо нисбат ба макаронҳои хориҷӣ ва хуб борпечшуда реклама намой?**

Хонандагон бояд дар ҳамон гурӯҳҳои ҷудошуда монанд.

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки таҳлили интиқодии угрои хориҷӣ гузаронанд, оиди стратегияи маркетингӣ қарор қабул кунанд ва шиносоии маҳсулотро барои ҷалб намудани диққати харидорон тайёр кунанд. Хонандагон бояд дар бораи муҳим будани борпечи маҳсулот дар хотир дошта бошанд, зеро ин метавонад ба истеъмолкунандагон дар пайдо кардани маҳсулот њар дафъаи дигаре, ки онҳо хоҳиши харидорӣ кардани онро доранд, кӯмак кунад. Онҳо бояд дизайни пакетро бо рангубори мутобиқ, тамғаи молӣ таҳия кунанд.

Баъдан ҳар як гурӯҳ бояд натиҷаҳои худро ба тамоми синф шинос намоянд. Синф ҳамаи пешниҳодҳоро гӯш мекунад ва баъдан шиносоии аз ҳама воқеӣ ва муфидро интихоб менамояд.

## Аҳамияти усули интерактивии таълим

Мавзӯъҳо дар дастури таълимии *“Хоҷагии шукуфони ман”* чунон тартиб дода шудаанд, ки онҳо бояд дар рафти таҳсил ташаккул ёфтани муносибатҳои ҳамкориро байни омӯзгор ва хонанда нишон диҳанд. Ин ҳам барои омӯзгор ва ҳам барои хонанда таҷрибаи наве хоҳад буд. Омӯзгор шахси заминавӣ ва таълимдиҳандае мебошад, ки барои ҷалби диққати пурраи хонанда дар иҷрои вазифаҳои вобаста ба ҳалли мушкилот бо назардошти таҷрибаи амалӣ мусоидат мекунад.

Аз таҷрибаи мазкур ҳарду тарафи ҷалбшуда манфиат мебаранд. Хонандагон аз он, ки мушкилот ҳалли худро ёфтааст, қаноатманд мешаванд ва сабабҳо ва роҳҳои ҳалли онҳоро пайдо мекунанд. Омӯзгорон мушоҳида мекунанд, ки ҳатто хонандагони душвортарбия ба иҷрои вазифаҳо ҷалб мешаванд.

Хатмкунандагон бояд фаҳманд, ки барои онҳо муҳити мусоиди қабули қарорҳо пешниҳод мешавад. Ҳангоми иштирок дар раванди мазкур онҳо дониши амалиеро ба даст меоранд, ки дар оянда дар деҳаҳои худ истифода карда метавонанд.

## Вазифа барои хонандагон

Ҳангоми омӯзиши мавзӯъҳои гуногун ба хонандагон вазифаҳои гуногун супорида мешаванд. Дар баъзе аз вазифаҳо навиштани маълумоти аз ҷониби омӯзгор пешниҳодшуда зарур аст. Дар вазифаҳои дигар гузаронидани мушоҳида ё қабули қарор зарур мебошад ва он бояд ба сифати кори синфӣ ё вазифаи хонагӣ иҷро карда шавад. Хонандагонро барои бо ҳисси масъулият иҷро кардани вазифаи хонагӣ ҳавасманд кардан зарур аст.

## Меҳмонон, коршиносон ва мушовирон

Ба омӯзгорон тавсия дода мешавад, ки ба синф шахсони кордонеро даъват кунанд, ки ба хонандагон аз таҷриба ва малакаҳои худ дар муваффақшавии фаъолияти корхонаи хоҷагии қишлоқ сӯҳбат кунанд. Дар ҳар деҳа обчакорон ё боғдорони моҳиру пуртаҷрибаро ёфтан мумкин аст. Шахсони мазкур барои омӯзгор метавонанд захираи хуб гарданд. Дар баъзе деҳаҳо инчунин мушовирони хоҷагии қишлоқ низ мавҷуданд

Омӯзгорон ба худ савол медиҳанд, ки "Мо чунин шахсонро аз куҷо пайдо мекунем ва онҳоро чӣ тавр ҳавасманд намоем, ки ба синф омада бо хонандагон сӯҳбат гузаронанд?"

Аз хотир набароред, ки волидайни хонандагон барои омӯзгорон захираи хуб мебошанд. Байни волидайн ҳамеша одамонеро дарёфт кардан мумкин аст, ки ба хонандагон дар рафти таълим кӯмак расонида метавонанд. Баъзан волидайн дар назди хонандагон аз баромад кардан шарм мекунанд. Дар ҳолати мазкур, ба хоҷагиҳои онҳо ҳамроҳи хонандагон ташриф оред. Тарзи дигари бартараф кардани шарм – ба мактаб якҷоя даъват намудани якбора ду ё якчанд волидайн мебошад, то ки онҳо ба хонандагон аз таҷрибаи худ ҳамроҳ нақл кунанд. Боварӣ ҳосил намоед, ки хонандагон барои волидайни мазкур саволҳои сершуморро тайёр намоянд.

Ғайр аз ин, дар китоби мазкур ба хонандагон пешниҳод карда мешавад, ки худашон шахсан шахсони муваффақро пайдо кунанд ва бо онҳо сӯҳбат кунанд. Барои ин онҳо метавонанд китоби мазкурро бо худ ҳамроҳ гиранд ва ба шахсоне, ки ба онҳо савол дода мешавад нишон диҳанд, то ки шахсони мазкур дар бораи он, ки чаро хонандагон савол медиҳанд, тасаввурот пайдо намоянд. Хонандагонро ҳатман дастур диҳед, ки аз коршиносон ё фермерони муваффақ дар бораи будани вақти холӣ барои мусоҳиба пурсанд, агар вақт бошад, кай.

## Мусоҳиба дар синф

То гузаронидани мусоҳибаи якум дар синф ба хонандагон тартиб додани қоидаҳои рафторро пешниҳод намоед, ки имконияти гӯш додан ба сухани ҳар як хонандаро медихад. Хонандагон он қоидаҳоеро риоя мекунанд, ки худашон тартиб дода бошанд. Ҳамин тариқ, дар зер пешниҳодҳое манзур карда шуданд, ки омӯзгор онҳоро барои кӯмак кардан ба хонандагон дар вақти шубҳа кардани онҳо ҳангоми тартибдиҳии қоидаҳо истифода карда метавонад.

## Таъини раис

Мусоҳиба дар синф ҳангоми раисии хонандаи синф ҳамеша бомуваффақият хоҳад буд. Ҳамин тариқ омӯзгор аз гузаронидани назорат ва такондиҳии хонандагони танбал барои иштирок дар мусоҳиба озод мешавад. Рафти муқарраркунии қоидаҳо одатан зери роҳбарии яке аз хонандаҳои синф нисбатан хуб ба кор меояд. Ҳангоми раванди мазкур омӯзгор беҳтар аст, ки дар канор истода, назди синф худро нишон надиҳад.

**Пешниҳодҳо оиди тартибдиҳии мусоҳиба дар синф:**

- Раис дар тахтаи синфӣ рӯйхати хонандаҳоеро менависад, ки бо тартиби бардоштани дастонашон муқарраршуда баромад кардан мехоҳанд. Ҳангоми бардоштани дастони хонандаҳои иловагӣ рӯйхатро калонтар кардан мумкин аст;
- Ҳамаи хонандагон бояд раисро ба сифати шахсе, ки барои назорати рафти муҳокима масъул аст, эҳтиром намоянд;
- Ҳамаи хонандагон бояд шахси маърӯзакунандаро бодиққат ва ҷиддӣ гӯш кунанд;
- Ҳеҷ кас набояд сухани баромадкунандаро буррад ё ӯро ба кӯча даъват намояд;
- Ҳеҷ кас набояд бо дӯстонаш ҳангоми баромади хонандаҳо пичиррос зада сухан кунад;
- Ҳамаи баромадкунандагон бояд регламенти баромад (масалан, як ё ду дақиқа)-ро риоя кунанд.

## Бурдани сабтҳо ва риоя кардани вақт

Ҳангоми гузаронидани муҳокима байни хонандагон масъулиятро тақсим кардан зарур аст: як нафар хонандаи синфро даъват карда, ӯро масъули бурдани протокол ва сабтҳо, хонандаи дигар масъули риоя кардани реҷаи вақт ва назоратчии регламент. Хонандаи сабткунанда ҳамаи лаҳзаҳои муҳимро дар тахтаи синф, ки барои натиҷагирии мухокима ва қабули қарор зарур мебошанд, менависад.

Имконияти мазкури иҷрои вазифаҳоро ба ҳамаи хонандагон бонавбат бояд пешниҳод карда шавад, то ки онҳо малакаву таҷрибаи навро аз худ кунанд.

## Мубоҳисаи гурӯҳӣ

Ҳангоми тақсимкунии синф ба гурӯҳҳои хурд, ҳамон қоидаҳои рафторе, ки ҳангоми мубоҳисаи умумии синфӣ истифода мешуданд, истифода мешаванд. Котиб/протоколнавис ва раис/пешворо дар ҳар як гурӯҳ таъин кардан зарур аст ва омӯзгорон бояд иштирок ва иҷрои вазифаҳоро ба ҳатто ба хонандагони аз ҳама шармгин низ таъмин кунанд.

Вазифаи омӯзгор ҳангоми мубоҳиса:

- Хонандагонро ба гурӯҳҳои гуногун чунон тақсим намояд, ки ҳар дафъаи минбаъда онҳо ба одамони дигар кор кунанд;
- Вазифаро фаҳмонад ва ба саволҳои хонандагон ҷавоб диҳад;
- Назорат кунад, ки хонандагон бо иҷрои вазифа машғул шаванд;
- Аз назди як гурӯҳ ба назди гурӯҳи дигар равад ва ҳангоми зарурат кӯмак расонад, инчунин аз болои самаранокии кори хонандагон назорат барад;
- Ба гурӯҳе, ки ба мушкилот дучор шудааст, кӯмак намояд;
- Қарор қабул намояд, ки оё шинос кардани натиҷаҳои гурӯҳ ба тамоми синф дар охири дарс ё дар машғулияти оянда зарур аст ё не. Барои гузаронидани шиносоӣ вақт гузоштанро фаромӯш нанамоед.

**То саршавии шиносоӣ, омӯзгор бояд назорат барад, ки ҳамаи хонандагон рӯй ба тахтаи синф нишаста бошанд.**

## Машғулиятҳо дар ҳавои кушод

Муҳокимаи гурӯҳӣ аз ҳама беҳтар дар кӯча мегузаранд. Ин барои ҳал намудани мушкилоти ғавғою мағал ва тарси расонидани ташвиш ба синфҳои дигар имкон медиҳад. Ғайр аз ин, ин хонандагонро каме озод мекунад ва барои иштироки нисбатан фаъол дар мусоҳибаҳо имконият фароҳам меорад.

Дар китоб як қатор вазифаҳо барои хонандаҳо пешниҳод шудааст. Аксарияти онҳоро дар ҳавои кушод гузаронидан мумкин аст. Дар ҳавлии мактаб ягон кунҷи оромро пайдо намоед ва чунон ҷойгир шавед, ки одамони ба мактаб омада ба шумо халал расонида натавонанд. Ҳангоми гузаронидани мубоҳиса ё дар сурати даъват намудани меҳмон хонандагон бояд ба кӯча курсиҳоро ҳамроҳ баранд.

Ҳангоми гузаронидани дарс оиди мушоҳида ё пайдо кардани маълумот ба омӯзгор ба гурӯҳҳо тақсим намудани хонандагон то баромадани онҳо ба кӯча зарур аст. Агар ягон гурӯҳ барои кор шавқ надошта бошад ё суст фаъолият мекунад, омӯзгор бояд онҳоро дар шафати худ нигоҳ дорад, то ки онҳо диққати дигаронро ба худ ҷалб накунанд ва одатан рафтори онҳо дар дарси минбаъда хуб мешавад.

# ФАСЛИ 1

## Ту ва иқтисодиёти бозаргонӣ




Саҳифаи 22 | Ту ва иқтисодиёти бозаргонӣ
Саҳифаи 33 | Тиҷорат чист?
Саҳифаи 42 | Маркетинг ва фурӯш

## ДАРСИ 1

# ТУ ВА ИҚТИСОДИЁТИ БОЗАРГОНӢ

## Калимаҳои нав

**Иқтисодиёти нақшавӣ ё иқтисодиёти маъмурӣ-фармонӣ** — Низоми иқтисодие, ки аз ҷониби давлат ва мақомотҳои давлатӣ идора карда мешавад. Ҳангоми амали низоми мазкур на қувваҳои бозаргонӣ, балки мақомотҳои давлатӣ ҳал мекунанд, ки чӣ, бо кадом миқдор, дар куҷо ва бо кадом нарх истеҳсол карда мешавад. Дар вақти амали низоми мазкур таъмини бозорҳо бо маҳсулот аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ супориш дода шуда, идора карда мешавад, ки дар натиҷа бозор номавзун мешавад. Таъминоти нокифояи ягон қисмати маҳсулот ба тамоми занҷири истеҳсолӣ таъсири манфӣ мерасонад.

**Иқтисодиёти бозаргонӣ** — Низоми иқтисодие, ки дар принсипҳои инкишофи моликияти хусусӣ ва қабули қарор дар доираи заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии давлатӣ асос ёфтааст. Низоми мазкур ғайримутамарказ ва мавзун мебошад. Чӣ ва кай истеҳсол мешавад, бо кадом нарх фурӯхта мешавад дар асоси талабот ва зарурати гирифтани фоида аз ҷониби истеҳсолкунандаҳои маҳсулот ва мақомоти қарор қабулкунанда муайян карда мешавад.

**Пешниҳод** — Мавҷудияти маҳсулот ва хизматрасонӣ

**Талабот** — Талаботи истеъмолкунанда дар маҳсулот ва хизматрасонӣ




Дар таркиби ИҶШС Ҷумҳурии Советӣ Сотсиалистии Қирғизистон қисми иқтисодиёти нақшавӣ ё маъмурӣ-фармонӣ буд. Марказ, дар шахсияти Москва, як қатор ҷумҳуриҳои дурдастро маблағгузорӣ мекард, ки дар байни онҳо Ҷумҳурии Советӣ Сотсиалистии Қирғизистон низ буд. Инфрасохтори Ҷумҳурии Советӣ Сотсиалистии Қирғизистон ба сифати қисми иқтисодиёти фармонии ИҶШС аз ҳисоби маблағгузориҳои мазкур ташкил карда мешуд.

Дар айни замон дар Қирғизистон сохтори иқтисодиёти бозаргонӣ ташкил шудааст, аммо кишвар ҳоло ҳам дар марҳилаи гузариш аз низоми иқтисодиёти фармонӣ ба бозаргонӣ қарор дорад.

## Дар деҳот ин чӣ маъноро дорад?

### Иқтисодиёти маъмурӣ-фармонӣ

Роҳбари хоҷагиро давлат таъин мекунад ва ӯ ҳамроҳи мутахассисон нақшаи корро амалӣ мекунад.

Одамон бо талаботҳои асосӣ ва кор таъминанд. Музди меҳнат мегиранд. Андозҳо ва пардохтҳо ба фондҳои иҷтимоӣ пардохт мешаванд.

Ҳар як одам ҳаҷми муайяни корҳоро барои амаликунии нақшаи муқарраршуда иҷро мекунад. Шавқи иҷрои кори аз меъёри муқарраршуда иловагӣ мавҷуд нест.

Норасоии маҳсулот дар бозорҳо. Сифати паст. Нархҳои пасти аз ҷониби давлат муқарраршуда.

Давлат маҳсулот ва хизматрасониро тақсим мекунад, роҳҳо месозад, сулҳро ҳифз мекунад, бо маълумоти миёна ва кӯмаки тиббӣ таъмин менамояд.

### Иқтисодиёти бозаргонӣ

Ман фермер. Ман замин дорам. Ман мустақилона қарор қабул мекунам, андоз пардохт мекунам ва қонунҳои давлатиро риоя менамоям.

Ман ба кор касеро хоҳам киро мекунам ва ба онҳо мегӯям, ки чӣ кор кардан зарур аст.

Ман аз болои захираҳоям назорат мекунам. Бо ҷои кори одилона ва бехавф таъмин мекунам. Мониторинги сифатро мегузаронам ва бозорро мушоҳида мекунам, зеро нарх дар асоси пешниҳод ва талаботи бозор муқаррар карда мешавад.

Вақте, ки сатҳи истеҳсолот паст мешавад, ман ба ташвиш меафтам, зеро маблағамро аз даст медиҳам ва фоида намегирам.

Ман андозро аз фоида ва андози заминро пардохт мекунам. Давлат роҳҳо, беморхонаҳо ва мактабҳоро месозад. Қонунҳо ва меъёрҳоро барои танзими бозор ворид мекунад. Ман хизматрасонии тандурустиро пардохт менамоям, зеро барои ин имконият дорам.

Ман коргар. Ман худам корро интихоб мекунам, ҳал мекунам, ки барои кӣ кор мекунам ва андоз пардохт мекунам.

Ҳангоми будани хоҳиш ва мавҷуд будани тахассус метавонам ҷои корро иваз кунам.

Ман андозро аз фоида ва андози заминро пардохт мекунам. Давлат роҳҳо, беморхонаҳо ва мактабҳоро месозад. Қонунҳо ва меъёрҳоро барои танзими бозор ворид мекунад.

Ман хизматрасонии тандурустиро пардохт менамоям, зеро барои ин имконият дорам.

Вақте ки ман бекор мемонам, ба ташвиш меафтам. Аммо вақте ки кор мекардам, андозро ба фонди иҷтимоӣ пардохт мекардам, бинобар ин давлат ба ман кӯмакпулиро барои бекорӣ ҷудо кард. Аммо ба ин нигоҳ накарда, ман бояд кор пайдо кунам.

## Фарқиятҳои асосӣ

Дар иқтисодиёти бозаргонӣ давлат ҳал менамояд, ки чиро бояд истеҳсол кард, дар куҷо бояд истеҳсол кард ва кӣ бояд истеҳсол намояд. Барои фермерон ин маънои онро дорад, ки мақомотҳои давлатӣ оиди он, ки кадом зироатро бояд кишт кард, кадом тухмиро истифода кард, чӣ қадар поруро андохт ва кай кишт кард, қарор қабул мекунад. Ғайр аз ин, мақомотҳои давлатӣ квотаи истеҳсолиро барои ҳар як хоҷагии коллективӣ муқаррар мекунанд, корро байни коргарон тақсим мекунанд, барои интиқоли маҳсулот ба бозорҳо нақлиёт ташкил мекунанд ва нархи бозорро муайян мекунанд. Масъулияти асосӣ дар сатҳи хоҷагӣ – иҷрои нақша тибқи квотаи муқарраршуда мебошад. Масъалаи баландкунии сифат ба миён монда намешавад.

Дар иқтисодиёти бозаргонӣ ҳамаи қарорҳо аз ҷониби худи фермер, соҳибкор ё роҳбари хоҷагӣ қабул карда мешавад. Пас аз қабули қарор ҳамаи тайёрии зарурӣ барои амаликунии корҳо аз ҷониби худи фермер ташкил карда мешаванд. Ӯ шахсан қувваи кориро пайдо ва киро менамояд, омодагии қитъаи заминро тафтиш мекунад ва ҳамаи хароҷотҳоро пардохт мекунад. Бо ҳуқуқи қабули қарор заминдор инчунин масъулияти таъини муваффақият ва даромаднокии хоҷагии худро ба зиммаи худ мегирад. Фермер оиди хароҷотҳои истеҳсолие, ки ҳангоми рақобат бо истеҳсолкунандаи дигари маҳсулот бо мақсади таъмини сифати баланди маҳсулот ва самаранокии хароҷот ба вуҷуд меоянд, маълумот мегирад ва дарк мекунад.

# Принсипи афзалиятнокии муқоисавӣ

Принсипи афзалиятнокии муқоисавӣ маънои мавҷуд будани имконияти истеҳсол ва фурӯши маҳсулот дар бозор ё пешниҳоди хизматрасонӣ дар асоси нисбат ба дигарон рақобатпазирро дорад.

Агар Қирғизистон зардолу ё олучаи сифаташ хуби ба талаботҳои бозор ҷавобгӯро истеҳсол карда тавонад ва онҳоро дар муқоиса бо кишварҳои дигари Осиё бо нархи нисбатан паст фурӯхта тавонад, бешубҳа зардолу ва олучаи қирғизӣ дар бозори минтақавӣ талаботи калонро пайдо мекунанд.

Аммо ба ин нигоҳ накарда, дар муҳити маркетингӣ на танҳо арзиши истеҳсолот, балки дигар тарафҳо низ аҳамият доранд, масалан:

- Сифати маҳсулот;
- Таъмини саривақтии маҳсулот;
- Кафолати таъмини маҳсулот дар оянда;
- Суръати таъмини маҳсулот ва хароҷотҳои амалиётӣ, азҷумла интиқол ва озодкунии эҳтимолии маҳсулот аз боҷҳои гумрукӣ;
- Муносибатҳои тиҷоратӣ байни кишварҳо.

Афзалияти муқоисавиро кишваре дошта метавонад, ки қувваи кории нисбат ба кишварҳои дигар арзонро дорад. Баъзе кишварҳо метавонанд канданиҳои фоиданокро бо хароҷоти кам истихроҷ кунанд ва чун натиҷа дар таъмини бозорҳои ҷаҳонӣ бо минералҳо афзалият доранд.

Дар доираи як кишвар, соҳибкорони инфиродӣ, ноҳияҳо ва деҳаҳо метавонанд нисбат ба дигар соҳибкорон, ноҳияҳо ва деҳаҳо афзалият дошта бошанд. Шароитҳои иқлими як деҳа метавонанд барои истеҳсоли тамашки сифаташ баланд ва нархаш нисбат ба деҳаҳои дигар арзон имконият диҳанд.

Ҳангоми истеҳсоли маҳсулоти муайян истеҳсолкунанда бояд баҳогузории афзалиятнокии муқоисавиро гузаронад ва кӯшиш намояд, ки имконияти мазкурро дар оянда дуруст истифода кунад.

# Ҷаҳонишавӣ

Рақобати маҳсулоти гуногун аз кишварҳои гуногуни ҷаҳон ба раванди ҷаҳонишавӣ расонид. Барои зиёд кардани манфиати раванди мазкур онро бояд идора кард. Барои пасткунии сатҳи монеаҳо дар тиҷорати байналмилалӣ Созишномаи генералӣ оиди тарофаҳо ва тиҷорат (ГААТ) баста шудааст, дар 1990 сол Ташкилоти Умумиҷаҳонии Савдо (ВТО) ташкил карда шуд.

## Ташкилоти Умумиҷаҳонии Савдо

Қирғизистон ба Ташкилоти Умумиҷаҳонии Савдо 20 декабри 1998 сол аъзо гардид ва 133-юм узви ташкилоти мазкур шуд. Россия ба аъзогии Ташкилоти Умумиҷаҳонии Савдо 2012 сол қабул гардид.

Фалсафаи Ташкилоти Умумиҷаҳонии Савдо дар пешниҳод намудани имконияти инкишофи озод ва одилонаи тиҷорат бо истифодаи афзалиятҳои муқоисавии худ ба кишварҳои ҷаҳон ва бо ҳамин тариқ, пешбурди тиҷорат дар тамоми ҷаҳон бо мақсади баландкунии некӯаҳволии умумиҷаҳонӣ мебошад.

## Масъулияти инфиродӣ дар иқтисодиёти бозаргонӣ

Иқтисодиёти бозаргонӣ дар асоси интихоби озод амал мекунад. Паси ҳар қарори қабулшуда масъулият меистад. Ҳар як шаҳрванди Қирғизистон барои некӯаҳволии мардуми кишвари худ масъулият дорад, танзими бозор барои дастгирии адолат ӯҳдадории Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон мебошад. Ғайр аз ин, ба ӯҳдадории Ҳукумат инчунин ташкили шароитҳои мусоид дар кишвар ва омодакунии шаҳрвандони худ ба тиҷорати байналмилалӣ тариқи таъмини сохторҳои танзимкунанда, маориф ва омодакунии касбӣ дохил мешавад.

Дар шароити иқтисодиёти бозаргонӣ ҳар як инсон бояд ба дигар одамон бо ҳисси эҳтиром рафтор кунад ва нисбат бо ӯ рафтори мутобиқ кунад. Инсоне, ки ӯҳдадориҳои худро иҷро намекунад, ба ҳуқуқҳои шахсони дигар таъсири манфӣ мерасонад. Заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии муқарраршуда адолатро барои ҳамаи одамон таъмин мекунад. Ғайр аз ин, қонунҳои махсусе дарҷ шуданд, ки иҷроиши мутобиқи ӯҳдадориҳои ҳар як шахсро таъмин мекунанд.

Масалан, агар соҳибкор маҳсулоти сифаташ хубро таъмин карда натавонад, маҳсулоти ӯ ба фурӯш намеравад. Ҳатто дар ҳолате, ки мавҷуд набудани фоидаву даромад соҳибкор маҷбур аст, ки хароҷотҳои заруриро пардохт намояд. Ҳамин тариқ, корхонаи ғайридаромаднок, ниҳояти кор маҳкам мешавад.

Агар соҳибкор маҳсулоти осебдида ё маҳсулоти сифаташ пастро фурӯхта бошад, ӯ бояд ба харидор ҷуброни онро пардохт кунад. Дар ҳолати мазкур нисбати соҳибкор чораҳои сахт андешида мешаванд, ки метавонанд на танҳо ба маҳкамшавии корхона ё ширкат, ҳатто ба ҳолати аз даст додани манзили соҳибкор расонад.

Ба ӯҳдадории соҳибкор пардохти ҳамаи хароҷотҳо, азҷумла музди меҳнати кормандон дохил мешавад. Ҳангоми иҷрои номутобиқи ӯҳдадориҳо нисбати соҳибкор парвандаи судӣ оғоз карда мешавад, ки ӯро барои иҷро кардани ӯҳдадориҳояш бо тартиби дар қонунгузорӣ муқарраршуда маҷбур месозад.

## ВАЗИФА

Дар ҷадвали дар зер овардашуда рӯйхати фарқиятҳои асосии байни ду навъи низомҳои иқтисодиро нависед.

| Иқтисодиёти нақшавӣ ё иқтисодиёти маъмурӣ-фармонӣ | Иқтисодиёти бозаргонӣ |
|---|---|
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |




## ВАЗИФА

**Дар гурӯҳи панҷ-шашнафара масъалаҳои зеринро муҳокима намоед:**

Ба фикри Шумо, оё қонунҳое, ки меъёрҳои ҳифзкунандаи ҳуқуқи инсонро муқаррар мекунанд ва инчунин иҷрои ӯҳдадориҳои шахсии инсонро талаб мекунанд, заруранд? Дар бораи се сабаб андеша намоед. Чаро Ҳа? Ё Чаро Не? ва фикру андешаи худро бо синф изҳор намоед.

# Қонун дар иқтисодиёти бозаргонӣ

Дар иқтисодиёти бозаргонӣ давлат вазифаи муҳимро бозӣ мекунад. Он бояд “миёнарави” байни ширкатҳо ва соҳибкорони инфиродӣ бошад. Масалан, мақомотҳои давлатӣ меъёрҳои рафторро барои ширкатҳо ва соҳибкорони инфиродиро муқаррар менамоянд, то ки шахси оддӣ дар ҳолати барояш номувофиқ наафтад.

Дар кишварҳои мутараққӣ ва аз ҷиҳати саноат пешрафта иқтисодиёти бозаргонӣ бо қонунҳое, ки ҳифзи ҳуқуқҳои инфиродии шахсро таъмин мекунанд, дастгирӣ мешавад. Созишномаҳои корӣ, чун харид, маркетинг ва кирои қувваи корӣ бо қонунгузорӣ танзим карда мешаванд. Аз хотир набароред, ки муваффақият танҳо тавассути дониши босифат, қарорҳои дуруст ва меҳнати софдилонаву доимӣ ба даст оварда мешавад. Ҳуқуқи шартномавӣ муносибатҳои одилонаро байни тарафҳои шартнома ба танзим медарорад.




# Аҳднома

**Аҳднома –** созишномаи ҳатмии ҳуқуқии байни шахсони алоҳида ё ширкатҳо (тарафҳои шартнома) мебошад, ки бо маҷмӯи қонунгузорӣ иҷро карда мешавад.

Аҳдномаҳо метавонанд шакли мувофиқаи шифоҳӣ (даҳонӣ)-и байни одамон дар сурати будани муносибатҳои боваринок байни онҳо дошта бошанд. Дар ҳолати мавҷуд набудани муносибатҳои боваринок ҳар як тараф шартномаи дар шакли хаттӣ тартибдодашударо пас аз хондани бодиққат ва мувофиқаи пешакии он имзо мекунад.

Дар Қирғизистон ҳуқуқи шартномавӣ мавҷуд аст, ки муносибатҳои шартномавии байни тарафҳоро таъмин менамояд. Ба масъалаҳои асосии ҳама гуна аҳднома дохил мешаванд:

- Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои тарафҳои шартнома;
- Муҷозот дар сурати иҷрои нопурра ё ғайрисаривақтии ӯҳдадориҳои тарафҳо. Дар сурати иҷро накардани муҷозоти муайяншуда масъалаи мазкур тариқи истифодаи меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳал карда мешавад.

Масалан, барои нашри китоби мазкур, Сохтори “СММ-Занон” бо чопхона шартномаро бо тавсифи шартҳои ҳарфчинӣ ва чоп бастааст. Қисми якуми пардохт пас аз иҷрои ҳарфчинӣ ва қабули кори чопхона аз ҷониби Сохтори “СММ-Занон” амалӣ карда мешавад. Қисми боқимондаи маблағ танҳо пас аз нашри пурраи китоб, вақте ки китоб барои паҳнкунӣ ба сифати тӯҳфаи “Фонди созмони сулҳ ва бақарорсозӣ” омода аст, пардохт карда мешавад.

Ҳар як шахс ё ташкилот барои озодона бастани аҳднома дар ҳолати ором ва бе фишори аз ҳад берун аз тарафи дуюм ё сеюм ҳуқуқ дорад. Масалан, шахс дар бозор дар байни маҳсулоти картошка нишастааст. Ин маънои онро дорад, ки ӯ картошкаи мазкурро барои фурӯш пешниход мекунад.

Дар мисоли мазкур маҳсулот дар лаҳзаи  пардохт супорида мешавад. Ҳамин тариқ, ин ҷо хатари иҷро накардани ӯҳдадориҳои ягон тараф вуҷуд надорад. Агар ту овардани картошкаи тухмиро ба истеҳсолкунандаи картошкаи тухмӣ фармоиш дода бошӣ, метавонӣ пешпардохтро дар фасли тирамоҳ, боқимондаашро дар фасли баҳор пас аз баровардани картошка аз захирагоҳи истеҳсолкунанда пардохт намоӣ. Дар аҳдномаи мазкур хатарҳои тиҷоратӣ мавҷуданд, бинобар ин аҳдномаи мазкур бояд ба таври хаттӣ баста шавад.

Шартномаҳои хаттӣ бояд барои ҳамаи тарафҳои он шаффоф ва фаҳмо бошанд. То имзокунии аҳднома ба ҳамаи тарафҳои он зарур аст, ки  шартномаро бодиққат қироат намоянд. Ҳангоми бо ягон банди аҳднома норозӣ будан, онро то имзокунии аҳднома тағйир додан зарур аст. Шартномаи хаттӣ аз лаҳзаи имзокунии он эътибори ҳуқуқӣ пайдо карда, иҷроишаш барои ҳамаи тарафҳо ҳатмӣ мегардад ва ягон далели худсафедкунанда эътибори ҳуқуқӣ нахоҳад дошт. Барои баландшавии минбаъдаи мақоми ҳуқуқии  шартнома онро дар идораи нотариалӣ дар мақомотҳои худидоракунии маҳаллӣ тасдиқ кардан зарур аст.

## Ӯҳдадориҳои  шартномавӣ

Бастани шартнома – новобаста ба шакли он, яъне дар шакли хаттӣ ё шифоҳӣ баста шудааст, кори ҷиддӣ мебошад. Ҳар ду тарафи шартнома ба худ ӯҳдадориҳоеро, ки бояд эхтиром ва риоя кунанд, қабул менамоянд. Ҳар кадоме аз тарафҳо бояд ӯҳдадориҳои ба зиммаш гузошташударо дуруст  фаҳмад ва онҳоро ба таври мутобиқ иҷро намояд. Ҳар тарафе, ки ӯҳдадориҳои ба зимма гирифтаашро ба таври нопурра ё номутобиқ иҷро мекунад, муҷозотеро мебинад, ки дар намуди хароҷоти иловагии ширкаташ зоҳир мешавад.

Ҳангоми бастани созишномаи иҷрои кори муайян, тарафе, ки шартҳои созишномаро иҷро накардааст, нисбати худ боварӣ ё эҳтиромро  аз даст медиҳад. Муносибатҳои инсонӣ дар асоси боварӣ ва эҳтиром созмон дода мешаванд.

Созишномаҳо, истифодаи  васеъ ва мунтазами шартномаҳо, инчунин иҷроиши маҷбурии ҳуқуқи шартномавӣ  аз ҷониби суди иқтисодӣ ё граждании дар ҳолати ба вуҷуд омадани ихтилофҳои байни тарафҳо, шартҳои пешакии фаъолияти иқтисодиёти бозаргонӣ  мебошанд.

## Ин барои ту чӣ маъно дорад?

Ин маъно дорад, ки ту шахсан қарор қабул менамоӣ ва барои оқибатҳои он масъулият мебарӣ. Агар ту мақсади ташкили полези худро дошта бошӣ, ту бояд дар бораи ҳамаи мушкилоте, ки бо онҳо дар рафти иҷрои кор дучор шуда метавонӣ, фикр карда, қарорҳои заруриро қабул намоӣ.

Ту бояд масъалаҳои зеринро ҳал намоӣ:

- Ту полези худро дар куҷо ташкил мекунӣ?
- Ту асбобҳоро барои коркарди замин аз куҷо дастрас мекунӣ?
- Дар куҷо ва кай тухмии картошка, пору ва обро барои гузаронидани обмонӣ гирифта метавонӣ?
- Барои парвариши сабзавот оё ба ту маблағи қарз зарур аст? Агар ҳа, аз кӣ қарз мегирӣ?
- Агар қарз гирӣ, ту кай бояд маблағи қарзро пардохт кунӣ?
- Оиди хароҷот ва даромади полези худ барои муайянкунии даромаднокии кор ба ту кадом сабтҳоро иҷро кардан зарур аст?

Бандҳои зикршуда ба масъулияти ту ва қарори ту дохил мешаванд. Албатта, ту метавонӣ то ё дар вақти гузаронидани корҳо маслиҳат гирӣ, аммо масъулият барои қарори охирин ба зиммаи ту аст.

# Андозбандӣ дар иқтисодиёти бозаргонӣ

Ҳангоми иқтисодиёти бозаргонӣ ҳар як шахси коргар, соҳибкор ё сиёсатмадор ӯҳдадории пардохти андозҳоро аз воситаҳои бадастомада ё аз гузаронидани аҳдҳои тиҷоратӣ ба зимма дорад. Андозҳои мазкур аз ҷониби давлат барои таъмини бехатарӣ, расонидани кӯмаки фаврӣ, хизматрасонии тандурустӣ, додани маълумоти заминавӣ ва хизматрасонии ҳуқуқӣ барои таъмини шароити мутобиқ ва ғайрикоррупсионии иқтисодиёт истифода мешаванд.

**Дар моддаи 13 Сарконуни Ҷумҳурии Қирғизистон дарҷ шудааст:**

1. **“Буҷети давлатии Ҷумҳурии Қирғизистон аз буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ иборат аст ва даромаду хароҷотҳоро дар бар мегирад”.**
2. **Тартиби ташаккул, қабул, иҷрои буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, инчунин аудити иҷроиши онҳо аз ҷониби қонун муқаррар карда мешавад. Буҷети ҷумҳуриявӣ аз ҷониби қонун, буҷетҳои маҳаллӣ – бо қарори мақомотҳои намояндагии дахлдор қабул карда мешаванд.**
3. **Дар қаламрави Ҷумҳурии Қирғизистон низоми ягонаи андоз амал менамояд. Ҳуқуқи муқарраркунии андозбандӣ ба Жогорку Кенеш тааллуқ дорад. Қонунҳои муқарраркунандаи андозҳои нав ва бадкунандаи вазъияти андозсупорандагон қувваи бебозгашт доранд”.**

Давлат андозҳои мазкурро барои беҳтаркунии инфрасохтор, инчунин барои дастгирии сатҳи мутобиқу лоиқи зиндагӣ дар ҷомеаҳо истифода менамояд. Давлат сохтмони роҳҳо ва каналҳоро маблағгузорӣ менамояд, аммо истифодабарандагон барои истифодаи онҳо маблағ пардохт менамоянд. Ҳамин тариқ, давлат метавонад онҳоро дар ҳолати коршоям ва корӣ нигоҳ дорад ё ҳангоми ба итмом расидани мӯҳлати истифодаашон онҳоро иваз намояд. Давлат беморхонаҳоро месозад, аммо шаҳрвандон метавонанд барои истифодаи беморхонаҳо маблағ пардохт кунанд ё тавассути суғуртаи тиббӣ бевосита аз он истифода намоянд. Давлат одатан таълими мактабиро барои ҳама пешниҳод ва муҳайё менамояд, аммо баъзе шахсон барои фарзандони худ таълими хусусиро интихоб мекунанд ва омода ҳастанд, ки барои он маблағ пардохт намоянд. Аммо ҳатто дар сурате, ки онҳо аз хизматрасонии давлат истифода карданро нахоҳанд, дар ҳама гуна ҳолат бояд андозҳоро пардохт намоянд.

Давлат андозҳои дигарро низ ҷамъоварӣ менамояд, азҷумла андоз аз даромад, андози музди меҳнат, андози сӯзишворӣ, амвол, андоз аз фурӯш ва суғуртаи иҷтимоӣ. Ҳуқуқи ҷамъоварии андоз, нигоҳдорӣ ва истифодаи баъзе аз андозҳо ба мақомотҳои ҳокимияти маҳаллӣ дода шудааст. Маблағи пулии мазкур барои таъмини хизматрасонии иҷтимоӣ истифода мешавад. Ҳокимияти аксарияти кишварҳо инчунин бо суғуртаи иҷтимоӣ дар намуди пардохти кӯмакпулӣ ба бекорон, маъюбон ва шахсони кӯҳансол барои кафолати он, ки ҳеҷ кас дар ҷомеа гурусна намонад ё аз набудани кӯмаки тиббӣ азият кашад, пардохт мекунанд.

**Дар моддаи 55 Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистон дарҷ шудааст:**

**“Шаҳрвандон бояд андозҳо ва пардохтҳоро дар ҳолат ва бо тартиби дар қонунгузорӣ муқарраршуда падохт намоянд”.**




*Андозҳо хизматрасонии муҳим чун тандурустӣ ва маорифро таъмин мекунанд*

### Муҳокима дар синф

Барои таъмини он, ки сухани ҳар як хонанда гӯш карда шавад, якчанд қоидаҳои мубоҳисаро муқаррар намоед:

- Таъин кардани раисе, ки шахсони баромадкунандаро интихоб менамояд
- Ҳангоми доштани хоҳиши баромад дастро бардоштан ва то иҷозат додани раис барои баромад мунтазир шудан.
- Баромадкунанда бояд дар доираи мавзӯъ сухан кунад ва аз як дақиқа зиёд сухан нанамояд.

**Мавзӯъ:** Кадом хизматрасониҳоро давлат бояд расонад ва барои ин кӣ бояд маблағ пардохт намояд?

## Муҳим будани таълим дар иқтисодиёти бозаргонӣ

Дар кишварҳои аз ҷиҳати саноат тараққикарда қайд карда мешавад, ки ҳуқуқи интихоби шахсӣ аз ҳар як шахс мавҷуд будани маълумоти хубро талаб менамояд, ки фаҳмидани ҳамаи оқибатҳои аз муайянкунии интихоб ба вуҷудомадаро имкон медиҳад.

Азбаски ҳуқуқи кӯдакон барои таълим, тандурустӣ ва ҳифз аз муносибати зӯроварӣ ӯҳдадории волидайни онҳо мебошад, ҳама давлатҳо барои ҳифзи кӯдакон аз волидайне, ки ӯҳдадориҳои мазкурро сарфи назар мекунанд ё барои таъмини таълими зарурӣ барои кӯдаконашон ягон манфиате намебинанд, қабул мекунад. Дар кишварҳои тараққикарда кӯдакон ба таври ҳатмӣ бояд дар синни аз панҷ ё шашсолагӣ аққалан то синни 15-солагӣ ба мактаб раванд. Дар аксарияти кишварҳо кӯдакон таҳсили худро то расидан ба синни 18-солагӣ давом медиҳанд.

Ҳатто пас аз хатми таълими миёна онҳо бояд маълумоти амалӣ гиранд, ки он метавонад барои инкишофи иқтисодиёти кишвар мусоидат намояд. Дар кишварҳои тараққикарда таълим ҳеҷ гоҳ ба охир намерасад, он дар давоми тамоми умр идома меёбад.

Дар кишварҳои мутараққӣ меҳнати кӯдакон манъ аст ва иҷрои қонуни мазкур аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ ва хадамотҳои иҷтимоӣ назорат карда мешавад. Давлат аз болои пешниҳод шудани маълумоти босифат, таъминот бо омӯзгорони соҳибкасб ва ботаҷриба, инчунин мавҷуд будани лавозимоти дарсӣ, ба монанди китоб, компутерҳо, ташхисгоҳҳо ва китобхонаҳоро кафолат медиҳад. Ғайр аз ин, имконияти машғул шудан бо намудҳои гуногуни варзиш барои нигоҳдории ҳолати хуби ҷисмонии кӯдакон, инчунин тарбия намудани малакаи кор дар даста ва рақобатпазирӣ пешниҳод мешавад.

Ҳама гуна низоми маориф бояд ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шаҳрвандро таълим диҳад. Низом бояд инчунин хизматрасонии ихтиёриро, яъне вақте ки шахс вақти худро сарф менамояд ва меҳнати худро барои ҷамъият мебахшад, мукофот диҳад. Хизмат ба ҷомеа ва ба халқи худ – барои ватандори кишвар шаъну шараф аст.



## ВАЗИФА



**Машқи вазифаи хонагӣ**

Дар гурӯҳҳои 5-ё 6 нафара (ё дар намуди вазифаи хаттии алоҳида) рӯйхати ҳамаи фанҳо ва ҳамаи намудҳои фаъолиятеро тартиб диҳед, ки барои кишвар дар омодакунии қувваи кории соҳибтахассус ва воқеан комёб шудан ба иқтисодиёти бозаргонӣ заруранд.

Дар аксарияти кишварҳои тараққикарда ба духтаракон ва писаракон дар мактаб касби дуредгарӣ, дӯзандагӣ ва хӯрокпазиро меомӯзанд. Дар хотир дошта бошед, ки шахсони сарватманди ҳам дорои малакаву таҷрибаи техникӣ, ҳам бо малакаҳои зеҳнӣ заруранд.

Дар Қирғизистон шумораи зиёди донишҷӯён илмҳои иҷтимоӣ ва шумораи ками онҳо илмҳои табииро, ки воқеан барои рушд ва болоравии иқтисодиёти кишвар заруранд, меомӯзанд.

# ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИЯТ

## Ҳуқуқ ва ӯҳдадории наврасон

Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои наврасон дар Сарқонуни Ҷумҳурии  Қирғизистон дарҷ шудааст.

Дар Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи манъ шудани истифодаи меҳнати ҷавонони ба синни 18-солагӣ нарасида, инчунин манъ шудани ҷалби онҳо ба меҳнати ҷисмонии вазнин, ки аз имконияҳои ҷисмонии он зиёданд,  дарҷ шудааст.

Танҳо ҳангоми расидан ба синни 16-солагӣ наврас ҳуқуқ дорад  ҳангоми мавҷуд будани розигии хаттии волидайн  ё парастори наврас шартномаи меҳнатӣ бандад, инчунин дар ҳолате, ки кор:

- Барои саломатӣ ва инкишофи наврас зарарнок набошад ва
- Барои ба мактаб рафтани наврас монеа нашавад.

Тибқи Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистон ҷавонон ҳуқуқҳои зеринро доранд:

- Бехатарии шахсӣ, тандурустӣ, инкишофи ҷисмонӣ ва зеҳнӣ;
- Шаҳрвандӣ;
- Гирифтани тарбияи бехатар ва хуб;
- Изҳори фикр ва эътиқоди худ;
- Суғуртаи иҷтимоӣ;
- Манзил/сарпаноҳ;
- Таълим;
- Ҳисси  шаъну шарафи шахсӣ;
- Моликияти хусусӣ;
- Кори пардохтшаванда.

## ВАЗИФА:



- Ҳуқуқҳои наврасонро, ки дар Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистон дарҷ шудаанд ва мазмуни онҳоро муҳокима намоед.
- Ҷадвали дар зер овардашударо пур намоед.

| Ҳуқуқҳо | Аз ҷониби ҷомеа ба зиммаи Шумо дар асоси ҳуқуқҳоятон кадом ӯҳдадориҳо гузошта мешаванд? |
|---|---|
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |

ДАРСИ 2

# Тиҷорат чист?

## Калимаҳои нав

| | |
|---|---|
| **Фоида** | Чизе, ки аз нархи фурӯш пас аз баровардани ҳамаи хароҷотҳои истеҳсолии барои як воҳиди маҳсулоти фурӯхташаванда сарфшуда |
| **Зарар** | Вақте, ки хароҷотҳои истеҳсолии умумӣ аз даромади умумии аз фурӯши маҳсулот ба даст омада зиёд мешаванд, мо зарар мекашем |
| **Арзишҳои моддӣ** | Арзиши умумии дороиҳои хусусӣ ё давлатӣ, ки дар шакли пулӣ ифода ёфтаанд |
| **Дороиҳо** | Амволе, ки арзиши бозаргонӣ дорад ва дар соҳибии шахс қарор дорад |
| **Ӯҳдадориҳо** | Омодагӣ барои меҳнати босубот ва софдилона барои ноил шудан ба мақсад ва вазифаҳои гузошташуда |
| **Ҷонибдорӣ** | Омодагии шахс барои сарф намудани вақте, ки барои иҷрои мақсадҳои гузошташуда зарур аст |
| **Идоракунӣ** | Қабули қарорҳо барои амаликунии чораҳои мутобиқе, ки барои ноил шудан ба мақсадҳои гузошташуда, инчунин гузаронидани назорати иҷроиши онҳо заруранд. Раванди пурраи қабули қарор дониши пурра васеъро талаб мекунад. |
| **Идоракунии захираҳои табиӣ** | Ташкили истифодаи самаранок ва устувори захираҳои табиӣ |
| **Маркетинг** | Раванди фаҳмиш ва гирифтани маълумот оиди бозор. Дар асоси маълумоти гирифташуда қабул намудани чораҳои мутобиқ барои фурӯши маҳсулоти истеҳсолшуда бо нархи аз ҳама баланд |
| **Мониторинг** | Мушоҳида ва баҳисобгирии хароҷотҳо, инчунин маҳсулоти истеҳсолшуда бо мақсади зиёдкунии ҳаддалимкони фоида |
| **Идоракунии хавфҳо** | Тиҷорат аз хавфҳое вобастагӣ дорад, ки метавонад мазмуни тиҷоратӣ, табиӣ ё сиёсӣ дошта бошад. Маъмури идоравии хуб барои фаҳмидани ҳамаи хавфҳо бо мақсади пасткунии онҳо кӯшиш менамояд. |
| **Тасаввурот** | Ҳамаи роҳбарон бояд орзуи воқеиро дар бораи он таҳия намоянд, ки дар оянда бо назардошти ҳамаи ӯҳдадориҳо ва садоқат ба кор ба кадом мақсад расидан мехоҳанд. Одамон одатан орзуҳои худро дар сурате, ки онҳо омодаанд меҳнат кунанд, нақша кашанд ва принсипҳои идоракуниро дар фаъолияти ҳаррӯзаи худ истифода кунанд, амалӣ менамоянд |

**Пешбурди тиҷорат амаликунии як қатор намудҳои банақшагирифташудаи фаъолиятро дар назар дорад, ки бо мақсади истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонӣ, пешниҳоди онҳо барои фурӯш бо мақсади гирифтани фоида вобастагӣ дорад.**

## Омилҳоипешбурдибомуваффақиятифаъолиятихоҷагидорӣ






Роҳбари хоҷагие, ки ба ҳамаи омилҳои зикршуда диққат медиҳад, барои муваффақ шудан дар нақшагирӣ ва пешбурди тиҷорати бомуваффақ нисбат ба менеҷере, ки омилҳои мазкурро сарфи назар мекунад, имконияти зиёдтар дорад.

То оғози пешбурди кор дар полез ё ҳама гуна фаъолияти соҳибкорӣ, дар баҳогузорӣ кардани ҳамаи омилҳои мазкур пурра воқеӣ будан хеле муҳим аст. Агар ба ҳамаи омилҳои мазкур “Не” бошад, **ТАВАҚҚУФ НАМО!** ва **ФИКР НАМО!**, баъдан мақсадҳои худро аз нав баррасӣ намо ё барои гирифтани машварат муроҷиат кун.

Ҳаҷми кореро, ки ту шахсан худат иҷро карда метавонӣ, ба таври воқеӣ баҳогузорӣ намо. Ҳангоми оғози кори худ, танҳо ба он амале, ки худат шахсан иҷро карда метавонӣ, такя намо.

Дар хотир дор, ки комёбиро бе нақшагирии доимӣ нигоҳ доштан мушкил аст. Агар фоидаи бадастовардаро пурра сарф намоӣ, тиҷорати худро минбаъд инкишоф дода наметавонӣ. Барои инкишофи тиҷорат ба он аққалан қисми муайяни фоидаро маблағгузорӣ кардан зарур аст. Ин бо принсипи нигоҳдории гови ширдеҳ монандӣ дорад. Агар гови ширдеҳро ба таври бояду шояд хӯрок надиҳӣ, аз ӯ шир намегирӣ.

## ВАЗИФА



Барои тафтиши фаҳмиши ҳар як омил ба калимаҳои нав нигар ва онҳоро ба ҷойҳои мутобиқи ҷадвали мазкур ворид намо:

**Зарар:** Мо зарар мекашем, агар мо даромади умумиамонро аз фурӯши маҳсулот бадастомада ______________________________

______________________________

**Дороиҳо:** Ҳама гуна ______________________ ба шахс тааллуқдошта.

**Ӯҳдадорӣ:** Омодагӣ ба ______________________________

______________ барои ба мақсадҳо ва вазифаҳои гузошташуда расидан.

**Ҷонибдорӣ:** Омодагии инсон барои сарф кардани ______________________

______________________________

**Идоракунӣ:** Қабули қарори ба амаликунии чораҳои мутобиқе, ки барои расидан ба

______________________________

______________________________заруранд.

**Мониторинг:** Мушоҳида ва баҳисобгирии хароҷотҳо ___

______________________________

______________________________



**Фоида:** Он чизе, ки аз ______________________

______________________________

______________________________

______________________________

______________________ боқӣ мемонад.

# Хоҷагии фермерӣ

Хоҷагии фермерӣ намуди фаъолияте мебошад, ки дар он захираҳои ҷисмонӣ, молиявӣ ва идоракунӣ барои истеҳсоли маҳсулот барои фурӯш истифода мешаванд. Полез – қитъаи начандон калони хоҷагӣ мебошад, ки дар он бо кӯмаки захираҳо маҳсулоти хӯрока барои истеъмоли шахсӣ истеҳсол мешаванд, маҳсулоти изофагӣ ба фурӯш бароварда мешаванд.

Ҳангоми пешбурди хоҷагии фермерӣ се категорияи асосии захираҳо истифода мешаванд: **табиӣ, молиявӣ ва идоравӣ.**

1. Захираҳои табиӣ барои пешбурди хоҷагии фермерӣ замин, биноҳо/иншоотҳо, техника ва таҷҳизот, об ва қувваи кориро дар бар мегиранд. **Ҷойгиршавии замин, инчунин навъ ва сифати замин** иқтидори истеҳсолии қитъаи заминро муқаррар менамоянд. Муҳити табиӣ, яъне равшании офтоб, ҳарорати ҳаво, боришот ва ғ. инчунин ба захираҳои табиӣ дохил мешаванд, ки ҳангоми пешбурди хоҷагии фермерӣ истифода мешаванд. Ҳарчанд, ки роҳбари хоҷагии фермерӣ ба муҳити табиӣ таъсир расонида наметавонад, ӯ метавонад ба баъзе ҳолатҳои табиӣ мутобиқ шавад ва онҳоро ҳангоми ҳал намудани масъалаи кишти ин ё он зироат ба назар гирад.

2. **Захираҳои молиявӣ ҳаҷм ва намудҳои воситаҳои молиявие мебошанд, ки дар ихтиёри роҳбар барои истифода дар хоҷагии фермерӣ мавҷуданд.** Баъзе шахсон метавонанд кори (тиҷорати) худро ба пули нақди мавҷудбудаашон ва воситаҳои дигар оғоз кунанд. Аммо ба ин нигоҳ накарда, аксарияти соҳибкорон барои маблағгузории тиҷорати худ маҷбуранд пул қарз гиранд. Пас аз фурӯши маҳсулоти истеҳсолшуда, қисми фоидаи онро ба тиҷорати шахсӣ барои васеъ кардани истеҳсолот ва беҳтаркунии некӯаҳволии соҳибмулк маблағгузорӣ кардан зарур аст.

3. **Захираҳои идоравӣ – ин чораҳо/воситаҳои ҳатмие, ки роҳбар дар идоракунии тиҷорат истифода менамояд.** Барои аз нав таҳлил кардан ва баҳогузории ба самти дигар/бо соҳаи дигар равонакунии тиҷорат ба таври доимӣ мониторингро ба нақша гирифтан, амалӣ кардан ва баҳогузорӣ кардан зарур аст.

## ВАЗИФА



Рӯйхати захираҳои ба ҳар як категория мансуббуданро тартиб диҳед. Дар қатори якум намунаи пуркунии ҷадвал дода мешавад.

| Захираҳои табиӣ | Захираҳои молиявӣ | Захираҳои идоравӣ |
|---|---|---|
| *Замин* | *Сармояи худӣ* | *Банақшагирӣ* |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |




Ду намуди омили асосии бомуваффақият гардидани тиҷорат вуҷуд доранд:

Барои ин бояд мавҷуд бошад:

- Тасаввурот оиди он, ки ту дар оянда чиро ба даст овардан мехоҳӣ;
- Ӯҳдадорӣ оиди иҷроиши кори ҳаррӯзаи босубот барои расидан ба тасаввуроти худ.

Омилҳои дигари муҳим – банақшагирии ҷиддӣ, идоракунӣ ва бурдани баҳисобгирии мунтазам. Инчунин гузаронидани мониторинги комёбиҳои табиӣ ва молиявии фаъолият.

# Ташкили полези шахсӣ

**Акнун дар рафти омӯзиши курси мазкур ту бо ташкили полези шахсии худ машғул мешавӣ. Дар хотир дор, ки ту барои ӯҳдадориҳои ба зимма гирифтаат масъулияти шахсӣ мебарӣ.**



Барои таҳияи нақша, қарорҳои зеринро қабул кардан зарур аст:

**Намуди тиҷорат** Намудҳои гуногуни тиҷорате, ки ту ба онҳо шавқ дорӣ, таҳлил намо.

**Муайянкунии мақсадҳо:** Ту ба кадом ҳаҷми истеҳсолот ва маблағгузории молиявӣ расиданро ба нақша гирифтаӣ.

**Маркетинг:** Талаботро ба маҳсулоте, ки истеҳсоли онро ба нақша гирифтаӣ, инчунин маҳал ва тарзи фурӯши маҳсулотро омӯз.

**Хароҷотҳо:** Маблағи пулие, ки барои кушодан ва инкишофи тиҷорати шахсӣ аз ҳисоби пасандозҳо ва қарзҳо бояд пардохт карда шавад.

**Маҳал:** Дастрасии бозорҳоро омӯз ва қарорро оиди маҳалли ҷойгиршавии тиҷорати худ қабул намо. Ба мавҷудияти замин ва об, инчунин мусоидии замин барои тиҷорате, ки ту кушодани онро ба нақша гирифтаӣ, диққат деҳ.

**Маълумот:** Бо мушовири деҳот ва шахсони дигаре, ки бо дониш ва меҳнат ҳаррӯза ба комёбӣ муваффақ шуданд, маслиҳат намо.

Қабл аз қабули қарори хотимавӣ имкониятҳои худро баҳогузорӣ намо.

**ВАЗИФА**

Ба саволҳои дар ҷадвали зер овардашуда ҷавоби “Ҳа” ё “Не” диҳед:

| Оё ман......... дорам? | ҲА | НЕ |
|---|---|---|
| Ӯҳдадориҳо ва қобилият ба кори софдилона? | | |
| Ҷонибдорӣ/ омодагӣ ба иҷрои вазифаҳои ҳаррӯза? | | |
| Малака/қобилият ба мушоҳидакорӣ? | | |
| Қобилияти муҳокимаронии воқеӣ? | | |
| Дастрасӣ ба замин, меҳнат, воситаҳои меҳнат, об? | | |
| Дастрасӣ ба воситаҳои молиявӣ барои харидории тухмӣ ва поруҳо? | | |
| Мақсадҳои возеҳ гузошташуда? | | |
| Мақсадҳои воқеан муқарраршуда? | | |

**КОМЁБӢ** **НОКОМӢ**



Имконият + Пасандозҳо+ Масъулият

Мавҷуд набудани нақша ва баҳисобгирӣ

## Муҳокима бо синф:

Расмҳои дар боло овардашуда дар бораи чӣ шаҳодат медиҳанд? Фикру андешаи худро дар зер мухтасар навис.

## ВАЗИФА

Рӯйхати ҳамаи намудҳои имконпазири фаъолияти фермерӣ, ки дар деҳаи ту амалӣ карда мешаванд, тартиб деҳ. Бо мушовири деҳа ё фермери дигари муваффақ маслиҳат намо, ки кадом мева ва сабзавотро ба ту парвариш кардан беҳтар аст. Баъдан се намуди сабзавот/меваҳое, ки ту онҳоро парвариш карда метавонӣ, интихоб намо.

| Сабзавот/меваҳо | Интихоби ман | Ҳар рӯз кадом кор бояд иҷро карда шавад? | Оё ман онҳоро ҳар рӯз иҷро карда метавонам? | |
|---|---|---|---|---|
| | | | ҲА | НЕ |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

Бодиққат вариантҳои интихоби худро аз назар гузарон; қобилиятҳои худро баҳогузорӣ намо ва хулоса барор, ки кадоме аз онҳо барои ту аз ҳама бештар мувофиқ аст.

**Интихоби ниҳоии ман:** ……………………………………………………………………………

……………………………………………………………………………………………………



## ВАЗИФАИ ХОНАГӢ:



То саршавии дарси оянда ҷадвали дар зер овардашударо пур кун ва натиҷаҳои мушоҳидаҳои худро дар бораи намудҳои фаъолияти фермерӣ, ки дар деҳаи ту амалӣ карда мешаванд, инъикос намо. Кӯшиш намо, ки масъалаи мазкурро аққалан бо як нафаре, ки бо меҳнат дар полез ё хоҷагии фермерӣ ба комёбӣ ноил шудааст, муҳокима намоӣ.

| Полез/ хоҷагии фермерӣ | Маҳсулот | Комёб ё ноком | Сабабҳо | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | Ӯҳдадорӣ ё набудани ӯҳдадорӣ | Маблағгузорӣ ё набудани маблағгузорӣ | Ҷонибдорӣ ё норасоии захираҳо |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |

**Ҳангоми саршавии дарси оянда ба омӯзгор иншои мухтасарро ба мавзӯи супор:**

*“Барои расидан ба комёбӣ дар тиҷорат ё фаъолияти соҳибкории интихобкардаам ман бояд ҳар рӯз кадом корҳоро иҷро намоям?”*

ДАРСИ 3

# Маркетинг ва фурӯш

## Калимаҳои нав

| | |
|---|---|
| **Аҳдномаи савдо (тиҷоратӣ)** | Мувофиқаи байни ду ё якчанд шахсон ё ширкатҳо оиди таъмини маҳсулот, корҳо ё хизматрасонӣ бо шартҳои пешакӣ маслиҳатшудаи тарафайн |
| **Занҷираи таъминот дар бозор** | Ҳамкории байни шахсони инфиродӣ ва ширкатҳо дар рафти истеҳсолот, савдо, коркард ва ба фурӯш пешниҳод кардани маҳсулот ба истеъмолкунанда. |
| **Омӯзиши бозор** | Пурсиши харидорон барои муайянкунии дархосту хоҳишҳои онҳо дар харид. Ғайр аз ин, пурсиши фурӯшандаҳо гузаронида мешавад, ки то кадом андоза таъмин будани харидорон бо маҳсулот ё маводҳое, ки онҳо харидорӣ кардан мехоҳанд, муқаррар карда шавад. |

Дар маҳалли зисти ту ҳар рӯз садҳо аҳдномаҳо амалӣ карда мешаванд.

- Вақте, ки ту ба бозор меравӣ ва картошка, сабзӣ, қаланфур, нон ва маҳсулоти дигарро харидорӣ менамоӣ, ту аҳдномаи савдо ё тиҷоратиро бо шахсе амалӣ менамоӣ, ки ба ту маҳсулоти мазкурро барои фурӯш пешниҳод мекунад.
- Вақте, ки фермер картошкаи тухмӣ ё поруро аз кооператив мехарад, ӯ инчунин аҳдномаи тиҷоратиро мебандад.
- Агар сабзавотпарвар ба намояндаи кооператив бо дархости дорупошии қитъаи замини картошка кишткардааш муроҷиат намояд, аҳдномаи тиҷоратӣ бо пардохти кори иҷрошуда ба итмом мерасад.

## Фарқияти байни маркетинг ва фурӯш?

Аҳдномаҳои тиҷоратӣ **маркетинг** ва **фурӯшро** дар бар мегирад. Байни м**аркетинги маҳсулот** ва **фурӯши маҳсулот** фарқияти муҳим мавҷуд аст.

| | | |
|---|---|---|
| **Маркетинг – омӯзиши хоҳишҳои харидор, баъдан парвариш/истеҳсоли маҳсулот ё ташкили хизматрасонӣ бо мақсади қонеъкунии талаботҳои харидор. Маркетинг бо талабот пеш меравад ва тавсифи асосии иқтисодиёти бозаргонӣ аст.** | **Ё** | **Фурӯш – ин ҷойгиркунии маҳсулот дар бозор ё пешниҳоди хизматрасонӣ бо умеде, ки онро ягон кас мехарад. Фурӯш бо талабот вобастагӣ дорад** |






## Фарқияти асосии байни низоми маркетингӣ ва низоми савдо

**Низоми савдо –** низоме мебошад, ки дар он ба талаботи харидор диққати зиёд дода намешавад. Маводҳо ё маҳсулот дар як ҷо анбор карда мешаванд ва ба бозор бароварда мешаванд. Харидор дар назди маҳсулот менишинад ва мунтазир мешавад, ки ягон нафар меояд ва маҳсулоти ӯро харидорӣ мекунад.

Барои мисол, сабзавот ва гӯштро мегирем, ки дар бозорҳои маҳаллӣ пешниҳод мешаванд:

- Дар аксарияти мавридҳо картошка барои фурӯш дар намуди ношуста, дар халтаҳои андозаашон гуногун бароварда мешавад. Баъзе аз беххои картошка ҳангоми ҷамъоварӣ метавонанд бурида шаванд, баъзеашон аз таъсири зараррасонҳо осеб дидааст. Ба харидори эҳтимолӣ зарур меояд, ки дастонашро ба дохили халтаҳои картошка дарорад ва беххои осебнадидаро ҷудо карда гирад. Барои чӣ ӯ бояд барои картошкаи бурида ё осебдида, ки барои хӯрок ба кор намеояд, маблағ диҳад?
- Сабзии андозааш гуногун ва мӯҳлати нигоҳдориаш гуногун дар як тӯда ба фурӯш гузошта шудааст. Агар харидор сабзии андозааш калонро харидорӣ кардан хоҳад, ба ӯ зарур меояд, ки аз дохили халта онҳоро чинад.
- Гӯшт бо нархи меъёрӣ фурӯхта мешавад, новобаста ба он, ки кадом қисми танаи гов ба фурӯш гузошта шудааст. Барои баъзе аз харидорон гӯшти устухондор, баъзеашон танҳо гӯшти лаҳмро дӯст медоранд. Қассоб ҳамаи қисматҳои танаи чорворо бо нархи ягона мефурӯшад.

Низоми савдо барои харидор мушкилиҳоро пеш меорад. Низоми мазкур инчунин ба фурӯшанда низ барои гирифтани нархи нисбатан зиёд барои маҳсулот дар ҳолати вохӯрдан бо харидори серталаб мушкилиҳоро эҷод мекунад. Харидор омода аст, ки барои маҳсулоте, ки барояш дар шакли қулай пешниход мешавад, арзиши зиёдтарро пардохт намояд. Дар шаҳрҳои калон бо мавҷуд будани мизоҷони бой ва серталаб, маҳсулоти сифаташ гуногун дар бозорҳо ва мағозаҳои калон (супермаркетҳо) пешниҳод мешаванд.

## Мушкилот ҳангоми фурӯши “оддии” маҳсулот

Харидор маблағи пулеро дорад, ки фурӯшанда онро ба даст овардан мехоҳад.

- Истеҳсолкунанда ва фурӯшанда бекор мемонанд, агар харидор аз онҳо маҳсулотро харидорӣ накунад.
- Харидорон сершумор ва мутаносибан байни онҳо барои талабот ва пули харидор рақобат ба вуҷуд меояд.
- Агар харидор картошкаро нахарад, он гоҳ фурӯшанда ё фермер маҷбур мешавад картошкаро баргашта ба хона барад, ки ин дар натиҷа хароҷотҳои ӯро зиёд карда, ба ӯ зарар мерасонад.

### ВАЗИФА



Ба саволҳои дар ҷадвали зер овардашуда ҷавоб деҳ:

| Савол | Ҷавоб |
|---|---|
| Харидор кадом ҳуқуқҳоро дорад? | |
| Кӣ аз низоми савдо манфиат мебарад? | |
| Бо кадом усул фурӯшанда метавонад маҳсулоти худро бо нархи нисбатан зиёд фурӯхта метавонад? | |
| Фарқияти асосии байни маркетинг ва фурӯш дар чист? | |
| Барои чӣ сифати маҳсулот аҳамияти ҷиддӣ дорад? | |

## Барои чӣ фурӯшанда бояд раванди харидани маҳсулотро ба харидор осон намояд?

Агар маҳсулот диққати харидорро ҷалб карда бошад, харидор дар оянда метавонад ба назди ҳамон фурӯшанда барои харидани худи ҳамон маҳсулот баргашта ояд. Ғайр аз ин, харидор метавонад рафиқону дӯстони худро оиди сифати баланди маҳсулоти фурӯшандаи мазкур маълумот диҳад ва метавонад шумораи мизоҷон ва мутаносибан маблағи даромади фурӯшандаро зиёд намояд.

Истеҳсолкунанда ва фурӯшандаҳо тиҷорати худро аз ҳисоби пули харидорон амалӣ мекунанд. Агар харидор маҳсулоти истеҳсолшударо харидан нахоҳад, низоми савдо мавҷудияти худро аз даст медиҳад. Ҳар қадаре, ки маҳсулоти фурӯшанда ҷолиб бошад, ҳамон қадар тиҷорати ӯ хуб ба роҳ монда мешавад. Ҳар қадаре, ки маҳсулот ё мавод ҷолиб бошад, фурӯшанда барои он маблағи зиёдтарро талаб мекунад ва талабот ба маҳсулоти мазкур ҳамон қадар зиёд мешавад.




Кишварҳои ҷаҳон, ки иқтисодиёти онҳо барои беҳтаркунии шароитҳои ҳаёт ва баландкунии некӯаҳволии сокинони худ равона карда шудааст, аз низоми савдо ба низоми маркетинг гузаштаанд, ки ҳангоми он низоми танзими давлатӣ истифода мешавад.

## Низомҳои маркетингӣ

Маркетинги маҳсулот афкори стратегӣ, инчунин кӯшиши зиёдро аз истеҳсолкунанда ва фурӯшанда талаб менамояд. Агар фурӯшанда картошкаи худро ба се гурӯҳ хуб сара намояд, яъне картошкаи калон, миёна ва хурд, ин метавонад ба харидор **кӯмак намояд,** ки картошкаи дилхоҳашро харидорӣ намояд. Картошкаи андозааш хурдро ба маблағи 10 сом барои як килограмм, андозааш миёна – 15 сом барои як килограмм, картошкаи андозааш калонро ба маблаги 18 сом/кг фурӯхтан мумкин аст.

### Омӯзиши бозор

Барои муқарраркунии даромаднокии фурӯши картошкаи саракардашуда, омӯзиши бозор зарурат дорад. Агар ту картошкаи андозааш хурдро тоза кунӣ, ҳамроҳи пӯсташ қисми калони картошкаро пок карда, бурида мепартоӣ. Вақте, ки картошкаи андозааш калонро тоза мекунӣ, партови он кам ҷамъоварӣ мешавад. Ҳамин тариқ, харидор картошкаи андозааш калонро, ҳатто агар он нархи қиммат дошта бошад ҳам, беҳтар медонад.

### Истифодаи натиҷаҳои тадқиқоти бозор

Тадқиқи бозор ва истифодаи натиҷаҳои он барои фурӯшандае, ки картошкаи ба андозаҳо саракардашударо фурӯхтан мехоҳад, аҳамияти ҷиддӣ дорад. Фурӯшандаи хуб маълумоти тадқиқоти маркетингиро барои фурӯши маҳсулоти худ дар даврае, ки нархи онҳо нисбатан баланд мешавад, истифода мекунад ва ҳамин тариқ метавонад фоидаи худро зиёд намояд.




## ВАЗИФА

**Ҷадвал оиди омӯзиши бозор**

Бо истифодаи ҷадвали дар зер овардашуда, бо як-ду нафаре, ки бо парвариши картошка машғул нестанд, мусоҳиба гузарон ва аз онҳо пурсон шав, ки онҳо харидорӣ кардани чӣ гуна картошкаро беҳтар медонанд. Маълумоти мазкурро дар дарси оянда ба синф нақл намо.

| № | Савол | Ҷавоби харидор |
|---|---|---|
| 1. | Шумо картошкаи кадом андозаро харидорӣ карданро беҳтар медонед? | ○ хурд<br>○ миёна<br>○ калон |
| 2. | Шумо харидани картошкаи шустаро беҳтар медонед? | Ҳа<br>не |
| 3. | Шумо харидани картошкаро бе буришҳо беҳтар медонед? | Ҳа<br>не |
| 4. | Шумо харидани картошкаи бе осеб ва пачақнашударо беҳтар медонед? | Ҳа<br>не |
| 5. | Агар фурӯшанда картошкаро бо андозааш ва сифаташ ҷудо кунад, Шумо тайёр ҳастед, ки барои як килограмм картошка маблағи зиёдтарро пардохт намоед? | Ҳа<br>не |
| 6. | Шумо барои як килограмм картошкаи шустаи андозааш калон нисбат ба картошкаи омехтаи сифаташ гуногун чӣ қадар зиёдтар маблағ пардохт карданро омода ҳастед? | .................. сом |




# Занҷири таъминоти бозор

**Занҷири кӯтоҳи таъминот –** ин ҳолате, ки истеҳсолкунанда маҳсулоти худро бевосита дар бозори маҳаллӣ мефурӯшад. Сабзавотпарвари ботаҷриба сабзиро нисбат ба миқдори истеъмоли он дар оилааш ба миқдори зиёдтар метавонад истеҳсол кунад. Ҳамин тариқ, ӯ метавонад маҳсулоти худро дар бозор маҳаллӣ ба фурӯш гузорад.

Занҷираи мазкур намуди зеринро мегирад:




**Занҷираи дарози таъмин:** Аксарияти занҷирҳои таъмин аз занҷири дар боло овардашуда дарозтар мебошанд. Барои мисол фермерро меорем, ки барои истеҳсоли афшураи мева парвариш менамояд. Ба занҷира қадамҳои зерин дохил шуда метавонанд:




Дар занҷири мазкури таъминот ҳашт қадам ё халқа мавҷуд аст. Дар ҳар кадоме аз онҳо одамоне ҷалб шудаанд, ки барои амаликунии аҳдномаи тиҷоратӣ байни ҳам ҳамкорӣ мекунанд.

## Донистан ва фаҳмидан муҳим аст:

- Агар истеъмолкунанда барои харидории маводи ниҳоӣ тайёр набошад, занҷири мазкури таъминот аз амал бозмемонад ва қувваи худро барои гирифтани фоида аз даст медиҳад.
- Агар ронандаҳои мошинҳои боркаш аз интиқоли мева фоида нагиранд, онҳо бо таҳвили мева аз хоҷагии фермерӣ то корхонаи истеҳсолӣ машғул намешаванд.
- Агар корхонаи истеҳсоли меваро бо сабаби пачақшавӣ ё осебҳо қабул накунад, он гоҳ мева дигар арзиш надорад.

Ҳамин тариқ, дар занҷири мазкури таъминотӣ халқаҳо (қадамҳо)-и зиёд ва мушкилоти сершумори эҳтимолӣ мавҷуданд. Ҳар як одами занҷири мазкури таъминотӣ бояд дар бораи он, ки ба одами минбаъдаи занҷир чӣ зарур аст ва ӯ чӣ мехоҳад, маълумот дошта бошад, дар ҳолати акс ӯ фоида намегираду танҳо зарар мебинад. Ҳар як одам бо он одамоне муносибат ташкил мекунад, ки аз ӯ дар мақоми болотар ва поёнтар дар занҷири таъминотӣ ҷойгир шудаанд. Агар муносибатҳои номбаршуда мавҷуд набошанд, ҳеҷ гуна занҷири таъминотӣ вуҷуд нахоҳад дошт.

Занҷири дарози таъминотӣ барои фурӯши маҳсулот дар маҳалҳои аз ҷои истеҳсолаш дур ҷойгиршуда шароит фароҳам меорад ва ба маҳсулоти ибтидоӣ арзиши иловагиро илова мекунад. Азбаски ҳамаи кишварҳо оиди воридоти маҳсулот меъёрҳои қатъиро риоя мекунанд, сифати ҳар як ҳалқаи занҷири таъминотро таъмин кардан мумкин аст. Ба меъёрҳои мазкур талабот оиди солимӣ ва бехатарӣ, инчунин тарзҳои таҳвили маҳсулот то истеъмолкунанда дохил мешаванд.

Агар миёнарав ҳангоми харидории маҳсулоти дар деҳа истеҳсолшуда боварӣ ҳосил накунад, ки истеҳсолкунанда доруворихои (пестисидҳо)-и манъшударо истифода накардааст, ӯ дар хариди мева барои истеҳсоли афшура бо мақсади содироти он ба кишварҳои хориҷӣ манфиатдор нест, зеро маҳсулот метавонад аз ҷониби хадамоти санитарии сарҳадии кишвари дигар мусодира шавад. Раванди гузаронидани мониторинг ва сертификатгирии сифат дар ҳамаи марҳилаҳои истеҳсолот кафолати сифат номида мешавад.

Дар Қирғизистон барои фурӯши аксарияти маҳсулот меъёрҳо ба монанди ГОСТ ва ИСО заруранд. Маҳсулоти Қирғизистон, ки дар бозори ҷаҳони афзалияти бештаре дорад, ба монанди маҳсулоти гуногуни хӯрока, метавонад танҳо дар сурати тибқи стандартҳои байналмилалӣ истеҳсол шудан, коркард шудан ва борпеч шудан фурӯхта шавад.

Шароитҳои байналмилалии бозаргонӣ ба андозаи зиёд ба Қирғизистон таъсир мекунанд. Таъсири мазкур метавонад ҳам мусбат ва ҳам манфӣ бошад. Масалан, дар солҳои охир нархи картошка дар Қирғизистон тибқи талаботи калони он дар Россия муқаррар карда мешуд. Дар ҳоле, ки картошкаи истеҳсоли Қазоқистон ба Россия содир мешуд, картошкаи дар водии Чуй истеҳсолшуда дар Қазоқистон фурӯхта мешуд. Картошка аз шаҳри Ош барои фурӯш ба Бишкек, картошкаи вилояти Баткен дар шаҳри Ош, ки нархи он нисбатан баланд аст, фурӯхта мешавад. Картошка – маҳсулоти фурӯши тӯда аст, ки ба масофаҳои калон интиқол карда намешавад. Ин ҷо Қирғизистон аз талаботи Россия ба маҳсулоти картошка вобастагӣ дорад.

2007 сол нархи равғани растанӣ дар тамоми Қирғизистон босуръат баланд шуд. Сабаби баландшавии нархи равғани растанӣ бо талаботи зиёди кишварҳои тараққикарда чун Хитой ва қонунҳои Иттиҳоди Аврупо ва ИМА вобастагӣ дошт, ки аз истеҳсолкунандаҳои бензин омехта кардани онро бо равғани растанӣ барои маҳдудкунии зиёдшавии сатҳи гармшавии умумиҷаҳонӣ талаб карданд. Дар ҳоле, ки баландшавии нархи равғани растанӣ ба мардуми Бишкек таъсири манфӣ дорад, истеҳсолкунандаҳои офтобпараст дар ноҳияҳои деҳоти Қирғизистон аз фурӯши тухми офтобпараст ё истеҳсоли равғани растании офтобпараст фоидаи зиёдтарро мегиранд.


*Масъулият ва истифодаи тавсияҳои дуруст туро пурқувваттар мекунанд*



Дар кадом бозорҳои байналмилалӣ маҳсулоти дар Қирғизистон истеҳсолшаванда метавонад бо муваффақият рақобат кунад? Дар ҳоле, ки ҳама гумон мекунанд, ки зардолуи баргаки вилояти Баткен ба талаботҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ аст, аммо ҳеҷ кас онро ба кишварҳои Иттиҳоди Аврупо содирот намекунад. Нархи пешниҳодшавандаи зардолуи дар деҳа истеҳсолшуда, аз нархи яклухти зардолуи ба кишварҳои Иттиҳоди Аврупо таҳвилшуда баланд будааст. Ҳаҷми маҳсулоти босифат барои содирот кифоя намекунад, бар замми ин зардолу тибқи сифату андоза сара карда нашудааст. Аммо ба ин нигоҳ накарда, дар вилояти Суғди Тоҷикистон зардолуи босифатро парвариш мекунанд, баъдан онро хушконида, тибқи андоза ва сифаташ ҷудо мекунанд. Маҳсулоти сифаташ хеле баланд ҳатто ба ИМА содирот ва фурӯхта мешавад.

Биёед акнун таҷрибаи пешқадами фермерҳои деҳоти Учқурғони вилояти Баткен ва иштироки онҳоро дар бозори байналмилалии фурӯши олучаи тару тоза баррасӣ менамоем.




*Диққати харидоронро сабзавоти ботартиб чидашуда ҷалб менамояд.*

## “Сафар” и олучаи Баткен

Робитаҳои маркетингии мева ва сабзавот дар ҷамоати деҳоти Учқурғон даҳ сол қабл ташкил карда шуда буданд, дар вақте, ки ду соҳибкори маҳаллӣ, тоҷикон хостанд, ки аз ҳамдеҳагони худ олучаро харида, онро дар Бишкек фурӯшанд ва аз аҳдномаи мазкур фоида гиранд. Ҳамон вақт соҳибкорони маҳаллӣ тақрибан 30-40 тонна олучаро асосан ба Бишкек, як қисми онро ба Тошканд бурданд. Вақте, ки фермерони маҳаллӣ фаҳмиданд, ки олуча чӣ қадар фоидаи пулӣ меорад, онҳо дар боғҳояшон дарахтони дигарро бурида, ба ҷои онҳо дарахти олуча шинониданд, новобаста ба он, ки дарахти олуча танҳо пас аз 7 ва зиёда сол ҳосили хуб медиҳад. Акнун сокинони деҳаҳои ҳамсоя ба ин занҷири маркетингӣ ҳамроҳ шуданд.

Дар аввал нархи олуча бо сабаби осебҳои ҷиддие, ки ҳангоми интиқол дар мошинҳои боркаши оддӣ ба вуҷуд меомаданд, чандон баланд набуд. Дар айни замон олуча бо тарзи зарурӣ аз Учқурғон дар мошинҳои махсуси боркашонии дорои низоми хунуккунӣ (рефрижераторҳо) ба Қазоқистон, Россия ва Кореяи Ҷанубӣ борпеч ва интиқол карда мешавад. Онро бо тайёра ҳатто ба Аморати Муттаҳидаи Араб интиқол мекунанд. Ин туфайли мавҷуд будани ҳаҷми калони маҳсулоти баландсифат дар минтақае муяссар шудааст, ки диққати харидорони яклухти ҷиддиро ҷалб менамояд.

Маҳсулот то расидан ба харидори яклухт аз се сатҳи миёнаравон мегузарад. Баъдан харидори яклухт маҳсулотро ба кишварҳои номбаршуда интиқол мекунад ва тавассути низомҳои гуногуни муосир, чун мағозаҳои калон – супермаркетҳо дар Москва, Сеул ва Дубай мефурӯшад.

Ҳамаи ҳалқаҳои занҷири маркетингии мазкур ҳиссаи одилонаи ҷуброни худро мегиранд, ки тавассути иловакунии арзиш ба маҳсулот ба даст меояд. Фермерон, миёнаравон, харидорони яклухт ва тоҷирони чакана аз кори босифат ичрошуда фоидаи калон мегиранд, ки аз ҷониби истеъмолкунандаҳо бо арзиши хеле баланд пардохт карда мешавад. Маълум аст, ки фермер дар деҳоти Учқурғон маҳсулоти худро бевосита ба соҳибхоназан дар Сеул фурӯхта наметавонад. Ӯ метавонад маҳсулоти худро ба миёнарав фурӯшад, ба шарте, ки миёнарав нархеро пешниҳод намояд, ки нисбат ба нархи бозори маҳаллӣ баландтар аст.

Дар ҷадвали дар зер овардашуда шумо метавонед ҳаҷми истеҳсоли мева ва сабзавоти гуногунро бинед ва нархҳои бозорҳои маҳаллӣ ва нархҳои фермерро бо арзиши муқарраршудаи занҷир муқоиса намоед (рақамҳо аз мусоҳиба дар санаи моҳи августи 2013 сол оварда шудаанд, аз ин бармеояд, ки онҳо аниқ нестанд).

| Мева ва сабзавот | Деҳаи истеҳсол-кунанда | Ҳаҷми дар 2013 с. фурӯхташуда | Нарх дар бозори маҳаллӣ | Нархи тавассути занҷири маркетингӣ пешниҳодшуда | Кишвари харидори охирин |
|---|---|---|---|---|---|
| Олучаи тару тоза | Учқурғон Қарадобо Марказ Қизилқия | 2640 т | 35-45 сом | 85-130 сом | Россия, Кореяи Ҷанубӣ, ОМА, Қазоқистон, Ӯзбекистон |
| Шафтолуи тару тоза | Учқурғон Карадобо, Қожо Суухана, Қаражиғач | 800 т | 10-20 сом | 35-45 сом | Россия, Кореяи Ҷанубӣ, ОМА, Қазоқистон |
| Ангур | Суухана, Учқурғон | 350 т | 20-30 сом | 50-60 сом | Россия, Қазоқистон |

| Мева ва сабзавот | Деҳаи истеҳсол-кунанда | Ҳаҷми дар 2013 с. фурӯхташуда | Нарх дар бозори маҳаллӣ | Нархи тавассути занҷири маркетингӣ пешниҳодшуда | Кишвари харидори охирин |
|---|---|---|---|---|---|
| Себ | Қарадобо Учқурғон | 700 т | 10-20 сом | 25-35 сом | Россия, Қазоқистон, Ӯзбекистон |
| Пиёз | Қарадобо, Кожо Марказ | 1200 т | 5-10 сом | 10-15 сом | Бишкек, Россия, Қазоқистон |
| Зардолу | Суухана, Учқурғон | 300 т | 10-15 сом | 20-30 сом | Бишкек, Россия, Қазоқистон |

## Парвариш ва саракунии олуча




Барои гирифтани нархи баланд фермер дар зиёдкунии ҳаддалимкони ҳаҷми истеҳсоли олучаи баландсифат, ки ба талаботҳои миёнаравон ҷавобгӯ аст, манфиатдор аст. Фермерҳои деҳоти Учқурғон дар ҳаҷми умумии истеҳсол пасткунии сатҳи олучаи осебдидаро ба 5-6% ноил шуданд. Миёнаравон тайёранд, ки барои олучаи сифаташ олӣ (премиум класс), ки ба ОМА содир карда мешавад, 10-15% маблағи зиёдтарро пардохт кунанд. Эҳтимол меравад, ки фермерони парваришкунандаи олуча мутахассисони соҳибкасб, меҳнатдӯст мебошанд ва маблағгузориҳои заруриро барои баландкунии сифати маҳсулот ворид мекунанд.

## Миёнаравон дар занҷири фурӯши олуча

| | Нарх | Масъулият |
|---|---|---|
| **Фермерҳо** | 85-130 сом | Таъмини сифати олуча тавассути меҳнати софдилона<br><br>Мувофиқаи ҳаҷми истеҳсол бо истеҳсолкунанда, бастани шартнома, таъмини сифат дар вақти ҷамъоварии ҳосил, расонидан ба сатҳи баландтарини миёнаравон |
| **Миёнарави сатҳи 3-юм** (тағйирёбанда) | + 2-5 сом (3%) | Кироияи миёнаравони сатҳи 3-юм, тафтиши сифат, пешпардохт, таъмини миқдори кофӣ |
| **Миёнаравони сатҳи 2-юм:**<br>• Бозор, нарх, маҳсулотро медонанд.<br>• Миёнаравони сатҳи 1-ум ба онҳо боварӣ доранд.<br>• Ҳудуди маҳал ва одамони заруриро медонанд.<br>• Нақлиёти худро доранд.<br>• Бо одамон шартнома баста метавонанд. | 5-15 сом (10%) | Миёнаравони сатҳи 2-ро муттаҳид кардан, бастани робита бо харидорони яклухт, пешпардохт, гирифтани ҳуҷҷатҳои зарурӣ (сертификати маҳалли пайдоиши маҳсулот, сертификати мутобиқат, сертификати фитосанитарӣ)[1]. |
| **Миёнаравони сатҳи 1-ум:**<br>• Бо шабакаи харидорони яклухт робита мебанданд.<br>• Онҳоро харидорони яклухт мешиносанд.<br>• Барои пешпардохти истеҳсоли маҳсулот маблағ доранд.<br>• Қоидаҳои гумрукро медонанд. | + 20-50 сом (35%) | |
| **Яклухтфурӯш** | + то 70 сом | |
| **Мағозаҳои фурӯши чакана** | + то 150 сом | |
| **Истеъмолкунандаи ниҳоӣ дар хориҷа** | 350-500 сом | |

[1] Сертификате, ки мавҷуд набудани бемориӣ ва зараррасонҳо дар маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, ки барои содирот истеҳсол шудааст, тасдиқ менамояд.

Занҷири дар боло зикршудаи таъминотӣ нишон медиҳад, ки миёнаравон дар ҳар зина бояд кори худро ҳар чӣ беҳтар иҷро кунанд, то ки маҳсулотро то зинаи минбаъда пеш баранд ва фоидаи шахсии худро гиранд. Занҷир пурра дар асоси ӯҳдадориҳо, интизом ва боварии шахсони ҷалбшуда, инчунин мавҷудияти доимии маҳсулот дар давраи таъминот арзи вуҷуд дорад. Иҷро накардани талабот дар ягон зинаи занҷир метавонад тамоми занҷирро нобуд кунад. Азбаски одамон дар бораи манфиату фоидаи худ медонистанд, дар таъминоти маҳсулот дар давоми даҳсолаи зикршуда ягон камбудӣ ё нобарорӣ мушоҳида нашудааст.

## Муносибатҳо байни миёнаравон дар ҷамоати деҳоти Учқурғон

Бо афзоиши шумораи истеҳсолкунандаҳои олуча зарурати ташкили кори миёнаравон ба вуҷуд омад. Ҳар сол дар аввали баҳор одамон дар ҷамоати деҳоти Учқурғон маҷлиси деҳаро ташкил мекарданд, то ки дар бораи тақсимоти ҷуғрофии миёнаравони гуногун маслиҳат кунанд. Муносибати байни фермерон ва миёнаравон, маслиҳати ҳаҷми истеҳсолот ва пешпардохт дар асоси муносибатҳои боварӣ ба ҳамдигар, ки бо занҷири зикршудаи маркетингӣ аз лаҳзаи ташкили он муқаррар шудааст, асос ёфтааст. То айни замон ягон ҳолати вайронкунии мувофиқаи байниҳамдигарии онҳо мушоҳида нашудааст.




**ВАЗИФА**

Хонандаҳоро ба гурӯҳҳои 4-5 нафара ҷудо кунед ва аз онҳо хоҳиш намоед, ки ба саволҳои зерин ҷавоб диҳанд:

1 Иштирокчиёни ҳар як зинаи занҷири бозаргонӣ аз истеҳсолкунанда то истеъмолкунанда чӣ гуна масъулиятро мебаранд?
2. Кадом маҳсулоте, ки дар минтақаи шумо парвариш мешавад, метавонад ба низоми маркетингии мазкур ворид карда шавад ва бо кадом сабаб?
3. Оё ҷомеаи шумо метавонад ба талаботҳои занҷири маркетингии мазкур ҷавобгӯ бошад? Бо суханони дигар, ба онҳо бовар кардан мумкин аст? Онҳо метавонанд якдигарро фиреб диҳанд? Барои он, ки сокинони деҳаи шумо ба меҳнати дастаҷамъона оғоз кунанд, то ин ки ҳама аз ин фоида гирад, кадом корҳоро ба анҷом расонидан зарур аст?

Ҳамаи инро бо волидайн муҳокима намоед ва ба тамоми синф нақл намоед.

## Маркетинг




*Новобаста ба имконияти маҳдудшудаи маҳсулоти истеҳсолшуда, ин фурӯшандазан маҳсулоти худро дар бозори ш. Баткен зебо чидааст ва ба мизоҷи имконпазир онро пешниҳод мекунад.*



*Ин савдогарони ҳасиб дар шаҳраки Ҳайдаркан маҳсулоти худро зебо дар пештоқ чидаанд, ки диққати харидоронро ба худ ҷалб мекунанд.*

## Фурӯш



*Ин фурӯшанда дар Шамалдисай аз маҳсулоти худ дур, бо фароғат нишастааст ва ба харидорони имконпазири худ диққат намедиҳад. Ин савдои оддӣ аст, маркетинг нест.*



*Қисми зиёди бозори шаҳри Баткен бо асфалт рӯпӯш нашудааст. Маҳсулоти тару тоза дар болои замини ифлос ба намоиш гузошта шудааст. Шояд, пардохтҳое, ки дар бозор чида мешаванд, барои беҳтаркунии инфра сохтори бозор истифода карда мешавад? Ин ҷо савдои оддӣ мушоҳида мешавад, на маркетинг...*

ФАСЛИ 2

# Ба нақша гирифтани тиҷорат




Саҳифаи 56 | Ба нақша гирифтани тиҷорат
Саҳифаи 64 | Асосҳои баҳисобгирии фаъолияти соҳибкорӣ
Саҳифаи 73 | Асосҳои тартибдиҳии бюджет

ДАРСИ 4

# БА НАҚША ГИРИФТАНИ ТИҶОРАТ

## Калимаҳои нав

**Бизнес-нақша** — Нақшаи хаттӣ оиди истифодаи захираҳои табиӣ, молиявӣ ва идоракунӣ, ки барои ташкил ва пешбурд заруранд.

**Тасаввурот** — Ҳуҷҷате, ки мақсади тиҷоратро шарҳ медиҳад.

Дар модули мазкур мо тартиб додани бизнес-нақша ё нақшаи корхонаи ояндаи худро оғоз менамоем. Раванди тартибдиҳии бизнес-нақша ҳам барои ташкили полези хурд, ҳам барои ташкили ширкати калонтарини сӯзишворӣ дар Қирғизистон ягона аст. Ҳар қадаре, ки тиҷорат мураккаб бошад, ҳамон қадар ҳангоми тартибдиҳии бизнес-нақша омилҳои сершуморро ба назар гирифтан зарур меояд.

Агар ту тиҷорати худро аз ташкили полез оғоз намоӣ ва ҳар сол ҳаддалимкон ҳангоми ба даст овардани фоида, онро ба васеъкунии полези худ аз нав маблағгузорӣ намоӣ, дар оянда ба ту зарур меояд, ки барои хоҷагии фермерии бомуваффақияти худ бизнес-нақшаи нисбатан мураккабро тартиб диҳӣ.

### Саволҳои асосие, ки ба онҳо то навиштани бизнес-нақша ҷавоб додан зарур аст:

То ташкили тиҷорати худ ту бояд ба саволҳои зерин ҷавобҳои возеҳро диҳӣ:

1. Ман бо кадом **тиҷорат** машғул шудан мехоҳам?
2. Ман кадом **мақсадҳоро** пайгирӣ мекунам?
3. Оё барои пешбурди муваффақи тиҷорати худ, ман метавонам босубот ва **пурмасъул** кор кунам, яъне оё ман мехоҳам, ки барои беҳтаркунии зиндагии худ **пул кор кунам** ё зиндагии озоду беташвиш барам?
4. Ман дар куҷо ва кай тиҷорати худро **ташкил** карда метавонам?

**ӮҲДАДОРӢ:**

Пас аз қабули қарор оиди ташкили тиҷорати худ талаботи асосии расидан ба муваффақият ӯҳдадорӣ мебошад. Ӯҳдадорӣ нисбат ба пешбурди тиҷорат бояд дар рӯйхати ҷанбаҳои дигари ҳаёти ту ҷойгир шуда бошад. Корро бо сабабҳои шахсӣ ба таъхир гузоштан мумкин нест. Корҳои шахсии худро ба таъхир гузоштан мумкин аст, аммо ӯҳдадориҳои тиҷоратро дар вақти муқарраршуда иҷро кардан зарур аст.




## ВАЗИФА

Дар ҷуфтҳо кор карда, тасаввур намоед, ки шумо хоҳиши ташкил кардани тиҷорати худро доред. Чор саволи дар боло зикршударо муҳокима намоед. Баъдан, ҷавобҳоро дар ҷои махсуси ҷудошуда нависед.

1.......................................................................................................................
.......................................................................................................................
.......................................................................................................................

2.......................................................................................................................
.......................................................................................................................
.......................................................................................................................

3.......................................................................................................................
.......................................................................................................................
.......................................................................................................................

4.......................................................................................................................
.......................................................................................................................
.......................................................................................................................

5.......................................................................................................................
.......................................................................................................................
.......................................................................................................................




## Тасаввурот

Агар ту соҳибкори хуб шудан хоҳӣ, дар шароити иқтисодиёти бозаргонӣ бояд тасаввуроти онро дошта бошӣ, ки ҳангоми амаликунии тиҷорати худ ту ба чӣ ноил шудан мехоҳӣ. Қадами нахустин ҳангоми ба нақша гирифтани тиҷорат - ин ҳал кардани масъалаи он, ки тасаввуроти ту воқеан барои ту чӣ маънӣ дорад. Ҳамин, ки қарорро қабул кардӣ, онро навиштан зарур аст. Ин тарҳрезии мухтасари **тасаввуроти** ту номида мешавад.

**ВАЗИФА**

Дар худи ҳамон ҷуфтҳо тасаввуроти тиҷорати ояндаи худро нависед. Онро ба тамоми синф хонда диҳед.

Агар ту ба ноилшавии комёбии тасаввурот ё мақсади худ муносибати ҷиддӣ дошта бошӣ, ту бояд ба масъалаи ба нақша гирифтани он бо масъулияти ҷиддӣ муносибат дошта бошӣ. Ҳангоми тартибдиҳии мақсад, онро воқеӣ тасаввур карда муҳим аст. Масалан, мақсад он вақт воқеӣ мешавад, агар ту дар аввал истеҳсолкунандаи аз ҳама беҳтарини картошкаи тухмӣ дар деҳаи худ, на дар ноҳия шуданро ба нақша гирӣ. Ҳар қадаре, ки мақсади ту баланд бошад, ҳамон қадар ту бояд бештар дар ин самт меҳнат намоӣ. Ҳатто ҳангоми расидан ба комёбӣ, он ҳамеша устувор нахоҳад монд. Дар хотир дор, ки барои расидан ба мақсад, солҳои меҳнати софдилона зарур аст.

## Омилҳои асосии тиҷорати муваффақ

**Дастури муваффақият –** ин мувофиқати донишҳо, малакаҳо ва кӯшишҳо барои расидан ба тасаввуроти муайянкардаи худ мебошад. Барои ташкили полези масоҳаташ аққалан як садяк, ба ту доштани ҳамаи малакаву муносибатҳои дар зер овардашуда зарурат надорад, аммо ҳангоми инкишофи тиҷорати шахсӣ масъалаҳои мазкур аҳамияти худро пайдо мекунанд:

- **Хоҳиши ба зимма гирифтани ӯҳдадорӣ** ва кори пайдарҳам, босалоҳият ва қатъӣ барои расидан ба тасаввуроти худ.
- **Дастрасӣ ба замин ё биноҳо** ҳангоми ташкили тиҷорати худ. Ин метавонад бинои хусусии худат ё бинои аз аъзоҳои оила, дӯстон ва шахсони дигар ба иҷора гирифташуда бошад. Иҷораи замин ё андози замин хароҷотҳои фаъолияти соҳибкорӣ мебошанд.
- **Дастрасӣ ба техника ва таҷҳизот** барои коркарди замин, кишти тухмӣ, мубориза бо алафҳои бегона, ҷамъоварии ҳосил ва интиқоли маҳсулоти истеҳсолкардашуда ба бозор.
- **Дастрасӣ ба қувваи корӣ,** то ки ту шахсонеро дошта бошӣ, ки ҳангоми нарасидани қувваи кории ҷисмонӣ дар хоҷагӣ ба ту кӯмак мерасонанд.
- **Қобилияти инкишофи малакаҳо** оиди идоракунии захираҳои меҳнатӣ, то ки кормандони худро ба меҳнати босуботу софдилона барои расидан ба комёбии тиҷорат ҳавасманд карда тавонӣ. Дар кишварҳои тараққикарда кормандон дар комёбии тиҷорат ҳавасмандии калон зоҳир мекунанд, зеро ҳиссаи фоидаи корхонаро мегиранд. Агар ту нисбати кормандони худ ростқавл бошӣ, онҳо низ софдилона меҳнат мекунанд. Коргаронеро, ки софдилона меҳнат намекунанд, ту метавонӣ аз кор озод кунӣ. Дар корхона ту бояд шароитҳои бехатар ва хуби кориро таъмин намоӣ, то ки коргарон хоҳиши дар корхонаи ту мондан ва меҳнат карданро дошта бошанд. Дар ҳолати акс, ту шахсони дигарро ба кор қабул карда, маҷбур мешавӣ, ки онҳоро аз нав омӯзонӣ. Кормандони хуб корро танҳо дар ҳолати аз шароитҳои корӣ қаноатманд набудан тарк мекунанд. Кор бояд чун муносибатҳои ҳамкорӣ баррасӣ карда шавад, ки дар он корфармо ва кормандон ҳамдигарро мефаҳманд, ба ӯҳдадориҳои шахсии худ бо ҳисси эҳтиром муносибат кунанд, инчунин эҳсоси ифтихор ва мансубиятро ба корхонаи мазкур зоҳир мекунанд.
- **Малакаҳои муошират** – омили асосии муваффақияти тиҷорат аст. Талаботи асосӣ – ин қобилияти фикр кардан, кушоду равшан бо шахсоне, ки ба муваффақияти тиҷорати ту таъсир расонида метавонанд, муошират кардан мебошад. Ба шахсони мазкур кормандони корхонаи ту, операторони воситаҳои нақлиёт, таъминотгарони маводҳои хоҷагии қишлоқ ва намояндаҳои бонки маҳаллӣ мебошанд. Дар корхонаҳои пешқадам барои дастрасӣ ба маълумот ва беҳтаркунии робитаҳо бо таъминот ва харидорон компутерҳо ва шабакаи интернет истифода карда мешаванд.

- **Дониши техникӣ оиди сектори** иқтисодиёте, ки дар он мехоҳӣ фаъолият намоӣ. Масалан, истеҳсолкунандаи картошкаи тухмӣ бояд оиди навъҳои беҳтарини картошкае, ки дар хоки навъи гуногуни минтақа парвариш кардан мумкин аст, маълумот дошта бошад. Ӯ бояд дар бораи истеҳсоли картошка нисбат ба фермерони дигаре, ки бо парвариши картошка машғуланд, маълумоти бештар доштар бошад.
- **Қобилияти муайянкунии сифати маҳсулот** барои фурӯши он. Ту метавонӣ картошкаи оличанобро парвариш намоӣ, аммо кормандони ту метавонанд онро буранд ё онро ҳангоми ҷамъоварии ҳосил осеб расонанд ва ту маҷбур мешавӣ, ки картошкаи сифаташ бадро ба фурӯш барорӣ ва барои он нархи баландро гирифта наметавонӣ. Агар картошкаро то аввали зимистон нигоҳдорӣ намоӣ, метавонӣ онро бо нархи баланд фурӯшӣ. Ту метавонӣ нархи картошкаро пас аз нигоҳдории картошка ҳисоб намоӣ ва дар ҳақиқат фоида мегирӣ.
- **Омодагӣ ба ҷустуҷӯи маслиҳат.** Ту бояд хоҳиши гирифтани маслиҳати одамони муваффақ ва мушовирони деҳотро дошта бошӣ. Аммо ба ин нигоҳ накарда, ту бояд ба худ савол гузорӣ, ки оё маслиҳатҳои гирифтаат дурустанд ва барои тиҷорати ту онҳо то кадом андоза муҳиманд.
- **Дониш оиди фаъолияти бозор** ва оиди он, ки одамон дар доираи низоми бозаргонӣ ба манфиати ту неву, ба манфиати худ кор мекунанд. Бинобар ин, ту бояд маълумот дошта бошӣ, ки одамонро чӣ ҳавасманд мекунад ва талаботҳои онҳоро эҳсос намоӣ. Инро ту аз муошират бо иштирокчиёни дигари бозор фаҳмида метавонӣ.
- **Дастрасӣ ба молия ва дониш, истифодаи самараноки онҳо.** Агар ту ташкили тиҷорати худро ба нақша гирифта бошӣ ва он аз имкониятҳои пасандозҳои шахсии ту зиёдтар аст, он гоҳ ту бояд аз қарздеҳи маҳаллӣ, кооператив ё бонк қарз гирӣ. Карздеҳон хавфу хароҷот мебаранд, бинобар ин онҳо барои қарзи пешниҳодкардаашон фоиз мегиранд.
- **Хоҳиши гузоштани маблағи фоида ба тиҷорати худ.** Ҳамаи соҳибкорони муваффақ ё тоҷирон тайёранд қисме аз фоидаи гирифтаро ба тиҷорати худ барои пешбруди марҳилаи ояндаи он аз нав маблағгузорӣ кунанд. Агар истеҳсолкунандаи картошка масоҳати парвариши картошкаро зиёд кардан ё парвариши навъҳои нисбатан беҳтари картошкаро дар соли оянда хоҳиш надошта бошад, тиҷорати ӯ инкишоф ва афзоиш намекунад.
- **Доштани маълумот оиди омилҳои хафве,** ки метавонанд тахмину пешгӯиҳои дар бизнес-нақша навишташударо вайрон кунанд. Чун роҳбари корхона ту бояд омилҳои хавф, инчунин таъсири манфии онҳоро ба фаъолияти тиҷоратии шахсиат ба назар гирӣ. Омилҳои зиёди хавф мавҷуданд. Агар коргарон бо сабаби он, ки бегоҳи гузашта дар меҳмонӣ буданд, ба кор баромада натавонанд, ту ҳосилро то аввали мавсими боронгарӣ ҷамъоварӣ карда наметавонӣ ва ин дар навбати худ ба талафоти пулӣ мерасонад.

### Дастури муваффақияти тиҷорат

- ► Ӯҳдадорӣ
- ► Замин
- ► Техника
- ► Қувваи корӣ
- ► Идоракунии кадрҳо
- ► Малакаҳои муошират
- ► Донишҳои техникӣ
- ► Идоракунии сифати маҳсулот
- ► Маслиҳатҳо
- ► Донишҳо оиди маркетинг
- ► Молия
- ► Азнавмаблағгузории фоида
- ► Идоракунии хавфҳо

# Ба нақша гирифтани тиҷорат



Пас аз муайянкунии тасаввурот ва тартибдиҳии рӯйхати омилҳои хавфи тиҷорат, ту барои тартиб додани бизнес-нақшаи расмии худ тайёр мешавӣ. Дар ҷадвали дар зер овардашуда саволҳои зиёде дода шудаанд, ки ба тиҷорат оиди ташкили полез тааллуқ доранд. Он ҷо саволҳое нишон дода шудаанд, ки ту бояд ҳангоми тартибдиҳии бизнес-нақша ба худ савол диҳӣ.

Худи ҷадвал бизнес-нақша намебошад, зеро барои бизнес-нақшаи пурра бюджет зарур аст. Дар бизнес-нақша мӯҳлат, пайдарҳамии гузаронидани чорабиниҳо ва арзиши захираҳои табиӣ нишон додан зарур аст. Ту бояд доимо барои маблағгузории хароҷотҳои зарурӣ маблағи кофӣ дошта бошӣ. Ин ҷараёни мусбии воситаҳои пулӣ ё зиёдшавии воридоти нақдии корхона аз пардохтҳо номида мешавад. Саволҳо дар ҷадвали дар зер овардашуда ба мисоли мо оиди парвариши картошка дар як садяк замини назди хонаатон тааллуқ дорад.

Ту бояд дар бораи он, ки барои пардохти хароҷоти барои ташкили полези шахсии ту зарурбуда чӣ қадар маблағ зарур аст, тасаввуроти аниқ дошта бошӣ. Агар барои ташкили тиҷорати ту дар моҳи марти соли оянда зарурати гирифтани қарз ба миён ояд, пас аз гирифтани фоидаи дар мавсими якуми кор ту бояд ҳамаи қарзҳоро пардохт намоӣ. **Фоида** – ин маблағе, ки аз **даромади умумӣ** пас аз пардохти ҳамаи хароҷотҳо, азҷумла пардохти фоизҳо ва пӯшонидани маблағи қарзи эҳтимолӣ мебошад. Фоида ё аққалан қисме аз фоидаро барои дар соли оянда кишт кардани масоҳати калонтари замин истифода намо. Баъдан, вақте ки ин корро моҳирона иҷро мекунӣ, метавонӣ зиёдкунии масоҳати қитъаи замини худро идома диҳӣ ва фоидаеро мегирӣ, ки дар оянда маблағгузории хоҷагии нисбатан калонро имкон медиҳад.




## ВАЗИФА ОИДИ НАВИШТАНИ БИЗНЕС-НАҚША



Ҳангоми гузаштани модули мазкур ва гӯш кардани меҳмони даъватшуда, ту акнун ба навиштани бизнес-нақшаи худ тайёр ҳастӣ. Дар зер саволҳое дода шудаанд, ки ба ту лаҳзаҳои муҳимтаринро дар навиштани бизнес-нақша нишон медиҳанд. Ҷавобҳоро дар ҷои махсус ҷудокардашуда навис. Эҳтимол, ту ба ҳамаи саволҳо **оиди молия**ҷавоб дода наметавонӣ, аммо ба ҳар ҳол барои тартиб додани бюджет кӯшиш намо. Пас аз ба охир расонидани кор оиди тартибдиҳии **бюджет**каме дертар дар курси мазкур ба саволҳои дар ин модул додашуда баргард ва ҷавобҳои худро аз назар гузарон. Ҳангоми зарурат, ту метавонӣ ҷавобҳои мазкурро дуруст ва таҳрир намоӣ.

| Нақшаи тиҷорат | Саволҳо | Шароити ноҳияи ман |
|---|---|---|
| **Ҷойгиршавии тиҷорат** | Ман полези худро дар куҷо ташкил карда метавонам? | |
| | Полези оилавии ман кадом масоҳатро ташкил мекунад? | |
| | Дар як садяк 100 м.кв. мавҷуд аст. Ин андоза 10 м ба 10 м ё<br>• 10 қадами калон X 10 қадами калон ё<br>• 25 қадами калон X 4 қадами калон | |
| | Оё оилаи ман ба ман иҷозати истифодаи як садяк замини полези моро медиҳад? | |
| | Ман кадом нишондиҳандаҳои истеҳсолиро пеши худ мегузорам?<br>Аз як садяк замин ман чанд кг картошка ҳосил мегирам? | |
| | Оё оилаи ман ё шахсони дигар ба ман 1000 сом қарз дода метавонанд, ки ман дертар пас аз ташкили полез ва оғози кордар он маблағро бармегардонам? | |
| | Кӣ ба ман дар побел кардани замин кӯмак мекунад? | |
| | Оё қитъаи замини ман дар наздики бозор, роҳ ё об ҷойгир шудааст? | |
| Маркетинг | Ман кадом маҳсулотро истеҳсол мекунам? Дар мисоли мо, картошка. | |
| | Талаботи бозор: Оё ба маҳсулоте, ки ман онро парвариш мекунам, дар бозор талабот ҳаст, агар ҳа, чӣ гуна талабот? | |
| | Чанд нафар фермер дар атрофи бозори мо маҳсулоти монандро парвариш мекунанд? | |
| | Оё маҳсулоти манба маҳсулоти дигарон монанд аст ё ман метавонам онро ба таври дигар ба фурӯш монам, то ки фоидаи калонро ба даст орам? | |
| | Фарқияти арзиши картошкаи навъҳо ё намудҳои гуногун дар бозор чӣ гуна аст? | |
| | Дар ноҳияи ман ҳамин гуна маҳсулот чӣ қадар истеҳсол мешавад? | |
| | Маҳсулоти истеҳсолкардаи ман дар бозори маҳаллӣ дар шумораи умумии маҳсулот чӣ қадар фоизро ташкил медиҳад? | |
| | Маҳсулоти худро ман дар куҷо беҳтар ба фурӯш монда метавонам? | |
| | Маҳсулоти худро берун аз ҳудуди деҳа фурӯхтан мувофиқи мақсад аст? | |
| | Рақибони ман дар бозор киҳоянд? | |
| | Оё метавонад маҳсулоти дигар маҳсулоти маро иваз намояд? | |

| Нақшаи тиҷорат | Саволҳо | Шароити ноҳияи ман |
|---|---|---|
| | Оё ман метавонам ҳамроҳи рафиқони мактабиам меҳнати худ ва истеҳсолотро муттаҳид намоем ва ба бозор ҳаҷми калони маҳсулотро пешниҳод намоем? | |
| | Чӣ тавр ман метавонам маҳсулоти худро нисбат ба рақибони ман дар шакли нисбатан хубтар пешниҳод намоям? | |
| | Барои зиёдкунии ҳиссаи маҳсулоти худ дар бозор ман кадом корро анҷом диҳам? | |
| | Барои боз ҳам диққатҷалбкунанда намудани маҳсулоти худ ман бояд кадом корҳоро анҷом диҳам? | |
| Истеҳсолот | Ман бояд кадом навъи маҳсулотро парвариш намояд ва бо кадом сабаб? | |
| | Аз кӣ ман тухмиро харида метавонам? | |
| | Дар бораи парвариши маҳсулоти худ ман аз куҷо маълумот гирифта метавонам? | |
| | Дар як садяк замин ман бояд чӣ қадар тухмиро кишт намоям? | |
| | Ба ман чӣ қадар тухмӣ ва поруҳо зарур аст? | |
| Идоракунӣ | Оё барои иҷрои ҳамаи вазифаҳо қувваи кории ман кифоя мекунад? | |
| | Оё ман заминро барои кишти саривақтии тухмӣ тайёр кардам? | |
| | Оё ман ҳамаи таҷҳизоти заруриро барои иҷрои саривақтии корҳои зарурӣ ташкил кардам? | |
| | Низоми ташкилӣ ва истеҳсолиро ман дар соли оянда чӣ тавр беҳтар карда метавонам? | |
| Нақшаи молиявӣ - бюджет | Оё бюджети ман ҳамаи хароҷотҳои заруриро дар бар мегирад? | |
| | Оё ҳамаи рақамҳои бюджети ман воқеӣ ҳастанд ё ман кӯшиш мекунам, ки натиҷаҳои аз натиҷаҳои воқеӣ беҳтарро нишон диҳам? | |
| | Оё ман хавфҳои эҳтимолиро дар бюджети худ барои тамоми марҳилаи истеҳсолоти маҳсулотро ба назар гирифтам? | |
| | Оё бюджет ҳамин тавр тартиб дода шудааст, ки ман ҳисоби воқеии хароҷот ва фоидаи корхонаро бурда тавонам? | |

**Машқи хаттӣ:** Ҳисоботро бо истифодаи сарлавҳаҳои дар ҷадвали боло зикршуда ва маълумот аз ҷавобҳоят ба саволҳои мазкур навис. Ҳисоботи мазкур қисми бизнес-нақшаи ту хоҳад буд.

Дар ду дарси оянда шумо машқҳоро оиди тартибдиҳии бюджет иҷро мекунед, ки барои пешбурди бомуваффақияти фаъолияти соҳибкорӣ заруранд.

ДАРСИ 5

# Асосҳои БАҲИСОБГИРИИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ

## Калимаҳои нав

| | |
|---|---|
| **Сармояи асосӣ** | Захираҳои табиӣ, чун замин, биноҳо, техника, таҷҳизот, инчунин воситаҳои молиявӣ, ки дар соҳибмулкии соҳибкор қарор доранд ва барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби ӯ истифода мешаванд. |
| **Воситаҳои қарзӣ** | Маблағе, ки аз манбаъҳои дигари маблағгузорӣ барои пешбурди тиҷорат гирифта шудаанд |
| **Сармояи худӣ** | **Сармояи асосӣ – Воситаҳои қарзӣ,** ки арзиши пурраи тиҷоратро ташкил медиҳад. |
| **Хароҷотҳои доимӣ** | Хароҷотҳое, ки новобаста ба зиёдшавӣ ва камшавии андозаи корхона тағйир намеёбанд. Фарсудашавии сармояи асосӣ инчунин ба хароҷотҳои доимӣ дохил мешавад. Масалан, нигоҳдории роҳҳое, ки ба хоҷагии фермерӣ мебаранд, дар ҳолати коршоям, азҷумлаи хароҷоти доимӣ мебошанд. |
| **Фарсу-дашавӣ** | Пастшавии тадриҷии арзиши ибтидоии воситаҳои асосӣ, яъне фарсудашавии он. Масалан, трактор дар давоми якчанд сол то даме, ки вайрон нашавад, истифода мешавад ва ин боиси таъмири арзишаш гарон мегардад. Бинобар ин, фоизи муайяни арзиши трактор ба хароҷотҳои амалиётӣ ворид карда мешавад ва бо ин, маблағи даромади андозбандишаванда кам мешавад. Ҳамин тариқ, воситаҳои сарфашуда ҷамъоварӣ мешаванд ва ҳангоми ба охир расидани давраи муайян ва дар ҳолати нигоҳдории босарфаи маблағи мазкур ба онҳо трактори нав харидорӣ кардан мумкин аст. |

## Баҳисобгирии фаъолияти соҳибкорӣ чӣ маъно дорад?

Баҳисобгирии фаъолияти соҳибкорӣ – раванди бурдани сабти маълумот дар китоби махсуси баҳисобгирӣ ё дар компутер бо мақсади мушоҳида ва назорати истифодаи захираҳои табиӣ ва молиявӣ ва инкишофи тиҷорат мебошад.

Баҳисобгирии фаъолияти соҳибкорӣ ба соҳибкор имкониятҳои зеринро медиҳад:

- Тамоми раванди фаъолияти дар айни замон амалишаванда, инчунин пешгӯии он, ки дар оянда чӣ рӯй дода метавонад;
- Ҳисобкунии тахминии ҳаҷми фоидаи интизоршаванда пас аз фурӯши маҳсулот;
- Ҳисоб кардани он, ки кадом қисми фоидаи солонаро ба инкишофи тиҷорат барои таъмини афзоиши минбаъдаи бефосилаи фоида маблағгузорӣ кардан зарур аст.

Сабтҳои мазкурро дар ҷои боэътимод нигоҳ доштан зарур аст, ки ҳангоми зарурат баҳисобгирӣ ё воридкунии тағйиротҳои мутобиқ имконпазир бошад. Маълумот дар бораи ҳар як амали нав, харидҳо ё пардохтҳо бояд саривақт ба китоби бахисобгирӣ ворид карда шавад.

Дар модули мазкур ту бурдани сабтҳое, ки ҳангоми амаликунии тиҷорати худ оиди ташкили полез гузаронидан зарур аст, меомӯзӣ. Намудҳои гуногуни баҳисобгирӣ мавҷуд аст, аммо баҳисобгирии дар модули мазкур таҳлилшаванда барои онҳое, ки бо тиҷорати начандон калон машғуланд, кифоя мекунад.



*Тафтиши баҳисобгирии фаъолияти соҳибкории худ*

## Маълумот дар китоби баҳисобгирӣ:

Дар кори хоҷагии фермерӣ ё корхона намудҳои гуногуни баҳисобгирӣ истифода мешавад, аммо роҳбари боақл вақти худро барои танҳо чунон баҳисобгирӣ сарф менамояд, ки ба ӯ самаранок бурдани мониторинг ва назорат, инчунин беҳтаркунии тиҷорати худро имконият медиҳад.

## Баҳисобгирии сармояи асосӣ

- Сармояи асосии корхона.
- Ӯҳдадориҳои пулии корхона (воситаҳои қарзӣ).
- Сармояи худии соҳибмулкони корхона.

## Баҳисобгирии амалиётҳои асосӣ дар полези ту

Дар зер рӯйхати саволҳое, ки ба ту дар бурдани ҳисоби хароҷотҳо дар полези ту кӯмак мекунад, пешниҳод мешавад:

- Ту барои истифодаи қитъаи замини худ кай иҷозатнома гирифтӣ?
- Ту қитъаи замини худро кай побел кардӣ ва онро ба кишт тайёр кардӣ?
- Ту барои коркарди замин кай таҷҳизот харидорӣ кардӣ?
- Ту барои беҳтаркунии қитъаи замин поруро истифода кардӣ?
- Ту полезро аз алафҳои бегона, ки барои омодакунии компост истифода мешаванд, тоза кардӣ?
- Ту тухмиро барои кишт кай фармоиш додӣ ва кай гирифтӣ?
- Ту барои мубориза бо зараррасонҳо захрдоруҳоро кай фармоиш додӣ ва гирифтӣ?
- Оё ту барои коркарди қитъаи замин техникаи хоҷагии қишлоқро ташкил кардӣ, агар ҳа, кай? (дар ҳолати масоҳати калони қитъаи замин ва талаботи истифодаи техника).
- Ту растаниҳоро кай об додӣ?

## Баҳисобгирии молиявии фаъолияти амалиётӣ

- Хароҷотҳое, ки барои хариди маводҳои хоҷагии қишлоқ (тухмӣ, таҷҳизот ва ғ.), ки барои парвариши растаниҳо заруранд;
- Даромади умумӣ аз фурӯш, азҷумла арзиши маҳсулоти парваришшуда барои истеъмоли шахсӣ истифодашуда;
- Фоидаи софе, ки дар натиҷаи фарқияти байни даромади умумӣ ва тамоми хароҷотҳои барои истеҳсол ва фурӯши маҳсулот ба даст омадааст;
- Хароҷотҳое, ки барои қувваи корӣ ҳангоми парвариши растаниҳо харҷ шудааст;
- Истифодаи воситаҳои қарзии пулӣ барои амалӣ кардани тиҷорат.

Ҳангоми оғоз кардани тиҷорати парвариши сабзавот ту бояд баҳисобгирии ҳамаи бандҳои дар боло зикршударо амалӣ намоӣ.




## Бо кадом сабаб бурдани баҳисобгирӣ аҳамияти ҷиддӣ дорад?

**1. Дар китоби баҳисобгирӣ маълумотро дар бораи коре, ки дар фосилаи муайяни вақт иҷро шудааст, дарёфт кардан мумкин аст. Масалан:**

- Ту барои парвариши зироати хоҷагии қишлоқ то айни замон чӣ қадар маблағро сарф кардӣ?
- Ту барои парвариши зироати хоҷагии қишлоқ дар соли гузашта чӣ қадар маблағро сарф кардӣ?
- Ту имсол нисбат ба соли гузашта ҳосили зиёдтарро гирифтӣ?

**2. Ҳангоми баҳисобгирӣ маълумот дар бораи сармояи ба тиҷорат маблағгузоришуда низ ба назар гирифта мешавад.**

Ба соҳибкор ё шахси идоракунандаи тиҷорат бояд баҳисобгирии алоҳидаи даромад ва хароҷотҳои вобаста ба ҳамин тиҷоратро барад ва онро бо хароҷоту даромади дигар омехта нанамояд. Барои ибтидои тиҷорат ва харидории таҷҳизоти зарурӣ ба **соҳибкор**, дар навбати аввал **маблағгузорӣ зарур** аст.

Хароҷотҳои мазкур сармоя номида мешаванд, азбаски онҳо ба манфиати тиҷорат ё корхонаи муайян истифода мешаванд, онҳо сармояи асосӣ (дороӣ)-и тиҷорат ё корхона номида мешаванд. Воситаҳо, таҷҳизот ва техникаи хоҷагии қишлоқ, ки барои корхонаи мазкур истифода мешаванд, воситаҳои истеҳсолот номида мешаванд.

**3. Дар китоби баҳисобгирӣ инчунин маълумоти муҳиме пешниҳод мешавад, ки барои гирифтани қарз аз бонк (бонки фаъолияташ қонунӣ) зарур аст.**




**Мисол:** Тасаввур намо, ки ту барои харидани асп, аробача ва олотҳои меҳнат маблағгузорӣ кардӣ. Акнун, биё арзиши сармояи асосии тиҷорати туро муайян менамоем:

| Моддаи сармоя | Нарх (дар сом) |
|---|---|
| Як сар асп | 40 000 |
| Якто аробача ва олоти меҳнат | 10 000 |
| **Арзиши сармояи асосӣ** | **50 000** |

Агар бо мақсади харидории захираҳои дар моддаи сармоя зикршуда ту 20 000 сом қарз гирифта бошӣ, сармояи асосӣ ё сармояи ширкат фарқияти байни арзиши сармояи асосӣ тарҳи воситаҳои қарзӣ, яъне 50 000 сом – 20 000 сом =**30 000** сомро ташкил медиҳад.

| Моддаи сармоя | Нарх (дар сом) |
|---|---|
| Як сар асп | 40 000 |
| Якто аробача ва олоти меҳнат | 10 000 |
| **Арзиши сармояи асосӣ** | **50 000** |
| Қарз (кредит) | 20 000 |
| Арзиши соф/сармояи худӣ | 30 000 |
| Ҳиссаи фоизи сармояи худӣ ё амвол | 60% |

**Сармояи худӣ –** воситаҳои шахсии молиявии соҳиби тиҷорат мебошанд. Мавҷудияти сармояи худии соҳиби тиҷорат барои ташкилоти қарзӣ ё шахси инфиродие, ки ба шахси мазкур қарз медиҳад хеле муҳим аст, зеро дар ҳолати нокомии тиҷорати ӯ қарзгир метавонад қарзи худро баргардонад ва боварӣ дорад, ки пас аз пардохти қарзҳо каме бошад ҳам сармояи муайян боқӣ мемонад.

## ВАЗИФА



**Таносуби фоизӣ** воситаи муҳими баҳисобгирӣ маҳсуб мешавад, ки барои ҳисобкунии як қатор амалиётҳои тиҷоратӣ кӯмак мекунад. Барои фаҳмиши дурусти раванди мазкур **вазифаҳои зеринро иҷро намо:**

1. Чорводор 100 гӯсфанди мода дошт, агар таносуби фоизии баррагирӣ 60% бошад ва ҳар як гӯсфанди мода як барра дода бошад, ҳамагӣ чанд барра таваллуд шуд?

2. Агар фермер 6000 кг ҳосили сабзӣ гирифта бошад ва 85% онро фурӯхта бошад, ӯ чанд кг сабзиро фурӯхтааст?

3. Агар соҳиби истгоҳи сӯзишворипуркунӣ 900 литр сӯзишворӣ гирифта, 75% онро фурӯхта бошад, ӯ чанд литр сӯзишвориро фурӯхтааст?

4. Фурӯшанда ҳар рӯз 40 кг панир мегирад ва 90% онро мефурӯшад ва 10% барои истеъмоли шахсиаш гирифта мемонад. Чанд кг панир фурӯхта мешавад ва чанд кг панирро оилаи фурӯшанда истеъмол мекунад?

5. Исфана аз шаҳри Ош дар масофаи 380 км, Баткен дар масофаи 140 аз Исфана ҷойгир шудааст. Таносуби фоизии масофаи роҳи байни шаҳри Ош ва Исфана аз масофаи умумии роҳи Ош-Баткен чӣ гуна аст?

6. Агар аз бозор 800 кг картошка ҳосил гирифта бошанд ва 70% онро ба бозори маҳаллӣ барои фурӯш бурда бошанд, чанд кг картошка ба бозор бурда мешавад?

**Баҳисобгирии табиӣ**барои идоракунии ҳама гуна намуди тиҷорат муҳим аст. Азбаски хоҷагии фермерӣ тиҷорати дарозмуддат аст, ту бояд баҳисобгирии ҷузъии тамоми омилҳои полези худро амалӣ намоӣ. Агар тасаввур намоем, ки ту бо парвариши картошка машғул мебошӣ, он гоҳ:

- Ту кадом навъи картошкаро кишт кардӣ?
- Дар давраи инкишофи растаниҳо дар як моҳ чанд маротиба рӯзҳои боронгарӣ буданд?
- Кай ва то кадом андоза рӯзҳо гарм ё хунук буданд?
- Ту кай ба картошка об мондӣ?
- Ту кадом ҳаҷми поруро истифода кардӣ?
- Аз аввали парвариши картошка то ба охир расидани ҷамъоварии картошка чанд рӯзи меҳнатӣ зарур шуд?
- Чанд килограмм картошка ҷамъоварӣ шуд?
- Чанд килограмм картошка барои истеъмоли оила боқӣ монда шуда ва кадом ҳиссаи картошка дар бозори маҳаллӣ фурӯхта шуд?

Ту, албатта метавонӣ гуфта бошӣ, ки “Ман картошка шинонидам, об додам, ҳосилашро ҷамъоварӣ кардам ва хушбахтам” ва ҳеҷ гуна баҳисобгириро набарӣ. Аммо ҳангоми баҳисобгирии мутобиқ ту метавонӣ ҳосили худро бо ҳосили гирифтаи картошкапарвари дигар муқоиса намоӣ ва савол диҳӣ: “Чаро ман аз рафиқам дида, ду маротиба камтар картошка ҷамъоварӣ кардам?”

Ҳамин тариқ, баҳисобгирӣ фаҳмидани мушкилоти мавҷудбуда, гузаронидани таҳлили он ва пайдо намудани ҷавоб дар бораи сабаби комёбӣ ё нокомии корхонаи худро имконият медиҳад.

**Рӯзнома –** баҳисобгирии табиӣ мебошад. Дар зер намунаи рӯзномаи корхона оиди парвариши картошка дар қитъаи масоҳаташ як садяк пешниҳод мешавад:

| Моҳ | Намуди кор | Эзоҳ |
|---|---|---|
| Апрел | • Кирои коргарон барои тайёркунии майдон барои кишт<br>• Истифодаи пору ва рӯпӯшкунии замин дар полез<br>• Харидории картошкаи тухмӣ<br>• Харидории поруҳои азотӣ<br>• Харидории картошкаи тухмӣ | Ду рӯз<br>36 кг<br>2 борпеч |
| Май | • Обёрӣ<br>• Побели майдон | |
| Июн | • Обёрӣ<br>• Истифодаи пестисидҳо | Заҳрдоруҳо |
| Июл | • Обёрӣ<br>• Хоккашкунӣ | |
| Август | • Истифодаи пестисидҳо | Заҳрдоруҳо |
| Сентябр | • Тайёрӣ ба ҷамъоварии ҳосил<br>• Тайёр кардани ҷои салқин (таҳхона) барои нигоҳдории нисфи ҳосил<br>• Ташкили коргарон барои ҷамъоварии ҳосил | 2 нафар |
| Октябр | • Ҷамъоварии ҳосил<br>• Саракунии картошка тибқи андоза<br>• Ҷойгиркунии нисфи ҳосили картошка дар ҷои салқин барои фурӯши он дар моҳи ноябр бо нархи баланд<br>• Ҷудокунии як чоряки ҳосил барои истеъмоли оила<br>• Интиқоли як чоряки ҳосил барои фурӯш дар бозор дар октябр | Як мошини боркаш<br>Бо қувваи худ |
| Ноябр | • Ташкили коргарон барои баровардани картошка аз таҳхона<br>• Ташкили нақлиёт<br>• Фурӯши картошка бо нархи баланд | 1 нафар<br>1 мошини боркаш<br>Бо қувваи худ |

Дар ин намуди баҳисобгирӣ ҳамаи намудҳои корҳои зарурии ба рафти парвариш дар давраи инкишоф вобастабуда фаро гирифта мешаванд. Ғайр аз ин, ба он боз корҳои сершумори дигарро ворид кардан мумкин буд. Ҳар қадаре, ки баҳисобгирӣ мураккаб бошад, ҳамон қадар барои пуркунии он вақти зиёд сарф мешавад, аммо тасдиқи он, ки картошкаи парваришкардаат дар ноҳиятон аз ҳама беҳтарин аст, барои иҷро кардани сабтҳои мазкур метавонад туро ҳавасманд созад.



Рӯзномаи мазкур – ин рӯзномаест, ки ҳар моҳ пур карда мешавад. Ҳангоми оғоз кардани тиҷорати худ рӯзномаро ҳар рӯз пур кардан беҳтар аст ва ҳамаи рӯйдодҳоро дар тиҷорат сабт кардан зарур аст. Дар асл он ба рӯзномаи шахсӣ монандӣ дорад, аммо ин ҷо намудҳои корҳое, ки ба тиҷорат вобастаанд, навишта мешаванд.

Рӯзномаи дар зер овардашудаи ҳармоҳаро бо сабткунии ҳамаи ҳодисаҳои дар ҳаёти мактабии ту рӯйдода пур намо: масалан, дар майдончаи варзишӣ занозанӣ кардем, ё ба тирезаи кушодаи синф парранда парида омад ва ғ. Дар кунҷи чапи чоркунҷаи мутобиқ санаро сабт намо.

**Моҳҳо:**

| Рӯзҳо | Душанбе | Сешанбе | Чоршанбе | Панҷшанбе | Ҷумъа | Шанбе | Якшанбе |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳафтаи 1 | | | | | | | |
| Ҳафтаи 2 | | | | | | | |
| Ҳафтаи 3 | | | | | | | |
| Ҳафтаи 4 | | | | | | | |
| Ҳафтаи 5 | | | | | | | |

**Буҷети молиявӣ**инчунин як намуди рӯзнома мебошад, зеро пайдарҳамии хароҷотҳои амалиётии дар рафти парвариши зироати хоҷагии қишлоқ кашидашударо нишон медиҳад. Буҷети молиявӣ бо буҷети табиӣ вобаста аст. Дар мисоли дар зеровардашуда нишон дода шудааст, ки кай ин ё он хароҷотҳо кашида шуданд, инчунин маблағи хароҷотҳои кашидашуда ва асоснокунии он оварда шудаанд.

Буҷети мазкур танҳо хароҷотҳои бо парвариши картошка вобастабударо нишон медиҳад. Онҳо **хароҷотҳои тағйирёбанда** ё хароҷотҳои ҷорӣ номида мешаванд, зеро вобаста ба масоҳати кишт тағйир меёбанд. Агар картошка дар қитъаи замини масоҳаташ ба ҷои 1 садяк 10 садяк кишт карда шавад, хароҷотҳо ба 10 маротиба зиёд мешаванд.

Гурӯҳи дигари хароҷотҳо дар буҷети мазкур **хароҷотҳои доимӣ** номида мешавад. Хароҷотҳои мазкур аз ҳаҷми истеҳсолот вобаста набуда, барои мавҷуд будани тиҷорат пардохт карда мешаванд. Масалан, андози замин, ки новобаста аз он, ки дар он зироатҳои хоҷагии қишлоқ кишт карда мешаванд ё намешаванд, ситонида мешавад. Маблағи андоз танҳо дар сурати васеъшавии масоҳати замини иҷора зиёд мешавад.

# Бюджети хароҷотҳои молиявӣ барои парвариши картошка

| Моҳ | Намуди кор | Маблағ | Нарх барои як воҳид (сом) | Маблағи умумӣ (сом) (барои 1 садяк) |
|---|---|---|---|---|
| Апрель | • Кирои коргарон барои тайёркунии майдон барои кишт<br>• Харидории картошкаи тухмӣ<br>• Харидории поруҳои азотӣ<br>• Коргарон барои кишти картошка | Бо қувваи худ<br><br>36 кг<br><br>2 борпеч<br>Бо қувваи худ 1 рӯз | 100<br><br>17<br>15.0<br>100 | (100)<br><br>612<br>30<br>(100) |
| Май | • Обёрӣ | | 20 | 20 |
| Июн | • Обёрӣ<br>• Истифодаи пестисидҳо | Заҳрдоруҳо | 20 пардохт шудааст 2000/100 садяк | 20 |
| Июл | • Обёрӣ | | 20 пардохт шудааст | |
| Август | • Истифодаи пестисидҳо | Заҳрдоруҳо | 2000/100 садяк | 20 |
| Сентябр | • Тайёрӣ ба ҷамъоварии ҳосил<br>• Тайёр кардани ҷои салқин (таҳхона) барои нигоҳдории нисфи ҳосил<br>• Ташкили коргарон барои ҷамъоварии ҳосил | Бо қувваи худ 1 рӯз | 100 | (100) |
| Октябр | • Ҷамъоварии ҳосил<br>• Ҷойгиркунии нисфи ҳосили картошка дар ҷои салқин барои фурӯши он дар моҳи ноябр бо нархи баланд<br>• Интиқоли як чоряки ҳосил барои фурӯш дар бозор дар октябр | Бо қувваи худ 2 рӯз<br><br>Бо қувваи худ 2 руз | 100<br><br>100 | (200)<br><br>(200) |
| Декабр | • Фурӯши нисфи ҳосили картошка бо нархи баланд (тақрибан 137 кг) дар бозор | Бо қувваи худ 2 руз | 100 | (200) |
| **Ҳамагӣ:**<br><br>**Маблағи умумии хароҷот:** | | | | **(900) 702**<br><br>**1 602** |

Дар бюджет инчунин фоидаи ба нақшагирифташудаи корхонаро баррасӣ кардан зарур аст. Дар ҳолати мазкур ҳосили картошка 275 кг аз як садяк ташкил медиҳад. Агар тамоми ҳосили ҷамъоваришуда фурӯхта шавад, **даромади умумӣ** намуди зеринро дорад:

Аз фурӯш дар моҳи октябр 138 кг бо нархи (тахминан) 10 сом/кг = 1380 сом

Аз фурӯш дар моҳи декабр 137 кг бо нархи (тахминан) 12 сом/кг = 1644 сом

Аз ин бармеояд, ки даромади умумӣ аз фурӯш аз 1 садяк = 3024 сом

Маълум аст, ки то муайянкунии маблағи фоидаи соф хароҷотҳои умумии истеҳсолиро таҳлил кардан зарур аст.

Дар ҷадвали дар боло овардашуда ҳамаи хароҷотҳои интизоршаванда нишон дода шудаанд, ки инчунин арзиши меҳнати шахсиро  дар бар мегиранд. Дар корхонаи расман бақайдгирифташуда, хароҷотҳои меҳнатии мазкур бояд аз ҳисоби  даромади фаъолияти соҳибкорӣ пардохт карда шаванд. Аммо дар ҳолати полез, хароҷотҳои мазкур дар тиҷорат беҳтар аст, ки ба назар гирифта нашаванд ва меҳнати шахсӣ пардохт нашавад ва қисми зиёди фоида ба тиҷорати соли оянда равона карда шавад.

Ҳамин тариқ, **фоидаи воқеӣ** 3024 сом – 1602 = 1422 сомро ташкил дод.

Аммо агар ту барои меҳнати худ маблағ пардохт нанамоӣ, фоида пас аз фурӯши пурраи ҳосил 1602+900 сом барои меҳнат      = 2322 сомро ташкил медиҳад.

## Хароҷотҳои корхона

Ҳангоми натиҷагирӣ гуфтан мумкин аст, ки хароҷоти корхона ё тиҷорат **хароҷотҳои асосӣ** (капиталӣ), **хароҷотҳои тағйирёбанда** ва **хароҷотҳои доимиро** дар бар мегирад. Аз ин бармеояд, ки буҷети хароҷотҳо аз ду қисмати асосӣ: хароҷотҳои асосӣ (капиталӣ) ва тағйирёбанда иборатанд.

Чун дар ҳамаи буҷетҳо буҷети хароҷот метавонад нисбатан содда ва мураккаб бошад, ки барои тиҷорати калон зарур аст ва имкон медиҳад, ки тафтиши ҷузъии ҳолати фаъолияти тиҷоратӣ  гузаронида шавад.



ДАРСИ 6

# Асосҳои ТАРТИБДИҲИИ БЮДЖЕТ

## Калимаҳои нав

**Захираҳои табиӣ** Захираҳое, ки барои пешбурди фаъолияти корхона заруранд, ба монанди замин, тухмӣ, инчунин хароҷотҳое, ки бо маркетинг вобастаанд.

**Захираҳои молиявӣ** Пасандозҳо ва қарзҳое, ки ба тиҷорат маблағгузорӣ шудаанд.

**Хароҷотҳо** Пули ба тиҷорат барои фаъолият, истеҳсол ва фурӯш харҷшаванда ва маблағгузоришаванда.

**Ҳаракати воситаҳои пулӣ** Фарқияти софи байни даромад ва хароҷотҳои корхона дар фосилаи муайяни вақт

**Эзоҳи муҳим:**

Барои пӯшонидани хароҷотҳои корхонаи худ дар ту бояд ҳамеша ҳаракати мусбии воситаҳои пулӣ мавҷуд бошад. Аз ин бармеояд, ки ҳаҷми фурӯш дар моҳи таҳлилшаванда бояд ҳаҷми хароҷотҳо ё ҳама гуна норасоии пул аз ҳисоби пасандозҳои ту ё воситаҳои қарзӣ ҷуброн карда шавад. Агар ту тибқи талаботи бизнес-нақша ё дар даврае, ки ба тиҷорат пули нақд зарур аст, воситаҳои пулии нақд надошта бошӣ, тиҷорати ту боз меистад. Маҳз барои ҳамин ту бояд тиҷорати худро аз тартибдиҳии нақшаи воқеии маблағгузорӣ дар лаҳзаи зарурати пӯшонидани хароҷотҳо оғоз намоӣ.

## Тартибдиҳии бюджет чист?

Тартибдиҳии бюджет – машқ оиди ба нақша гирифтани оянда мебошад.

## Муҳим будани бюджет

Агар оилаи ту барои сайругашт ба кӯҳҳо рафтанӣ бошад, ҳар як узви оила бояд ба нақша гирад, ки бояд чӣ кор кунад. Волидайн ба нақша мегиранд, ки нақлиёт ва хӯрокро ташкил мекунанд. Фарзандон метавонанд бо худ тӯбро гиранд, то ки дар давоми рӯз бо он бозӣ кунанд. Ба нақша гирифтан – ин андеша кардан оиди оянда аст, яъне агар ту ягон амалро иҷро кардан хоҳӣ ва он иҷро мешавад. Агар ту тӯбро гирӣ, ин маънои онро дорад, ки оилаи ту бо тӯб бозӣ мекунад. Ба нақша гирифтан ба оилаи ту дар истироҳати хубу бофароғат ва гирифтани лаззати ҳақиқӣ кӯмак мекунад.




## Нақша муваффақ буд



**Тартибдиҳии бюджет** – ин машқ оиди ба нақша гирифтан ва пешгӯӣ кардан мебошад. Ҳамаи мо машқҳоро оиди ба нақшагирӣ иҷро менамоем, инчунин кӯшиши пешгӯии ояндаро мекунем. Тартибдиҳии бюджети тиҷорат – ба ҳамин гуна раванди банақшагирии гузаронидани ягон ид ё маърака монандӣ дорад. Аммо бюджети тиҷорат ҷойгиркунии далелҳо ва рақамҳоро дар шакли мантиқӣ барои пешгӯӣ намудани ояндаи эҳтимолӣ, дастовардҳои табиӣ ва молиявӣ, инчунин чорабиниҳое, ки дар доираи чорабинии мазкур гузаронида мешавад, талаб менамояд. Агар бюджети мазкур даромаднокии тиҷоратро пешбинӣ нанамояд, ба он касе маблағгузорӣ намекунад.

## Намудҳои маълумоте, ки дар бюджет истифода мешаванд

Барои тартибдиҳии нақшаи истифодаи молия ва бурдани баҳисобгирии хамаи ашёҳо/захираҳои харидоришаванда ё истифодашаванда дар корхона, ба ту ворид намудани маълумоти мазкур ба бюджет зарур аст. Захираҳои мавҷудбуда, чун чӯбу тахта, таҷҳизот ва мурғчӯҷа барои зиёфати ҳамсояҳое, ки ба ту кӯмак карданд, хароҷотҳое мебошанд, ки ба тиҷорати ту тааллуқ доранд.

**Хароҷотҳои табиӣ ва натиҷаҳо**

Хароҷотҳои табиӣ ва натиҷаҳои интизоршавандаи тиҷорат, яъне барои ташкили полез чӣ қадар замин зарур аст, чӣ қадар тухмӣ харидан зарур аст ё чӣ қадар мурғ зарур аст, ки дар як ҳафта 100 дона тухм гирифта шавад.

**Хароҷотҳои молиявӣ/захираҳо**

Хароҷотҳо, ки барои ташкили корхона, хароҷотҳои ҷории тиҷорат ва даромади молиявии эҳтимолӣ аз фурӯши маҳсулот. Онҳо нишон медиҳанд, ки ту чӣ қадар маблағҳоятро ба инкишофи тиҷорат гузошта метавонӣ ва чӣ қадар маблағро эҳтимол бояд ба қарз гирӣ

**Хароҷотҳо**

Ин воситаҳое, ки барои истеҳсоли маҳсулот ё мол заруранд. Хароҷотҳо метавонанд захираҳои табиӣ бошанд, ба монанди тухмӣ ва пору. Ту метавонӣ пасандозҳои молиявии худро барои пӯшонидани хароҷотҳои ба хариди тухмӣ ва пору вобастабуда истифода намоӣ. Тахтаву чӯби дар анбор мавҷудбударо низ метавонӣ барои корхона истифода шаванд ва онҳо бояд дар бюджет тибқи нархи бозаргонӣ нишон додан зарур аст.

## Омили вақт ҳангоми тартибдиҳии бюджет

Бюджет барои давраи муайяни вақт тартиб дода мешавад. Ҳудудҳои вақтии тиҷорат метавонад якчанд ҳафтаро, агар ту аз шир панир истеҳсол намоӣ, фаро гирад; ё якчанд моҳ, агар ту сабзавот парвариш намоӣ; ва якчанд сол, агар ту хоҷагии фермерӣ ташкил карда бошӣ.

## Бюджет барои чӣ истифода мешавад?

Тартибдиҳии бюджет маънои онро дорад, ки ту ба таври муфассал ҳамаи омилҳои тиҷоратеро, ки оғоз кардан мехоҳӣ, таҳлил менамоӣ. Ту бояд ба таври воқеӣ пешгӯӣ намоӣ, ки кадом захираҳо барои пешбурди тиҷоратат зарур мешаванд ва тиҷорати ту дар давоми давраи муайяни вақт чӣ гуна инкишоф меёбад. Бюджет метавонад барои ту харитаи роҳи инкишофи дарозмуддати тиҷоратат гардад. Бюджет ба ту барои муайянкунии он, ки ту чӣ қадар харҷ кардӣ, боз чӣ қадар харҷ кардан зарур аст ва ту бояд чӣ кор кунӣ, кӯмак мекунад. Ин феҳрасти хуб банақшагирифташуда ва андешидашудаи чорабиниҳо мебошад, ки дар он ҳамаи хароҷотҳо бо манбаъҳои воқеии маблағгузорӣ муқоиса карда мешаванд.

Бюджет роҳҳои босуръат ва натиҷаноки ноилшавӣ ба мақсадҳои гузошташуда бо истифодаи захираҳои мавҷудбударо нишон медиҳад. Аммо бо сабабҳои гуногун ҳар як одам метавонад муваққатан аз роҳи рост берун шавад, вале ҳолатҳои пешбининашуда ё “корҳои таъмири роҳ” –ро паси сар карда, ҳамеша ба мақсади гузошташуда баргаштан мумкин аст.

## Дар ҳолати ба нақша нагирифтан ва тартиб надодани бюджети тиҷорат кадом хатар дучор шуда метавонад?

Агар ту рӯйхати ҳамаи намудҳои фаъолият ва ҳамаи хароҷотҳои бо оғози тиҷорат вобастабударо тартиб надиҳӣ, муайянкунии кадом вақт, кай ва чӣ қадар пул ба ту барои пешбурди тиҷорат зарур аст, мушкил мешавад. Ту метавонӣ тухмиро кишт намоӣ, аммо дертар маълум мешавад, ки барои хариди пору ту маблағ надорӣ. Ин маънои онро дорад, ки ту пулро аллакай сарф кардаӣ ва акнун фоида гирифта наметавонӣ. Аз ин ҷо бармеояд, ки ту пулро беҳуда сарф мекунӣ, зеро маблағгузории заруриро барои давом додани тиҷорати худ ёфта наметавонӣ. Ту фаҳмидӣ, ки пулро ба ҳаво чош медиҳӣ?



## ВАЗИФА



Баъдан дар доираи курси мазкури омӯзишӣ ту полези хурди худро ташкил менамоӣ. Шояд ту маҷбур мешавӣ, ки аз хонаводаат ё дӯстонат каме маблағ қарз гирӣ, аммо арзиши захираҳои мазкур бояд ҳатман чун қисми нақшагирӣ ва тартибдиҳии бюджети ту ворид карда шавад. **Пеш аз ташкили корхонаи худ, хароҷотҳои мазкур бояд ба таври пурра таҳлил карда шаванд, то ки дар оянда ягон ҳолати ногаҳонии ғайричашмдошт рӯй надиҳад.**

**Дар аввал рӯйхати ҳамаи маблағҳое тартиб деҳ, ки ба фикрат бояд харҷ шаванд.**

| Хароҷот | Миқдор | Арзиши як воҳид | Арзиши умумӣ | Кироя, харид ё ба қарз? |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| Ҳамагӣ: | | | | |

Пас аз пур кардани ҷадвали боло дар синф, ту метавонӣ маълумоти худро ба бозори маҳаллӣ рафта, тафтиш намоӣ. Ҳангоми такрори машқи мазкур дар мӯҳлати муайян, ту шахсан тағйирёбии арзиши баъзе аз маводҳоро вобаста ба дастрасии мавсимии онҳо мушоҳида карда метавонӣ.

# Оё бюджет ҳамеша дуруст тартиб дода мешавад?

**Бюджет** – ин  назардошти он мебошад, ки дар оянда чӣ рӯй дода метавонад ва он дар асоси дониши ту дар бораи табиати тиҷоратат тартиб дода мешавад. Ту тахмин мекунӣ, ки пас аз шинонидани картошка борон меборад, зеро дар аксарияти мавридҳо борон дар фасли баҳор меборад. Аммо, эҳтимол, дар воқеъ борон борида ҳам наметавонад, он вақт ба ту лозим меояд, ки барои гирифтани ҳосили хуб картошкаро бештар об монӣ. Ин кори иловагӣ ва хароҷотҳои иловагие мебошанд, ки ту онҳоро ба назар нагирифтӣ. Ҳангоми тартибдиҳии бюджет, ту бояд ба назар гирӣ, ки хавфҳо метавонанд ба тағйирёбии бюджети ибтидоӣ расонанд, аммо ҳангоми мавҷуд будани харитаи роҳ, ба ту ёфтани тарзи ҳалли масъалаи алоҳида  осонтар мешавад.

## Бюджети ҳаракати воситаҳои пулӣ

Дар **бюджети ҳаракати воситаҳои пулӣ** ту дар бораи вақти воридшавии даромад ё дар бораи зарурати воситаҳои пулӣ барои пӯшонидани хароҷотҳои минбаъда маълумот мегирӣ.

Биёед намунаи бюджетро оиди парвариши картошка ба мавзӯи “Асосҳои баҳисобгирии фаъолияти соҳибкорӣ” баррасӣ менамоем. **Фосилаи вақт як моҳро** ташкил медиҳад. Ту мебинӣ, ки худи ҳамон гурӯҳҳои хароҷотҳо дар давоми якчанд моҳ такрор мешаванд. Хароҷот барои меҳнати худӣ дар моҳҳои апрел, сентябр ва октябр ишора мешаванд. Хароҷот ва даромадро дар як ҷадвали ҳаракати воситаҳои пулӣ нишон додан мумкин аст. Бешубҳа, ҷадвали дар зер овардашудаи ҳаракати воситаҳои пулӣ аз бюджети полези ту мураккабтар аст, зеро дар он маълумоти бештар дода шудааст.

## Бюджети ҳаракати воситаҳои пулӣ барои парвариши картошка дар қитъаи замини масоҳаташ 1 садяк

| Модда | апр | май | июн | июл | авг | сент | окт | нояб | дек | Маблағ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Хароҷотҳо** | | | | | | | | | | |
| Тухмии картошка | 612 | | | | | | | | | |
| Поруҳо | 30 | | | | | | | | | |
| Обмонӣ | | 20 | | | | | | | | |
| Заҳрдоруҳо | | | 20 | | 20 | | | | | |
| **Хароҷотҳои умумӣ** | **642** | **20** | **20** | | **20** | | | | | **702** |
| **Фурӯш** | | | | | | | **1380** | | **1644** | **3024** |
| Камомади софи ҷамъшуда | -642 | -662 | -682 | -682 | -702 | -702 | +678 | +678 | +2322 | +2322 |

**Эзоҳ:** Ҳаҷми умумии хароҷотҳо дар моҳи мазкур барои маблағгузорӣ аз ҳисоби даромади бо фаъолият новобаста, яъне аз ҳисоби пасандозҳо ё кредит зарурат дорад. Чуноне, ки мебинед, дар моҳи октябр маблағгузориҳо ба фоида мубаддал мешаванд. Дар мисоли оддии овардашудаи полез меҳнати ту пардохт карда нашудааст.

**Бюджети ҳаракати воситаҳои пулии ту нишон медиҳад, ки ту фоидаро ба маблағи 2322 сом гирифтӣ.** Аз маблағи даромад аз фурӯши картошка ба маблағи 3024 сом маблағи  умумии харҷшударо ба маблағи 702 сом баровардан зарур аст. Аммо аз хотир набарор, ки меҳнати ту ба моддаи хароҷотҳо даровара нашудааст. Аз ҳисоби фоидаи мазкур ту метавонӣ васеъкунии масоҳати кишти картошкаро дар соли оянда маблағгузорӣ намоӣ, пули боқимондаро метавонӣ ба сифати мукофот барои меҳнати софдилонаи худ гирӣ.

# ФАСЛИ 3

# ДАСТРАСӢ БА МАШВАРАТҲО ВА МАБЛАҒГУЗОРӢ





Саҳифаи 80 Идоракунии хавфҳо

Саҳифаи 85 Дастрасӣ ба воситаҳои микрокредитӣ

Саҳифаи 96 Дастрасӣ ба машваратҳо

ДАРСИ 7

# Идоракунии хавфҳо

## Калимаҳои нав

| | |
|---|---|
| **Хавфи соҳибкорӣ** | Ҳама гуна мушкилот ё монеаҳое, ки ба фаъолияти самаранок ва натиҷааш хуб таъсири манфӣ мерасонад. Мушкилот метавонад амалиётӣ, табиӣ ё сиёсӣ бошад. |
| **Идоракунии хавф** | Маҳорати пешгирӣ ё пасткунии самараноки омилҳои гуногуни хавф, ки метавонанд ба корхона таъсири манфӣ расонанд. |

Дар модули мазкур ту метавонӣ оиди тарзҳои самараноки муайянкунии хавфи тиҷоратат, инчунин роҳҳои пешгирӣ ё пасткунии он маълумот гирӣ.

Дар аввал хоҷагии фермериро таҳлил менамоем:



Дар хоҷагии фермерии мазкур се намуди фаъолият бурда мешавад:
- сабзавотпарварӣ
- боғдорӣ
- парвариши бузҳои ширдеҳ

Хоҷагии мазкур аз фурӯши маҳсулот ҳар се самти фаъолияти вобастагӣ дорад. Ҳар як маҳсул занҷири алоҳидаи маркетингро дорад ва ҳар кадоме аз он барои мақсадҳои дигар истифода мешавад.

Ҳангоми амаликунии се намуди алоҳидаи фаъолият менеҷери хоҷагии мазкур хавфи худро ба се қисм тақсим мекунад. Бо гуфтаи дигар, эҳтимоли кам аст, ки нархи ҳар се маҳсулот якбора паст шуда метавонанд. Ғайр аз ин маҳсулоти гуногун дар бозорҳои гуногун дар вақти гуногун ба фурӯш бароварда мешавад.

# Манбаъҳои хавф барои хоҷагии ту

Манбаъҳои хавф метавонанд гуногун бошанд. Ду омили асосии хоҷагии фермерӣ инҳоанд:

- Тағйирёбии иқлим ва ҳаво, инчунин зараррасонҳо ва бемориҳои растанӣ ва ҳайвонҳо;
- Тағйирёбии нархҳо ба маводҳои хоҷагии қишлоқ ва маҳсулот дар асоси тағйирёбии маҳсулот дар бозор.

| Манбаи хавф | Намунаи намудҳои хавф |
|---|---|
| Хавфҳои табиӣ | Хушксолӣ, сӯхтор, ҳарорати баланд. Бемориҳо ва зараррасонҳои чорво ва зироатҳо, ки аз берун ворид шудаанд. Ҳангоми ҳолати сироятшавии чорво метавонад карантин ворид шуда, баровардани чорво аз хоҷагӣ ва фурӯши онҳо манъ карда шавад. |
| Хавфи идоракунии хоҷагӣ | Қарори нодуруст оиди вақти гузаронидани корҳо дар хоҷагӣ, мисол, кишти аз мӯҳлат дери зироат, набудани техника ҳангоми ҷамъоварии ҳосил. |
| Низоми бозаргонӣ | Тағйирот дар қарорҳои давлат, ки ба баровардани маҳсулоти хоҷагии қишлоқ барои фурӯш дар бозор таъсири манфӣ мерасонад. Тағйирёбии шароитҳо дар бозори байналмилалӣ. |
| Хавфҳои молиявӣ | Мавҷуд набудан ё норасоии воситаҳои молияви дар давраи зарурати онҳо. Тағйиротҳои ғайричашмдошти фоизҳои қарзӣ. |

## ВАЗИФА

Ба гурӯҳҳои дунафара тақсим шавед, расми дар зер овардашударо бодиққат омӯзед ва рӯйхати зарареро, ки фермер кашидааст, тартиб диҳед. Гӯед, ки фермер чӣ тавр метавонист аз зарари мазкур эмин монад?






ДАРСИ 7: ИДОРАКУНИИ ХАВФҲО

## Хавфҳо барои корхона аз куҷо пайдо шуда метавонанд?

Корхона метавонад аз манбаъҳои гуногун ба хавфҳо дучор шавад.






**ВАЗИФА**

Ба гурӯҳҳои дунафарӣ ҷудо шуда, бодиққат диаграммаи дар боло овардашударо омӯзед. Дар ҳар як даврача ду мисоли хавфе, ки метавонанд рӯй диҳанд. Мисоли муносибати иҷтимоӣ аллакай оварда шудааст.

# Идоракунии тағйирот

Яке аз омилҳое, ки фермерон метавонанд ба он дучор шаванд, тағйирот мебошад. Тағйирот барои соҳибкоре, ки аз болои тиҷорати худ диққати зиёд додан намехоҳад, таҳдид мекунад. Тағйирот дар намуди мӯд ё маҳсули нав ва рақобаткунанда якбора пайдо шуда метавонад. Аммо менеджери ҳушёр бояд ҳолатҳои мазкурро пешбинӣ намояд.

Аз тағйирот ҳарос накунед. Ин ҳолати муқаррарӣ аст, ки барои менеджери ҳушёр имконияти хубро медиҳад, зеро аксарияти одамон дар ибтидо тағйиротҳоро қабул кардан намехоҳанд ва ба он мутобиқ намешаванд, аз ин рӯ рақобатпазириро аз даст медиҳанд. Менеджери ҳушёр аз болои тағйироти шароитҳои бозаргонӣ назорат мекунад, тадқиқотҳои бозаргонии худро амалӣ менамояд ва имкониятҳои ба вуҷуд омадаро ба назар мегирад ва барои мутобиқшавии маҳсули худ ба талаботҳои нав роҳҳоро пайдо мекунад.

## Соҳибкор хавфҳоро бо кадом роҳ паст карда метавонад?

Баъзе аз хавфҳо аз берун ворид мешаванд. Аммо ба ин нигоҳ накарда, соҳибкор метавонад худро аз аксарияти таъсирҳои манфии хавф ҳифз намояд, ба шарте, ки агар ӯ саривақт ва бе таҳлука чораҳои мутобиқшавиро гузаронад ва ба сабук гардонидани хавф омода шавад.

**Дониш**

Метавонад соҳибкорро аз хавф ҳифз намояд. Ба соҳибкор лозим аст, ки технологияи ба тиҷорати ӯ вобастабударо омӯзад ва малакаҳои идоравии худро оиди пешбурди кор дар корхона такмил диҳад, ҳатто дар сурати тағйиротҳои ба вуҷудомада дар шароитҳои тиҷорат маҳсулоти баландсифатро истеҳсол намояд.

**Маълумотнокӣ**

Хислати муҳимтарини менеджери хуб аст. Соҳибкор бояд хонад ва бо одамони зиёд муошират кунад, то ки тағйиротҳои бавуҷудомадаро дар муҳити тиҷорате, ки корхонаи ӯ ба он тааллуқ дорад, хуб дарк намояд.

**Низоми робитаҳо**

Соҳибкор бояд ба маълумоти навтарин дастрасӣ дошта бошад, ки ин ба рақобатпазир будани он имкон медиҳад. Дар шароитҳои иқтисодиёти бозаргонӣ ҳамаи одамон аз манбаъҳои гуногуни ВАУ (радио, телевизион, интернет ва маводҳои нашр) барои дарёфт кардани маълумот дар бораи бозорҳо, ба монандаи нархи маводхои хоҷагии қишлоқ ва маҳсулот истифода мекунанд. Агар одамон ба манбаъҳои мазкури маълумот дастрасӣ надошта бошанд ё аз манбаъҳои мазкур истифода намекунанд, онҳо вазъияти бозорро фаҳмида наметавонанд, амалҳои худро идора карда намедонанд ва ба таваккал роҳ медиҳанд.

**Муроҷиат барои гирифтани машварат**

Дар ҳамаи вилоятҳои Қирғизистон мушовирони соҳибкасб ва кооперативҳо мавҷуданд, ки барои додани маълумот оиди пешбурди мутобиқи тиҷорат омодаанд. Ба ин нигоҳ накарда, ҳар як соҳибкор барои маълумотнокии худ оиди тағйиротҳои техникии маҳсулоти худ ё хавфҳои дигар шахсан масъулият мебарад.

**Корхонаи бисёрсоҳа**

Агар дар як хоҷагии фермерӣ якҷоя ҳам сабзавот ва ҳам мева, инчунин бузҳои ширдеҳро парвариш кунанд, корхонаи мазкур корхонаи бисёрсоҳа номида мешавад. Дар корхонаи мазкур намудҳои гуногуни фаъолият амалӣ карда мешавад ва агар ҳангоми фурӯши як маҳсулот хароҷотҳои истеҳсолиро намепӯшонад, маҳсулоти дигари дар мавсими дигари сол ба фурӯш баровардашуда ва бо нархи баланд метавонанд хароҷотҳои мазкурро пӯшонад.

**Вақти фурӯш**

Ҳангоми истифодаи рӯпӯшкунӣ (яъне пӯшидани замин бо маводҳои гуногун барои ҳифзи он ва беҳтаркунии хусусиятҳо) картошкаро аз мавсими муқаррарӣ барвақттар пухта расонидан мумкин аст ва онро бо нархи баланд то зиёдшавии рақобати фурӯши картошка дар бозор фурӯхтан мумкин аст. Сохтани гармхона аз пленкаи полиэтиленӣ, рӯпӯшкунии хок, гирифтани ҳосили барвақтии помидор ва фурӯши он бо нархи баланд пешниҳоди самараноки иқтисодӣ мебошад. Ғайр аз ин, фермер метавонад намудҳои гуногуни сабзавотро шинонад ва бо ин хавфро паст кунад.

**Сифати маҳсулот**

Маҳсулот дар бозор ҷои худро пайдо мекунад ё не, бо сифати маҳсулоти парваришшуда муайян карда мешавад. Ҳамин тариқ, диққати нокифоя ба ҷузъиёти истеҳсолот омили асосии хавф ба ҳисоб меравад, зеро махсулоти баландсифат ҳатто дар шароити рақобати баланд ба фурӯш мераванд.

**Донистани қонунгузорӣ**

Ба соҳибкор зарур аст, ки муқаррароти меъёрӣ ва қонунҳои вобаста ба фаъолияти соҳибкории ӯ дар кишваре, ки тиҷорат ба роҳ монда шудааст, бояд донад. Фаъолияти соҳибкорӣ бо муқаррароти беҳдошти хӯрока, аҳднома ва қонунгузории андозӣ ба танзим дароварда мешавад.

## Мубоҳиса дар синф:

Ба гурӯҳҳои 5-8 нафара ҷудо шавед, бо кадом сабаб қонунҳо ва муқаррарот барои фаъолияти самараноки иқтисодиёти бозаргонӣ заруранд ва бо кадом сабаб соҳибкорон бояд онҳоро риоя намоянд?

## КОРИ ХАТТӢ



Ҳар як хонанда бояд дар 1 саҳифа дар бораи мубоҳисаи гузаронидашудаи гурӯҳӣ ҳисобот нависад.

**Ин тиҷорати ту аст, аз ин рӯ, ҷамъоварии маълумот дар бораи ҳама гуна хавфе, ки метавонад ба тиҷорати ту таъсири манфӣ расонад, ба зиммаи шахсан худат вогузор карда мешавад.**

ДАРСИ 8

# ДАСТРАСӢ БА ВОСИТАҲОИ МИКРОКРЕДИТӢ

## Калимаҳои нав

| | |
|---|---|
| **Кредит** | Маблағи пулие, ки ба қарзгир бо шартҳои шартномаи қарзӣ ба қарз дода мешавад. |
| **Микрокредит** | Маблағи начандон калони кӯтоҳмуддат, ки дар асоси бегарав дода мешавад. |
| **Гарав** | Амволе, ки қарзгир ба сифати кафолати пардохти кредит пешниҳод мекунад. |
| **Гурӯҳи худкӯмакрасонӣ** | Гурӯҳ аз панҷ то ҳашт нафар, ки ҳар кадоме аз аъзоҳо масъулиятро оиди пардохти кредит барои дигар аъзоёни гурӯҳ дар ҳолати пардохтнопазири ӯ ба зиммаи худ мегирад. Ӯҳдадориҳои муштараки мазкур барои гирифтани қарз бе пешниҳоди гарав имкон медиҳанд. |
| **Пасандоз** | Маблағи пулие, ки дар давоми якчанд моҳи зиёд аз ҷониби ҳар кадоме аз аъзои гурӯҳи худкӯмакрасонӣ барои иҷрои ӯҳдадориҳои худ ва нишон додани боинтизомии худ ва нигоҳдории онҳо, ҳатто дар сурати талаботи ҳаррӯзаи маблағи пулӣ, пасандоз карда шудааст. |
| **Маблағи асосии қарз** | Маблағи ибтидоии пул, ки ба намуди қарз гирифта шудааст. |
| **Фоизҳо** | Маблағи пулие, ки қарзгир ба таври иловагӣ ба қарздеҳ барои гирифтани қарз бояд пардохт намояд. Фоизҳо барои пӯшонидани хароҷотҳои қарздеҳ ва хавфи таваррум пардохт карда мешаванд. |
| **Инвеститсия** | Андӯхти пулӣ, маблағгузории сармоя, маблағгузорӣ. |

Дар доираи лоиҳаи GTZ “Баландкунии иқтидори таъмини устувори ҳаёти аҳолии деҳоти Қирғизистон” дар деҳоти дурдаст агентиҳои сершумори микрокредитӣ (АМК) ташкил шуданд, ки ба онҳо GTZ барои таъмини шахсони эҳтиёҷманд бо кредитҳо грантҳоро медод. Агентиҳои мазкур аз ҷониби ҷомеаҳои маҳаллӣ идора карда мешаванд. Ҳамаи агентиҳои мазкур дар Бонки Миллии Ҷумҳурии Қирғизистон тибқи қонуни “Дар бораи ташкилотҳои микрокредитӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон” ба қайд монда шудаанд.

### Хусусияти асосии қолаби микрокредитии GTZ

Хусусияти асосии қолаби микрокредитии GTZ – ботадриҷ дур кардани қарзгирон аз гирифтани қарз мебошад. Ин тавассути омӯзонидан, омодакунии ҷиддӣ ва истифодаи мутобиқи омилҳои истеҳсолӣ, инчунин зиёдкунии фоида аз фаъолияти маблағгузоришаванда ба даст омадааст.

Дар зер мисол оварда шудааст, ки чӣ тавр аз зарурати гирифтани қарз дар асоси парвариши сабзавот дар қитъаи замини масоҳаташ чор садяк раҳо шудан мумкин аст.

Тасаввур менамоем, ки фоидаи соф аз фурӯши маҳсулоти истеҳсолшуда маблағеро ташкил медиҳад, ки маблағи ибтидоии маблағгузориро ба корхона ташкил медиҳад. Нисфи фоидаи софро қарзгир барои маблағгузорӣ ба корхона дар соли оянда нигоҳ доштааст, нисфи дигарашро дар давоми мавсими зимистон истифода кардааст. Он вақт, пас аз истифодаи қарз дар давоми ду сол қарзгир метавонад маблағеро, ки барои маблағгузорӣ барои соли сеюм зарур аст, ҷамъоварӣ мекунад ва зарурати гирифтани қарз аз байн меравад.

Агар соҳибкор захираҳои худии молиявиро барои маблағгузории дар соли сеюми фаъолияти худ истифода кунад, дар соли чорум ӯ метавонад маротибаи дигар барои гузаронидани фаъолияти иловагӣ қарз гирад. Ӯ бояд захираҳои молиявии худро барои маблағгузорӣ ба тиҷорати ибтидоие, ки бо он се соли аввал машғул аст, истифода кунад. Ҳамин тариқ, бо дуруст истифода кардани нисфи фоидаи соф хоҷагиҳои фермерӣ метавонанд дар давоми якчанд сол устувор шаванд.

## Мақсади микрокредит

Микрокредит ба шахсони эҳтиёҷманд имкони харидани маводҳои зарурии хоҷагии қишлоқ, ба монандаи тухмӣ ва поруҳо, барои пурра истифода кардани иқтидори захираҳои маҳдуди шахсиашон имкон медиҳад.

## Чӣ тавр GTZ агентиҳои микрокредитиро ташкил мекунад?

Барои ташкили агентиҳои микрокредитӣ танҳо он деҳаҳое баррасӣ мешаванд, ки дар онҳо гурӯҳҳои худкӯмакрасонӣ вуҷуд доранд ва онҳо бо пасандозҳои начандон калон фаъолият мекунанд. Дар ҷомеаҳои мазкур одамон ба ҳамдигар боварӣ доранд ва якҷоя фаъолият мекунанд, ки ин омили муҳим ва асосии муваффақияти АМК маҳсуб мешавад.

Ҳангоми мавҷуд будани гурӯҳҳои бомуваффақият амалкунанда қадамҳои зеринро иҷро кардан зарур аст:

1. Тасдиқи он, ки гурӯҳ ӯҳдадориҳои худро назди агентии микрокредитӣ иҷро мекунад.
2. Муайян кардани талаботи ҷомеа дар агентии микрокредитии маҳаллӣ.
3. Тасдиқи он, ки деҳа ба воситаҳои микрокредитӣ дастрасӣ надорад.

## Мувофиқа бо ҷомеаи маҳаллӣ

GTZ консепсияи микрокредит ва АМК маҳаллӣ ба ҷомеа ҳангоми ҷамъшавии аҳолии деҳа бо иштироки аксарияти кулли хоҷагиҳои деҳа муаррифӣ мекунад.

Баъдан GTZ барои интихоби кумитаи маҳаллие, ки бо идораи АМК машғул мешавад, кӯмак мерасонад.




*Мушовири GTZбо кумитаи маҳаллии АМК кор мебарад*



*GTZ ва кормандони ХМД Ҷалол-обод ташкили агентиҳои микрокредӣ ва кооперативҳоро дар маҳалҳои гуногуни вилояти Ҷалол-Обод ба нақша мегиранд.*



*Кормандони GTZва TES Марказ гузаронидани намоишҳоро дар соҳаи хоҷагии қишлоқ дар вилояти Баткен ба нақша мегиранд.*



*Сокинони деҳаи Газ ноҳияи Баткен матритсаи инкишофи деҳаи худро ба кормандони давлатӣ аз Бишкек, ки ба деҳаи дурдаст кормандони лоиҳаи GTZ даъват кардаанд, муаррифӣ мекунанд. Аз фурсат истифода карда, вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ ба ҳайати маъмурияти ноҳияи Баткен маърӯза мекунад, ки чӣ тавр бо аҳолии деҳот кор бурдан зарур аст.*

## Интихоби кумитаи маҳаллӣ

Ба ҳайати кумита бояд аъзо бошанд:

- занҳо: Шумораи зиёди занҳо қарз мегиранд. Ғайр аз ин, таҷрибаи умумиҷаҳонӣ истифодаи бомуваффақияти микрокредитҳоро аз ҷониби занон нишон медиҳад.
- мутахассис оиди омӯзиш/мобилизатор. Ин шахсест, ки одамонро ба гурӯҳҳо муттаҳид шудан ва якҷоя кор карданро меомӯзонад. Ӯ тасдиқ мекунад, ки гурӯҳи мазкур пасандоз дорад.
- мутахассиси қарзӣ.
- муҳосиб
- мушовир оиди хоҷагии қишлоқ.
- корманди иҷтимоӣ дар айил окмоту, ки ба гурӯҳи шахсони аз ҷиҳати иҷтимоӣ эҳтиёҷманд дохил будани қарзгирро тасдиқ мекунад.

Пас аз интихоби аъзоёни кумита тибқи талаботҳои дар боло зикршуда намояндаи GTZ ё мутахассиси маҳаллӣ (ташкилотчӣ) аъзоёни кумитаро меомӯзонад.

**Бақайдгирии АМК дар Бонки Миллии Ҷумҳурии Қирғизистон (БМҶҚ)**

Дар аввал фонди маҳаллӣ ташкил шуда, танҳо пас аз бақайдгирии он дар БМҶҚ мақоми АМК-ро соҳиб мешавад.

**Қарздори имконпазир чӣ тавр метавонад барои гирифтани микрокредит дархострo пур кунад?**

Хусусияти муҳими микрокредитҳои бегарав **принсипи масъулияти гурӯҳӣ** мебошад.

1. Қарзгирони оянда бояд ба гурӯҳҳои 5-8 нафара муттаҳид шаванд. Ҳамаи аъзоёни гурӯҳ бояд дар бораи масъулияти муштарак оиди пардохти қарзи ҳамдигар ба мувофиқа оянд.
2. Дар давоми аққалан чор моҳ аъзоёни гурӯҳ бояд маблағҳои пулиро ҷамъоварӣ кунанд ва дар хазинаи амонатӣ нигоҳ доранд. Пасандозҳои мазкур бояд қисми маблағгузории онҳо шаванд. Андозаи умумии қарз аз маблағи пасандозҳои онҳо вобаста хохад буд.

## Тартибдиҳии бизнес-нақша

Пас аз ташкили гурӯҳи худкӯмакрасонӣ иборат аз 5-8 нафар ва ҷамъоварии маблағи пулӣ аққалан дар давоми 4 моҳ кумита ба онҳо дар тартибдиҳии бизнес-нақша кӯмак мерасонад.

*Аъзоёни кумитаи АМК бизнес-нақшаҳоро бо қарзгирони оянда муҳокима мекунанд.*









*GTZ ҳамроҳи соҳибкорони маҳаллӣ оиди он, ки онҳо бояд ба гузаронидани семинарҳо оиди банақшагирии инкишофи деҳот дар аксарияти деҳаҳои вилояти Баткен омода бошанд, омӯзиш гузаронд. Дар рафти семинарҳои мазкур сокинони деҳот имконият ва мушкилоти худро муайян мекарданд, инчунин якҷоя ҳал мекарданд, ки чӣ тавр онҳо метавонанд вазъияти худро беҳтар намоянд. Ҳангоми муроҷиат бо кӯмак ба ташкилоти давлатӣ ва донорҳо кӯмаки мазкурро пеш аз ҳама ҷомеаҳое мегиранд, ки кӯшиши худро барои беҳтаркунии некӯаҳволии деҳаҳои худ исбот карданд. Донорҳо танҳо бо ҷомеаҳои муташаккил ва муттаҳид кор бурдан мехоҳанд. Мақомотҳои давлатӣ, тахмин меравад, ки ба ҷомеаҳои мазкур диққати бештар хоҳанд дод.*

## Ҷадвалҳои дар зер овардашуда қисми бизнес-нақшаи соҳибкор мебошанд, ки барои гирифтани қарз омода шудаанд:

**Бизнес-нақша барои парвариши картошка дар 4 садяк замин**

| Хароҷотҳо | Давраи харид | Воҳиди ченак | Арзиши як воҳид (сом) | Маблағи умумӣ (сом) |
|---|---|---|---|---|
| Тухмӣ | Апрел | 150 кг | 16,8 | 2520 |
| Заҳрдоруҳо | Апрел(май) | 18 баста | 10 | 180 |
| Нитрат | Апрел (июл) | 12 кг | 15 | 180 |
| Трактор | Апрел | якто | 120 | 120 |
| Обмонӣ-3 бор | Май/август | мавсим | 20 | 20 |
| Нақлиёт | Октябр | якто | 780 | 780 |
| Иҷораи ҷой дар бозор | Октябр | 10 рӯз | 20 | 200 |
| **Ҳамагӣ:** | | | | **4000** |

## Даромад

| Манбаи даромад | Давраи фурӯш | Воҳиди ченак | Арзиши як воҳид (сом) | Даромади умумӣ (сом) |
|---|---|---|---|---|
| Картошка | Октябр | 1100 кг | 8 | 8800 |
| **Ҳамагӣ:** | | | | **8800** |

## Маблағи зарурии қарз

| Маблағгузории ибтидоӣ (маблағи умумии бизнес-нақша) | | Пасандозҳои шахсии дархосткунанда – 25% аз маблағи умумии маблағгузорӣ | | Маблағи зарурии қарз |
|---|---|---|---|---|
| **4000** | **тарҳ** | **1000** | **ҷамъ** | **3000** |

Қарз ба чанд моҳ ҳисоб карда шудааст (бо даврача рақами мутобиқро ишора намоед).

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **5** | **6** | **(7)** | **8** | **9** | **10** | **11** | **12** |

## Ҷадвали ҳаракати банақшагирифташудаи воситаҳои нақдӣ

| № | Моҳ | Маблағи кредити истифодашуда | Пасандозҳои шахсӣ | Даромад аз фурӯш | % кредит | Ҳаракати воситаҳои пулӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Апрел | 3000 | | | 100 | -3100 |
| 2 | Май | | 100 | | 100 | -3300 |
| 3 | Июн | | 100 | | 100 | -3500 |
| 4 | Июл | | 200 | | 100 | -3800 |
| 5 | Август | | 100 | | 100 | -3900 |
| 6 | Сентябр | | 300 | | 100 | -4300 |
| 7 | Октябр | | 200 | 8800 | 100 | +4200 |
| | **Ҳамагӣ:** | **3000** | **1000** | | **700** | |

**Фоида:**

<table>
<tr><th>Даромади умумӣ</th><th></th><th>Маблағгузории ибтидоӣ</th><th></th><th>Маблағи қарз (% ва машварат)</th><th></th><th>Фоидаи соф</th></tr>
<tr><td>8800</td><td>тарҳи</td><td>4000</td><td>тарҳ</td><td>700</td><td>ҷамъ</td><td>4100</td></tr>
<tr><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td></tr>
<tr><td colspan="5">Хисобкунии фоизи фоида</td><td colspan="2" rowspan="3">Фоизи фоидаи соф ба ту имкон медиҳад, ки имкониятҳои гуногуни маблағгузориро муқоиса намоӣ. Ҳар қадаре рақами мазкур баланд бошад, ҳамон қадар корхонаи ту фоидаовар аст</td></tr>
<tr><td>Фоидаи соф</td><td></td><td>Маблағгузории умумӣ (маблағгузории ибтидоӣ+маблағи қарз (4000+700)</td><td></td><td>% фоидаи соф</td></tr>
<tr><td>4100</td><td>тақсими</td><td>4700x100</td><td>ҷамъ</td><td>87,2%</td></tr>
</table>

## Маблағи микрокредит

**Маблағи микрокредит** маблағеро ташкил медиҳад, ки аз маблағи пасандозҳои гурӯҳ се-чор маротиба зиёд мебошад. Маблағгузории умумӣ, ки дар бизнес-нақша нишон дода шудааст, аз маблағи кредит ва пасандозҳои шахсӣ иборат аст.

Дархост оиди гирифтани қарз танҳо пас аз тасдиқи он, ки дархост ба ҳамаи талаботҳои муқарраршуда ҷавобгӯ аст, тасдиқ карда мешавад..

### Вазифаҳои кумита оиди гузаронидани мониторинг

Кумита бояд мунтазам мониторинги гурӯҳро гузаронад ва тасдиқи онро, ки маблағгузории аз пасандозҳои шахсӣ ва қарз иборатбуда ба таври мақсаднок истифода мешавад, пешниҳод намояд.

### Пардохти қарз

Ҳар моҳ барои ёдрас кардан ба қарзгир оиди зарурати пардохти қарз то охири мӯҳлати муқарраршуда маблағи муайян ситонида мешавад. Дар ҳолати ба вуҷуд омадани ягон мушкилот бо маблағгузорӣ, қарзгирон бояд аъзоёни кумитаро саривақт огоҳ намоянд. Аъзо ёни АМК қарзгиронро ба таври мунтазам аёдат мекунанд ва хулосаву тавсияҳои худро сабт мекунанд.

### Пардохти маблағи асосии қарз

Ҳамин ки корхонаи ту фоида ба даст орад, пардохт кардани маблағи асосии қарз зарур аст. Пардохти қарз бояд дар як вақт бо мӯҳлати ба даст омадани ҷараёни мусбии воситаҳои пулӣ сурат гирад.

### Мӯҳлати қарз

Мӯҳлати пардохти пурра қарз дар бизнес-нақша нишон дода мешавад. Қарз бояд тибқи бизнес-нақша пас аз гирифтани фоидаи соф пардохт шавад.

Пардохти саривақтии қарз муҳим аст, зеро ин гирифтани қарзро дар деҳа ба шахсони дигар низ имкон медиҳад. Барои боварӣ ҳосил кардан, ки қарздор барои пардохти қарз маблағ пайдо мекунад, мӯҳлати қарз бояд даврае, ки фоида аз картошкаи фурӯхташуда гирифта мешавад, айнан инъикос намояд. Барои картошкапарвар ин давраи фурӯши картошка пас аз ҷамъоварии ҳосил хоҳад буд.

Барои ҳамаи АМК, ки дар асоси лоиҳаи лоиҳаи GTZ “Баландкунии иқтидори таъмини устувори ҳаёти аҳолии деҳоти Қирғизистон” ташкил ва сармоягузорӣ шудаанд фоизи пардохти қарз 100% ташкил кард ва бар замми ин, онҳо дар мӯҳлати муқарраршуда пардохт карда шуданд. Ягон қолаби дигар дар Қирғизистон ба чунин муваффиқият нарасидааст.




*Қарзро хуб истифода намо ва саривақт онро пардохт намо.*

# Ҳисоботи кумита дар назди ҷомеа ва интихоби кумитаи нав

Пас аз итмоми соли молиявӣ кумита бояд назди ҷомеа ҳисобот диҳад. Аъзоёни кумитаро барои соли оянда он қарзгироне интихоб мекунанд, ки саривақт қарзҳои худро пурра пардохт карданд ва барои гирифтани қарз дар мавсими оянда сазовор шуданд.

## Пардохти музди меҳнати аъзоёни кумита барои кори онҳо:

Ҳангоми кори бомуваффақият, аъзоёни он аз ҳисоби сармояи ҷамъоваришудаи АМК, ки маблағи таваррумро дар бар намегирад, пардохти музди меҳнатро мегиранд. Агар кори кумита бомуваффақият набошад ва сармояи АМК зиёд нашуда бошад, онҳо барои пардохти музди меҳнати аъзоёни кумита маблағ надоранд. Аммо, хушбахтона, ҳамаи кумитаҳо хуб кор карданд, музди меҳнат гирифтанд ва аз даромад андозҳоро пардохт карданд.

## Агар қарз саривақт пардохт карда нашавад, чӣ ҳодиса рӯй медиҳад?

Қарзгире, ки қарз гирифтааст ва онро саривақт ва пурра пардохт карда натавонистааст, аз ҳуқуқи гирифтани қарзҳои минбаъда маҳрум мешавад. Аз ҳуқуқи гирифтани қарз инчунин он аъзои гурӯҳ, ки барои қарзи пардохтнашудаи шахси дигар аз гурӯҳи худ масъулият набурдааст, маҳрум мешавад. Дар ҳолати пардохт шудани қарз аз ҷониби аъзоёни дигари гурӯҳ бо сабаби пардохтнопазир будани қарзгир, масалан бо сабаби ҳолати фоҷиа дар оила, тамоми гурӯҳ барои гирифтани қарзи минбаъда ҳуқуқ пайдо менамояд. Ташкили иҷроиши ӯҳдадориҳои қарзии гурӯҳ ба ӯҳдаи худи гурӯҳ медарояд ва ба АМК ҳеҷ робита надорад.

## Микрокредитҳо дар вилояти Ҷалол-Обод

Дар вилояти Ҷалол-Обод ба лоиҳаи GTZ "Баландкунии иқтидори таъмини устувори ҳаёти аҳолии деҳоти Қирғизистон" зарурати ташкили АМК дар сатҳи деҳот набуд, зеро идораҳои ноҳиявии ХМД шумораи зиёди занони мушовир ва ташкилотчиёни деҳот дорад ва онҳо дар муддати чанд сол бо гурӯҳҳои маҳаллии фермерон кор мебаранд. Пас аз ташкили АМК, ки аз ҷониби занони мушовир идора карда мешаванд, фермерон бизнес-модулҳоеро, ки аз ҷониби мушовирони маҳаллӣ якҷоя бо GTZ таҳия шудаанд, интихоб карда, барои маблағгузории корхонаҳои худ қарз гирифтанд.

Меъёри фоизи қарз инчунин маблағи музди меҳнати ташкилотчиёни деҳот ва мушовирони ноҳиявиро дар бар мегирад. Мушовирон дар давоми тамоми марҳилаи истеҳсолӣ ба мизоҷон кӯмак мерасонанд, азҷумла дар пешниҳоди маълумот оиди нархҳои бозор.

## ВАЗИФА

Ту қарор додӣ, ки дар қитъаи замини масоҳаташ 6 садяк пиёз парвариш намоӣ, аммо барои ин ба ту қарз гирифтан зарур аст. Маълумоти дар зер дар дохили даврачаҳо овардашударо барои тартиб додани дархост ба гирифтани қарз, ки намунаи он дар саҳифаи дигар дода шудааст, истифода намо. Бозии мазкур ба ту барои хуб фаҳмидани он, ки **харољот** ва **даромад** чист, кӯмак мекунад. Дар бораи маълумоте, ки дар даврачаҳо пешниҳод шудааст, бодиққат фикр намо ва онро дар ҷадвалҳои дар зер овардашуда ҷойгир намо.

Дар як садяк замин 600 кг ҳосил мегиранд

Нархи обмонӣ 6 сом барои садяки замин, 6 бор. Август-октябр 2014 с. ва апрел, июн, июл, августи 2015 сол

Як кг тухмӣ 500 сом/кг августи 2014 сол

Ҷамъоварии ҳосили пиёз дар сентябри 2015 сол

Пардохти андози замин даравгуст 3 сом барои садяк

Тухмии пиёз барои кишт дар 6 садяк замин 0,720 кг

Фоидаи соф дар сом ва %

Фоидаи умумӣ (даромади умумӣ) 4800 сом барои 1 садяк

Кишти тухмии пиёз дар сентябри 2014 сол, ҷамъоварии ҳосилдар сентябри 2015 сол

Истифодаи пору 45 сом барои як садяк. 1 маротиба дар сентябр 2014 сол, 2 маротиба дар апрели 2015 сол

Истифодаи захрдоруҳо бар зидди зарарасонҳо май 2015 сол 15 сом барои як садяк

Фурӯши нисфи ҳосили пиёз дар октябр-ноябр 7 сом/кг, нисфи дуюм дар январ-марти 2015 сол 9 сом/кг

Арзиши қувваи корӣ ҳангоми кишт ва ҷамъоварии ҳосили пиёз. 100 сом барои садяк, 1 бор сентябри 2014 с. 2 бор -

Харољотҳои умумӣ ??? сом

Истифодаи доруҳо зидди алафи бегона дар моҳи майи 2015 с. 15 сом барои як садяк.

Нархи миёнаи бозории пиёз 9 сом/кг. Дар октябр-ноябр 2014 с. 10 сом/кг, декабр-март 8 сом/кг.

Фурӯш дар бозор ва харољотҳои маркетингӣ. 1 халта (45 халта) – 5 сом, ҷой дар бозор – 20 сом ҳар рӯз, интиқол – 0,40 сом/кг.

Пошидани заҳрдоруҳо зидди бемориҳо дар моҳи майи 2015 сю 15 сом барои як садяк

## Бизнес-нақша барои парвариши пиёз дар қитъаи замини масоҳаташ 6 садяк

| Хароҷотҳо | Давраи харид | Воҳиди ченак | Арзиши як воҳид (сом/садяк) | Маблағи умумӣ барои 6 садяк (сом) |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| Ҳамагӣ: | | | | |

## Даромаде, ки аз парвариши пиёз дар қитъаи замини масоҳаташ 6 садяк ҳангоми ҳосилнокии 6ғғ кг дар як садяк гирифташуда. Ҳамаги ҳосил = 3600 кг.

| Манбаи даромад | Давраи фурӯш | Воҳиди ченак | Арзиши як воҳид (сом) | Даромади умумӣ (сом) |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| Ҳамагӣ даромад: | | | | |

## Маблағи қарзии зарурбуда

| Маблағгузорӣ (арзиши умумии бизнес-нақша) | | Пасандозҳои шахсии дархосткунанда 25% аз маблағи умумии маблағгузорӣ | | Маблағи қарзии зарурбуда |
|---|---|---|---|---|
| Эзоҳҳо: | | | | |
| | тарх | | ҳамагӣ | |

## Қарз ба чанд моҳ ҳисоб карда шудааст (бо даврача рақами мутобиқро ишора намоед).

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 ё > |

## Ҷадвали ҳаракати банақшагирифташудаи воситаҳои нақдӣ

| № | Моҳ | Маблағи кредити зарурӣ | Пасандозҳои шахсӣ | Даромад аз фурӯш | % кредит | Ҳаракати воситаҳои пулӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Август | | | | | |
| 2 | Сентябр | | | | | |
| 3 | Октябр | | | | | |
| 4 | Ноябр | | | | | |
| 5 | Декабр | | | | | |
| 6 | Январ | | | | | |
| 7 | Феврал | | | | | |
| 8 | Март | | | | | |
| 9 | Апрел | | | | | |
| 10 | Май | | | | | |
| 11 | Июн | | | | | |
| 12 | Июл | | | | | |
| 13 | Август | | | | | |
| 14 | Сентябр | | | | | |
| 15 | Октябр | | | | | |
| 16 | Ноябр | | | | | |
| 17 | Декабр | | | | | |
| 18 | Январ | | | | | |
| 19 | Феврал | | | | | |
| 20 | Март | | | | | |
| **Ҳамагӣ:** | | | | | | |
| Эзоҳот: | | | | | | |

## Ҳисобкунии фоидаи соф ва фоизи фоида

<table>
<tr><th>Даромади умумӣ</th><th></th><th>Маблағ-гузории ибтидоӣ</th><th></th><th>Маблағи қарз ва пардохти машварат</th><th></th><th>Фоидаи соф</th></tr>
<tr><td></td><td>тарҳи</td><td></td><td>тарҳ</td><td></td><td>ҷамъ</td><td></td></tr>
<tr><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td></tr>
<tr><td colspan="6">Хисобкунии фоизи фоида</td><td rowspan="3">Фоизи фоидаи соф ба ту имкон медиҳад, ки имкониятҳои гуногуни маблағгузориро муқоиса намоӣ. Ҳар қадаре рақами мазкур баланд бошад, ҳамон қадар корхонаи ту фоидаовар аст</td></tr>
<tr><td>Фоидаи соф</td><td></td><td>Ҳамагӣ маблағгузорӣ (маблағгузории ибтидоӣ+қарз)</td><td></td><td>Фоиз аз фоида</td><td></td></tr>
<tr><td></td><td>тақсими</td><td>X 100</td><td>ҳамагӣ</td><td>%</td><td></td></tr>
</table>

ДАРСИ 9

# ДАСТРАСӢ БА МАШВАРАТҲО

## Калимаҳои нав

**Баҳогузории маслиҳат** Муайянкунии дараҷаи муфидӣ ва қобили қабул будани тавсияҳои гирифташуда ва маълумот оиди масъалаҳои бонақшагирӣ, идоракунӣ, инкишоф ё тағйири корхона, ки дар амалия тавассути тақсимоти монеаҳо ва саддҳо тасдиқ карда мешавад.

**Кооператив** Иттиҳодияи расмие, ки дар асоси аъзогии одамон бо манфиатҳои умумии тиҷоратӣ бо мақсади қонеъкунии манфиати ҳамдигарӣ ташкил шудааст. Ҳар як аъзои кооператив метавонад якчанд саҳм дошта бошад аммо ҳамзамон танҳо як овоз дошта метавонад. Дар деҳоти Қирғизистон кооперативҳо дар гирифтани дастрасии аҳолии деҳот ба захираҳои қарзӣ, донишҳо, маълумот ва бозорҳо мавқеи калон доранд. Лоиҳаи GTZ “Баландкунии сатҳи устувори таъмини ҳаёти аҳолии деҳот” дар вилояти Баткен ва Ҷалол-Обод кооперативҳои таъминотиро ташкил намуд. Дар айни замон шумораи аъзоёни кооперативҳо ба якчанд ҳазор нафар расидааст, ки дархостҳои муштаракро барои таъмини маводҳои хоҷагии қишлоқ пешниҳод мекунанд. Азбаски аъзоёни кооператив қарор доданд, ки дар давоми якчанд сол фоидаи бадастовардаро дар ташкилот боқӣ мемонанд, акнун дар тирамоҳ онҳо метавонанд барои маводҳои хоҷагии қишлоқ дархост пешниҳод кунанд, онҳоро ба деҳа меоранд, пардохташ бошад тирамоҳи соли оянда пас аз фурӯши ҳосили парваришшуда амалӣ карда мешавад.

**ХМД** Хадамоти машваратии деҳот (ХДМ) 1999 сол аз ҳисоби маблағҳои грантии Фонди байналмилалии инкишофи хоҷагии қишлоқ, грант аз Швейтсария, инчунин воситаҳои кредитии Бонки Умумумиҷаҳонӣ, ки ба Ҷумҳурии Қирғизистон ҷудо шуда буданд, ташкил карда шудааст. ХМД дар ҳамаи вилоятҳо ва ноҳияҳои Ҷумҳурии Қирғизистон амал мекунад. Аз аввали 2003 сол Лоиҳаи GTZ “Баландкунии сатҳи устувори таъмини ҳаёти аҳолии деҳот” бо ХМД оиди таълими мушовирони деҳоти дар деҳаҳои вилоятҳои Баткен ва Ҷалол-Обод амалкунанда ҳамкорӣ менамояд.

**Мушовири деҳот** Мушовирони деҳотии ХМД таълими махсусро дар доираи лоиҳаи GTZ “Баландкунии сатҳи устувори таъмини ҳаёти аҳолии деҳот” гузаштаанд ва машваратҳои музднок ва хизматрасонии дигарро ба фермерон мерасонанд. Дар байни онҳо инчунин аксар вақт мушовирони бо кооперативҳо ва агентиҳои микрокредитӣ дар доираи лоиҳаи GTZ “Баландкунии сатҳи устувори таъмини ҳаёти аҳолии деҳот” ҳамкорикунанда вомехӯранд.

Чуноне, ки маълум аст, инсон дар тӯли тамоми умри худ дониш меомӯзад. Ҳамаи навгониҳо ва ихтироот дониш ва кунҷковиро талаб мекунанд ва ба ҳаёт дар ҷараёни хатогиву ғалатҳо роҳ меёбанд.

Аз мисоли парвариши мева дар ҷамоати деҳоти Учкурғон барои фурӯш дар бозори ҷаҳонӣ бармеояд, ки фермерони маҳаллӣ ҳамеша барои баландкунии дониши худ оиди парвариши олуча кӯшиш мекунанд. Ба ин нигоҳ накарда, онҳо ба хулоса омаданд, ки ҳамеша оиди танзими гумрукӣ бохабар буда наметавонанд Ҳамин тариқ, фермерон қарор доданд, ки дониши худро оиди парвариши олуча давом диҳанд, содироти маҳсулотро бошад ба миёнаравони кордон супоранд. Барои расидан ба комёбӣ донишу малакаи худро ба таври объективӣ баҳогузорӣ кардан зарур аст, яъне ту чиро медонӣ ва метавонӣ, инчунин дар кадом соҳа бояд донишу малакаи худро баланд намоӣ. Танҳо пас аз таҳлили мазкур ту метавонӣ ба хулоса ой, ки барои машварат муроҷиат кардан зарур аст ё не. Муроҷиат барои машварат барои аксарияти кишварҳои иқтисоди бозаргонӣ таҷрибаи муқаррарӣ аст, ки дар он як соҳаи калони таъминотчиёни хизматрасонии машваратӣ амал мекунад. Равшан аст, ки маслиҳати хуб арзиши худро дорад, барои он маблағ пардохт кардан зарур аст. Хизматрасонии мазкур ба хароҷотҳои оддии соҳибкорӣ тааллуқ доранд.

## Бо кадом мақсад барои гирифтани машварат муроҷиат кардан зарур аст?

Барои ташкил ва бурдани хоҷагии фермерӣ ту бояд оиди доираи васеи масъалаҳо донишу малака дошта бошӣ. Аниқ аст, ки дониши барои бурдани тиҷорат талабшаванда аз дониши доштаи ту зиёд хоҳад буд. Аз ин бармеояд, ки ба ту лозим меояд, ки барои машварат ба як қатор манбаъҳои маълумот, азҷумла хизматрасонии музднок муроҷиат намоӣ, ки дар соҳаи мазкур мутахассисон соҳиби донишҳои пешқадам мавҷуд ҳастанд ва мунтазам онҳоро такмил медиҳанд. Ҳангоми пардохти хизматрасонии музднок, ту маслиҳати касбӣ ва объективиро мегирӣ, зеро мутахассисони касбӣ, ки маълумоти ғалат ё ғайриобъективиро медиҳанд, метавонанд бекор монанд.

**Агар соҳибкор барои машварат муроҷиат намояд, оё ин аломати нотавонии ӯ аст? Ҷавоб ба саволи мазкур ягона аст: “Не!”**

**Агар соҳибкор барои маслиҳат муроҷиат нанамояд, магар ин аломати беандешагӣ ва боварии аз ҳад зиёд ба худ нест? Ҷавоб: “Ҳа!”**

Шахсони аз ҳама муваффақ дар ҷаҳон ҳамеша барои маслиҳат муроҷиат мекунанд. Роҳбарони ҳукумат, директорони ширкатҳои калонтарин дар ҷаҳон ва менеджерони корхонаҳои майда барои машварат ба шахсони дигар барои машварат муроҷиат мекунанд.

Ба соҳибкор лозим аст, ки ҳамеша ба машварат ва шарҳҳои шахсони дигарро бодиққат гӯш диҳад, аммо аз кадом маслиҳату машварат истифода кардану, кадомашро сарфи назар кардан худаш шахсан ҳал менамояд. **Соҳибкор барои қарорҳои қабулкардааш масъулиятро бояд ба зиммаи худ гирад.**

## Соҳибкор барои машварат ба кӣ муроҷиат карда метавонад?

Соҳибкор бояд оиди тиҷорати худ тасаввуроти хуб дошта бошад ва дар асоси он маслиҳатҳоеро баррасӣ намояд, ки метавонанд ба ноилшавии мақсадҳои гузошта оварда расонанд. Қарори хотимавӣ ва масъулият барои қабули маслиҳати эҳтимолӣ ба зиммаи худи соҳибкор гузошта мешавад.
Манбаъҳои расмӣ ва ғайрирасмии хизматрасонии машваратӣ вуҷуд доранд.

**Ғайрирасмӣ: (эҳтимол манбаъҳои машваратии ғайритахассус ва ғаразнок):**

- Волидайн ва аъзоёни оила;
- Дӯстон;
- Сокинони деҳа, ки дар он намуди тиҷорате, ки ту мехоҳӣ бо он машғул шавӣ, ба комёбӣ муваффақ шудаанд;
- Ташкилотҳои ғайридавлатии маҳаллӣ (ТҒД)

**Манбаъҳои машваратиирасмӣ (одатан, соҳибтахассус ва касбӣ):**

- Мушовирони деҳот ХМД TES Марказ ва муассисаҳои дигар;
- Кооперативҳо;
- Агентиҳои микрокредитии деҳот (АМК);
- Нотариусҳои давлатӣ;
- Муҳосибон;
- Интернет-захираҳо (сомонаҳо)

Дар кишварҳои тараққикарда фермерон аз ширкатҳое машварат мегиранд, ки бо таъмини маводҳои хоҷагии қишлоқ ба хоҷагиҳои фермерӣ машғуланд. Масалан: Ширкате, ки бо тиҷорати пору машғул аст, оиди истифодаи намудҳои гуногуни пору барои зироатҳои гуногун, инчунин барои намудҳои гуногуни хок машварат медиҳад. Ширкате, ки бо савдои пору машғул аст, бохушнудӣ маслиҳат медиҳад, зеро аз ҳисоби фурӯши миқдори зиёди пору ба фермерон фоида мегирад. Кооперативҳо ва агентиҳои микрокредитии маҳаллӣ инчунин барои машваратдиҳии ту омодаанд, зеро дар симои ту аъзо ё мизоҷи имконпазирро мебинанд.

**ВАЗИФА:**



Рӯйхати манбаъҳои расмӣ ва ғайрирасмии машваратдиҳие, ки дар деҳаи ту ё дар деҳаҳои атроф фаъолият мекунанд, тартиб деҳ. Барои иҷрои вазифа хонагӣ ба манбаъҳои расмӣ муроҷиат намо ва муайян намо, ки оё хадамоти машваратӣ дар ҳақиқат фаъолият мекунанд ё не. Омӯзгори ту метавонад намояндагони баъзе аз ширкатҳои машваратдиҳандаро ба мактаб даъват намояд, то ки онҳо ба синф дар бораи хизматрасонии худ нақл намоянд. Пас аз муаррифии онҳо бо синф муҳокима намоед, ки оё онҳо хизматрасонии машваратии муфидеро, ки дар ҳолати зарурат и машварат ту барои он маблағ пардохт карда метавонӣ, пешниҳод мекунанд ё не.

## Оқибатҳои муроҷиат накардан барои машварат

Одамон ҳангоми дуруст баҳо дода натавонистани сатҳи дониши худ одатан барои машварат муроҷиат намекунанд. Рафтори мазкур метавонад ба мушкилот ва ҳатто ноком шудани тиҷорат расонад. Аксарияти одамони софдилона меҳнаткунанда метавонанд мушкилоти дар марҳилаҳои барвақтии фаъолият пайдошударо бартараф намоянд. Аммо ба ин нигоҳ накарда, агар онҳо барои машварат саривақт муроҷиат накунанд, сатҳи мушкилотро паст ва бартараф накунанд, барои онҳо барои гирифтани фоида аз тиҷорати худ вақти зиёдтар лозим мешавад. **Барои машварат муроҷиат кардан мумкин аст, ҳатто агар барои он маблағ пардохт кардан зарур бошад ҳам!**

## Оё соҳибкор барои машварат бояд маблағ пардохт намояд?

Ин аз моҳияти машварати талабшаванда вобастагӣ дорад. Ҳар қадар миқёс васеъ ва сохтори тиҷорат мураккаб бошад, эҳтимоли зарурати маслиҳат баландтар аст, барои маслиҳат, одатан, маблағ пардохт кардан зарур аст. Музд барои машварат ба хароҷотҳои мустақими корхона дохил мешавад, ки дар он принсипҳои бозаргонӣ истифода мешаванд: маблағи барои машварат пардохтшаванда, бояд аз фоидаи дар натиҷаи истифодаи маслиҳати мазкур интизоршаванда хеле кам бошад. Бо ҳисоби мутлақ, машварат арзиши баланд надорад. Машварати дусоата бо арзиши 1000 сом метавонад ба андешаи ту гарон бошад, аммо агар духтури байтор барои ташрифи худ ба хоҷагии фермерии ту 1000 сом гирад ва аспи туро, ки нархаш 30000 сом аст, наҷот диҳад, пардохти хизматрасонии мазкур бо фоидаи зиёд пардохт мешавад!

Соҳибкорони муваффақ зарурати маслиҳатро дарк мекунанд ва омодаанд барои он маблағ пардохт намоянд. Дар ҳолати акс, ин метавонад ба пастшавии сатҳи фоида ё зарар ба тиҷорат расонад. Кадом соҳибкор орзуи зиёд кардани фоидаи худро надорад?



Музд барои хизматрасонии машваратӣ метавонад дар шаклҳои гуногун амалӣ карда шавад. Масалан, дар вилояти Ҷалол-Обод, ки лоиҳаи GTZ ва ХМД фаъолияти муштаракро оиди пешниҳоди хизматрасонии машваратӣ ва воситаҳои қарзӣ тавассути мушовирони деҳотии шабакаи ХМД мебаранд, маблағи ҳармоҳаи комиссионӣ барои пешниҳоди қарз арзиши машварат ва арзиши қарзро пардохт мекунад. Худи ҳамин дар вилояти Баткен низ мушоҳида мешавад, киагентиҳои микрокредитии аз ҷониби GTZ ташкилшуда машварат ва қарз медиҳанд. Кооперативи хоҷагии қишлоқи "Мол Тушум", ки аз ҷониби лоиҳаи GTZ ташкил шудааст, ҳиссаи фоизии арзишҳои маводҳои хоҷагии қишлоқро барои пардохти музди меҳнати роҳбарони гурӯҳҳо ва агентҳои деҳот барои хизматрасонӣ оиди ташкили харидорӣ ва интиқоли маводҳо ба аъзоёни кооператив пешбинӣ кардааст.

**Ҳамаи ташкилотҳои мазкур босубот кор мекунанд, зеро хароҷотҳои амалиётии худро аз ҳисоби пардохти хизматрасонии ба бенефисиарҳо ва мизоҷон пешниҳодшаванда мепӯшонанд. Аз ин бармеояд, ки онҳо аз касе вобастагӣ надоранд ва танҳо ба қувваи худ умед мебанданд.**

## Манбаъҳои хизматрасонии машваратӣ дар Қирғизистон

### Мушовири деҳот ХМД

Машваратро оиди масъалаҳои хоҷагии қишлоқ сокинони деҳот аз мушовирони деҳоти ХДМ дар деҳоте мегиранд, ки сохторҳои ХМД фаъолият мекунанд. Аммо дар ҷойҳое, ки сохторҳои мазкур вуҷуд надоранд, корҳои зерин иҷро намешаванд:

- Маълумотдиҳии сокинони деҳот оиди мушкилоти гуногун;
- Омӯзиши сокинони деҳот тибқи технологияҳои парвариши зироатҳои хоҷагии қишлоқ;
- Кӯмак ба сокинони деҳот оиди гузаронидани таҳлил ва ҳалли масъалаҳо;
- Расонидани кӯмак ба сокинони деҳот дар ташкили гурӯҳҳои худкӯмакрасонӣ;
- Паҳнкунии маълумоти барои инкишофи хоҷагии қишлоқ мусоидаткунанда.

Яке аз мақсадҳои асосии мушовири хоҷагии қишлоқ - расонидани кӯмак ба одамон дар ҳалли мушкилоти онҳо мебошад. Барои ҳалли масъалаҳо иҷрои пайдарҳами якчанд амалҳои муқаррар талаб карда мешавад. Дар аксарияти мавридҳо ҳалли масъаларо дарёфт кардан душвор аст, бинобар ин таҳлили бодиққати масъала ва ёфтани ҳалли қобили қабули он зарур аст.



**Даҳ қадами ҳалли мушкилот:**




Дар хотир дор, ки қарори хотимавӣ оиди тарзи баромадан аз мушкилот дар доираи масъулияти соҳибкор боқӣ мемонад.

Мушовир маслиҳат медиҳад, аммо якҷоя бо ин ӯ метавонад баррасии мушкилотро аз ҷиҳати дигар нишон диҳад.

## Инкишофи кооперативҳо

Дар асри 19 дар Аврупо воридкунии рақобати озод ва азнавташкилкунии соҳибмулкии замин хоҷагиҳои хурди фермериро ба зиёдшавии андозҳо рӯбарӯ кард. Хушксолӣ ва гуруснагии паси он омада вазъиятро боз ҳам вазнинтар карданд. Дар 1864 сол Фридрих Райффайзен (немис) кооператив ташкил кард ва ба ҷомеаи фермерӣ, ки аз қашшоқӣ азият мекашид, дастрасиро ба қарзҳо кушод.

Немиси дигар, Герман Шултсе қарор дод, ки тарзи ягонаи комёбшавӣ барои беҳтаркунии шароитҳои иқтисодӣ ин муттаҳидкунии фермерони заиф ба гурӯҳҳои худкӯмакрасон мебошад. Гурӯҳҳои мазкур дар асоси худкӯмакрасонӣ ва масъулияти муштарак таъсис дода шуданд.

1889 сол дар Германия Қонун “Дар бораи кооперативҳо” қувваи эътибор пайдо кард, ки дар он ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои мақомотҳои кооператив, рӯйхати қоидаҳои молиявӣ ва

муҳосибӣ ва талаботҳо оиди гузаронидани аудити мустақили кооперативҳо (тафтиши дурустии истифодаи воситаҳои молиявӣ) шарҳ дода мешуданд. Кооперативҳо дар асоси арзишҳо ба монанди **ҳамдилӣ, баробарӣ ва демократия** таъсис дода мешаванд.

**Ҳамдилӣ**маънои онро дорад, ки кор дар доираи кооператив ҳамеша барои фоидаи ҳамдигарии аъзоёни он иҷро мешавад. Кооперативҳо масъулияти муштаракро дастгирӣ менамоянд.

**Баробарӣ ва демократия**маъно дорад, ки ҳамаи аъзоёни кооператив ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳои баробар доранд. Кооперативҳои таъминотӣ бо фурӯш ва таъмини тухмӣ, поруҳо, заҳрдоруҳо, инчунин таҷҳизоти хоҷагии қишлоқ барои аъзоёни худ машғуланд. Кооперативҳое мавҷуданд, ки бо иҷораи таҷҳизот ё хизматрасонии машваратӣ оиди масъалаҳои техникӣ машғуланд. Инчунин кооперативҳои қарзие мавҷуданд, ки дастрасиро ба воситаҳои қарзӣ таъмин мекунанд. Кооперативҳои маркетингӣ маҳсулоти хоҷагии қишлоқе, ки дар хоҷагиҳои аъзоёнаш истеҳсол мешаванд, бо нархи хуби шартномавӣ мефурӯшанд ё маҳсулотро то даврае, ки ба онҳо нархи бозор баланд мешавад, нигоҳ медоранд.

## Кооперативҳои Қирғизистон

Дар Қирғизистон ҳар як деҳа барои ташкили кооператив имконият дорад. Тибқи қонунгузории Қирғизистон 7 нафар метавонанд ба таври расмӣ кооперативи худро таъсис диҳанд. Кооператив мақоми ташкилоти ғайритиҷоратиро дорад ва фаъолияти худро тибқи принсипҳои иқтисоди бозаргонӣ ва Қонун “Дар бораи кооперативҳо” амалӣ менамояд.

Шумораи кооперативҳо дар Қирғизистон зиёд шудааст: барои инкишофи онҳо шароитҳои аз ҳама мусоид фароҳам оварда шудаанд, инчунин сифати хизматрасонии онҳо баланд шудааст. Дар доираи лоиҳаи GTZ “Баландкунии сатҳи устувори таъмини ҳаёти аҳолии деҳот” дар 2004 сол дар вилояти Баткен кооперативи хоҷагии қишлоқ “Мол Тушум” ташкил карда шуд. Имрӯз Қирғизистон беҳтарин таъминотгарони хизматрасонӣ дар вилояти Баткенро дорад, ки дар айни замон ба Россия меваро содирот мекунанд. Намунаи ин гуна таъминотгарон кооперативи “Мол Тушум” мебошад, ки сол то сол инкишоф ёфта, зиёда аз 2000 аъзо дорад.

Суроғаи кооперативи хоҷагии қишлоқи “Мол Тушум”: Қирғизистон, ш. Баткен, кӯчаи Султанмурат минбаши, 14, почтаи электронӣ: **abdirashit@mail.ru**

## Афзалиятҳои аъзоёни кооператив

Аъзогӣ дар кооператив ба аъзоёни он як қатор афзалиятро медиҳад:

- Дастрасӣ ба як қатор хизматрасонӣ вобаста ба намуди кооператив. Мисол, кооперативи таъминотӣ ба аъзоёни худ тухмӣ ва поруҳоро пешниҳод мекунад. Ҳангоми муттаҳидкунии дархостҳои аъзоёни кооператив арзиши воҳиди дархостшаванда оиди хариди маводҳои сертификатдори хоҷагии қишлоқ пасттар мешавад, инчунин интиқоли он бевосита ба деҳаҳои истифодабарандагон амалӣ карда мешавад;
- Кӯмак дар гирифтан ва васеъкунии дониш оиди масъалаҳои техникӣ, маркетингӣ ва ҳуқуқӣ;
- Кӯмак дар муттаҳидкунии маҳсулоти истеҳсолшуда барои фурӯши муштараки онҳо;
- Пешбурди манфиатҳои иқтисодии аъзоёни кооператив.

Ба кооператив метавонанд шахсони инфиродӣ аъзо шаванд, аммо ба он ягон намуди корхона, ғайр аз хоҷагиҳои фермерии оилавӣ ҳамроҳ шуда наметавонад.

## Аъзогӣ дар кооператив

На ҳар як нафар ҳуқуқи аъзои кооператив шуданро дорад, танҳо онҳое, ки ба талаботҳои муайян ҷавобгӯ ҳастанд, ба кооператив аъзо шуда метавонанд. Аъзоёни кооператив бояд саҳми кооперативро харидорӣ кунанд ва дорандаи саҳм шаванд. Ҳар як кооператив мустақилона маблағи пардохтҳои ҳатмӣ ва сохтори хароҷотҳоро муқаррар менамояд.

Барои аъзои кооператив шудан шахс бояд ба кооператив бо ариза муроҷиат намояд. Ба кооператив ба таври автоматӣ аъзо намешаванд. Аъзоёни амалкунандаи кооператив овоз медиҳанд ва оиди қабули аризадиҳанда ба иттиҳоди худ ё радкунии он қарор қабул менамоянд. Пас аз аъзои кооператив шудан аъзоҳои нав қабулшуда бояд ҳамаи қарорҳои қаблан қабулшудаи кооперативро иҷро намоянд ва аз ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳои аъзои кооператив бетаъхир истифода кунанд.

Барои чӣ ба волидайни худ ташкил кардани кооперативро дар деҳаи худ пешниҳод наменамоед?



*Менеҷери ХМД вилояти Ҷалол-Обод (аз рост) масъалаи даромаднокии хоҷагии сабзавотпарварӣ бо пешвои гурӯҳ аз ноҳияи Чатгал, ки аз ҷониби ХМД дастгирӣ мешавад (аз чап) муҳокима менамоянд.*



*Мушовири деҳот ХМД ва агенти кооперативи хоҷагии қишлоқи "Мол Тушум" дар мағозаи байтории худ дар деҳаи Киштуум ноҳияи Баткен. Дар мағозаи мазкур инчунин маводҳои хоҷагии қишлоқ ва машваратҳоро оиди истифодаи онҳо гирифтан мумкин аст.*



*Фермере, ки бо парвариши картошкаи тухмӣ машғул аст ва мушовири деҳот аз деҳаи Дейноо ноҳияи Лайлак. Лоиҳаи GTZ барои инкишофи соҳаи парвариши картошкаи тухмӣ дар 20 деҳаи вилояти Баткен ва Ҷалол-Обод мусоидат кард.*

# ФАСЛИ 4

## Баробарии гендерӣ




Саҳифаи 104 Сарқонун ва баробарии гендерӣ; муайянкунии истилоҳоти “ҷинс” ва “гендер” ва фарқияти онҳо

Саҳифаи 106 Вазифаҳои гендерӣ ва қолабҳо

Саҳифаи 109 Баробарии гендерӣ дар Қирғизистон

Саҳифаи 112 Иқдомҳои занони деҳот

ДАРСИ 10

# САРҚОНУН ВА БАРОБАРИИ ГЕНДЕРӢ; МУАЙЯНКУНИИ МАФҲУМИ “ҶИНС” ВА “ГЕНДЕР” ВА ФАРҚИЯТИ ОНҲО

## Муқаддима оиди фасли гендер

**Сарқонун** – ин маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва қонунҳое мебошад, ки тибқи онҳо дар давлат ҳокимият амалӣ карда мешавад. Сарқонуни амалкунандаи Ҷумҳурии Қирғизистон тавассути райъпурсӣ (овоздиҳии умумихалқӣ) 27 июни 2010 сол бар ивази Сарқонуни қаблӣ, новобаста ба он, ки бо сарқонунҳои қаблӣ шабоҳати зиёд дорад, қабул шудааст. Яке аз шабоҳатҳои мазкур моддаҳое мебошанд, ки ҳуқуқҳои инсонро кафолат дода, ҳуқуқ ба ҳаёт, барои ҳифз аз ҷониби қонун, барои дастрасӣ ба таҳсил ва кӯмаки тиббӣ, барои никоҳи озодона, интихоби зан/шавҳар, озодии эътиқод, озодии интихоби касбро кафолат медиҳанд.

Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистон баробарии марду занро кафолат медиҳад ва ӯҳдадориҳоро оиди ҳифзи инсон пурра ба ихтиёри давлат месупорад. Бо сабаби он, ки ҳуқуқи инсон дахлнопазиранд, ҳар як инсон аз лахзаи таваллуд, новобаста дар кадом давлат зиндагӣ карданаш соҳиби ҳуқуқ мешавад. Сарқонун наметавонад ҳуқуқҳои инсонро маҳдуд ё танзим намояд, аммо одатан он ба мақомотҳои давлатӣ барои хифзи онҳо ваколат медиҳад. Дар асл, танҳо давлат метавонад ҳуқуқи инсонро вайрон кунад. Ё ба сифати таҷовузкори бевосита, масалан дар ҳолате, ки шахсони мансабдор маҳбусонро шиканҷа медиҳанд ва ё мисол мақомоти фаъолияташ ғайрисамаранок, ки ин унсурҳои ғайридавлатие, ки қонунро вайрон мекунанд ё ғайриқонунӣ амал мекунанд, назорат намекунад ё дар мисоли дуздидани беҷазои арӯс ё никоҳи барвақтӣ.

Марду зан ҳуқуқҳои баробар доранд. Ҳар як инсон ҳуқуқи дар ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ озодона иштирок карданро дорад. Нисбати курси “Хоҷагии шукуфони ман” ҳар як хонанда, новобаста ба ҷинси ӯ, барои дастрасии амволи ҳуқуқии замин ва захираҳои об, барои ташкили кооперативҳои муттаҳидкардашудаи хоҷагии қишлоқ, барои бақайдмонии тиҷорати худ ва иҷораи ҷой дар бозор, фурӯши маҳсулоти истеҳсолшуда ҳуқуқ дорад. Инчунин ҳама ӯҳдадориҳои баробари андозӣ доранд.

Дар зер иқтибосҳо аз Сарқонун оварда шудаанд. Дар охири китоб ту моддаҳои сершуморро аз Сарқонун пайдо карда метавонӣ.

16.1. Ҳуқуқ ва озодии инсон гузашт карда намешаванд ва ба ҳама аз лаҳзаи таваллуд тааллуқ доранд. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон арзиши олитарин мебошанд. Онҳо мустақим амал мекунанд, мазмун ва мӯҳтавои фаъолияти ҳокимияти иҷроия ва мақомотҳои худидоракунии маҳаллиро муқаррар менамоянд.

16.3. Дар Ҷумҳурии Қирғизистон ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд.

16.4. Дар Ҷумҳурии Қирғизистон мардон ва занон ҳуқуқҳо ва озодиҳои баробар, барои татбиқи онҳо имкониятҳои баробар доранд.

36.5 Шахсоне, ки ба синни никоҳӣ расидаанд, ҳуқуқ доранд издивоҷ кунанд ва оила барпо намоянд. Ягон никоҳ наметавонад бе розигии ихтиёрӣ ва тарафайни шахсони издивоҷкунанда баста шавад. Никоҳ аз ҷониби давлат ба қайд гирифта мешавад.

37.1. Дар Ҷумҳурии Қирғизистон, урфу одат ва анъанаҳои мардумие, ки ҳуқуқ ва озодии инсонро маҳдуд намекунанд, аз ҷониби давлат дастгирӣ мешаванд.

16.2. Ҷумҳурии Қирғизистон ҳуқуқ ва озодиҳои ҳамаи шахсони дар қаламрави он қарордоштаро эҳтиром мекунад ва дар доираи қонунгузорӣ онҳоро таъмин менамояд.

Ҳуқуқи ҳеҷ кас бо аломати ҷинсӣ, нажодӣ, забонӣ, маъюбӣ, мансубияти миллӣ, эътикод, синнусол, эътиқоди сиёсӣ, таҳсилот, баромад, мақоми амволӣ ё дигар мақом, ҳолатҳои дигар вайрон карда намешавад.

Чораҳои махсусе, ки бо қонунгузорӣ муқаррар карда шудааст ва барои таъмини имкониятҳои баробар барои гурӯҳҳои иҷтимоӣ тибқи ӯҳдадориҳои байналмиллӣ равонашуда низ вайронкунии ҳуқуқ маҳсуб намешаванд.

Ҳамин тариқ, ҳуқуқи ҳеҷ кас наметавонад аз рӯи ҷинсият вайрон карда шавад, набошад "Ҷинс" чӣ маъно дорад, оё Шумо дар ягон ҷо калимаи "**ГЕНДЕР**"-ро шунидаед? Ҷинс ва Гендер чист?

## Муайякунии мафҳумҳои "гендер" ва "ҷинс", фарқияти онҳо, гуногунии гендерӣ.

Гендер – фарқияти аз ҷиҳати иҷтимоӣ сохташуда (бинобар ин тағйирёбанда)-и байни мардон ва занон мебошад.

Гендер аз "ҷинс" бо он фарқ мекунад, ки ҷинс фарқияти биологии байни мардон ва занон муайян менамояд.

Категорияи "ҷинс" ҳангоми таваллуд аз ҷониби мутахассисони тиб/биология аз рӯи аломатҳои ҷинсӣ муқаррар карда мешавад ва/ё баъдан дар шиноснома аз ҷониби низоми бақайдгирии аҳолӣ зикр карда мешавад. Ба таври низом аз ҷониби ҷомеа ба "мард" ва "зан" ҷудо карда мешавад.

Мафҳуми "гендер" дар аксарияти мавридҳо бо мафҳуми "ҷинс" якҷоя истифода мешавад, аммо агар "ҷинс" дар доираи биологӣ истифода шавад, "гендер", масалан, дар фаъолияти ҷамъиятӣ истифода мегардад.

Фарқияти биологӣ/ҷинсӣ ва гендерии марду занро талаботҳои гуногуни онҳо ва сатҳҳои гуногуни дастрасӣ ба захираҳо ва ҳокимиятро муқаррар мекунанд, ки барои зоҳиршавии нобаробарии гендерӣ мусоидат мекунад.

Гуногунии гендерӣ эътироф мекунад, ки эътиқоди аксарияти миллатҳо ва худизҳоркунии онҳо аз доираи меъёрҳои гендерии муқаррарӣ берун аст. Гуногунии гендерӣ қисми оддии эътиқоди инсон мебошад, ки дар тамаддунҳо ва таърихҳои гуногун устувор шудааст.

Ғайр аз ин, он ҳолате, ки кадом вақт барои ҷинси муайян мутобиқат намекард, дар давраи дигари таърихӣ метавонад дар рафти тараққиёти тамаддун як ҳодисаи муқаррарӣ гардад. Масалан, тамоюли мардоне, ки ба гӯш ҳалқа мекунанд ё занҳое, ки ба тани худ холкӯбӣ мекунанд. Аз давраи шӯравӣ занон ронандаи автобус шуда метавонистанд, ҳол он, ки занон дар айни замон автомошина меронанд, дар тайёра сафар мекунанд, ба кайҳон парвоз менамоянд ё дар сохторҳои ҳарбие адои хизмат мекунанд, ки қаблан дар онҳо танҳо мардон хизмат карда метавонистанд.

# ДАРСИ 11

# ВАЗИФАҲОИ ГЕНДЕРӢ ВА ҚОЛАБҲО

## Машқ:

### “Оила. Мо таваллуди кӯдакро интизорем”

**Маводҳо:**

- Ручка; қалам, ё маркерҳо (он чизе, ки бо он расм кашидан мумкин аст);
- Варақчаҳо бо навиштаҷоти вазифаҳои иҷтимоӣ барои гузаронидани бозӣ (бобо, модаркалон, падар, модар, писар, духтар);
- Флипчартҳо бо ҷадвал.

**Рафти кор:**

Ба иштирокчиён варақчаҳои маҳкамшуда бо тавсифи вазифаҳои иҷтимоии аъзоёни оила супорида мешаванд. Иштирокчиён дар утоқ ҳаракат карда, варақчаҳои маҳкамро ба дасти ҳамдигар то садои огоҳкунанда медиҳанд.

Ҳангоми садои огоҳкунанда иштирокчиён варақачаҳоро мекушоянд, номи худ ва вазифаи иҷтимоии худро дар ин ё он оила мехонанд ва дар гурӯҳҳо дар кунҷҳои гуногуни утоқ ҷамъ мешавад, ба болои зонуи ҳамдигар то тартиби зерин менишинанд: “бобо-модаркалон-падар-модар-писар-духтар” Дар марҳилаи мазкур тасаввуротро дар бораи шаклҳои гуногуни оила ворид кардан зарур аст. Барои ин  оила, ки дар он бобову бибӣ волидайн мебошанд; оила бо яке аз волидайн ба нақша гирифтан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, иштирокчиён ба се гурӯҳ ё се оила тақсим мешаванд, ки тавлиди кӯдакро дар оилаи онҳо тасвир мекунанд.

Ба ҳар як оила корт бо ҷадвал дода мешавад ва дар сутуни якум 20 сифати шахсият, ки онҳо мехостанд дар аъзои нави оилаи худ тарбия кунанд, нависанд. Дар ин марҳила ҷинси кӯдак маълум нест.

*Машқи мазкур аз маводҳои Хелены Минчени ва Ольги Сасункевой, Гендер Ликбез (2013) http://www.gender-ehu.org/files/File/gendernyj-likbez-text.pdf гирифта шудааст.*

Баъдан ба оилаҳо хабар дода мешавад, ки ТУС нишон додааст, ки тифл духтарча аст. Дар сутуни дуюм пешниҳод мешавад, ки сифатҳои дар рӯйхати якум зикршудае, ки оилаҳо дар симои духтарча дидан мехоҳанд, қайд карда шаванд.

Хатогӣ роҳ дода шудааст! Оилаҳо писарча интизоранд. Дар сутунчаи сеюм ба иштирокчиён сифатҳоеро аз рӯйхати якум қайд кардан зарур аст, ки оила дар симои писарча дидан мехоҳад.

| № | СИФАТҲО | 1 | 2 |
|---|---|---|---|
| 1. | | | |
| 2. | | | |
| 3. | | | |
| 4. | | | |
| 5. | | | |
| 6. | | | |
| 7. | | | |
| 8. | | | |
| 9. | | | |
| 10. | | | |
| 11. | | | |
| 12. | | | |
| 13. | | | |
| 14. | | | |
| 15. | | | |
| 16. | | | |
| 17. | | | |
| 18. | | | |
| 19. | | | |
| 20. | | | |

Иштирокчиён натиҷаҳои кори худро дар флипчартҳо иҷрошударо нишон медиҳанд.

“Кадоме аз тавсифҳои мазкур танҳо ба писарон, кадомаш танҳо ба духтарон хос аст?”

## Муҳокима: “Вазифаҳо ва қолабҳои гендерӣ”

**Шумо кадом Қолабҳоро медонед?**

Қолабҳо дар бораи занон: шавҳар кардан ва фарзанд таваллуд кардан. Ӯ бояд аз арзишҳои худ некӯаҳволии оиларо баланд гузорад; бояд меҳрубон, ғамхор, боодоб ва ҳамдард бошад; ва бояд барои худ вақт пайдо намояд, ки барои ҷалби як марде, ки метавонад шавҳари ӯ бошад, зебо ва дилкаш бошад.

Қолабҳо дар бораи мардон: аз ҷиҳати молиявӣ устувор ва муҳофиз (аз ҷиҳати ҷисмонӣ). Ӯ бояд қавиирода, рақобатпазир, мустақил, нотарсу дар касбу ихтисос бояд ба рушд майл дошта бошад; эҳсосоти худро нигоҳ дорад; ҳеҷ гоҳ гиря накунад.

Вазифаҳо, қолабҳои гендерии меросигирифташуда ва иҷтимоишавӣ сабаби асосии он мешаванд, ки мардон барои иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии кишвар ҳавасманду моил карда мешаванд, бинобар ин ҷои тааҷҷуб нест, ки имрӯз мо дар воқеияти мардон зиндагӣ менамоем.

Аз тарафи дигар, занон тибқи расму оин бояд дар хона шинанд ва дар бораи оила ғамхорӣ кунанд ва ин ба он ҳолат расонд, ки онҳо дар таркиби шахсони роҳбарикунанда кам ба назар мерасанд ва аз мардон аз ҷиҳати иқтисодӣ вобастаанд. Ин ба таври ҷиддӣ имконияти занонро дар зиндагӣ, интихоб ва озодии онҳоро маҳдуд мекунад. Ғайр аз ин, занони фаъол дар ҷомеа дар ободонии ноҳияи худ ва мусоидат ба рушди иқтисодии кишвар вазифаи асосиро мебозанд.

Мавҷудияти вазифаҳои гендерӣ дар аксарияти мавридҳо инкор карда мешавад, зеро вазифаҳои гендерӣ “табиӣ” маҳсуб мешаванд. Аммо оё метавонад чизе табиӣ ва қисми низоми биологии мо бошад, дар ҳоле, ки дар давоми садсолаҳо ё якчанд насл, дар фосилаи садҳо километр ва ҳудудҳо он тағйир меёбад? Ин ҷо шумо ба фарқиятҳои маданӣ ва ҷуғрофӣ тариқи усули ҳуҷуми зеҳнӣ муроҷиат карда метавонед. Аксарияти ҷавонписарон ва ҷавондухтарон, мардон ва занон аз талаботҳое, ки ба сифати “вазифаҳои гендерӣ” ба онҳо бор мекунанд, азият мекашанд. Ба таври қатъӣ муайян намудани вазифаҳои гендерӣ барои ба вуҷуд омадани нобаробарии байни мардон ва занон ва мавҷудияти зӯроварии гендерӣ мусоидат мекунад. Баъзе аз ҷуфтҳои муосир ва таҳсилкарда мехоҳанд, ки дар кишварҳои дигар, ба монанди Канада, Австралия ё Аврупои Ғарбӣ сафар кунанд ва он ҷо зиндагӣ кунанд, зеро кишварҳои мазкур шахсони соҳибақл ва беҳтаринро интихоб мекунанд ва шаҳрвандии кишвари худро пешниҳод мекунанд, дар он ҷо занон метавонанд қобилиятҳои худро инкишоф диҳанд, кӯдакон бошанд, имкониятҳои баробар доранд. Оё мо метавонем шахсони мазкурро дар кишвари худ нигоҳ дорем, то ки онҳо барои рушду тараққиёти он мусоидат кунанд?

Мафҳумҳои “вазифаҳои гендерӣ” ва “қолабҳои гендерӣ” дар аксарияти мавридҳо чун муродифҳо истифода мешаванд. Ин вазифаҳои анъанавӣ мебошанд. Ба сифати мисол мафҳуми “зани хуб”-ро овардан мумкин аст. Мафҳуми қобили қабули “зани хуб” он зан мебошад, ки дар синни хеле барвақт ба шавҳар мебарояд ва бо ягон ҷавонписарони дигар ягон хел муносибат надошта бошад; фарзандони писараш сершумор бошад; барои нигоҳубини хона барои шавҳару писаронаш бисёр меҳнат кунад; талаботҳои онҳоро аз талаботҳои худ боло гузорад; орому меҳрубон аст; баҳс накунад ва ғ. Ин хислатҳои қолабӣ вазифаи гендерии занонро дар тамаддуни мазкур инъикос мекунанд.

Баъзан вазифаҳои гендерӣ вобаста ба вазъият дигаргун мешаванд. Масалан, агар модар дар хона монад ва бо сабаби нигоҳубин кардани кӯдаки бемор ба кор наравад, ӯ “вазифаи анъанавии гендерӣ занон”-ро иҷро мекунад. Дар рӯзи оянда, вақте ки ӯ кӯдакро ба мактаб равон мекунад ва ба фабрика ба кор меравад ва чун коргари асосӣ ва пайдокунандаи маблағ амал мекунад, ӯ “вазифаи анъанавии гендерии мардон”-ро иҷро мекунад.

Вазифаҳои гендерӣ мутаносибан ба талаботҳои ҷомеаҳо иваз шуда метавонанд, зеро онҳо аз ҷониби ҷомеаҳо муайян ва қабул мешаванд, инчунин бо сабаби он, ки дар онҳо тақсимоти аниқ ба монанди мансубияти ҷинсӣ вуҷуд надорад. Масалан, агар мард дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ё ба сифати тарҷумон фаъолият кунад, ӯ метавонад дар хона нишаста, барномаҳои компутериро таҳия кунад ( дар айни замон ин “вазифаи анъанавии гендерии мард” маҳсуб мешавад). Агар ҳамсари мард дар донишгоҳ таҳсил кунад ё корманди ягон офис, ё муҳандиси ягон корхонаи истихроҷи маъдан бошад, мард метавонад бо тарбияи кӯдаки худ низ машғул шавад (“иҷрои вазифаи анъанавии зан”). Вазифаҳои дар боло зикршуда дар ҳамаи ҷомеаҳо бо мурури замон ва дараҷаи инкишоф ёфтан дигаргун мешаванд. Фарқияти байни занон ва мардонро мо на танҳо нисбати мазмуни биологӣ ва мансубияти ҷинсӣ, балки нисбати вазифаҳои гуногуни гендерӣ (фарқиятҳои гендерӣ)и бавуҷудомада ва инкишофёфта қабул менамоем.

ДАРСИ 12

# Баробарии гендерӣ дар Қирғизистон

Дар солҳои охир Ҷогорку Кенеш якчанд қонунро қабул кард, ки барои мусоидат ба иштироки нисбатан фаъоли занон дар ҳаёти ҷамъиятӣ, мусоидат ба ҳуқуқҳои сиёсии занон, инчунин ҳифзи занон аз зӯроварӣ равона шудааст. Қонунҳои мазкур ба баробарии мардон ва занон мазмуни нисбатан зиёд медиҳанд, ки ба сифати принсипи асосии Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистон инъикос шудааст. Масалан, квотаи гендерӣ мавҷуд аст, ки тибқи он на зиёд аз 70% ҷойҳо дар Палати ҳисоб, Суди олӣ, Суди конститутсионӣ ва Кумитаи марказии интихоботӣ метавонанд аз ҷониби шахсони ҷинсашон якхела ишғол шаванд. Дар воқеъ ин маънои онро дорад, ки квотаи 30% ба занон пешниҳод шудааст.

Тартиби монанд дар рӯйхатҳои интихоботии ҳизбҳо истифода мешавад, ҳарчанд ки мазмуни ҳақиқии қонун аз ҷониби шахсоне вайрон мешавад, ки ба занон-номзадҳо фишор меоранд ва онҳоро маҷбур мекунанд, ки аз ҷойи худ пас аз ишғол кардан даст кашанд, зеро қонунгузорӣ гузашти ҷойҳоро аз намояндаи як ҷинс ба ҷинси дигар барои нигоҳдории квота манъ намекунад. Квотаро нигоҳ доштан мумкин аст, агар ҷои холӣ ба ҳизби ваколатдори дигар, ки аллакай дар таркибаш зан – номзад дорад, дода шавад.

Чунин вазъиятро инчунин дар рӯйхати ташкилотҳои ҳизбии дар интихобот иштироккунанда мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар онҳо вайронкуниҳои сершумори қонунгузорӣ вомехӯрад. Масалан, барои ба ҳокимият тавассути рӯйхати ҳизби ворид шудан, мардон фишор меоранд ва занони аз онҳо дар рӯйхат болотарро аз мадди назар дур кунанд. Боз як лаҳзаи дигаре, ки ҳоло дар мо мушоҳида намешавад, аммо метавонад аз ҷониби шахсони боэътибор рад карда шавад – пешниҳоди қабули қонун дар бораи он, ки агар зан номзадии худро аз интихобот гирад, ба ҷои ӯ бояд зани дигар интихоб шавад ё зани дар рӯйхати ҳизби дигари қавӣ зикршуда пешниҳод карда мешавад. Агар ҷои холишуда ба занони дар рӯйхати ҳизби дигари расмӣ пешниҳод мешуд, пас аз интихоб ягон зан номзадии худро намегирифт! Ин як рақами оддӣ нест, зеро кори босифати занон – аъзоёни Парлумони Қирғизистон барои ҷомеаҳо аҳамияти хеле муҳим дорад. Дар ҳайати ҷории Парлумони Қирғизистон як қатор занони хеле пурқувват фаъолият мекунанд, аммо ҳамзамон мардон-вакилони Парлумон кори фаъолонаро барои воридкунии меъёрҳои ҳуқуқӣ (волоияти қонун) барои таъмини баробарии гендерӣ ва имкониятхои баробар барои ҳар як шаҳрванди кишвар мебаранд.

Ҳамин тариқ, норасоиҳо на бо сабаби мавҷуд набудани қонунҳо, балки норасоии нишондиҳандаҳое, ки бо рафти татбиқи қонунҳо ва тарзи амаликунии онҳо дар ҳаёт вобастаанд, рӯй медиҳанд. Дар мавриди қонунҳои вобаста ба ҳуқуқи инсон, давлат бояд захираҳои заруриро барои баландкунии иқтидори мақомотҳои давлатӣ ва расонидани кӯмак ба одамон барои ноил шудан ба муваффақият ҷудо кунад. Ва дар охир, албатта, ба ҷои гирифтани масъулият оиди таъмини иҷрои ӯҳдадориҳои давлат қабули қонунҳои баланд осонтар аст. Ҳамаи гуфтаҳои боло барои давлат барои иҷро накардани ӯҳдадориҳои худ дар назди шаҳрвандони худ ва қонунҳои байналмилалӣ асоси оқилона маҳсуб шуда наметавонад.

Бо қонуне, ки барои сахт кардани ҷазо барои дуздидани арӯс равона шуда буд, чӣ ҳодиса рӯй дод? Судяҳо ягон маротиба тибқи моддаи мазкур маҳрумкунӣ аз озодиро таъин накардаанд, ҳарчанде, ки ин бо қонунгузорӣ пешбинӣ шудааст. Туфайли маъракае, ки дар 2012 сол нисбати моддаи 155 Кодекси ҷиноӣ гузаронида шуд, ҷазо барои дуздидани арӯс то 10 сол муқаррар карда шуд ва дар айни замон мақомотҳои судӣ ҳарчанд оҳиста, аммо ба ҳар ҳол қонунро иҷро мекунанд ва ҷинояткоронро ба ҳабс равон мекунанд. Ин самараи ҳақиқиро дод: аксарияти одамон фаҳмиданд, ки дуздидани арӯс ҷазоро пешбинӣ мекунад, нафарони дигар фаҳмиданд, ки зиёдшавии шумораи бекоркунии никоҳ дар издивоҷи мазкур нишонаи муайянкунандаи он аст, ки ин оилаҳоро вайрон мекунад ва гурехтани ҷавондухтар аз оила оқибат ба исноди оилаи арӯсдуздида меорад.

| Занон дар Парламенти (Җогорку Кенеш)-и Қирғизистон | | | |
|---|---|---|---|
| **Соли интихоб** | **Шумораи умумии аъзоёни Парлумон** | **Занон-аъзоёни Парлумон** | **Ҳиссаи занон-аъзоёни Парлумон** |
| 1995 | 105 | 5 | 5% |
| 2000 | 105 | 7 | 7% |
| 2005 | 75 | 0 | 0% |
| 2007 | 90 | 23 | 26% |
| 2010 | 120 | 28 | 23% |
| 2011 | 120 | 30 | 22% |

Дар Қирғизистон занон ҳангоми дарёфткунии кор ба вайронкунии ҳуқуқ дучор мешаванд. 64,4% занон дар Қирғизистон дар соҳаи хоҷагии қишлоқ ва танҳо танҳо дар 15,1% хоҷагиҳои фермерӣ вазифаи роҳбариро иҷро мекунанд ва асосан хоҷагиҳои мазкур аз ҷониби занони шавҳармурда ё аз шавҳар ҷудошуда сарварӣ карда мешаванд.

Мақсади асосии дастури "Хоҷагии шукуфони ман" муҳокимаи масъалаи ҳуқуқи соҳибмулкии замин мебошад. Дар он мақомотҳои маҳаллие, ки замини ҷамъиятӣ мавҷуд аст, ҳар як писарбача ё духтараки сокини ҳамон маҳал ба қитъаи замин барои сохтмони манзил ва саҳми замини таъиноти хоҷагии қишлоқ ҳуқуқ дорад. Вақте, ки ҷавондухтар ба шавҳар мебарояд ва аъзои оилаи шавҳараш мешавад, агар дар ҳамон ҷомеа монад, ӯ ҳуқуқи саҳми замини худро гум намекунад. Агар оила замини мазкурро аз худ карданӣ шавад, замин тибқи қонун амволи ҷавондухтар маҳсуб мешавад. Аммо ба ин нигоҳ накарда, ҳангоми бекоркунии никоҳ риоя кардани қонун ва тақсими баробари амволи муштарак байни ҳамсарон хеле душвор аст.

Дар ҳолати аз хама бад, агар ҳамсар бо шавҳараш ҷудо шавад ва ба оилаи волидайн баргардад, ӯ аз рӯи қонун барои саҳми замини худ ҳуқуқ дорад. "Хоҷагии шукуфони ман" имконияти гирифтани даромади зиёдро аз қитъаи начандон калони заминро меомӯзонад. Дар ҳоле, ки барои парвариши гандум майдони калон, истифодаи самараноки мошинҳои калони хоҷагии қишлоқ зарур аст, дастури "Хоҷагии шукуфони ман" роҳи гирифтани фоидаи калонро дар қитъаи начандон калони замин, масалан, дар полез тавассути коркарди самараноки зироатҳои хоҷагии қишлоқ ва гирифтани арзиши иловагии зиёд меомӯзонад.

*Гузаронидани Курултой анъанае мебошад, ки аз ҷониби мардуми Қирғизистон дастгирӣ мешавад. Аммо дуздидани арӯс дар асл урфу одати ҳақиқии мардуми қирғиз нест ва аз ҷониби қонун дастгирӣ карда намешавад, бинобар ин барои амали мазкур аз ҷониби давлат ҷазо пешбинӣ шудааст.*

Дар ҳоле, ки норасоии замин сабаби муноқишаҳои зиёд дар Ҷумҳурии Қирғизистон мебошад малакаву таҷрибаи сохтмон, инчунин гирифтани фоидаи зиёд аз захираҳои маҳдуди замин ва об барои пешгирӣ ва кам кардани шумораи муноқишаҳо кӯмак мекунанд. Қолабҳои гендерӣ дар Қирғизистон – ин вақте, ки мардон дар майдону чарогоҳҳо кор мекунанд, занон дар қитъаи замини наздиҳавлигӣ машғули кор мешаванд. “Хоҷагии шукуфони ман” ба мақсади гирифтани фоидаи зиёд тавассути гузаронидани корҳо дар қитъаи наздиҳавлигӣ, инчунин тақвияти вазифаи зан ба сифати нигоҳдорандаи арзишҳои хонавода равона карда шудааст.

“Хоҷагии шукуфони ман” ҷавонписаронро барои озмудани қувваи худ дар полез ва вайронкунии вазифаҳои анъанавии гендерӣ тайёр менамояд. Агар онҳо дар дар парвариши зироатҳои хоҷагии қишлоқ муваффақ шаванд ва қисми зиёди ҳосилро дар бозор фурӯхта тавонанд, бо ин малакаву таҷрибаи соҳибкори навкорро мегиранд, ки ин дар навбати худ қолаби гендерии вазифаи мард мебошад.

Духтарон ва писарон бояд  ба ҳуқуқҳо ва ба имкониятҳо дастрасии баробар дошта бошанд. Ҳамин тариқ, курси мазкур ба хонандагон, новобаста ба мансубияти ҷинсиашон, имконият медиҳад, ки малакаҳои асосии истифодаи самараноки захираҳоро азхуд кунанд. Омӯзиш барои иштироки бомуваффақият дар тиҷорати бозаргонӣ тавассути истеҳсол ва маркетинг, инчунин маблағгузории қисме аз фоида малакаву таҷрибаҳои амалиро медиҳад. Ҳангоми гирифтани фоида ва маблағгузории такрории қисми зиёди он дар давоми якчанд сол ферма сохтан мумкин аст, ки барои ҳаёти мӯътадил ва хуби оилаи шумо асос мешавад. Ҳангоми мавҷудияти тиҷорати хусусӣ таъсири иқтисодии шумо дар ҷомеа зиёд мешавад. Нархи маҳсулоти фурӯхташавандаи шумо баланд, хароҷоти барои маводҳои хоҷагии қишлоқ, ба монанди пору ва тухмӣ кам мешавад. Агар писарон ва духтарон заминро фаъолона коркард кунанд ва баробар фаъолият кунанд, деҳаи шумо инкишоф меёбад, ки ин барои рушди кишвар дар маҷмӯъ мусоидат мекунад. Аммо агар нисфи аҳолӣ дар пешбурди фаъолияти хоҷагии қишлоқ манфиатдор бошад, пешравӣ бо суръати нисбатан суст амалӣ мешавад.

ДАРСИ 13

# Иқдомҳои занони деҳот

## Калимаҳои нав

| | |
|---|---|
| **Агентиҳои микрокредитӣ** | Агентиҳои микрокредитӣ – ин муассисаҳое, ки шаҳрвандони камбизоатро тавассути пешниҳоди қарзҳои хурд дастгирӣ мекунад |
| **Кредит** | Маблағи пулие, ки ба қарзгир тибқи шартҳои шартномаи қарзӣ дода мешавад. |
| **Фоида** | Пули изофагие, ки пас аз фурӯши маҳсулоти истеҳсолшуда ва аз ҳисоббарории хароҷот барои истеҳсол, азҷумла интиқоли маҳсулоти мазкур ба бозор, боқӣ мемонад. |
| **Иқдомҳои занони деҳот** | Аз ҷониби занон амалӣ кардани намудҳои гуногуни фаъолият тариқи истифодаи самараноки захираҳои маҳаллии мавҷудбуда |
| **Истифодаи маслиҳат** | Баҳогузории мутобиқати иқдомҳои воқеӣ ба шароитҳои маҳаллӣ, инчунин нишон додани муваффақшавӣ ба натиҷаҳои самаранок. |
| **ХМД МҶ** | Хадамоти машваратии деҳоти минтақаи Ҷалол-Обод |

Фонди ҷамъиятии “Хадамоти машваратии деҳоти минтақаи Ҷалол-Обод” (ХМД МҶ) ба фермерони вилояти Ҷалол-Обод хизматрасонии машваратиро оиди инкишофи хоҷагии қишлоқ медиҳад. Яке аз самтҳои асосии фаъолияти ХМД дастгирии занони деҳот мебошад. Аз 2003 то 2007 сол GTZ барои беҳтаркунии шароити зиндагии занони деҳот тариқи баландкунии маҳсулнокии хоҷагии қишлоқ ва даромад лоиҳаи “Хӯроквори барои пардохти музди меҳнат” дар ҷануби Қирғизистон амалӣ намуд.

Дар доираи лоиҳаи мазкур дар вилояти Ҷалол-Обод ду агентии микрокредитӣ (АКМ) ташкил шуданд: “Беш-Арал” ва “Сари-Челек”. Мақсади асосии АМК дар пешниҳоди қарз ба занони деҳот бо мақсади дастгирии онҳо дар фаъолияти даромаднокиаш баланд мебошад, ба монанди:

- Парвариши сабзавот, чун карам, картошка, пиёз, сирпиёз, бодиринг, қулфинай ва ғ. дар қитъаҳои наздиҳавлигӣ дар 0,01-0,04 га;
- Паррандапарварӣ – мурғони самти тухм ва гӯшт, мурғи марҷон, ғоз ва мурғобӣ;
- Коркарди хурди сабзавот, мева ва буттамеваҳо.

Хусусияти асосӣ ва афзалияти АМК-и мазкур на танҳо дар пешниҳоди қарзҳои дархостшаванда, балки гузаронидани машварат ва тренингҳо дар самти фаъолияти интихобшудаи хоҷагии қишлоқ мебошад. Дар ҳамкории зич ХМД МҶ бо АМК дастрасиро ба маводҳои баландсифати хоҷагии қишлоқ ба монанди тухмии баландсифати сертификатдор осон менамояд. Ба доираи мавзӯҳои иловагии омӯзиш гузаронидани таҳлили оддии иқтисодӣ барои ҳисобкунии фоидаи соф ва хароҷот, инчунин омӯзиши тарзҳои мутобиқи фурӯши маҳсулот дохил мешавад.

Ҳамин тариқ, мизоҷони АМК-и мазкур, яъне занони деҳот маҷмӯи пурраи хизматрасониро мегиранд. Мақсаднокӣ ва аҳамияти тарзи мазкурро шумо дар зер мушоҳида карда метавонед:

## Оимлҳои асосӣ барои амаликунии фаъолияти бомуваффақияти соҳибкорӣ дар хоҷагии қишлоқ:

1. Иқдоми шахсӣ
2. Дастрасӣ ба замин ва маводҳои хоҷагии қишлоқ (тухмӣ, кӯчат, пору ва ғ.)
3. Мавҷудияти манбаъҳои молиявӣ (микрокредитҳо)
4. Кӯмак ба мутахассиси хоҷагии қишлоқ – намоиш додан ва омӯзонидани технологияҳои мутобиқи коркарди замин ва ноу-хау.



## Агентиҳои микрокредитие, ки занони деҳоти вилояти Ҷалолободро дастгирӣ мекунанд

| Фонди ҷамъиятии АМК “Беш-Арал” | |
|---|---|
| АМК “Беш-Арал” дар 2007 сол ташкил шуда, барои инкишофи хоҷагии қишлоқ микрокредитҳо ва машваратро барои занони ноҳияи дурдастии кӯҳии Чаткал пешниҳод мекунад. Ҷузвдони қарзии АМК дар 2013 сол 1008000 сомро ташкил кард. АМК 34 гурӯҳи занонро хизматрасонӣ менамояд, ки ҳар кадомашон аз 4-10 аъзо иборатанд, дар маҷмӯъ 224 зан-фермер. Синнусоли занон аз 20 то 60 соларо ташкил медиҳад. | |
| **Маблағ ва шартҳои қарз** | Ҳар як аъзои гурӯҳ 3000-5000 сом мегирад, яъне дар маҷмӯъ тамоми гурӯҳ метавонад қарзи бегаравро ба маблағи 18000-45000 сом гирад. Фоизи ҳармоҳа 3% ё 135 сомро ташкил медиҳад. Қисми асосии қарз бояд пас аз ҷамъоварии ҳосил пардохт карда шавад.<br>Қарзҳо барои мақсадҳои зерин дода мешаванд:<br>- Парвариши картошка, карам, пиёз, сирпиёз, бодиринг, қулфинай, парвариши мурғи марҷон<br>Мӯҳлати пӯшонидани маблағи қарз одатан 7-9 моҳ, дар мавсими зимистон танҳо 5 моҳ (барои коркард). |
| **Мизоҷони асосӣ:**<br>**Барои оила:** | Заноне, ки камбизоат маҳсуб мешаванд ва ин аз ҷониби ҷамоати деҳот (айил окмоту) тасдиқ мешавад, хизматрасонии маҷмӯавиро барои гирифтани фоида: тренинг+қарз+тухмии босифат |
| **Маълумот барои тамос:** | Вилояти Ҷалол-Обод, ноҳияи Чаткал, деҳаи Каниш-Кия (бинои ҷамоати хадамоти ҷангал, кӯч. Дружба,7) |
| **Суроғаи электронӣ:** | **akk_chatkal@mail.ru** |
| **Менеҷер:** | Рысбекова Эркеайым Сатимбаевна |
| **Кормандон:** | 5 |

| Фонди ҷамъиятии АМК “Сари-Челек” | |
|---|---|
| АМК “Сари-Челек” барои инкишофи хоҷагии қишлоқ микрокредитҳо ва машваратро барои 758 занон ё 69 гурӯҳи занонаи фермерии ноҳияҳои Аксий, Базар-Коргон, Ноокен, Токтогул, Сузак пешниҳод мекунад. Ҷузвдони қарзии АМК дар 2013 сол 3500000 сомро ташкил кард. | |
| **Маблағ ва шартҳои қарз** | Ҳар як аъзои гурӯҳ 3000-5000 сом мегирад, яъне дар маҷмӯъ тамоми гурӯҳ метавонад қарзи бегаравро ба маблағи 18000-45000 сом гирад. Фоизи ҳармоҳа 3% ё 135 сомро ташкил медиҳад. Қисми асосии қарз бояд пас аз ҷамъоварии ҳосил пардохт карда шавад.<br>Қарзҳо барои мақсадҳои зерин дода мешаванд:<br>- Беҳтаркунии полезҳои наздиҳавлигӣ (аққалан барои ду намуди сабзавот);<br>- Парвариши картошка,<br>- Парвариши мурғ ва мурғи марҷон.<br>Мӯҳлати пӯшонидани маблағи қарз одатан 7-9 моҳ, дар мавсими зимистон танҳо 3 моҳ (барои коркарди сабзавот). |
| **Мизоқони асосӣ:**<br>**Барои оила:** | Заноне, ки камбизоат маҳсуб мешаванд ва ин аз ҷониби ҷамоати деҳот (айил окмоту) тасдиқ мешавад. |
| **Маълумот барои тамос:** | шаҳри Ҷалол-Обод, кӯч. Курманбек, 10 |
| **Суроғаи электронӣ:** | **ofmka_sary-chelek@mail.ru** |
| **Менеҷер:** | Жолдошова Салтанаткан Сейдеевна |
| **Кормандон:** | 7 |

## Меваҳои гурӯҳи “БОҒИ МЕВА”

Занон аз деҳаи Курулуш ноҳия Чаткал дар тренингҳои хадамоти машваратии Чаткал оиди ташкили гурӯҳ ва сарфакунии воситаҳо иштирок карданд. Натиҷаи омӯзиш ташкили гурӯҳи занонаи “Боғи мева” гардид, ки аз 6 аъзо иборат аст. Онҳо оинномаи гурӯҳро таҳия карданд ва фонди пасандозро ташкил карданд, ки маблағи ҳармоҳаи он 20 сом аз ҳар кас буд. ХМД Ҷалол-Обод барои онҳо як қатор тренингҳоро гузаронд: парвариши самараноки сабзавот; мубориза бо зараррасонҳо ва бемориҳои растаниҳо; коркарди сабзавот ва маҳсулоти ширӣ; истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ дар шароити хона ва ғ.

Занон як миқдор маблағро дар фонди пасандоз ҷамъоварӣ карда, қарор доданд, ки дар 1 га замини худашон гандум ва 0,50 га сафлор кишт кунанд. Дар натиҷа онҳо ҳосили сафлорро нагирифтанд, аммо 20 халта гандум (9х35-40 кг=700-800 кг) ҳосил гирифтанд. Онҳо ҳосили гирифтаро байни ҳамдигар тақсим карданд, ба ҳар кадомашон 4 халтагӣ ё 160 кг гандум рост омад. Худи ҳамон сол яке аз аъзоёни гурӯҳ ҳосили хуби қулфинайро аз 0,01 га қитъаи замини наздиҳавлигӣ гирифт. Ӯ даромадро бо аъзоёни дигари гурӯҳ, ки зиёд кардани масоҳати қитъаҳои заминро барои парвариши қулфинай қарор карданд, тақсим кард.

Дар 2007 сол дар ноҳияи Чаткал АМК “Беш-Арал” ташкил карда шуд, ки бо додани қарзҳо ба гурӯҳҳои занона машғул шуд. Ҳамин тариқ, аъзоёни гурӯҳи “Боғи мева” қарзро ба маблағи 18000 сом гирифта, дар 0,20 га замини наздиҳавлигии ба Базариева Маржангул ва 0,10 га замини ба Таирова Гулжан тааллуқдошта бо парвариши қулфинай машғул шуданд.

Дар 2008 сол Маржангул масоҳати замини парвариши қулфинайро то 0,40 га, Гулжан бошад то 0,20 га зиёд кард. Даромади хубро гирифта, онҳо масоҳати қитъаҳои замини парвариши қулфинайро боз ҳам зиёд карданд. Дар 2013 сол Маржангул қулфинайро дар масоҳати 0,60 га, Гулжан бошад дар замини масоҳаташ 0,40 га парвариш мекарданд.

**Биёед мебинем, ки Таирова Гулжан аз ҳосили қулфинай, ки дар замини масоҳаташ 0,40 дар моҳи июн-июл парвариш кардааст, чӣ қадар даромад гирифтааст.**

| Сана | Ҷамъоварӣ | Нарх барои 1 сатил, сом | Миқдори сатил | Сом |
|---|---|---|---|---|
| 1 июн | I | 420 | 10 | 4.200 |
| 5 июн | II | 420 | 15 | 6.300 |
| 9 июн | III | 420 | 18 | 7.560 |
| 13 июн | IV | 420 | 20 | 8.400 |
| 17 июн | V | 420 | 25 | 10.500 |
| 21 июн | VI | 420 | 30 | 12.600 |
| 25 июн | VII | 420 | 25 | 10.500 |
| 29 июн | VIII | 420 | 20 | 8.400 |
| 3 июл | IX | 420 | 18 | 7.500 |
| 7 июл | X | 420 | 15 | 6.300 |
| 11 июл | XI | 420 | 10 | 4.200 |
| **Ҳамагӣ:** | | 420 | 206 | 86.460 |

Аз ҷадвал маълум мешавад, ки даромад дар моҳи июн-июл 84460 сомро ташкил кард. Ҳосили оянда дар давраи аз 15 август то 10 октябр пухта мерасад. Тақрибан 200 сатил х 420 сом чида шуда, маблағаш 84 000 сомро ташкил медиҳад.

**Ҳамин тариқ, ҳосили умумӣ 406 сатил х 420 =170520 сомро ташкил медиҳад.**

**Хароҷот:**

- Чор нафар хонандагон (духтарони синфи 5) – пардохти ҳармоҳа
1500 сом х 4 моҳ (4 х 1500= 6000 х 4 моҳ =24 000 сом)
- Чор нафар хонандагон (духтарони синфи 8) – пардохти ҳармоҳа
2500 сом х 4 моҳ (4 х 2500= 10000 х 4 моҳ =40 000 сом)

**Ҳамагӣ хароҷот = 64 000 сом.**

Барои ҷамъоварии қулфинай, хишова ва нигоҳубини растаниҳо духтаракон-хонандагони мактабро киро мекарданд. Ҳамин тариқ, онҳо дар вақти таътил каме маблағ кор карда, онро барои хариди либоси мактабӣ сарф мекунанд ва бо ин ба оилаҳои худ кӯмак мерасонанд.

**Фоидаи соф аз қулфинаи парваришкардашуда дар замини масоҳаташ 0,40 га**

**170520 – 64000 = 106520 сом фоидаи соф**

Фоидаи Маржангул замини масоҳаташ 0,60 га 500 сатил х 420 сом = 210 000 сом – 96 000 сом хароҷот ба қувваи кории кироя – 114 000 сом фоидаи соф.

## ҲИКОЯИ ГУЛЖАН ДАР БОРАИ КОМЁБИИ Ӯ:

Пештар ман соҳибхоназани оддӣ будам. Ман сабзавоти заруриро барои оилаам аз бозор мехаридам. Дар полези худ ман кӯшиш мекардам, ки сабзаводе, ки тухмии онро аз бозор мехаридам, парвариш кунам, аммо ҳосилаш ҳамеша кам буд. Бо дастгирии ХМД Ҷалол-Обод ин ҷо гурӯҳи занона ташкил шуданд, ки ман ҳам ба он аъзо шудам. Мо дар якчанд тренингҳои муфид барои занон дар бораи фаъолияти даромаднок иштирок кардем. Баъдан боз як имконият пайдо шуд: ташкили АМК “Беш-Арал”, ки қарзҳоро медод. Ин ба ман ва оилаи ман таъсири худро гузошт. Акнун мо қулфинай парвариш мекунем ва шукри худо, маблағ кор мекунем. Ба мо ин маблағ барои маводи хӯрока, либос ва талаботҳои дигар кифоя мекунад.

Туфайли фаъолияти мазкур ман соҳиби эҳтироми на танҳо ҳамсояҳои худ, балки шавҳари худ низ шудам. Акнун ӯ бо ман ифтихор мекунад ва ҳатто ба ман дар қитъаи замини қулфинай кӯмак мекунад.



Аз ин таҷриба маълум мешавад, ки ҳатто дар шароити ноҳияи дурдасти кӯҳии Чаткал, ки дар он ҷо сабзавот парвариш кардан хеле душвор аст, ба занони деҳот муяссар шуд, ки фаъолияти даромаднокро ба роҳ монанд! Онҳо бюджети оиларо зиёд мекунанд, соҳиби эҳтироми ҳамсояҳо, ҳамдеҳагон ва аз ҳама муҳимаш оила ва шавҳарони худ мешаванд! Ин мисоли хуб барои занони дигари деҳот аст ва мо боварии комил дорем, ки мисоли мазкур онҳоро барои амал намудан моил ва ҳавасманд менамояд!

**Сокини деҳаи Айгир-Жал ноҳияи Чаткал Бердибекова Жибек оиди масъалаҳои сифати тухмӣ ва қарзи хурд машварат гирифт. Баъдан ӯ бо парвариши навъи ба ӯ тавсиядодашудаи карам "Голден Болл" дар замини масоҳаташ 0,02 га машғул шуд. Ӯ ҳосили хуб ва чун натиҷа даромади хубро аз фурӯш гирифт.**

500 дона карам x 40 сом = 20 000 сом ба даст омад.

**Хароҷот:**

| № | Намуди кор | Арзиш, сом |
|---|---|---|
| 1 | Хариди тухмӣ | 700 |
| 2 | Шудгор – хароҷоти сӯзишворӣ | 450 |
| 3 | Хизматрасонии тракторист | 200 |
| 4 | Пестисидҳо | 60 |
| 5 | Пленкаи полиэтиленӣ барои гармхона | 300 |
| | **Ҳамагӣ:** | 1710 |

Маблағи қарз: - 4 500 сом.   Фоизҳо 135 x 7 моҳ = 945 сом
Ҳамагӣ маблағи қарзи баргардонидашаванда 5445 сомро ташкил медиҳад.

**Фоидаи аз 2 садяк замин ба даст омада.**

**20000 - (5445 -1710) = 12 845 – фоидаи соф.**

Жибек дар бораи тухмии босифат маълумот гирифта, якбора як қуттӣ тухмиро харида наметавонист, бинобар ин танҳо як қисми онро харидорӣ кард. Бар иловаи он, ӯ тухмии оддиро дар бозор харид. Жибек аз тухмии тавсияшуда ҳосили хуб гирифт, ҳол он ки тухмии оддӣ вобаста ба давраи нашъунамой кӯтоҳ барои иқлими маҳали мазкур ҳосил надоданд. Аз ҳамони рӯз ӯ танҳо он тухмие, ки аз ҷониби ХМД Ҷалол-Обод ва АМК тавсияшударо истифода намуд. Акнун ӯ ҳар сол кӯчатро дар гармхона барои кишти онҳо дар қитъаи наздиҳавлигӣ парвариш мекунад, қисми боқимондаро ба ҳамсояҳо мефурӯшад.

**Ӯ инчунин навъи бодиринги "Авелла"-ро дар замини масоҳаташ 2 садяк парвариш кард ва ҳосили 300 кг x 40 сом = 12000 сом (даромад) гирифт.**
**Хароҷот – арзиши тухмӣ – 650 сом.      12 000 – 650 = 11350 (фоидаи соф).**

**Сокини дигари деҳаи Каниш-Кия Турдиев Кочконбай картошкаи навъи "Агаве"-ро парвариш карда, даромади хубро ба даст овард**

| Хароҷот | Даромад |
|---|---|
| • 120 кг x 30 сом = 3600 сом<br>• Шудгор – 600 сом<br>• Захрдоруҳо – 80 сом | Ҳосилнокӣ – 1800 кг x 15 сом = 27 000 сом |
| Ҳамагӣ: 4280 сом | |
| Фоидаи соф: 27 000 – 4280 = 22720 сом | |

Дар муқоиса бо навъҳои маҳаллӣ навъи картошкаи "Агаве" навъи баландпоя аст. Бехмевааш якхела, ба зарăррасонҳо устувор мебошад ва рангу шакли ба чашм форам доранд.

## ВАЗИФА

1) Дар деҳаи шумо барои бурдани фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи хоҷагии қишлоқ кадом имконият ва монеаҳо мавҷуданд?

| Имкониятҳо | Монеаҳо |
|---|---|
| | |
| | |
| | |

# ФАСЛИ 5

## ОБ




Саҳифаи 120 Об, санитария ва гигиена барои хонандагони мактаб

Саҳифаи 137 Асосҳои истифодаи сарфакоронаи оби объёрӣ

ДАРСИ 14

# Об, Санитария ва Гигиена барои хонандагони мактаб

## Калимаҳои нав

| | |
|---|---|
| **Оби нӯшокӣ** | Обе, ки дар ҳолати табиӣ ё пас аз коркард (тозакунӣ, безараркунӣ) бо сифати худ ба талаботҳои меъёрии муқарраршуда мувофиқат мекунад ва барои нӯшокӣ, хӯрок ва эҳтиёҷоти маишии инсон таъин шудааст. |
| **Саломатӣ** | Ҳолати организми инсон, вақте, ки вазифаҳои ҳамаи узвҳо ва низомҳо бо муҳити атроф дар тавозун ҳастанд ва ягон тағйиротҳои бемориовар мавҷуд нестанд. |
| **Гигиена** | (аз юнонӣ Hygieinos – солим) соҳаи тиб, ки таъсири шароитҳои ҳаётва меҳнатро ба саломатии инсон меомӯзад ва чорабиниҳои таҳияшуда оиди пешгирии бемориҳо, таъмини шароитҳои оптималии мавҷудият, нигоҳдории саломатӣ ва дароз кардани ҳаёти инсон. |
| **Санитария** | (аз лотинӣ sanitarius – ба саломатӣ мусоидаткунанда) – маҷмӯи чораҳои амалӣ, ки ба амаликунии меъёрҳо ва талаботҳои аз ҷониби гигиенаи илмӣ таҳияшуда равона шудаанд. |
| **Антисанитария** | баръакси тозагӣ, покизагӣ. Маҷмӯи шароитҳое, ки барои инкишофи бактерияҳо ва сироятҳои бемориофар мусоидаткунанда, асосан бо паҳншавии саргини организмҳои зинда дар маҳалҳои аҳолинишин ва мавҷуд набудани воситаҳо барои ассенизатсияи бехатари он, инчунин бо ифлосии умумии ҳудуд вобастабуда. |
| **Сироят** | (аз лотинии миёна Infectio – сироятшавӣ, аз лот. Inficio –ягон чизи бадро ворид мекунам, сироят мекунам) воридшавии паразити бемориофар ба организми инсон ё ҳайвон ва ҳолати сироятнок будани организм[1]. |

Масъалаҳои ҳуқуқӣ оиди об, санитария дар асоси кодекси обӣ, қонуну меъёрҳо ва стандартҳои ҶҚ танзим мешаванд. Дар сатҳи маҳаллӣ масъалаҳои мазкур аз ҷониби мақомотҳои худидоракунии маҳаллӣ, таъминотгарони оби нӯшокӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятии деҳот ҳал карда мешаванд.

*Маълумоти дарси мазкур аз адабиёти зерин гирифта шудааст:*


[1] "Санитария ва Гигиена" барои дастаҳои мактабӣ, ОФ MSDSP KG ш. Ош 2012..
[2] Маводҳои истгоҳи санитарии ш. Ҷалол-обод.
[3] Дастурамал барои омӯзгорон “Об, Санитария ва Гигиена” барои хонандагон UNICEF 2012.
[4] Оби нӯшокӣ ва усулҳои тозакунии он. Курохтин А.В., Домашон И.А. Бишкек-2008.

# Оби нӯшокии бехатар

**Оби нӯшокӣ –** асоси ҳаёти инсон аст. Об – маводи асосии сохтмонии бадани инсон аст ва он 65-70% вазни ӯро ташкил мекунад ва ҳар қадаре, ки инсон ҷавон бошад, ҳаҷми оби бадани ӯ ҳамон қадар зиёд аст. Барои инсон 3,5 литр об ва дар биёбон 7,5 литр дар як шабонарӯз зарур аст. Бе хӯрок инсон метавонад 40 рӯз, бе об – 8 рӯз ва бе ҳаво – 5 дақиқа вуҷуд дошта метавонад.

Бинобар ин об пас аз ҳаво захираи арзишмандтарин мебошад, ки муносибат ва истифодаи хеле эҳтиёткоронаро талаб менамояд.

Хонандагон ва омӯзгорон ба обе, ки бехатар аст, барои хӯрок, тайёркунии хӯрок ва гигиенаи инфиродӣ ба миқдори мутобиқ дастрас эҳтиёҷ доранд[1].

Дар вилояти Ҷалол-Обод – 460 мактаб, аз онҳо 307 мактаб бо оби марказонидашудаи нӯшокӣ таъмин шудаанд, 153 мактаб онро аз обанборҳои кушод (ҷӯйборҳо, каналҳо, чашмаҳо ва ғ.) мегиранд. Обҳоиеризаминӣ – ин обе мебошад, ки дар зери замин дар чуқурии тақрибан 10 м (чоҳҳо ва оби тавассути обкаши дастӣ гирифташаванда) ҷойгир аст. Оби зеризаминӣ хеле ифлос ва манбаи асосии бемории домана мебошад. Ҳамаи ифлосии ҷамъшуда бар сатҳи замин – партовҳои ҳайвонҳо, воситаҳои шустушӯй, заҳродоруҳо ва ғ. ба оби зеризаминӣ мераванд. Одатан оби зеризаминӣ сахт аз ҷиҳати таркиб мебошад ва ҳангоми истеъмол кардани он дар организми инсон тадриҷан санг ҷамъ мешавад ва дар натиҷаи ба бемории санги роҳи пешоб мерасонад.

Об аз ҷоҳ – оби истифодашаванда, дар чуқурии зиёда аз 25 метр. Он нисбатан тоза аст.[2]



## Хонандагон бояд маълумот дошта бошанд:

- ♦Обро ҳамеша аз манбаи боэътимод истифода намоед.
- ♦Оиди он назорат баред, ки оби нӯшокӣ дар шароитҳои бехатар нигоҳ дошта шавад.
- ♦Оби нӯшокиро ҳамеша дуруст интиқол, нигоҳ ва истифода намоед.
- ♦Ҳамеша дар хотир доред, ки оби сироятшуда метавонад ба саломатӣ зарар намояд.
- ♦Вақте ки дастрасии оби бехатар душвор аст, он метавонад аз ҷониби таъминотгарони маҳаллӣ дастрас карда шавад.

Ба хонандагон барои нӯшидан дар як рӯз 1-2 литр оби нӯшокӣ зарур аст. Оби мазкур бояд дар синфҳо ё утоқҳои дигар нигоҳ дошта шавад, аммо тавре, ки хонандагон ба он дастрасии озод дошта бошанд. Оби нӯшокӣ бояд дар зарфҳои тоза ё дигар қуттиҳои маҳками сарпӯшдор барои пешгирӣ аз ифлосшавӣ аз дастони ифлос, чирк ва ҳашарот нигоҳ дошта шуда бошад. Аз рӯи имкон, ҳар як кӯдак бояд зарфи обнӯшии шахсӣ, бехтар аст шиша ё қуттии дигар барои оби нӯшокӣ дошта бошад.
Об на танҳо барои нӯшидан ва омодакунии хӯрок зарур аст. Он инчунин барои шустушӯи даст, оббозӣ, ҷомашӯӣ, обнӯшии ҳайвонот, обмонӣ, шустани мошин ва эҳтиёҷоти дигар зарур аст.[3]

## ВАЗИФА

Шумо обро барои нӯшидан ва эҳтиёҷоти маишии оила ва дар деҳа аз куҷо мегиред?

| Манбаи об | Ишора намоед (+)/(-) | Барои кадом эҳтиёҷ истифода мекунед? |
|---|---|---|
| Ҷӯйбор, каналҳо | | |
| Барф, борон | | |
| Обҳои зеризаминӣ | | |
| Чоҳ | | |
| Чашмаҳо | | |
| Қубури обтаъминкунӣ | | |
| Дигар | | |

## Хатар ҳангоми ҷамъоварии оби нӯшокӣ

Вақте, ки таъмини оби нӯшокӣ маҳдуд аст, одамон маҷбуранд, ки обро аз дарё, ҳавз, чоҳҳо, систерна ва обанборҳое, ки об дар онҳо метавонад ифлос бошад, гиранд. Хонандагон бо истифодаи манбаъҳои шиноси об метавонанд хатарро барои саломатии худ эҳсос накунанд.

*Ва кӯдакон ҳангоми оббозӣ ба таври механикӣ, бе андеша обро аз дохили канал ё ҷои оббозӣ, бе фаҳмидани хатарҳо менӯшанд.*



## Интиқол ва нигоҳдории оби нӯшокӣ



Зарфҳоро бояд дар ҷойҳои аз хонандагони хурд дастнорас нигоҳ доштан зарур аст. Оби нӯшокӣ бояд аз зарфи калон ба зарфҳои обнӯши рехта шавад.[3]




**Об бояд дар зарфҳои тоза ва маҳкам ҷамъоварӣ ва интиқол карда шавад.**

Дар шароитҳои хона барои пешгирӣ аз ифлосшавӣ об бояд дар зарфҳои маҳкам нигоҳ дошта шавад.



Ҳангоми нигоҳдории об дар мактаб бояд зарфи обнӯшӣ бо ҷумаки об мавҷуд бошад. Зарф бояд аз боло бо сарпӯш, аз болояш бо дока барои нигоҳдорӣ аз ифлосшавии такрорӣ пӯшида шуда бошад.[2]

# Тарзҳои мушоҳидавӣ (органолептикӣ)-и баҳогузории сифати оби нӯшокӣ

**Бӯй ва мазза –** нишондиҳандаҳои аввалини мавҷуд набудани маводҳои хатарнок дар таркиби об мебошанд. Дар оби дорои бӯйи баланд метавонанд бактерияҳои пӯсиш, махсусан ҳангоми ҳарорати баланд (тахминан 30-40° ва аз он баланд) мавҷуд бошанд.[4]

Обро ба истакон резед ва аз байни обу шиша ба равшанӣ нигаред:



**Чунин обро бе тозакунии пешакӣ нӯшидан мумкин нест!**



# Усулҳои муқаррарии тозакунии оби нӯшокӣ



**Такшонкуниро** барои хориҷкунии хлор ва дигар заррахои сахти об истифода мекунанд.

Одатан барои ин оби аз қубури обтаъминкунии ба сатили калон рехташударо якчанд соат нигоҳ медоранд.

Аммо усули мазкур ҳангоми мавҷуд будани маводҳои кимиёвии зарарноки ҳалшуда дар об кифоя намекунад.

## Ҷӯшонидани об




Ҳамаи мо аз кӯдакӣ медонем, ки нӯшидани оби ҷӯшонидашуда аз оби ҷӯшониданашуда беҳтар аст. Ҷӯшониданро барои нобудкунии ифлоскунандаҳои табиӣ (вирусҳо, бактерияҳо, микроорганизмҳо ва ғ.), хориҷкунии хлор ва газҳои дигари ҳарораташ паст (радон, аммиак ва ғ.) истифода мекунанд. Ҷӯшонидан дар ҳақиқат, то дараҷае барои тозакунии об кӯмак мерасонад, аммо ҳангоми ин дар хотир доштан зарур аст, ки:

- Обро на кам аз 10-15 дақиқа меҷӯшонанд;
- Оби ҷӯшонидашуда бояд дар давоми то 24 соат дар зарфи сарпӯшдор барои пешгирӣ аз ифлосшавии такрорӣ нигоҳ дошта шавад.
- Ҷӯшонидан обро аз заррахои минералӣ ва маводҳои дар он ҳалшуда тоза намекунад.



Миқдори ками обро бо нури офтоб безарар кардан мумкин аст.

Барои ин зарфҳоро бо оби тозаи аз филтр гузаронидашуда пур мекунанд ва дар офтоб (одатан ба болои боми хона) ба 6 соат мемонанд.

# Филтрро бо дастони худ месозем



### Филтр бо дастони худ.

**Обро аз ифлоскунандаҳои кимиёвӣ лавозимоти зерин тоза карда метавонад:**

*Зарфи хурдро мегирем ва қабат-қабат дар он маводҳои зеринро мечинем:*

1. Рег ё шағали майда (10-15 см).
2. Матои пахтагин ё дока.
3. Рег ё шағали майда (10-15 см).
4. Матои пахтагин ё дока.
5. Ангишти кон ё чӯб (20-25 см)
6. Матои пахтагин ва дока.

Обро аз зарфи мазкур гузаронида, барои худро аз микроорганизмҳои зараррасон ҳифз намудан онро дар давоми 10 дақиқа ҷӯшонидан, 45 дақиқа нигоҳ доштан зарур аст, пас аз он нӯшидан мумкин аст.

Филтри худсохт метавонад 70-100 литр обро хуб тоза мекунад, пас аз ин самаранокии филтр паст мешавад ва филтри навро сохтан зарур аст.[4]

Хонандагон дар асоси нақшаи сохтани филтр маводҳои маҳаллии оддиро истифода мекунанд ва метавонанд мустақилона дигар намудҳои қобили қабули филтрро созанд.

# Манбаъҳои ифлоскунандаи об

Сифати об омили асосии ба саломатии инсон ва некӯаҳволии одамон таъсиркунанда мебошад.




Дар айни замон дар Қирғизистон зиёда аз 700 деҳа ба оби нӯшокии тоза дастрасӣ надорад. Барои нӯшидан ва омодакунии хӯрок онҳо обро аз обанборҳои кушод – ҷӯйборҳо, дарёҳо, каналҳо мегиранд. Аксарияти низомҳои мавҷудбудаи обтаъминкунии деҳот кӯҳна шудааст ва ба таъмири капиталӣ ё дар сохтмони нав ниёз доранд. Дар натиҷаи ин ҳар сол дар ҷумҳурӣ то 50 ҳазор ҳолати бемориҳои сироятии рӯда ва паразитарӣ ба қайд гирифта мешаванд. Ҳар сол аз бемориҳои шадид дар ҷумҳурӣ зиёда аз 200 хонандаи синнусолаш то 14 сола мефавтад.[1]

## Диаграммаи “Паҳншавии сироят тавассути саргин ва даҳон”





Дар маҳалли деҳот манбаъҳои хавфноки об, чун обанборҳо ё дарёҳо дар аксарияти мавридҳо барои эҳтиёҷоти оила, азҷумла шустани зарфҳои хӯрокхӯрӣ, инчунин шустушӯи либос истифода мешаванд.[1]



# Бемориҳои сироятии роҳи меъдаву рӯда

Бемориҳои сироятии роҳи рӯдаву меъдаро вирусҳо, бактерияҳо, кирмҳо ва сироятҳои дигар ба вуҷуд меоранд. Ба бемориҳои мазкур асосан хонандагони синнусоли томактабӣ ва мактабӣ бемор мешаванд. Роҳи асосии сироятшавӣ бемориҳои рӯда дастони ифлос мебошад.

Баррасии масъалаҳо оиди муомилаи дуруст бо об ва нигоҳдории он дар шароитҳои хона метавонад ба одамон бехатарии обро аз сохтан, насб кардан ё таҳвили обтаъминкунии қубурӣ тезтар ва дастрастар намояд. Чуноне, ки тадқиқотҳои ҷомеаҳо нишон медиҳанд, баррасии масъалаҳо оиди муносибати дуруст бо об ва нигоҳдории он метавонад хатари бемориҳои сироятии рӯдаро ба 35-42% паст намояд.

Аз оби ифлос намудҳои гуногуни сироят: **Исҳол, домана, Гепатити А ва В,** бемориҳои паразитарӣ: **Кирмҳо** (аскаридоз, лямблиоз ва ғ.).[1]

## Исҳол (дизентерия)

Ангезандаи исҳол бактерияи намудиShigella мебошад, бинобар ин худи беморӣ номи "шигеллез" дорад. Номи "исҳол" (дизентерия) аз ду калимаи юнонӣ «dys» (вайроншавӣ) ва «enteron» (рӯдаҳо) ба вуҷуд омадааст.

## Ба бемории исҳол чӣ тавр сироят мешаванд

Механизми сироятшавӣ ҳангоми исҳол – бо ахлот ва тариқи даҳонӣ, яъне бактерия аз рӯдаҳои шахси бемор ба роҳҳои рӯдаву меъдаи шахси солим ворид мешвад.

*Якчанд роҳҳои гузаштани ангезанда мавҷуд аст:*

- **Роҳи тамосӣ-маишӣ** – тавассути дастони ношуста ҳангоми риоя накардани қоидаҳои гигиена;
- **Ғизоӣ** – ҳангоми воридшавии бактерияҳо ба маводҳои ғизоӣ; инчунин обӣ – ҳангоми истеъмоли оби сироятшуда;
- **Ҳангоми оббозӣ дар обанборҳои ифлос**.



## Пешгирии сироятшавӣ бо исҳол

Пешгирии сироятшавӣ бо шигеллаҳо - ин риоя кардани қоидаҳои оддии гигиенаи шахсӣ ва ҳамзистӣ мебошад:

- Шустани даст пеш аз истеъмоли хӯрок ва пас аз ташноб баромадан.
- Риояи қоидаҳои нигоҳдорӣ ва омодакунии маводи хӯрока ва об.
- Ҳангоми нигоҳубини шахси бемор дезинфексияи чиҳози рахти хоб ва риояи қоидаҳои баровардани ахлот хеле муҳим аст, пас аз робита бо шахси бемор шустани даст зарур аст.
- Хонандагони бемор то гирифтани натиҷаҳои манфии таҳлили ахлот ба мактаб наоянд.
- Кормандони корхонаҳои хӯроки умумӣ инчунин бояд ба кор танҳо пас аз гирифтани натиҷаҳои манфии таҳлили ахлот ба кор оғоз кунанд.[2]

## Кирмҳо

Сироятҳои вобаста ба кирмҳои паразитии рӯда (геогелминтҳо - кирмҳо) дар тамоми ҷаҳон паҳн шудаанд. Хонандагон ба сироятҳои мазкур бештар осебпазиранд ва одатан дар организми онҳо миқдори зиёди кирмҳои боиси бемориҳои зиёд буда мавҷуданд; сироятҳо вазъи саломатии хонандагонро бад мекунанд, ба инкишофи ҷисмонӣ ва зеҳнии онҳо таъсир мерасонанд, давомоти онҳоро дар мактаб бад мекунанд ва ба сатҳи хониши онҳо таъсири манфӣ мерасонанд.

Кирмҳои мазкур дар рӯдаҳо зиндагӣ мекунанд ва миқдори онҳо ҳангоми сироятшавии такрорӣ зиёд мешавад. Дар аксарияти мавридҳо хонандагон бо якчанд намуди кирмҳо сироят мешаванд.

Аммо ҳангоми сироятҳои вазнини хонандагоне, ки бо як ё якчанд намуди кирма сироятшуда нишонаҳои умумии зерин мушоҳида мешаванд:

- Басташавии иштиҳо
- Шиками калоншуда
- Дарди шикам
- Сулфа
- Ҳарорати баланд
- Қайъкунӣ
- Заифӣ ва ҳолати умумии бади саломатӣ.[1]



Отсритса | Аскарида | Лямблия

# Гигиена



Истилоҳи “гигиена” аз калимаи юнонииhygienos пайдо шудааст ва маънояш офиятовар, барои саломатӣ муфид мебошад. Пайдоиши он боз бо номи худои юнонии Гигиеа – духтури худои тиб Эскулап робита дорад. Тасвири он духтараки бо зарфи бо мор печидашуда мебошад, ки дар асотирҳои юнонӣ мазмуни ҳикматро дошт. Мор аз зарфи ҳаёт заҳрро нӯшида, онро ҳамин тариқ безарар мекард. Баъдан зарф бо мори ба он печида рамзи илми тибб гардид.

Дар айни замон тақрибан 2,6 млрд одам, аз ҷумла тақрибан 1 млрд нафар хонандагон дар шароитҳои ғайрисанитарӣ зиндагӣ мекунанд. Дар натиҷаи шароитҳои бади санитарӣ ҳар як бист сония як кӯдак ҷон медиҳад. Ин маънои онро дорад, ки якуним миллион марг ҳар сол – марге, ки онро метавонистанд пешгирӣ кунанд.

# Талаботҳои гигиенӣ нисбати оби нӯшокӣ

**Обро танҳо дар зарфҳои сирдор ва сарпӯшдор нигоҳ доштан зарур аст. Мӯҳлати нигоҳдории об бояд кӯтоҳ бошад (то 24 соат), зеро ҳар қадаре, ки он зиёд нигоҳ дошта мешавад, ҳамон қадар сифатҳои муфиди физикӣ-кимиёвиашро гум мекунад.**



- Зарфҳо барои об бояд тоза ва сарпӯшдор бошанд.
- Ҳангоми гирифтани об ва нигоҳдории он ба ҳеҷ кас иҷозат надиҳед, ки дастонашро ба дохилӣ об дарорад, инчунин аз зарфи обнигоҳдорӣ бевосита об нӯшад.
- Агар имкон бошад, зарфи нигоҳдории об бояд гарданаи борик ва пӯк дошта бошад, то ки расидани бевоситаи даст ба он пешгирӣ карда шавад.
- Агар имкон набошад, обро аз зарф тавассути кафлес ё зарфи обнӯшии дастадор гирифтан зарур аст.
- Агар дар зарф об мавҷуд бошад, онро то тамом шуданаш пур нанамоед.
- Оби дар зарф боқимондаро то охир истифода карда, зарфро пеш аз оби наву тоза пур кардан тоза шустан зарур аст.
- Зарфҳои нигоҳдории обро мунтазам тоза ва безарар кардан зарур аст.
- Ҳайвонҳоро аз ҷои нигоҳдории об дуртар нигоҳ доштан зарур аст.

**Об барои эҳтиёҷоти маишӣ дар зарфҳо бояд дар мӯҳлати кам нигоҳ дошта шавад.[1]**

**ДИҚҚАТ!**

Ҳар як хонанда бояд зарфи обнӯшии инфиродӣ дошта бошад. Ё онҳо бояд аз хона оби ҷӯшонидашударо дар баклажкаҳо бо худ биёранд. Зарфи мазкурро хонанда бояд танҳо худаш истифода кунад, истифода кардан ё нӯшидани якчанд хонанда аз даҳони як зарф иҷозат дода намешавад.[2]



**Талаботҳои ба оби нӯшокӣ кадом талаботҳои гигиенӣ пешниҳод карда мешаванд?**

| Фикри хонандагон | Талаботи меъёрӣ |
|---|---|
| | |
| | |
| | |

## Гигиенаи умумӣ дар мактаб

Тибқи талабот дар як синф бояд то 25 хонанда мавҷуд бошад. Ҳангоми зиёдшавии миқдори хонандагон то 35-40 нафар ин ба хасташавии хонандагон мерасонад, тангӣ ба инкишофи хонандагон таъсир мерасонад. Ва ҳамаи ин дар маҷмӯъ хониши хонандагонро суст менамояд.

Тибқи талабот барои 8-10 нафар хонанда як дастшӯй бояд мавҷуд бошад. Дар аксарияти мактабҳо баро 500-700 хонанда танҳо якчанд дастшӯй ё ҳатто 1-2-то мавҷуд ҳасту халос.

Пас аз шустани даст як сачоқро барои ҳама истифода кардан мумкин нест.

Равшанӣ – равшанкунии паст ба сар задани бемориҳои чашми хонандагон мерасонад.

Ҳавокашӣ – ҳавокашии нокифоя ба хасташавии хонандагон, давомоти сусти онҳо мерасонад.[2]

## Гигиена дар хона

Барои ҳар як хонанда бояд ҳуҷраи таълимӣ (миз, курсӣ ва равшании хуб, равшанӣ бояд аз тарафи чап бошад) мавҷуд бошад.

Нависед, ки кадом чораҳои гигиении мушаххасро Шумо дар хона мегузаронед.

| Дохили хона | Дар саҳни ҳавлӣ | Ташноб | Ванна/душ | Сарой/оғил |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |



Хона – ин ҷоест, ки тамоми фаъолияти инсон мегузарад. Амалияи гигиенаи хонагӣ – ин маҷмӯи тамоми амалҳое мебошад, ки барои таъмини ҳифзи тамоми оила аз бемориҳои бо риоя накардани тозагӣ вобастабуда пеш гирифта мешаванд ва он иборат аст аз:

- ♦Гигиенаи хӯрок – омодакунӣ, нигоҳдорӣ ва партовкунии бехатари партовҳои хӯрока.
- ♦Гигиенаи шахсӣ – азҷумла шустани даст.
- ♦Гигиенаи умумӣ (нигоҳдории тозагӣ дар ташнобҳо, ванна ва ғ., тозакунии ҳуҷраҳо, шустани либос).
- ♦Ғамхорӣ нисбати аъзоёни оила, махсусан дар бораи шахсони калонсол ва кӯдакон.
- ♦Ғамхорӣ нисбати ҳайвонҳо.
- ♦Назорати ҳашарот.



Барои ҷомеаҳое, ки дар он ҷо қубурҳои обтаъминкунӣ нест ва/ё қубурҳои обпартои марказонидашуда надоранд амалҳои зерин заруранд:

- ♦ Партовкунии бехатари ахлоти инсон;
- ♦ Муомилаи дуруст нисбати об дар хоҷагии шахсӣ ва нигоҳдории дурусти он.[1]

### Дар саҳни ҳавлӣ:

Саҳни ҳавлӣ бояд тоза, бо дарахтон ва гулҳои ороишии шинонидашуда.

Ташноб ва сарой/оғил бояд дар масофаи 25 метр аз хона ҷойгир шуда бошад. Шамол бояд буйро аз хона дур барад.

**ВАЗИФА**



**Оё Шумо гигиенаи шахсиро риоя мекунед? Агар ҳа, чӣ тавр?**

| Чӣ? | Чӣ тавр иҷро мекунед? | Чанд маротиба? | Чиро истифода мекунед? |
|---|---|---|---|
| **Дандонҳо** | | | |
| | | | |
| | | | |

# Гигиенаи шахсии хонандагон

Ҳар як хонанда бояд бастаи инфиродии гигиенӣ дошта бошад, ки он аз хамираи дандоншӯӣ, лифи дандоншӯӣ, қайчӣ барои нохунгирӣ, собун, сачоқ ва шона иборат аст.

**Ҳамаи хонандагон бояд донанд:**

- ки нохуни дасту пой бояд қайчишуда ва тоза бошанд
- дандонҳо ҳар рӯз аққалан ду маротиба шустан зарур аст.
- Мӯйҳо тоза, шона кардашуда ва ба қафо партофташуда барои пешгирӣ аз сирояти шабуш ё кана (ки хоришро ба миён меоранд).

## Гигиенаи пӯст

Гигиенаи пӯст – асоси гигиенаи шахсӣ мебошад. Барои он, ки пӯст ҷавон ва зебо монад, онро мунтазам ва дуруст нигоҳубин кардан зарур аст.

## Гигиенаи бадан

Гигиенаи бадан – нишондиҳандаи аввалини маданияти одам аст. Агар шумо худро нигоҳубин нанамоед ё ба масъалаҳои гигиена диққати кофӣ надиҳед, ин зуд ба чашм намудор мешавад. Бадани мо - механизми хуб танзимшуда, аммо бе муомилаи дуруст он ногузир аз кор мебарояд: инсон бемор мешавад. Пеш аз хобидан ҳатман дасту рӯй, гардан, гӯш, пойҳро шустан ё оббозӣ кардан зарур аст. Оби хунук равғани баданро намешӯяд, пораҳои пӯсти мурдаро тоза намекунад, сӯроххҳои махсуси пӯстро покиза намекунад, бинобар ин ҳангоми шустушӯ аз оби гарм, собун ва лиф истифода кардан зарур аст.

## Гигиенаи либос

Либос (талаботи гигиенӣ) бояд тавозуни ҳароратии организмро дар ҳама гуна обу ҳаво таъмин кунад, инчунин аз осебҳои механикӣ ва ифлосшавӣ муҳофизат кунад.

## Гигиенаи дандон

Ковокии даҳон диққати зиёдро талаб мекунад, зеро мушкилоти дандонҳо дарду хароҷотҳои зиёдро пеш меоранд. Дандонҳоро ҳар рӯз ду маротиба – пас аз истеъмоли хӯрок хуб тоза кардан зарур аст. Дандонҳоро пас аз хӯроки пагоҳирӯзӣ ва пеш аз хобидан, дар давоми на кам аз 1,5-2 дақиқа шустан зарур аст. Пас аз ҳар дафъаи истеъмоли хӯрок даҳонро бо об ғарғара кардан зарур аст. Дандонҳоро аз боло ба поён, аз чап ба рост (дар самти милк ба дандон) аз тарафи дохил ва беруни он тоза мекунанд.[1]

# Малакаи идоракунии ҳайз дар мактаб

Дар хонандагони духтари синфҳои болоӣ, ки ба камолоти ҷинсӣ расидаанд, ба таври солим ва табиӣ луоб, хун ва бофтаҳо аз бачадон хориҷ мешаванд. Раванди мазкур ҳайзбинӣ номида мешавад.

**Бар илова ба маълумот ва дастурҳои гигиенаи мактаб ба духтарон бояд маълумоти зерин пешниҳод карда шавад:**



- Ташнобе, ки дараш аз дарун бо қулф маҳкам мешавад.
- Обкашаки гигиенӣ ё матои махсуси санитарӣ барои истифода ҳангоми ҳайзбинӣ.
- Собун ва об барои шустани дастон.
- Собун ва об барои шустани узвҳои берунаи ҷинсӣ.
- Имконияти дар ҷои махсус танҳо мондан барои барқароршавӣ аз дарду кашиш.
- Истифодаи обкашакҳои истифодаи яккарата, ки бояд пас аз ҳар 3-4 соат иваз карда шаванд.
- Ҳангоми ивазкунии обкашаки гигиенӣё матоъҳои санитарӣ увзҳои берунаи ҷинсиро бо об ва собун шустан зарур аст.
- Обкашакҳои истифодашудаи гигиениро ба пакети селофанӣ андохта, ба қуттии партов партофтан зарур аст.
- Ташнобҳои духтарон бояд танҳо аз ҷониби духтарон истифода шаванд. Ҳар як духтарак ба танҳо мондан ҳуқуқ дорад, то ки аз хандаву истеҳзо дур монад.

# Шустани даст бо собун

Шустани даст ҳаётро наҷот мебахшад. Ин муқаррароти аз ҳама муҳимтарин мебошад, зеро он воситаи аз ҳама оддӣ ва самараноки пешгирии исҳол (дизентерия) диарея ва сироятҳои шадиди роҳи нафас аст.[3]

**Хонандагон бояд маълумот дошта бошанд:**

- Шустани даст бо об кифоя нест – ҳамеша собунро истифода кардан зарур аст.

**Лаҳзаҳои ҳатмии шустани дастон.**

- Пас аз истифодаи ташноб
- Пас аз ивазкунии уребчаҳои кӯдакона
- Пеш аз омодакунии хӯрок
- Пеш аз истеъмоли хӯрок ё хӯрокдиҳии хонандагон
- Дарҳол пас аз коркарди маҳсулоти хом (мурғ, гӯшт, моҳӣ, тухм, сабзавот ва меваҷот)
- Пас аз алоқа бо сатҳи ифлос (қуттиҳои партов, латтаҳо барои тозакунии хона).
- Пас аз алоқа бо ҳайвонҳои хонагӣ
- Пас аз расидан ба хун ё дигар моеъҳои бадан (партовҳои инсон, қайъ ва ғ.)
- То ва пас аз тозакунии захмҳо, инчунин пас аз нигоҳубини бемор.
- Пас аз афшонидани бинӣ.









## Шустани дастро меомӯзем

Дар нақша пайдарҳамии дурусти шустани даст нишон дода шудааст.

Суруд ва достони эҷодшуда низ метавонад барои ба хотир гирифтани пайдарҳамии дуруст ба мо кӯмак мекунад.[3]

## Санитария

**Санитария** – маҷмӯи чорабиниҳои амалӣ, ки ба риояи талаботҳои гигиена равона карда шудаанд, яъне санитария - ин татбиқи амалии меъёр ва талаботҳои гигиенӣ мебошад.

**Мақсади асосии санитария** – ҳифзи саломатӣ ва некӯаҳволии одамон мебошад. Чораҳои тиббӣ-санитарӣ оиди таъмини санитарияи мутобиқ дар ҳаёти ҳамарӯза барои пешгирии паҳншавии бемориҳо имкон медиҳад ва ҳаёти инсонро ҳифз мекунад. Онҳо сифати ҳаёти аксарияти одамонро баланд мекунанд, махсусан онҳое, ки хоҷагии хонаводаро мебаранд ва метавонанд ба хатар гирифтор бошанд.[1]




- ***Чораҳои истеҳсолӣ-санитарӣ*** – чораҳое, ки ба пешгирӣ ё кам кардани таъсири омилҳои гуногуни зарарноки истеҳсолӣ ба кормандон (дар корхона, коргоҳ, устохонаи мактаб ва коргоҳи дӯзандагӣ) равонашуда.
- ***Санитарияи манзилӣ-коммуналӣ*** – чорабиниҳоро оиди ободонии маҳалҳои зист, биноҳои истиқоматӣ ва ҷамъиятии деҳа, шаҳр ва дар хобгоҳҳо, мактабҳо, интернатҳо дар бар мегирад.
- ***Санитарияи маишӣ*** – эҳтиёҷоти аҳолиро вобаста ба гигиенаи шахсӣ дар хонаҳои либоскашии мактабӣ, ҳуҷраҳои истироҳат ва хӯрокхӯрӣ, дар устохона ва коргоҳҳои дӯзандагӣ дар дарсҳои меҳнат танзим мекунад.[2]

### ВАЗИФА

Ба се гурӯҳ ҷудо шавед. Муайян намоед, ки кадом намудҳои санитария дар мактаб ва деҳаи шумо дучор мешаванд. Дар гурӯҳ муҳокима намоед, дар флип-чарт ба синф пешниҳод намоед.

# Партовкунии бехатари ахлоти инсон





Партовкунии дурусти ахлот (саргин ва пешоб) паҳншавии дизентерия ва диареяро монеъ мешавад. Бо сабаби мазкур ҳама бояд ташнобро истифода кунанд. Ахлоткунии кушод – дар ташноб неву дар кӯча – партовкунии нодурусти ахлот мебошад. Ҳар як хонанда бояд маълумот дошта бошад, ки:

- ♦Ахлоткунӣ дар ҷои кушод мумкин нест – ҳамеша ташноб ё ҷои махсус таъиншударо истифода кардан зарур аст;
- ♦Партовкунии дурусти ахлот аз хатари сирояти бемориҳо пешгирӣ мекунад.
- ♦Ташнобҳо бояд дар тозагӣ нигоҳ дошта шаванд.



Дар ҳамаи мактабҳо бояд ташнобҳо мавҷуд бошанд. Агар он набошад, волидайн, ҷомеаи маҳаллӣ ё ҳукумати маҳаллӣ бояд дар сохтмони ташноби мактабӣ кӯмак расонанд.

## Истифодаи ҳоҷатхонаҳо



Дар ҳамаи мактабҳо ва оилаҳое, ки ташнобҳои анъанавии сӯрохдор мавҷуданд, ба хонандагон истифодаи дурусти онҳоро омӯзонидан зарур аст. Баъзе аз хонандагон шояд истифодаи ташноби мазкурро надонанд, дигаронаш дар бораи таъиноти он маълумот надоранд. Бинобар ин зарур аст, ки ягон нафар вақти худро каме сарф кунад ва ба хонандагон истифодаи онро фаҳмонад.




Маълумоти махсусро дар бораи намудҳои ташноб, таъиноти онҳо ва дастрасии онҳо ба ҳамаи хонандагонро аз мақомоти маҳаллӣ (иттиҳодияҳои деҳотии ҷамъиятии истеъмолкунандагони оби нӯшокӣ/ ИДҶИОН, кумитаҳои маҳаллии солимӣ /КМС) ва ташкилотҳои байналмилалӣ (**намояндаи ЮНИСЕФ дар минтақаҳо**) гирифтан мумкин аст.[3]

## Нигоҳдории ташнобҳо

Ташноб дар сурати тоза будани он истифода мешавад. Вазифаҳои ҳаррӯза оиди нигоҳдории ташноб дар тозакӣ дар бар мегиранд:



- Тозакунии девору фарш бо лиф, рӯбучин ва шустани пол
- Баровардани партов
- Пуркунии воситаҳои шустушӯй
- Иловакунии хокистар ба чуқурӣ барои экосанташнобҳо
- Назорат ва ивазкунии собун ва об барои шустани дастон.
- Назорати он, ки дару қулф коршоям мебошанд.
- Тоза нигоҳ доштани атрофи ташноб: бе кӯлмакҳо ва партовҳо.

**ВАЗИФА**



**Ташноби мактабро баҳо дода, ҷадвалро пур кунед.**

| Мушкилот | Роҳҳои беҳтаркунӣ | Кай? | Кӣ? |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |

## Нигоҳдории мактаб дар тозагӣ

**Хонандагон бояд донанд, ки:**

Мо оби тозакардашудаи худро дар ҷойҳои махсус нигоҳ медорем, аз замин боло ва дур аз дастрасии ҳайвонот.







Мо ахлоткунии кушодро истифода намекунем – мо ташнобҳои худро истифода карда, дастонамонро бо собун мешӯем.[3]

Мо аз болои истифодаи дурусти ташнобҳоямон назорат мекунем ва онҳоро мунтазам тоза мекунем.

Мо барои бозӣ ҷои бехатар, аз партов, аз оби ифлос озодро дорем.

Мо ҷомеаи васеъро ба нигоҳдории объектҳои санитарӣ дар ҳолати мутобиқ, новобаста ба он, ки аз он истифода мекунанд ё не, ҷалб менамоем.



## Санитария ва гигиена берун аз мактаб

Хонандагон аъзоёни муҳими оила, ҷомеа ва гурӯҳи иҷтимоӣ мебошанд. Чун коммуникаторҳои хуб хонандагон метавонанд ба ҳаёт паёмҳои ҳаётиро ба ҷомеаи нисбатан васеъ баранд. Хонандагон бояд донанд, ки қоидаҳои санитарӣ ва гигиена барои ҳама муҳиманд ва ҳамаи мо барои саломатӣ ва ҷое, ки зиндагӣ мекунем, масъулият дорем.

- ♦ Чорабиниҳо оиди пешгирӣ ва пасткунии сироятҳои бемориӣ маънои онро доранд, ки ҳама дар ҷомеа бояд рафтори хуб ва оиди гигиена ва санитария маълумот дошта бошанд.

## Дастгирии хонандагон дар вазифаи тарбиятгар

Дастгирии хонандагон дар вазифаи тарбиятгарон худбаҳогузориро инкишоф медиҳад ва рафтори солимро мустаҳкам менамояд.



Хонандагонро бо маълумоти аниқ таъмин кардан зарур аст ва боварӣ ҳосил кардан зарур аст, ки онҳо маводҳоеро истифода карда метавонанд, ки фаҳмоанд, шавқовар ва муҳим мебошанд. Кӯмак ба хонандагон дар ҳалли масъалаи он, ки кадом намуди рафтор метавонад ба муҳит таъсир кунад ва онро дигаргун намояд, ёфтани тарзҳо барои мубодилаи таърихи муваффақият байни кӯдакон.[3]

# 15-САБАК

# Асосҳои истифодаи самараноки об дар полезҳо

## Калимаҳои нав:

| | |
|---|---|
| **ИИО** | Иттиҳодияи истифодабарандагони об – иттиҳодияи чамъиятие, ки барои таъмини оби полезӣ барои фермерон таъсис дода шудааст. |
| **ИҲХО** | Идоракунии ҳавзавии хоҷагии об – сохтори давлатие, ки обро дар сатҳи вилоятҳо идора мекунад. |
| **ИНХО** | Идоракунии ноҳиявии хоҷагии об – сохтори ноҳиявии идоракунӣ дар сатҳи ноҳия. |
| **МХМ** | Мақомоти худидоракунии маҳаллӣ |
| **ШД ИИО** | Шӯъбаи дастгирии ИИО дар сатҳи вилоятӣ ва ноҳиявӣ |
| **ПХИ** | Пардохти хизматрасонии ирригатсионии ИИО |
| **Захираҳои табиӣ** | Захираҳои табиӣ, ки барои мавҷудияти ҷомеаи инсонӣ заруранд ва барои фаъолияти хоҷагидорӣ истифодашаванда |
| **Захираҳои табиии муҳим** | Ин - замин, об, ҷангал, чарогоҳҳо, муҳити табиат, ангишт, маъданҳои арзишнок ва ғ. |
| **Захира** | Ин – захираҳо, манбаи воситаҳо, пул, сармоя, технологияҳо, тарзҳо, тарзҳои амал ва ғ. |
| **Захираи стратегӣ** | Об. Он барои инкишофи кишвар барои некӯаҳволии одамон ва барои ҳалли масъалаҳои глобалии инсоният муҳим аст. |
| **НОҚ** | Низоми обмонии қатравӣ – маҷмӯи таҷҳизот ва воситаҳои обмонии қатравии зироатҳо. |

# Обанборҳои ҷаҳонӣ ва марҳилаҳои онҳо

Бе об барои организмҳои зиндаи рӯи замин ҳаёт вуҷуд надорад. 75% сатҳи замини сайёраи моро уқёнус ва баҳрҳо гирифтаанд. Аз тамоми ҳаҷми захираҳои об онҳо 97,5% ташкил мекунад. Асосан ин оби шӯр аст, ки барои нӯшидан ва обёрӣ кор намеояд. Бо оби сохтораш сахт – барфу ях 20% сатҳи замин пӯшида шудааст. Ин оби ошомидании пиряххо, барф ё обҳои чуқури зеризаминӣ ва барои истеъмоли одамон, барои истеҳсолот ва хоҷагии қишлоқ истифода мешавад ва миқдори он маҳдуд аст.

Вобаста ба афзоиши аҳолӣ, гармшавии иқлим талабот ба оби нӯшокӣ ҳар сол зиёд мешавад ва бинобар ин истифодаи самараноки захираҳои оби нӯшокӣ хеле муҳим аст.

Дар табиат об ҳамеша дар гардиш аст, ки он марҳилаи обӣ номида мешавад.




Марҳилаи обии умумиҷаҳонӣ, боришот, буғшавӣ, ҷараёнҳои рӯизаминӣ, инчунин харҷи об бо кӯлҳо, дарёҳо ва обҳои зеризаминӣ таъмин карда мешавад, инчунин харҷи доимии оби аз ҷониби растаниҳо, ҳайвонҳо ва инсон истифодашаванда.

**ЭЗОҲ:**

Ҳангоми омодакуни фасли мазкур маълумоти дастурамали “Асосҳои объёрии зироатҳои хоҷагии қишлоқ истифода шудааст”.

*Лидия Плюсс, Паязиддин Жоошов, Э. Текбаев, Бишкек - 2012 с.*

# Мушкилоти захираҳои обӣ дар ҷаҳон ва Қирғизистон

Об аллакай ба захираи стратегӣ мубаддал мешавад. Тағйироти иқлим истилоҳи нав – бехатарии обиро ба вуҷуд овард. Бо сабаби норасоии оби нӯшокӣ дар як сол зиёда аз 20 млн одам манзили худро тарк мекунанд. Тибқи маълумоти СММ **тақрибан 700 млн одам дар 43 кишвари ҷаҳон ба таври доимӣ дар шароити “стресси обӣ” ва норасоӣ** қарор доранд. Агар дар ҷаҳон яке аз масъалаҳои ҳалталаби умумиҷаҳонӣ бехатарии энергетикӣ бошад, дар шароити ивазшавии иқлим ба мадди аввал бехатарии обӣ мебарояд.

Тибқи ҳисоби мутахассисон дарояндаи наздик миқдори об дар тамоми минтақаҳои ҷаҳон, асосан дар Африка, дар Шарқи наздик ва Миёна, Осиёи Марказӣ кам мешавад.

## Тағйирёбии иқлим

Дар Қирғизистон дар 50 соли охир ҳарорати ҳаво ба 0,3-1,2$^{0}$С баланд шудааст. Тахмин меравад, ки дар оянда баландшавии ҳарорат метавонад ба зиёдшавии хушкии иқлим расонад.

**Об дар Қирғизистон.** Қирғизистон тибқи захираҳои об дар Осиёи Миёна ҷои дуюмро ишғол мекунад. Дар қуллаҳои кӯҳии Қирғизистон ҷараёни дарёҳо ва дарёчаҳои сершумор ташаккул мeёбад, 4,2% кишварро масоҳати пиряххо ташкил медиҳанд, тақрибан 5 237 пирях мавҷуд аст. Пиряххо захиракунандаи оби нӯшокӣ, яке аз манбаъҳои таъмини дарёҳо мебошанд. Захираҳои оби нӯшокӣ дар пиряххои кӯҳӣ 650 км.мукааб, дар кӯлҳо – 1745 м.мукаабро ташкил мекунад. Сифати захираҳои обии Қирғизистон – хуб аст.

94-96% захираҳои обии ҷумҳурӣ барои обёрӣ ва истеъмоли хоҷагии қишлоқ истифода мешавад. Масоҳати заминҳои обёришаванда тақрибан **1,1 млн. га** аст. Барои 1га замини обёришаванда ба ҳисоби миёна тақрибан **6500 – 8000 м.мукааб** оби обёрикунӣ истифода мешавад.

Дар Қирғизистон норасоии об бо сабаби афзоиши истеъмол ва талаботи калони бебозгашт, ифлосшавӣ ва обҳои зеризаминӣ, оқибатҳои тағйирёбии умумиҷаҳонии иқлим, зиёдшавии миқдори $Co_2$ дар ҳаво, бо сабаби партофтани дуди истеҳсолот эҳсос мешавад. Танҳо дар 30 соли охир масоҳати пиряххо ба 15% кам шуд. Дар 2100 сол ҳангоми обшавии босуръати пиряххо метавонад ҷараёни умумии рӯисатҳии дарёҳо 2 маротиба кам шавад ва барои соҳаи энергетика ва хоҷагии қишлоқ масъалаи ҷиддитарин гардад.

Ғайр аз омилҳои иқлим ба камшавии захираҳои об идоракунии ғайрисамараноки захираҳои об таъсир мерасонад. Дар кишвар дар солҳои охир норасоии оби обёрӣ ҳис мешавад ва муноқишаҳо бо сабаби об дар сатҳҳои гуногун зиёд мешаванд.

Байни кишварҳои ҳамсоя, минтақаҳо, ноҳияҳо, деҳаҳо, махсусан дар солҳои хушксолӣ муноқишаҳо барои об сар мезананд:

- Таъмини пасти низоми дренажи – танҳо 20% ҳудуди умумии обмонӣ.
- Тақсимоти нобаробари об – дар аввали канал одамон бо об хуб таъмин шудаанд, дар охир – норасоии об.
- Дар аксарияти ИИО ҳисоби об бурда намешавад, ки дар натиҷа муноқишаҳои гуногун байни миробҳои ИИО ва фермерон, байни фермерони ҳамсоя рӯй медиҳанд.
- Фермерон технологияҳои оддитарини обмониро намедонанд ва истифода намекунанд, ба монанди обмонии қатравӣ, обмонии қаторҳои кӯтоҳ, обмонӣ бо қатори дуюм, риоя накардани реҷаи обмонӣ (мӯҳлат, меъёрҳо ва давомнокии обмонӣ) зироатҳои гуногуни хоҷагии қишлоқ.
- Талафоти об бо сабаби **ҳолати техникии ғайриқаноатбахшинизомҳои обмонӣ** ва **обтақсимкунӣ**.

**Чораҳои асосии беҳтаркунии идоракунии захираҳои об инҳо мебошанд:**

- ♦Беҳтаркунии кори Иттиҳодияи истифодабарандагони об (ИИО), азҷумла тасаввуроти оқилонаи занону мардон дар ҳамаи сатҳҳои қабули қарорҳо;
- ♦Сохтмон, таъмир ва тозакунии низомҳои обёрӣ;
- ♦Барои пешгирии мунокишаҳо байни ИИО ва фермерон ИИО-ро бо таҷҳизоти обченкунӣ таъми н кардан зарур аст;
- ♦Баландкунии иқтидори мутахассисони ИИО оиди усулҳои ҳисобкунии об, тақсимоти самаранок ва истифодаи захираҳои об;
- ♦Дар ҳамаи ИИО бар ивази пардохти хизматрасонӣ амалӣ кардани ҳаҷми гирифтаи об;
- ♦Истифодаи нисбатан самараноки об дар майдонҳо, бо истифодаи усулҳои захиракунандаи обмонӣ.

## Низоми идоракунӣ ва тақсимоти об дар Қирғизистон

Дар айни замон дар Ҷумҳурии Қирғизистон низоми бисёрзина, соҳавии идоракунии фонди об истифода мешавад, ки тибқи он вазифа ва масъулият дар соҳаи муносибатҳои обӣ байни вазоратҳо ва идораҳои гуногун тақсим шудааст.

Дар нақшаи зерин танзими оби обёрӣ дода шудааст:



## ИИО – Иттиҳодияи истифодабарандагони об

**ИИО таъмини обро ба хоҷагиҳои фермерӣ ва деҳқонӣ – аъзоёни ИИО бо назардошти талаботҳои онҳо ташкил мекунад.**

### Сохтори ИИО




**Мардон ва занон дар ҳамаи сатҳҳо намояндагӣ карда мешаванд.**

# Кӣ метавонад аъзои ИИО шавад:

**Ба аъзогии ИИО метавонанд мардону заноне, ки дар минтақаи хизматрасонии ИИО ҷойгир шуда, соҳиби қитъаи замин бо ҳуқуқи истифода ба мӯҳлати зиёда аз 3 сол мебошанд аъзо шаванд.**

| Мақомотҳои ИИО | | Вазифа ва ӯҳдадориҳо |
|---|---|---|
| **Мақомотҳои идоракунии иттиҳодия** | **Маҷлиси умумӣ/ Маҷлиси намояндагон** | Дар таҳияи оиннома, дар раванди банақшагирии чорабиниҳои ИИО иштирок мекунанд. Ҳисоботҳо, тавозунҳои муҳосибот ва бюджети солонаро тасдиқ мекунанд. Қоидаҳои интихоби намояндаҳои Шӯро ва комиссияи тафтишотиро таҳия мекунанд. |
| | **Намояндаҳои минтақавӣ** | Дар ҳар як минтақа намояндаи минтақавӣ интихоб мешавад. Намояндаҳои мазкур дар тасдиқи бюджети солона, ҳисоботҳо ва тавозунҳо, нақшаи корӣ, қоидаҳои узвият, андозаи пардохтҳо, ҷаримаҳо иштирок мекунанд. |
| | **Шӯрои ИИО** | Таркиби Шӯро иборат аз на кам аз 5 нафар. Шӯро назорати умумии фаъолият ва мақомоти иҷроияи ИИО-ро мегузаронад. |
| | **Комиссия оиди ҳалли муноқишаҳо** | Аз 3-5 нафар иборат аст. Ҳалли муноқиша ва баҳсҳоро дар сатҳҳои гуногунро ба танзим медароранд. |
| | **Комиссияи ревизионӣ** | Назорати фаъолияти молиявӣ ва иқтисодии ИИО ва раисро амалӣ мекунад. |
| **Мақомоти иҷроия** | **Директори ИИО** | Идоракунии ҷории фаъолияти ҷории ИИО-ро тибқи Оиннома роҳбарӣ мекунад. |
| | **Муҳосиб ва хазинадор** | Баҳисобгирии фаъолияти ИИО. |
| | **Муҳандис** | Баҳисобгирии ҳаҷми таъмин ва тақсимоти об аз ҷониби миробҳо, таҳияи ҷадвали обмонӣ барои деҳаҳо ҳамроҳи директор ва истифодабарандагони об. |
| | **Миробҳо** | Тақсимкунии обро дар майдонҳои фермерон амалӣ мекунанд. |
| | **Истифодабаран-дагони об** | Барои истифодаи дуруст/самараноки об дар қитъаҳои худ ва пардохти саривақтии хизматрасонии ИИО масъулият доранд. |

# Нақшаи таъмини об дар деҳаҳо

Ба полезҳои мо об аз куҷо меояд? Аз ҷиҳати техникӣ низоми обмонӣ аз манбаи об (дарё ё обанбор)низоми каналҳои асосии тақсимоти об, ки овардани обро ба деҳа ва ба фермерон таъмин мекунанд, ҷӯйборҳои обёрӣ ва обпарто иборат аст.

## ИИО муваффақ

ИИО “Шабнам” аз 2001 сол дар ҳавзаи деҳоти Ирис, ноҳияи Сузаки вилояти Ҷалол-Обод амал мекунад. ИИО 3600 хоҷагиро фаро мегирад, дар ҳудуди хизматрасонӣ 1700 га (аз онҳо 200 га – полезҳо) мебошанд. Пардохт барои хизматрасонии ирригатсионӣ барои 1 га майдони шолӣ – 1200 сом, гандум, офтобпараст – 600 сом мебошад.

| Мақомоти иҷроияи ИИО | |
|---|---|
| **Бекташев Захид –** | Директор, ӯ ИИО-ро идора мекунад ва барои фаъолияти он масъулият мебарад. |
| **Гидротехник –** | Оби за РИХО воридшавандаро назорат мекунад ва миробҳоро бо об ва кор таъмин менамояд. |
| **Миробҳо –** | Обро ба майдонҳои фермерон тақсим мекунанд. |

Дар тафовут аз дигар ИИО дар онҳо нозирони барои хизматрасонӣ пардохт ҷамъкунанда кор мекунанд. Музди онҳо корбайъ, яъне 15% маблағи ҷамъкардаашонро мегиранд.

Дар 2015 сол пардохти солона барои об 1.400.000 сомро ташкил кард.

ИИО дар аксарияти мавридҳо ба лоиҳаҳо ҷалб мешавад. Бо лоиҳаи Бонки Умумиҷаҳонӣ ва ИА кор карда, 2100 бет он карда шудааст, техника харидорӣ шудааст.

**Сирри комёбии ИИО:**

1. Эътибори хуб, имиҷи ИИО дар ҳавзаи деҳот, Бекташев Захид – вакили Кенеши маҳаллӣ.
2. Робитаи зич бо маъмурияти АО, оқсақолон ва пешвоёни деҳот.
3. Тавозуни гендерии кормандон, қабули қарор дар ҳамаи сатҳҳо.
4. Ҳашарҳои ҳарсола оиди тозакунии каналҳои асосӣ ва иншоотҳои дигар.

**Мушкилот:**

1. Соҳибкасбии кадрҳо.
2. Музди меҳнати пасти кормандон.

**Намудҳои гуногуни обмонӣ:**

- Обмонии сатҳӣ (дар ҷӯякҳо ва қаторҳо);
- Боронкунӣ;
- Обмонии қатравӣ;
- Обмонии хурди зарравӣ;
- Намноккунонии дохили хок ё обмонии зеризаминӣ;
- Обмонӣ тариқи пурра зери об мондан.

Дар Қирғизистон обмонии 90% заминҳои обёришаванда тариқи обмонии сатҳзӣ амалӣ карда мешавад.




**БОРОНКУНӢ** – тарзи обмоние, ки ҳангоми он оби обёрӣ зери фишор тариқи асбоби боронкунӣ дар ҳаво пошида мешавад, ба қатраҳо ҷудо мешавад ва ба сатҳи растанӣ ва хок дар шакли борон мерезад.

Ин тарзе мебошад, ки харҷи қувваи зиёдро талаб мекунад ва онро танҳо фермерони сердаромад истифода мекунанд. Ғайр аз ин, дар аксарияти мавридҳо онро дар хона, полезҳо, газонҳо ва дар осоишгоҳҳо истифода мекунанд.





**ОБМОНӢ ТАВАССУТИ ЗЕРИ ОБ МОНДАНИ ЧЕКҲО** – тарзи обмонии нисбатан қадим аст, ҳангоми коркарди зироатҳое истифода мешаванд, ки зери қабати об мондани кӯтоҳмуддатро хуб мегузаронанд. Ғайр аз ин, обмонии мазкур барои бо об сер кардан, шустани об аз намакҳо, ҳангоми парвариши шолӣ истифода мешавад.

**ОБМОНИИ ҶӮЯКӢ** – усули нисбатан зиёд истифодашавандаи обмонӣ дар Қирғизистон мебошад ва технологияи нисбатан самараноки муосир ва оянда маҳсуб мешавад, зеро он ба фермерон шинос аст, аммо бояд такмил дода шавад.



## Обмонии қатравӣ

**Обмонии қатравӣ** – тарзе мебошад, ки дар он таъмини об ба растанӣ тариқи таъмини бефосилаи об бо чак-чаки махсус дода мешавад.

**Низомҳои қатравии обмонӣ** дар ҷойҳои норасоии об, дар қитъаҳои обёринашаванда, ноҳамвор ва наздикӯҳӣ; дар хоки обногузар (санглох, регзор, шағал ва ғ.); қитъаҳое, ки дар ҷӯякҳо ва барҳо об монда мешавад, боронкунӣ ва ғ.) имконнопазиранд, амалӣ карда мешавад резервуар.




## Низом барои кадом зироатҳо истифода мешавад?

- Боғдорӣ: зардолу, себ, шафтолу, гелос, ангур.
- Сабзавотпарварӣ дар хоки кушод: помидор, қаланфур, бодиринг, қулфинай, тарбуз.
- Сабзавотпарварӣ дар гармхонаҳо.

## Истифодаи НОҚ дар Қирғизистон







*Парваришгоҳ дар вилояти Баткен*



*Боғ дар вилояти Иссиққӯл*

## Суроғаи таъминотгарони низоми қатравии обмонӣ

| № | Ташкилот | Суроға | Рақами телефон |
|---|---|---|---|
| 1 | Кооперативи хизматрасонии хоҷагии қишлоқ “Агро Базар” Тарбизогли Илгиз | ш. Ош, кӯч. Ленин, 428 | 077311-95-29 |
| 2 | Кооперативи хизматрасонии хоҷагии қишлоқ “Капля Плюс” Жоошов Паязидин | ш. Бишкек, Ак-Босого, Чуй 55/21 | 055532-44-60<br>070532-44-60 |
| 3 | Хадамоти Машваратии деҳот вилояти Ҷалол-Обод Осмонов Нургази | ш. Ҷалолобод, кӯч. Курманбек, 10 | 077087-01-02<br>03722 5-09-11 |
| 4 | Кушбак Абдраимов | ш. Ош | 0553 00 65 96 |
| 5 | Рахманберди Бурханов | ш. Ош | 0550 28 60 62 |

## Зарари эҳтимолӣ ҳангоми обмонии нодуруст

**Ҳангоми обмонӣ дар аксарияти мавридҳо хатогиҳо роҳ дода мешаванд, фермерон меъёрҳо, мӯҳлат ва давомнокии обмониро риоя намекунанд. Ин хатогиҳо ба чӣ мерасонанд?**

| | |
|---|---|
| 1. | Шӯршавии хок – обмонии босуръат ва аз меъёр зиёд дар маҳалҳои ҳамворӣ ба баландшавии сатҳи обҳои зеризаминӣ мерасонад ва метавонад сабаби шӯршавии такрории хок шавад. |
| 2. | Бодлеси хок – обмонии зиёди заминҳои нишеби ба шусташавии қабати болоии хок мерасонад. |
| 3. | Харҷи зиёдатии об ҳангоми обмонии аз меър зиёд рӯй медиҳад. |
| 4. | Пастшавии маҳсулнокии хок – бо сабаби обмонии аз меъёр зиёд, ки ба ишқоршавии маводҳои ғизоӣ ва поруҳо мерасонад. |
| 5. | Шахшавии хок – обмонии боронкунӣ ё тариқи зери об мондан сохтори сатҳи хокро бад менамояд ва дар натиҷа қабати сахт ба вуҷуд меояд, ки ҳавогузариро кам мекунад ва филтршавии обро душвор мегардонад. |
| 6. | Зиёдшавии бемориҳои растаниҳо – бо сабаби обмонии аз меъёр зиёд. Решаҳои растанӣ бо сабаби оби зиёд мондан осеб мебинанд ва барои инкишофи бемориҳо замина фароҳам меояд. |
| 7. | Ҳангоми обмонии нокифоя инкишоф, афзоиш ва ҳосилнокӣ паст мешавад, инчунин бемориҳо ва сироятшавӣ зиёд мегардад. |




## Талафоти об

То 30% об дар фосилаи роҳ аз каналҳо то майдони фермер талаф мешавад. Сабаби талаф он аст, ки каналҳо таъмир нашудаанд, аз партовҳо пур мебошанд ва дар хок канда шудаанд. Талафоти об дар ҳолатҳои мазкур ҳангоми аз меъёр зиёд мондани об рӯи медиҳад. Дар ҳолати мазкур қисми об ба хок ҷаббида мешавад ва хок ба худ обро ба монанди лиф кашида мегирад. Ҳиссаи талафоти об дар майдон метавонад то 50% оби таъминшавандаро ташкил карда.



*Талафоти об дар каналҳои обмонӣ*



*Талафоти об дар майдо*

## Омилҳои обмонӣ

Меъёр, мӯҳлат ва суръати обмонӣ аз омилҳои зерин вобаста аст – **иқлим, об ва хок**.

### 1. Иқлим.

Ҳарорат, боришоти атмосферӣ, намнокии ҳаво, шамол – омилҳои асосие мебошанд, ки ба талаботи зироатҳои хоҷагии қишлоқ ва азҷумла ба обмонӣ таъсир мерасонанд. Онҳо муайян мекунанд, ки кадом зироатҳои хоҷагии қишлоқро дар шароитҳои муайяни иқлимӣ парвариш кардан зарур аст.

**Ҳарорат.** Ҳангоми ҳавои гарм инсон моеи зиёдро истеъмол мекунад, зеро бо сабаби араққунӣ оби зиёдро аз даст медиҳад. Дар растаниҳо ҳангоми ҳарорати баланд буғшавии об аз сатҳи растанӣ зиёд мешавад ва чун натиҷа истеъмоли об зиёд мешавад.

**Боришоти атмосферӣ.** Норасоии намӣ сабаби обмонии растаниҳо мешавад. Ҳисоби тахминӣ нишон медиҳад, ки барои парвариши зироатҳои хоҷагии қишлоқ аққалан 400 мм (4000 м.мукааб/га) дар як сол, бо назардошти боришоте, ки давраи инкишоф меборад, бе назардошти тамоми давра зарур аст.

**Намнокии ҳаво.** Намнокии ҳаво муайян мекунад, ки то кадом дараҷа ҳаво обро меҷаббад. Ин қувваи ҳаракатдиҳандаи талафи об мебошад. Агар намнокӣ паст бошад, оби зиёд буғ мешавад.

**Шамол.** Ҳар қадаре, ки шамол зиёд вазад, намнокии ҳаво аз сатҳи буғшаванда паст мешавад, ҳаво ва хок хушк мешаванд ва дар растаниҳо талаботи обмонӣ зиёд мешавад.

## Таъсири шамол ба истеъмоли об




*Маъхаз: Helen Vukusin et al.: Production without destruction. Natural Farming Network ZW*

**2. Омилҳои хок дар обмонӣ** – вобаста ба таркиб, сохтор ва хусусиятҳои дигари хок, намудҳои онҳоро фарқ мекунанд (регхок, рег, гилхок, гилхоки вазнин ва гил), ки барои онҳо меъёрҳои мутобиқи обмонӣ муайян карда мешаванд.

**3. Зироатҳои хоҷагии қишлоқ** – инчунин омилҳои обмонӣ мебошанд. Вобаста ба инкишофи марҳилаи инкишоф истеъмоли оби онҳо муайян карда мешавад. Ҳангоми ин шарти муҳими тавсифдиҳандаи зироати хоҷагии қишлоқ низоми реша, марҳилаи инкишоф, буғшавии об аз барги растанӣ ва хок мебошанд. Онҳо дар зироатҳои гуногун фарқият доранд ва талаботи обро муайян мекунанд.




**Транспиратсия:** Решаи растаниҳо барои инкишоф обро аз хок меҷаббанд. Қисми асосии оби мазкур ба атмосфера дар намуди буғ аз баргу пояи растаниҳо мебарояд. Раванди мазкур транспиратсия номида мешавад (буғшавӣ аз барги растанӣ). Ин асосан рӯзона рӯй медиҳад.

**Эвапоратсия:** Об аз сатҳикушоди об ба атмосфера дар давоми рӯз дар намуди буғ мебарояд. Раванди мазкур эвапоратсия номида мешавад (буғшавӣ аз сатҳи хок).

**Эвапотранспиратсия:** Истеъмоли об аз ҷониби зироатҳо аз ҷамъи транспиратсия ва эвапоратсия иборат аст, ки эвапотранспиратсия номида мешавад.

### Усулҳои оддии муайянкунии мӯҳлати обмонии растаниҳо

Тақсимоти мӯҳлати обмонӣ ба монанди истифодаи меъёрҳои обмонӣ хеле муҳим аст: донистани кадом миқдори обро додан ва донистани мӯҳлати обмонӣ. Мо усулҳои оддии муайянкунии мӯҳлати обмониро дар шароитҳои саҳроӣ пешниҳод менамоем.

**Усул аз рӯи нишонаҳои ҳолатҳои физиологии растаниҳо (органолептикӣ).**

Усули бо даст палмосидани баргҳои растаниҳо

Миқдори намиро дар баргҳои растанӣ бо воситаи расидан бо ангушт фаҳмидан мумкин аст. Агар баргҳо таранг ва нисбатан хунук, ранги сабзи сиёҳтоб, нозук (ҳолати тургор), ҳангоми қат кардан овози шикасти махсус дошта бошанд, ин маънои онро дорад, ки растанӣ ба обмонӣ эҳтиёҷ надорад. Агар нӯги барг каме пажмурда бошад, ин маънои онро дорад, ки дар давоми на дер аз 2-3 рӯз об мондан зарур аст.

- Баргҳои то нисф пажмурдашуда, бо ранги кабудчатоб маънои онро доранд обмониро пас аз як рӯз гузаронидан зарур аст.
- Ҳангоми баргҳои хамидаи пажмурда обмонии фаврӣ гузаронидан зарур аст.
- Баргҳои тамоман хамида (чун латта) ва ҳангоми расидан баргаш каме гарм нишон медиҳанд, ки "гурустнагии обӣ-и" растанӣ фаро расидааст, ҳангоми ин аз даст додани 15...30% ҳосил ҳатто ҳангоми обмонии фаврӣ рӯй медиҳад.

Ҳангоми усули мазкур дар хотир доштан зарур аст, ки онро **аз соатҳои 6-7 то 9-10 саҳар ё аз 17-18 то 20-21 бегоҳ** гузаронидан беҳтар аст. Ғайр аз ин, дар хотир доштан зарур аст, ки дар соатҳои миёнарӯз (моҳи июл-август) хамидани муваққатии баргҳо бо сабаби буғшавии оби растаниҳо дар гармои рӯз рӯй медиҳад.

## Усули нармии хок

1) Аз чуқурии 20-30 см ба даст як каф хокро мегиранд ва аз баландии 1 м мепартоянд. Агар хок дар каф ғиҷимшуда ҳангоми зарба ба замин ба зарраҳои хурд ҷудо намешавад, пачақ ба монанди нон мешавад, он дар таркибаш миқдори зарурии обро дорад. Агар кафи хок ҳангоми ба замин задан ба зарраҳои хурдтарин пора шавад – обмонии навбатӣ зарур аст.
2) Саққочаҳои хокро бо диаметри 1 см тайёр мекунанд, баъдан саққочаҳоро ба найчаҳои диаметрашон 3 мм мекушоянд. Агар найча ба порачаҳои дарозиаш 1...2 мм пора нашавад, ин нишонаи мавҷуд будани миқдори кофии об дар хок мебошад. Агар найча ба порачаҳои хурд чудо шавад, ин нишонаи норасоии об аст ва гузаронидани обмонии навбатӣ зарур аст.

## Воситаҳои оддитарини беҳтаркунии обмонӣ дар полезҳо

Барои пасткунии талафоти об дар майдону полезҳо аз воситаҳои оддитарин лавозимотро сохтан мумкин аст.

**Қубурҳои полимерии** диаметрашон гуногун (аз 15 то 60 мм), дарозиаш 50-60 см. Қубурҳои полимерӣ дар сари ҷӯякҳои обмонӣ тариқи гӯр кардани онҳо ба сарбандчаи ҷӯяк ба тавре гузошта мешаванд, ки онҳо аз таги ҷӯяк 2 см баланд бошанд ва 3-5 см аз сатҳи об дар ҷӯяки оббарорӣ паст бошанд.

Пас аз гузоштани қубур ҷои кофташуда бо хок пӯшида шуда барои пешгирӣ аз рафтани об аз атрофи қубур бо пой сахт карда мешавад.







**Зарфҳои пластикии** оби нӯшокӣ, диаметри даҳонаш – 20 мм, дорои қобилияти обгузаронии 0,15 л/с. Насби даҳанаи зарфҳои пластикӣ ба ҷӯякҳо ба насби қубурчаҳои полимерӣ монанд аст.

Аммо азбаски дарозии як зарф барои дарозии сарбандча кифоя намекунад, 2 шишаро бурида бо ҳам пайваст кардан зарур аст, дарозии он тақрибан 55 см мешавад. Ду шишаи сахт пайвасткардашуда ба сари ҷӯяки обмонӣ насб кардан мумкин аст. Ин усул аз усули бо қубурҳои полимерӣ нисбатан арзон аст.




**Пленкаи полиэтиленӣ** аз пленкаи полимерӣ тариқи буридани қабати 50x50 см ва хобонидани он дар сари ҷӯяк сохта мешавад.



Бо назардошти баландшавии ҳарорат ва хушксолӣ ва мушкилиҳои дастрасӣ ба оби нӯшокӣ вақти сарфакорона истифода кардан оби полезӣ бо истифодаи усулҳои инноватсионии технологияҳои сарфаи об расидааст.

Усулҳои сарфакоронаи обмонӣ барои истифодаи самаранок ва сарфакоронаи оби полезии мавҷудбуда, баробар тақсим кардани об дар майдонҳо, риояи меъёрҳои обмонӣ, нигоҳдории ҳосилнокии замин ва баландкунии ҳосилнокии он имкон медиҳад. Инчунин дар маҳалҳое, ки норасоии баланди об ё набудани он мавҷуд аст, истифода кардани технологияҳои камхарҷи самаранок.

**Усулҳои босарфаи обмонии сатҳӣ:**

- ♦ Обмонӣ тариқи ҷӯякҳои кӯтоҳ;
- ♦ Обмонӣ тариқи ҷӯяки дуюм;
- ♦ Обмонӣ бо фаввораи тағйирёбанда;
- ♦ Обмонии лаппишнок;
- ♦ Усули “Шербет суу”;
- ♦ Обёрии канорӣ.

## Обмонӣ ҷӯякҳои кӯтоҳ

Аксарияти фермерон дар майдонҳои худ барои сарфакунии вақти худ ҷӯякҳои дарозро истифода мекунанд (аз 200 то 700 м). Аммо ҳангоми обмонии ҷӯякҳои мазкур дар аввали ҷӯяк обмонӣ аз ҳад зиёд, дар охираш норасоии об вуҷуд дорад. Ҳангоми обмонии ҷӯякҳои кӯтоҳ ҷӯякҳо вобаста ба қобилияти обҷабби хок ва нишебии он кӯтоҳ мешаванд. Ин усул махсусан барои хоки сабук хуб аст.

**Манфиат:**

Обмонӣ нисбатан зудтар ва босифат мегузарад, хок баробар намнок мешавадва растаниҳо баробар инкишоф мeёбанд; вақти обмонӣ сарфа мешавад. Технологияи мазкури обмонӣ хароҷоти зиёди ҷисмонӣ ва вақтро талаб намекунад, намнокии хок бошад дар дарозии ҷӯяк баробар мешавад.




**Обмонии ҷӯякҳои кӯтоҳ**

*Таҷрибаи фермер оиди истифодаи обмонии ҷӯяки кӯтоҳ:*

Фермер Косимов А. 0,5 га замини пахта дорад. Пештар бо усули анъанавӣ – ҷӯяки дароз об мемонд: дарозии майдон 640 м, дарозии ҷӯяк – 160 м. Меъёри обмонӣ барои 1 га 5184 м.мукааб. Дар 2012 сол ӯ усули обмониро ба усули ҷӯякҳои кӯтоҳ иваз кард, дарозии он 80 м буд. Меъёри обмонӣ то 3456 м.мукааб кам шуд, баландшавии ҳосилнокии пахта 20% дар муқоиса бо ҷӯяки кӯтоҳ 20% ташкил дод.

*Фикр ва мушоҳидаи фермер оиди истифодаи ҷӯяки кӯтоҳ:*

- ♦ Намӣ дар хок нисбатан баробар тақсим мешавад.
- ♦ Қабати ҳосилхези замин камтар шуста мешавад.
- ♦ Об ва вақти обмонӣ сарфа мегардад, ҳосил баланд мешавад.

## Обмонии ҷўяки дуюм

Ҳангоми обмонӣ об ба ҳар як ҷўяки дуюм дода шуда, ҷўяки якум хушк мемонад, яъне таъмини обро бо навбат амалӣ кардан мумкин аст: дар обмонии якум об дар ҷўякҳои 1-3-5-7, дар обмонии дуюм 2-4-6-8. Усули мазкур дар истифода хеле осон аст, аммо хоки мутобиқро талаб мекунад. Усули мазкурро дар регхок истифода карда намешавад. Нисбат ба обмонии ҳар як ҷўяк ҷараёни калони об зарур аст.



**Манфиат:** То 30% об сарфа мешавад: алафи бегона кам мешавад, пастшавии шўршавии хок ва осеб дидани растанӣ, гузаронидани обмонии начандон чуқур (масалан, барои сабзавот). Тақрибан ҳамаи зироатҳоро бо ин усул об мондан мумкин аст, ба истиснои донагиҳо ва алафҳои бисёрсола.

## Обмонии лаппишнок

Ҷараёни об ба ҷўякҳо бо як миқдор дода мешавад, яъне аввал об ба 1/3 қисми ҷўяк бо харҷи камтарин дода шуда, қатъ карда мешавад, пас аз 20 дақиқа об бо харҷи миёна то 2/3 қисми ҷўяк дода мешавад ва қатъ мегардад, пас аз 20 дақиқа харҷи калонтарин дода мешавад, вақте, ки об то охири ҷўяк мерасад – харҷи он ба бузургии обпарто кам мешавад.




**Манфиат:**

- ♦Самаранокии баланди истифодаи об.
- ♦Намнокшавии баробари хок дар тамоми дарозӣ ва чуқурии ҷўяк.
- ♦Ҳосил баробар ва баланд.
- ♦Обпарто кам, сарфаи об.

**Хавф:**

- ●Усули мазкур мураккаб аст ва омўзиш ва озмоишро талаб мекунад.
- ●Дар хоки санглох ва регхок давомнокии обмонӣ метавонад тезонида шавад.
- ●Усули мазкуро барои ҳар як майдони алоҳида мутобиқ карда мешавад.

## Усули “Шербет суу”




Дар рафти технологияи мазкур дар аввали майдони полез чуқурии бараш 2 м, дарозиаш 5 м ва чуқуриаш 0,5 м тайёр карда мешавад. Бо қабати полиэтиленӣ аз дарун пӯшида шуда, бо поруи органикии тайёркардашуда, об пур карда шуда, барои турш шудан 3-5 рӯз нигоҳ дошта мешавад. Оби полезии аз канали обтаъминкунанда шорида, ба чуқурии аввали майдони полез мазкур меравад. Об ба таври автоматикӣ бо маҳлули дохили чуқурӣ, маводҳои ғизонок омехта шуда, маҳлули мазкур ба ҷӯякҳо ва дохили хок ҷаббида мешавад. Аз он ҷо дар об маҳлул шуда, бевосита аз ҷониби решаи растаниҳо аз худ карда мешавад.

Дар натиҷа, дар таркиби хок аз ҳисоби қабати тунуки рӯпӯшкунанда намӣ дер нигоҳ дошта мешавад. Хок бо гумус ғанӣ гардонида шуда, реҷаи ғизоии хок беҳтар мешавад.

**Маводҳои зарурӣ, меъёрҳои порукунӣ ва миқдори обмонӣ:**

- ♦ Поруи нимсӯхта – 500-600 кг/га.
- ♦ Саргини мурғ – 100-120 кг/га.
- ♦ Зироатҳои гандумии хӯшагиҳо – 2-3 обмонӣ дар давраи нашъунамо дар аввали пояшавӣ ва дар аввали ширагирии дона бо меъёри обмонии 1000-1300 м.к/га.
- ♦ Ҷуворимаккаи хӯроки чорво – 2-4 обмонӣ бо маҳлули “шарбат” дар давраи аз марҳилаи 8-10 барг то пухтарасии ширӣ-сафедшавӣ.
- ♦ Картошка 2-3 обмонӣ дар давраи гулкунӣ, ташаккули бехмеваҳо.

**Хатар:**

- ●Истифодаи поруи нав метавонад ба зиёдшавии алафи бегона расонад.
- ●Зарурати омодакунии пешакии поруи органикӣ барои “Шербет суу” (пору – нимсӯхта, саргини мурғ – пас аз туршшавӣ)
- ●Маҳлули “Шербет суу”-ро дар қитъаҳое, ки дар он чо сатҳи оби зеризаминӣ наздик аст, истифода карда намешавад.

## Ҷӯякҳои канорӣ



Ҷӯякҳои канорӣ метавонанд дар қитъаҳои ҳамвор, бо нишебии зиёда аз 25% (0,25) барои камкунии хавфи бодлесшавии хок истифода мешаванд. Сохтори ҷӯякҳои канорӣ меҳнатро талаб мекунанд, аммо меҳнати беҳуда намеравад – аз замине, ки бо дигар усул коркард карда намешавад, даромади иловагӣ гирифтан мумкин аст.

# Ҷамъоварии оби борон дар адирҳо

Дар қитъаҳои дастрасии душвори об, инчунин барои азхудкунии заминҳои нишеби лалмӣ, (объёринашаванда) барои шинонидани дарахтони мевадор истифодаи технологияи оби борон тавсия дода мешавад. Дар нишебиҳо чуқурӣ кофта мешавад ва аз дохил девор ва таги он ҳамвор карда мешавад. Чуқурӣ бо пленка аз дохил пӯшида шуда, дар атрофи чуқурӣ барои ҷамъшавии оби борон тайёр карда мешавад. Баъдан чуқуриро аз боло пӯшонида, барои гирифтани об бо сатил сӯрох мемонанд. Ин захирагоҳҳо ҳангоми мавҷуд будани воситаҳо метавонанд бетон карда шуда, мӯҳлати истифодаи онҳо дароз мешавад. Истифодаи пленка тарзи камхарҷ аст, аммо мӯҳлати истифодаи он аз чуқурии бетоншуда нисбатан кам аст ва пленкаро ҳангоми фарсудашавиаш иваз кардан зарур аст. Дар давоми боришоти зимистон ва баҳорӣ дар чуқурӣ об ҷамъ мешавад, ки ҳангоми мавсим фермер метавонад онро барои обмонии дарахт они мевадор ва полезҳо истифода намояд.

Дар аксарияти маҳалҳои камборишв а бебориши хушк ҷамъовари оби борон захираи калонтарини об мебошад – ҳарчанде, ки дар таҷриба барои барқарорсозии заминҳо ва истифодаи пурмаҳсули заминҳои лалмӣ қариб ки истифода намешавад.



*Ҳамворкунии баландӣ ва андоваи деворҳо.*



*Омодакунии ҷои ҷамъоварии об.*



*Пӯшидани ҷуқурӣ.*



*Ҷойгиркунии пленка дар дохили ҷуқурӣ.*





**Қитъаи озмоиши оиди ҷамъоварии оби борон барои боғ дар нишебӣ. Андозаи боғ – 0,30 га.**

*Зироатҳои парваришшаванда:* дарахтони зардолу, ангур, бодом, себ.

Д. Падек, ноҳияи Ала-Бука, фермер Туранов Холмурад (дар расм аз чап).

## Ҷамъоварии оби борон аз боми манзил

Техникаи ҷамъовари оби борон аз боми хонаҳо навгонӣ нест, таҷрибаи мазкурро баъзе аз сокинони деҳот аз давраи шӯравӣ истифода мекунанд. Бо ёрии қубурҳои таноб аз бом оби борон ба зарфҳои начандон калон (бочкаҳои оҳанин) ҷамъ мешуданд. Аммо таҷрибаи мазкур байни сокинони деҳот паҳн нашудааст. Дар аксарияти деҳаҳо дар мавсим сокинони деҳот ва махсусан соҳибони хонаҳои нав полези худро бо сабаби навбати калон ё набудани об дар ҷуйборҳо об дода наметавонанд ва барои оилаи худ сабзавот парвариш карда наметавонанд. Таҷрибаи ҷамъоварии оби борон аз боми хона метавонад ҳалли дастрас ва оддии мушкилоти мазкур шавад, зеро Қирғизистон миқдори кофии боришот ва иқтидори хуб дорад.

Вобаста аз минтақаҳо дар Қирғизистон дар як сол тақрибан то 300-600 мм/дар як сол meборад, ки ин ба 300-600 литр оби борон дар як сол ва м.кв. баробар аст. Агар мо 400 мм ба назар гирем ва хоҷагии фермер ба ҳисоби миёна тақрибан 80 м.кв. бошад (аммо хонаҳо дар Қирғизистон ҳаҷман аз ин андоза калон мебошанд), миқдори солонаи оби борони аз боми хона шоранда тақрибани 32 000 литр ё 32 м.мукаабро ташкил медиҳад.

Агар танҳо 50% оби боронро ҷамъоварӣ намоед, қобилияти ҷамъоварии оби борон аз боми хона тақрибан 16 м.мукааб ё 16 000 литр – барои парвариши сабзавот об кифоя мекунад.

Қадамҳои зарурииро барои ҷамъоварии оби борон аз боми хонаҳо насби қубурҳои таноб дар канорҳои бом, ки тавассути онҳо оби борон мешорад, қубури умумӣ ё шланг, ки нӯги он ба зарфи обҷамъкунанда – бочкаҳои пластикӣ, оҳанин, чоҳҳои бетони ё бо қабати полиэтиленӣ пӯшидашуда партофта шудааст.

Ҳоло аксарияти сокинони деҳот чоҳҳои бетонӣ месозанд, ки хеле мустаҳкам мебошанд ва дар муддати дароз истифода карда мешаванд. Аммо ин хароҷоти калонро талаб мекунад. Тарзи нисбатан арзон чоҳҳои одатан бо пленкаи полиэтилении дуқабата пӯшидашуда ва сарпӯшдор мебошад. Дар чоҳҳо сӯрохӣ барои ҷамъоварии оби полезӣ гузошта мешавад. Барои таъмини об бевосита ба полез ба ҷӯякҳо насоси обкашии барқиро насб кардан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, сокинони деҳа метавонанд барои худ оби полезиро бо истифодаи технологияи ҷамъоварии оби борон аз боми хонаҳо ё саройҳо захира кунанд ва дар полезу гармхонаҳо сабзавот парвариш намоянд ва бо ин сатҳи муноқишаҳоро барои оби полезӣ паст намоянд, инчунин ба оқибатҳои тағйирёбии иқлим, ба монанди хушксолӣ омода бошанд.



*Низоми обтаъминкунӣ ҳангоми ҷамъоварии оби борон барои ҳоҷагии шахсӣ (www.emas-international.de)*

*Ин фермер аз Тоҷикистон чоҳи оддии бо қабати полиэтиленӣ пӯшидашударо барои ҷамъоварии оби борон аз боми хона сохтааст.*



*Акс: Франк Ловен*

## Рӯпӯшкунӣ

Дар мавсими тобистон нурҳои офтоб ва радиатсия ҳарорати сатҳҳои ҳифзнашудаи хок то қаъри сатҳҳои гуногуни он баланд менамояд, то расонидани осеб, махсусан ба ниҳолҳои ҷавон, организмҳои дохили хок таъсири манфӣ мерасонад.

Барои пасткунии сатҳи талафот бо сабаби эвапоратсия, инчунин барои фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои зисти микроорганизмҳои хок ва растаниҳои ҷавон истифодаи рӯпӯш усули оддӣ, аммо хеле муфид аст.

## Таъсири рӯпӯшкунӣ ба афзоиши растаниҳо




*Маъхаз: Helen Vukusin et al.: Production without destruction. Natural Farming Network ZW*

Намудҳои гуногуни рӯпӯш метавонанд барои рӯпӯшкунии атрофи ниҳолҳои дарахтон ё дар рӯпӯшкунии сатҳи хок дар қаторҳои зироатҳои гуногуни зироатҳои хоҷагии қишлоқ истифода шаванд. Дар аксарияти мавридҳо маводҳои органикӣ – барг, шохаҳо, коҳ истифода мешаванд. Аммо маводҳо ба монанди қоғаз, рег, шағал барои рӯпӯшкунӣ истифода шуда наметавонанд.



*Рӯпӯшкунии сабзавот дар қаторҳо*



*Рӯпӯшкунии дарахтони мевадор*

*Акс: Франк Ловен*

ФАСЛИ 6

# Ташкили полез




Саҳифаи 160 | Идоракунии устувори захираҳои замин

Саҳифаи 170 | Истифодаи самараноки хок ва тайёркунии компост

Саҳифаи 181 | Ташкили полез

Саҳифаи 193 | Истифодаи самараноки об

ДАРСИ 16

# Идоракунии устувори захираҳои замин

## Калимаҳои нав

| | |
|---|---|
| **Захираи табиӣ** | Унсурҳои маҳдудшудаи муҳити атроф аст. Ба захираҳои табиӣ замин, об, ҳаво, растаниҳо ва ҳайвонҳо дохил мешаванд. |
| **Идоракунии захираҳои табиӣ** | Ноилшавӣ ба инкишофи устувори иқтисодӣ тавассути истифодаи самараноки захираҳои табиӣ. |
| **Экология** | Алоқаи байни организмҳои зинда ва муҳити атроф. Дар низоми экологӣ организмҳои зинда бо ҳам ба таври гуногун фаъолият мекунанд. Вайроншавӣ ё вайроншавии танҳо як ҷанба метавонад як низоми бутунро аз кор барорад. |
| **Маводҳои ғизоӣ** | Захираҳои энергетикӣ, ки барои афзоиши растаниҳо ё ҳайвонҳо заруранд. |
| **Даррандаҳо** | Ҳайвонҳои дарранда |
| **Хлорофилл** | Пигменти сабзе, ки боиси ранги сабзи хлоропластҳои растаниҳо мебошад. Маводи сабз дар организми растанӣ, ки иқтидори равшании офтобро мекашад ва онро ба қанд ва оҳари барои афзоиши растанӣ зарурбуда мубаддал мекунад. |
| **Низоми экологии хоҷагии қишлоқ** | Вобастагии байни хок, олами растаниҳо ва ҳайвонҳо дар низоми хоҷагии қишлоқ |
| **Бодлеси хок** | Вайроншавӣ ва шусташавии қабати хок аз як ҷой ба ҷои дигар тавассути бод ё об. Хоке, ки дар таркибаш маводҳои органикӣ надорад ё рӯпӯши растанӣ надорад, метавонад бо осонӣ тавассути бод ва об бурда ё шуста шавад. Бодлеси хок бо сабаби талафи сатҳи болоии он, ки дар он миқдори зиёди маводҳои органикӣ мавҷуданд, ба харобшавии хок мерасонад. |
| **Гумус** | Поруи сӯхта ё пайвастагиҳои органикие, ки дар натиҷаи пӯсидани маводҳои табиӣ ва растанӣ пайдо шудааст. |
| **Мулча** | Қабати маводе, ки дар сатҳи болоии хок барои камкунии буғшавии об ё пешгирии яхбандии хок хобонида шудааст. Ба сифати мулча маводи органикии табиӣ ё маводи истеҳсоли саноатӣ, ба монанди пленкаи полиэтиленӣ хизмат карда метавонад. |

# Захираҳои табиӣ чист?

| Захираи табиӣ | | Аҳамият |
|---|---|---|
| **Замин** | Хок | Агар замин ҳосилхез набошад, дар он ҳеҷ чиз намерӯяд. |
| | Дарёҳо, ҷӯйҳо, укёнусҳо | Об бо хок нигоҳ дошта мешавад. Маводҳои ғизоии таркиби хок дар об ҳал мешаванд ва растаниҳоро ғизо медиҳанд. |
| | Растаниҳо | Ҳайвонҳо бо растаниҳое ғизо мегиранд, ки нерӯи офтобро ҷаббида, онро ба қанд ва оҳар мубаддал мекунанд. Растаниҳо ҳаворо инчунин бо оксиген ғанӣ мегардонанд. |
| | Олами ҳайвонот | Боқимондаҳои ҷисми ҳайвонот барои растаниҳо маводҳои ғизоӣ мегарданд. |
| **Иқлим** | Ҳарорати ҳаво (гармӣ/хунукӣ) | Иқлим ба ҳарорати хок, афзоиши растаниҳо ва ҳайвонҳо, инчунин талаботи ҳайвонҳоро дар нерӯ қонеъ мекунад. |
| | Боришот (борон/барф) | Шумора, паҳншавии ҷуғрофӣ ва суръати боришот дар давраи тамоми сол ба афзоиши растаниҳо, бодлеси хок, инчунин талаботҳои ҳайвонҳо дар нерӯ таъсир мерасонад. |
| | Намнокӣ | Аз ҳарорати ҳаво вобастагӣ дорад. |
| | Шамол | Ба афзоиш ва инкишофи мутобиқи растаниҳо ва ҳайвонҳо таъсир мерасонад. Метавонад бодлесро ба вуҷуд орад. |
| | Равшании офтоб | Ҳаёт бе нури офтоб барои муҳити атроф вуҷуд надорад. Хлорофилҳои растанӣ нури офтобро ҷаббида онро ба шакар ва оҳар табдил медиҳанд. Тағйир ёфтани рӯзҳои офтобӣ дар давоми тамоми сол ба мавсимнокии парвариши ҳайвонот таъсир мерасонад. |
| **Баландӣ аз сатҳи баҳр** | Кӯҳҳо | Муҳити атрофи маҳалли баландкӯҳ аз шароитҳои водиҳо фарқ дорад. Олами растанӣ ва ҳайвонот дар чарогоҳҳои баландкӯҳ ва водиҳо тафовут доранд. |
| | Водиҳо | Оксиген дар ҳаво зиёдтар аст. Агар ҳарорат мӯътадил бошад, он ба инкишофи хуби растаниҳо мусоидат мекунад. |
| | Ҳамвориҳо | Ҳамвориҳо ба гармӣ, хушкӣ ва шамол дучоранд. |
| **Атмосфера** | Оксиген | Маводи барои растанӣ ва ҳайвонот зарурӣ. |

# Гардиши табиии маводҳои ғизоӣ (марҳила)

Гардиши табиии маводҳои ғизоиро дар намуди низоми оддии ҳаракат нишон додан мумкин аст:

Тамоми мавҷудоти зинда аз офтоб нерӯ мегирад. Дар растаниҳои нашъунамокунанда нерӯи мазкур ба шакар ва оҳар табдил меёбад. Растаниҳо маводҳои ғизоии иловагиро аз замин мегиранд. Растаниҳоро чорвои чаридаистода истеъмол мекунад. Ин ҳайвоноти алафхӯрро ҳайвонҳои дарранда мехӯранд, ки пас аз фавт ба қисмҳои таркибӣ аз ҷониби микроорганизмҳои дар хок мавҷудбуда таҷзия мешаванд ва хокро бо маводҳои ғизоии барои растаниҳо зарурӣ ғанӣ мегардонанд. Ин маводҳои ғизоӣ якҷоя бо нерӯи нури офтоб барои инкишофи шумораи зиёди растаниҳо имкон медиҳанд. Ҳамин тариқ, марҳила боз такрор мешавад.




## Таъсири инсон ба марҳилаи экологӣ

Марҳилаи мубодилаи экологӣ раванди хеле нозук мебошад, ки бо дахолати инсон метавонад ба осонӣ вайрон карда шавад, зеро одамон хӯрок, либос, маводҳои сохтмонӣ ва ҳамаи захираҳои зарурии таъмини зистро аз муҳити атроф мегиранд. Ҳангоми ин муҳим аст, ки дахолати мазкур ба муҳити атроф зарар нарасонад. Самараи манфии дахолати доимии инсон ба табиат метавонад ояндаи тамоми инсониятро зери хатар гузорад.

Мутобиқи тадқиқотҳои олимон зарари аз ҳамаи калонтарин аз ҷониби инсон расонида мешавад. Аксарияти олимон имрӯз инсониятро дар таъсир ба тағйирёбии ҳарорати ҳаво, боридани боришот, инчунин ҳаракати бод ва қувваи он айбдор мекунад. Қуллаҳои кӯҳии ба қарибӣ бо барф пӯшидашуда ҳоло бе барф мондаанд ва ин оқибати тағйирёбии босуръати иқлим мебошад.

Инсон захираҳои табииро аз лаҳзаи таваллуди худ истифода мекунад. Афзоиши босуръати аҳолӣ ва инкишофи соҳаи саноат ба истифодаи босуръат ва ғайрисамараноки захираҳои табиӣ расонд. Мутаассифона, на ҳамаи одамон дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон осебпазирии тавозуни экологиро мефаҳманд. Кӣ дар бораи он фикр мекунад, ки вайроншавии тавозуни экологӣ истифодаи захираҳои табиӣ бо суръати мавҷудбуда вазъи ҳаёти наслҳои ояндаро мушкил мегардонад?

### Афзоиши аҳолии Қирғизистон

| Солҳо | Шумораи аҳолӣ, млн. |
|---|---|
| 1900 | 1 284 |
| 1950 | 1 740 |
| 2000 | 4 685 |
| 2005 | 5 329 |
| 2050 | 7 394 |
| | **Манбаъ:**<br>**Кумитаи омори Ҷумҳурии Қирғизистон** |

Бо зиёдшавии шумораи аҳолӣ замини корамро барои сохтмони биноҳо, роҳҳо ва корхонаҳо истифода мекунанд, бинобар ин ба одамон дар бораи истифодаи нисбатан самаранок ва устувори масоҳати заминҳо андеша кардан зарур аст.

## Экология ва полез

Ҳангоми ташкил ва бурдани ягон намуди тиҷорат таъсири онро ба муҳити атроф ба назар гирифтан зарур аст. Ҳатто ҳангоми ташкили полез мо бояд дар бораи таъсири он ба экология андеша намоем ва аз ин рӯ, амалҳои худро дар асоси истифодаи усулҳои муосир ва устувори агротехника татбиқ намоем.

Донистани низоми экологии хоҷагии қишлоқ ба мо дар фаҳмидани омилҳои барои парвариши растаниҳо ё парвариши чорво заруратдошта кӯмак мекунанд. Дар навбати худ, донишҳои мазкур ба мо барои муайянкунии он омилҳое, ки аз муҳити атроф гирифтан имконнопазир аст,  кӯмак карда метавонанд.

## Низоми экологии хоҷагии қишлоқ




Низоми экологии хоҷагии қишлоқ аз низоми экологии табиӣ бо хусусиятҳои зерин фарқ мекунад:

- Зарурати пуркунии захираи захираҳои қаблан истихроҷшуда;
- Миқдори растаниҳо ва ҳайвонҳои дар муҳити табиии маҳалли мазкур кам дучоршаванда;
- Нобудкунии бемақсади организмхои муфиди хок дар натиҷаи истифодаи нодурусти захрдоруҳо;
- Талабот дар гузаронидани чораҳои махсуси танзими иқлим ва истифодаи самараноки хок дар хоҷагии фермерӣ.

Амаликунии назорат ва таъмини тавозун дар хоҷагии фермерӣ, инчунин дар ҳолати зарурат ислоҳ кардан ва барқарорсозии захираҳо дар қитъаи коркардшаванда, **ӯҳдадории** фермер мебошад.

Чуноне, ки қолаби низоми экологии хоҷагии қишлоқ вобастагии ҳамдигарии байни хок, растаниҳо ва ҳайвонот ба иқтидори истеҳсолии онҳо таъсир мерасонад.

Дар айни замон дар аксарияти мавридҳо дар хоки Қирғизистон норасоии маводҳои органикӣ ба мушоҳида мерасад. Хоке, ки миқдори кофии маводҳои органикӣ надорад, ба гармшавии аз ҳад сахти тобистона ва хунукшавии сахти зимистон дучор мешавад. Дар ҳолати мавҷуд будани маводҳои органикӣ дар хок, микроорганизмҳои хок чун кирми лойхурак ва гамбусакҳо, онҳоро истеъмол мекунанд ва хокро коркард менамоянд. Дар ҳолати мазкур, афзоиши растаниҳо, инчунин инкишофи ҳайвонҳое, ки растаниҳои мазкурро истеъмол мекунанд, беҳтар мешуд.

## ВАЗИФА

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷуфтҳо ҷудо шаванд ва акси полези номуваффақро омӯзанд. Баъдан ҷадвали дар зер овардашударо пур кунед.



| Мушкилоте, ки бо фаъолияти инсон ба вуҷуд омадаанд | Пешниҳодҳо оиди ҳалли мушкилот |
|---|---|
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |

**Ба синф дар бораи мазмуни ҷадвал нақл намоед. Якҷоя бо синф панҷ мушкилоти асосӣ ва роҳҳои ҳалли онҳоро муҳокима намоед. Хулосаҳоро дар тахтаи синф нависед.**

# Нишондиҳандаҳои маҳсулнокии хок

**Дар ҳолати ҳосилнокии нокифояи хок, растаниҳои дар он ҷо рӯида, инчунин ҳайвонҳои растаниҳои мазкурро истеъмолкунанда дорои сифати дуруст намешаванд.**

Дар ҷадвали зерин омилҳое пешниҳод шудаанд, ки метавонанд маҳсулнокии хокро беҳтар кунанд.

| Сохтори ибтидоии геологӣ | Навъи бадастомадаи хок | Ҳосилнокии табиии хок | Омилҳои эҳтимолии тағйироти хок | Вазъи географӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон |
|---|---|---|---|---|
| **Вулқонӣ** | Асосан ин гилхок ва зардхоки вазнин, аммо хоки хоросанг метавонад регдор бошад | Метавонад хеле серҳосил бошад, хоки хоросанг маҳсулнок нестанд | Дар таркибашон миқдори зиёди фосфор дошта метавонанд, аммо поруи сунъӣ, чун азот, фосфор ва ғ., поруҳои органикӣ ворид кардан зарур аст. | |
| **Мавҷудияти қабати таҳшинҳо** | Асосан регхок ва нимрегхок | Ҳосилнокиаш паст, дар баъзе ҷойҳо хеле паст | Воридкунии навъҳои гуногуни сунъӣ, чун азот, фосфор ва ғ., инчунин поруҳои органикӣ ворид кардан зарур аст | |
| **Омехта** | Гилхок ва регхок | Ҳосилнок аз миёна то паст | Воридкунии пору ва маводҳои органикӣ зарур аст. | |

**ВАЗИФА**

Сутуни охирини ҷадвалро дар дарси ҷуғрофия пур кунед.

# Бодлеси хок

Хокҳое, ки дар таркиби худ маводҳои органикӣ надоранд, ҳатто ҳангоми борони начандон калон метавонанд ба зарари ҷиддӣ, ба монанди бодлес, лойтаҳшин ё зери об мондан дучор шаванд.



Ҳангоми ба сатҳи хок расидани об, новобаста ба он, ки он бо сабаби борон ё ҳангоми обмонии пошанда ба сатҳи хок мефарояд, тавассути қувваи кашиш сохтори хокро вайрон менамояд.

## Бодлеси хокро чӣ тавр пешгирӣ кардан мумкин аст?

- Барои ҳифзи хок аз борон ба сатҳи болоӣ ва дохилии он поруи органикиро ворид намо.
- Ба рӯи сатҳи замин барои ҳифз аз шамолу бод шохаи баргҳоро гузор.
- Барои паст кардани ҷараёни об дар нишебҳо ҷӯйборҳои обпарто ё майдонҳои зинадорро омода намо.

## Маводҳои органикӣ дар хок

Маводҳои органикӣ – омили нисбатан муҳими хок мебошад. Маводҳои органикӣ ба таври асосӣ аз маводи мурдаи растаниҳо ва ҳайвонот ташкил меёбад, ки дар натиҷа гумус ё сиёҳзамин ба вуҷуд меояд. Гумус асоси ҳосилнокии хок аст, зеро дар он маводҳои барои афзоиши растаниҳо зарурӣ мавҷуданд. Рӯпӯшкунӣ тавассути коҳ ва истифодаи пору дар сатҳи хок барои ба вучуд омадани маводҳои органикӣ дар хок шароит фароҳам меоранд.

## Организмҳои таркиби хок

Ин ҷолиб аст, аммо ҳақиқат:

Дар муқоиса бо вазни одамон ва ҳайвонҳое, ки дар сатҳи замин мавҷуданд, вазни организмҳое, ки дар қабати 10 см хок мавҷудбуда панҷ маротиба вазнинтар аст. Ба чунин организмҳои зинда дохил мешаванд: решаи растаниҳо, бактерияҳо, кирмҳои лойхӯрак, гамбусакҳо, ҳазорпояҳо ва мӯрчаҳое, ки дар хок ғизо ҷустуҷӯ мекунанд.

Фермерон ба хок заҳрдоруҳои кимиёвӣ меандозанд ва фикр мекунанд, ки бо зараррасонҳои растаниҳоро нобуд мекунанд, аммо дар асл бошад, заҳрдоруҳо организмҳо фоидаоварро низ нобуд мекунанд. Ҳангоми истифодаи миқдори аз ҳад зиёди заҳрдоруҳо онҳо метавонанд аз ҷиҳати иқтисодӣ таъсири манфӣ дошта бошанд. Аз ин рӯ, пеш аз истифодаи заҳрдоруҳо ҳамеша ба мутахассисон барои машварат муроҷиат кардан зарур аст!

**ВАЗИФА**

Дар гурӯҳҳои чор-шашнафараи хонандагон ба полез дароед. Тавассути бел намунаи хокро бо чуқурии 10 см канед. Хокро дар болои матои сафед ё қоғаз паҳн намоед. Навъ ва миқдори организмҳои хокро дар он (кирми лойхӯрак, гамбусакҳо, мӯрча ва ғ.) ҳисоб карда, нависед ва онҳоро боз ба хок гузоред.

- Агар шумо танҳо якчанд организм ёфта бошед ё умуман чизеро наёфта бошед, он гоҳ чаро инҳо хеле кам ё тамоман мавҷуд нестанд?
- Дар бораи хоке, ки дар он миқдори зиёди организмҳои зинда мавҷуд аст, чӣ гуфтан мумкин аст?

## Реҷаи об дар хок

Дар ҳолати набудаи об дар таркиби хок, растаниҳо афзоиш намеёбанд. Решаи растаниҳо маводҳои зарурии ғизоиро аз хоки намнок мегиранд. Ҳангоми хушкшавии хок, аксарияти растаниҳо дар он рӯида наметавонанд. Ҳар қадаре, ки маводи органикӣ дар хок зиёд бошад, ҳамон кадар қобилияти наминигоҳдории хок баланд мешавад. Дар навбати худ, ин барои растанӣ гирифтани маводҳои зарурии ғизоиро тавассути об осон мегардонад ва бо ин маҳсулнокии онро баланд менамояд.

## Аэратсия

Барои афзоиш ва инкишофи дуруст решаи растаниҳо дар оксиген эҳтиёҷ доранд. Ҳангоми миқдори нокифояи оксиген дар хок растаниҳо нобуд мешаванд. Дар аксарияти навъҳои хок барои инкишофи растанӣ миқдори кофии оксиген вуҷуд дорад, аммо мавҷудияти миқдори зиёди об дастрасии оксигенро ба решаи растанӣ мушкил менамояд. Аз ҳад серкунии доимии хок бо об растаниро нобуд мекунад.

# Омилҳое, ки ҳангоми парвариши растаниҳо ба назар гирифтан зарур аст

## Парвариши растаниҳо ва селексияи онҳо

Селексияи растаниҳо – ин соҳаи махсуси иқтисодиёт мебошад, ки гузаронидани фаъолияти мураккаб ва қимматро талаб менамояд, ки онро ширкатҳои калони байналмилалӣ амалӣ мекунанд. Онҳо тухмиҳоро ба хоҷагиҳои махсуси тухмипарварӣ пешниҳод мекунанд, ки тухмии мазкурро зиёд карда байни фермерони хурд паҳн кунанд. Фермерони хурд метавонанд тухмии босифатро аз кооперативҳои тухмипарварӣ харидорӣ кунанд.

Новобаста ба он, ки ту дар полези худ чиро кишт кардан мехоҳӣ, ту бояд тухмии беҳтаринро интихоб намоӣ. Ғайр аз ин, ҳар сол ё ҳар мавсими нав ту бояд тухмии навро харидорӣ намоӣ.

## Иқлим (ҳарорат ва давомнокии рӯз)

Растаниҳое, ки дар ҳарорати баланди тобистон инкишоф меёбанд, тухмиро барвақт истеҳсол мекунанд ва то мавсими зимистон нобуд мешаванд. Аксарияти навъҳои растаниҳо дар ҳарорати хок аз 4°С афзоиши фаъол намекунанд. Баъзе аз растаниҳо, масалан ҷуворимакка, то ба ҳарорати хок ба 20°С нарасад, неш намезананд.Аз ин рӯ, фермерон бояд донанд, ки зироатҳои киштшаванда дар кадом ҳарорат мерӯянд.

Иқлим барои растанӣ аҳамияти хеле зиёд дорад. Иқлим аз давраи кишти растанӣ то ҷамъоварии ҳосил таъсири худро мерасонад. Кишт дар гармхона ё рӯпӯшкунии хок барои гирифтани ҳосил пеш аз оғози мавсими хоҷагии қишлоқ ё пас аз ба итмом расонидани он имконият медиҳад ва бо ин ба ту имконияти гирифтани фоидаи баландро медиҳад.

**Давомнокии рӯз –** барои афзоиши зироатҳо хеле муҳим аст. Баъзе аз растаниҳо, чун соя, ҷуворимакка ва пахта пас аз соатҳои муайяни ҷамъоварии нури офтоб дар давоми давраи нашъунамо пухта мерасанд.

## Ба маводҳои ғизоии зироатҳо дохил мешаванд:

- Миқдор ва сифати равшание, ки растанӣ мегирад.
- Маводҳои минералие, ки растанӣ тавассути решаҳои худ мегирад.
- Мавҷудияти об.
- Миқдори оксигене, ки ба решаи растанӣ дастрас мешавад.

Растаниҳо барои афзоиши худ унсурҳои асосиро ба монанди фосфор, сулфур, магний, калсий, калий ва азот ва ба миқдори нисбатан кам мис, синк, оҳан, манган, бор, молибден талаб мекунанд. Дар ҳолати дар хок набудани яке аз маводҳои номбаршуда зироат мутобиқ бо иқтидори пурра генетикии худ афзоиш ва инкишоф намеёбад.

Истифодаи ҳарсолаи поруҳои азотӣ дар хок ба осеб дидани хусусиятҳои хок мерасонад, ишқоршавии онро баланд мекунад, инчунин вайроншавии тавозуни маводҳоро дар таркиби хок ба миён меорад. Ҳамин тариқ, таҳлили таркиби хок ба ту барои фаҳмидани он, ки хоки полези ту ба кадом пору эҳтиёҷ дорад, кӯмак мерасонад.

## Бемориҳои растанӣ ба намудҳои зерин ҷудо мешаванд:

- Сироятӣ, н-р, вируси мозаика.
- Паразитарӣ, н-р, гамбуски колорадӣ дар картошка.
- Бемориҳои алиментарӣ, ки бо норасоии баъзе маводҳои зарурӣ, н-р, магний, ки барои истеҳсоли хлорофилл дар баргҳо зарур аст.
- Токсикӣ, вақте, ки ба растаниҳо маводҳои заҳролуд пошида мешаванд, н-р, маҳлулҳои ҳормонӣ.

# Омилҳое, ки ҳангоми парвариши ҳайвонҳоба назар гирифтан зарур аст

Чорводорӣ бо худи ҳамон омилҳои умумие, ки дар растанипарварӣ мавҷуданд, маҳдуд шудааст, яъне:

- Зиёдкунии саршумор ва селексия.
- Иқлим.
- Ғизодиҳӣ ё маводҳои ғизоӣ.
- Бемориҳо.

Аммо новобаста ба ин омилҳои иловагӣ, азҷумла:

- Шароитҳои маишии нигоҳдории ҳайвонҳо.

Омилҳои чорводорӣ дар модули минбаъда баррасӣ мешаванд.





*Дар полези хурд меҳнати дастӣ ё омочеро, ки ба асп баста шудааст, истифода кардан мумкин аст.*



*Дар ноҳияҳои кӯҳии Қирғизистон заминро ба чуқурии танҳо 10 см шудгор кардан зарур аст. Ин ҷо истифода кардани трактор бо култиватори вазнин истифода кардан мумкин нест.*



*Истифодаи трактор бо култиватори вазнин, ки заминро ба чуқурии 25 см шудгор мекунад, танҳо дар қитъаҳои замини қабати болоияш ғафс тавсия дода мешавад.*

*Шудгори чуқур маҳсулнокии заминро паст мекунад ва ҳосилнокии зироати парваришшавандаро паст менамояд.*

ДАРСИ 17

# ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ХОК ВА ТАЙЁРКУНИИ КОМПОСТ

## Калимаҳои нав

| | |
|---|---|
| **Тайёркунии компост** | Тайёркунӣ ва истифодаи маводи органикӣ бо мақсади беҳтаркунии маҳсулнокии хок. Ин тарзи арзон ва самараноки ғанигардонии хок мебошад. |
| **Минералҳо** | Маводҳое, ки дар натиҷаи вайроншавии ҷинсҳои кӯҳӣ пайдо шудаанд. |
| **Пору** | Маводҳои ғизоии пайдоишашон табиӣ, ки барои беҳтаркунии сифати хок истифода мешаванд. |
| **Ишқорнокии хок (pH)** | Индикатори pH барои муқарраркунии ишқорнокии хок истифода мешавад. pH баробар ба 0.7 маънои онро дорад, ки ин хоки миёна, яъне начандон ишқордор ва начандон турш. Агар pH аз 3.0 то 7.0 – хоки мазкур ишқордор аст, агар аз 7.0 то 10.0 бошад, хок ишқордор аст. |

## Маҳсулнокии хок

Маҳсулнокии хок асоси тамоми истеҳсоли хоҷагии қишлоқ мебошад. Ҳосилнокии зироат аз маҳсулнокии хок вобастагии мустақим дорад, яъне ҳар қадаре маҳсулнокии хок беҳтар бошад, ҳамон қадар ҳосилнокии зироат ва баръакс беҳтар мешавад.

Дар полез миқдори зарурии сабзаводи босифатро барои истеъмоли хонавода, истифода барои ивазкунӣ ва фурӯш парвариш кардан мумкин аст. Вобаста ба он, ки қитъаи замини полез хурд аст, барои баланд кардани маҳсулнокии он кӯшиш кардан зарур аст.

### Хок чист?

**Хок –** қабати болоии замин ё омехтаи маводҳои органикӣ ва ғайриорганикӣ мебошад. Хок дар натиҷаи вайроншавии ҷинсҳои кӯҳӣ (унсури ғайриорганикӣ) тахти таъсири атмосферӣ ва боқимондаҳои пӯсидаи таҷзияшудаи табиӣ ва ҳайвонҳои мурда (унсури органикӣ) пайдо шудааст. Барои ҳосилнокии хок дар таркиби он бояд ҳар ду унсури номбаршуда мавҷуд бошанд.

Ҷинсҳои кӯҳӣ ба зарраҳои хурди байниҳамдигар начаспанда ҷудо мешаванд. Тахти фишори оби борон ё ҷорӣ, онҳо ба зарраҳои боз ҳам хурд вайрон шуданро идома медиҳанд. Ин зарраҳои начаспанда байни ҳам бо маводҳои органикӣ мустаҳкам мешаванд.

Боқимондаҳои растаниҳо ва ҳайвонҳои мурда таҷзия мешаванд, мепӯсанд ва маводҳои органикиеро ба вуҷуд меоранд, ки бо андозаи зарраҳояшон гуногун мебошанд. Дар рафти пӯсиши дурударози маводи мазкур гумус ба вуҷуд меояд. Зарраҳои гумус нисбатан часпак мебошанд ва қисматҳои таркибии хокро пайваст мекунанд. Онҳо инчунин барои нигоҳдории об дар хок кӯмак мекунанд.

Ҳангоми истифодаи пору дар хоки нам, пору зуд ҳал мешавад ва хок онро тавассути оби дар хок мавҷудбуда босуръат ҷаббида мегирад. Маводҳои алоҳидаи кимиёвӣ, ки дар таркибашон пору дорад, ба гумуси дохили хок мечаспанд ва то аз тарафи решаи растаниҳо гирифта шудан ё бо борон ё обмонии зиёдатӣ шуста шудан дар хок боқӣ мемонанд.

## Бурриши хок

Омӯхтани бурриши хок ба ту фаҳмидани онро, ки растаниҳо чӣ тавр нашъунамо мекунанд ва чӣ тавр ту метавонӣ хокро нисбатан самаранок истифода намоӣ имкон медиҳад. Барои омӯхтани бурриши хок қофтани чуқурӣ зарур аст. Ҳар қадаре, ки ту чуқуриро чуқуртар кобӣ, ҳамон қадар тағйиротҳои рангу сохтори хокро зиёдтар мебинӣ.



Қабати болоии хок бо маводҳои органикӣ, одатан рангаш сиёҳ (чуқуриаш 0-10 см)

Зерхок, тобишаш пасттар, ковокиаш камтар, ҳосилнокиаш нисбатан кам (чуқуриаш аз 10 то 30 см

Ҷинси модарӣ бо зарраҳои ҷинсҳои вайроншудаи кӯҳӣ, ҳосилнокиаш паст (чуқуриаш гуногун)

Ҷинси решагӣ (чуқуриаш гуногун, тамоман бемаҳсул)

**ВАЗИФА**

Агар омӯзгор иҷозат диҳад, ба гурӯҳҳои хурди иборат аз чор-шаш нафар ҷудо шавед ва дар саҳни ҳавлии мактаб ҷоеро барои кофтани чуқурӣ пайдо кунед. Чуқурии 30-40 смро кофта, ба бурриши хок нигаред. Тасвири бурриши хокро кашед ва ҳар як қабати хокро ишора намоед. Пас аз иҷрои вазифа, хокпӯш кардани чуқурии кофтаатонро фаромӯш накунед.

# Аҳамияти маводҳои органикии хос дар чист?

**Маводҳои органикӣ дар хок афзалиятҳои зеринро таъмин мекунанд:**

- Дар мавсими зимистон гармӣ дар мавсими тобистон хунукиро нигоҳ медорад;
- Мавсими хоҷагии қишлоқро дарозтар мекунанд, зеро ҳарорати мувофиқро барои афзоиши растаниҳо нигоҳ медоранд;
- Намии хокро нигоҳ дошта, буғшавии обро аз сатҳи хок пешгирӣ менамоянд;
- Ба решаи зироат, масалан, картошка, имкон медиҳанд, ки ба хок ба осонӣ ворид шаванд;
- Микроорганизмҳои хок, ба монанди кирми лойхурак, ҳазорпояҳо ва гамбусакҳоро бо маводҳои ғизоӣ таъмин мекунанд;
- Барои микроорганизмҳои хок муҳити мутобиқро барои зист ва наслгузорӣ таъмин мекунанд;
- Ба сифати бонки маводҳои ғизоӣ барои решаҳои растанӣ хизмат мекунанд.
- Барои пешгирии бодлеси замин (аз таъсири об ва шамол) кӯмак мекунанд.
- Тағйироти ишқорнокии хокро сабук мекунанд.

## ВАЗИФА



**Ба саволҳои дар зер овардашуда дар сутунчаҳои ишорашуда ҷавоб деҳ.**

| | |
|---|---|
| 1. Барои чӣ ҳосилнокии замин барои хоҷагии қишлоқ аҳамияти калон дорад? | |
| 2. Маводҳои ғайриорганикӣ аз куҷо пайдо мешаванд? | |
| 3. Моводи органикӣ чист? | |
| 4. Гумус чист? | |
| 5. Барои чӣ мо дар хок гумусро истифода менамоем? | |
| 6. Хок аз чанд қабат иборат аст? | |
| 7. Барои чӣ қабати болои хок нисбатан серҳосил аст? | |
| 8. Чор афзалияте, ки маводҳои органикӣ ба хок таъмин мекунанд, номбар намоед. | |

# Аҳамияти сатҳи болоии хок барои полез

Қабати болоии хок ва маводҳои органикӣ барои афзоиш ва инкишофи растанӣ аҳамияти бениҳоят дарача муҳимро дорад. Решаи растанӣ асосан дар чуқурии то 20 см афзоиш мекунанд. Баъзе аз дарахтони мевадор решаҳои худро ба чуқурии то 40 см меронанд, аммо аксарияти навъҳои сабзавот ба чуқурии то 20 см реша меронанд.

Бехмеваҳо, ба монанди сабзӣ, пастернак ва шалғам метавонанд решаҳояшонро ба чуқурии то 15-20 см ронанд, аммо карам, қаламфури тунд, қаламфури сабз танҳо 10 см қабати болоии хокро истифода мекунанд. Новобаста аз он, ки кадом зироатро ту парвариш мекунӣ, решаи растаниҳои мазкур бояд ба хок осон ворид шаванд ва маводҳои ғизоии дар он мавҷудбударо истифода кунанд.

## Маводҳои органикии хок

Хок гуногун мешавад ва гузаронидани намудҳои гуногуни култиватсия ва омодакуниро талаб мекунад. Дар хокҳои қисми зиёди ҳудуди Қирғизистон норасоии маводҳои органикӣ мушоҳида мешавад. Истифодаи агротехникаи рус ва аврупоӣ ба осеб дидани қитъаҳои калони замин дар Осиёи Миёна расонд, зеро хоки Осиёи Миёна аз хоки Россия ва Аврупо фарқият дорад.

Усули истифодаи омочи заминчаппакунанда, ки хокро то чуқурии 40 см шудгор мекунанд ва хокро пурра чаппа мекунанд, аз даст додани маводҳои органикии дар сатҳи болоии замин мавҷудбударо ба миён овард. Усулҳои мазкур барои хоки вазнин, хунук, бо маводҳои органикӣ бои Аврупо қобили қабул аст, аммо барои хоки тунук ва сабуки Қирғизистон, бо миқдори ками маводҳои органикӣ дар таркибаш оқибатҳои манфӣ дорад.

Омодакунии хок дар Қирғизистон бояд ба нигоҳдории маводҳои органикӣ дар хок равона шуда бошад.

Дар полезҳои Қирғизистон мо мебинем, ки хок чуқур шудгор карда мешавад. Мутаассифона, одамон намефаҳманд, ки онҳо ҳосилнокии хокро аз даст медиҳанд. Дар сатҳи хок маводҳои органикӣ қариб аст, ки боқӣ намондаанд, ҳатто дар полезҳои фермерони муваффақ низ ҳамин ҳолат ба назар мерасад.

# Туршнокии хок (pH)

Туршнокӣ ё ишқорнокии хок ба афзоиши растаниҳо таъсири ҷиддӣ м ерасонад. Барои фаҳмидани нишондиҳандаи ишқорнокӣ таҳлили хокро гузаронидан зарур аст. Барои шарҳи ишқорнокии хок, истилоҳи кимиёвии “pH” истифода мешавад.

pH 7.0 маънои онро дорад, ки хок мӯътадил аст, яъне бе ишқор ва бетуршнокӣ.

Агар pH аз 7.0 паст бошад, хок туршнокӣ дорад, агар аз pH 7.0 баланд бошад, хок ишқор дорад.

Хоки сатҳи pH аз 5.5 то pH 6.5 шароитеро муҳайё менамояд, ки дар он аксарияти растаниҳо хуб мерӯянд, аммо баъзе растаниҳо дар шароити pH аз 7.5 баланд афзоиш меёбанд. Хоки Қирғизистон дар доираи байни pH 7.0 – pH 8.0 қарор дорад.

Аксарияти маводҳои ғизоии минералӣ барои растаниҳо дар сурати сатҳи pH байни 5.5 ва 7.5 хуб дастрасанд.

## Аҳамияти гузаронидани таҳлили хок

Таҳлили хок метавонад ба ту гӯяд, ки аз полези мазкур кадом ҳосилро гирифтан мумкин аст, ҳарчанде, ки ғайр аз pH муваффақият бо якчанд омили дигар муайян карда мешавад. Ба онҳо: дастрасии маводҳои ғизоӣ, мавҷуд будани об мавҷуд будани равшании офтоб ва албатта, сифати тухмие, ки ту истифода менамоӣ, дохил мешаванд.

Агар хок нисбатан турш ё нисбатан ишқордор бошад, ба растаниҳо ҷаббидани маводҳои барои афзоиши онҳо муфид душвор мешавад, он гоҳ нишонаҳои норасоии маводҳои гуногун ё нишонаҳои заҳролудии хокро мушоҳида кардан мумкин аст. Аз мушовири деҳот пурс, ки дар куҷо ва чӣ тавр таҳлили хокро гузаронидан мумкин аст.

## Туршнокии хок барои парвариши сабзавот

Дар ҷадвали дар зер овардашуда нишон дода шудааст, ки баъзе аз намудҳои сабзавот метавонанд нишондиҳандаҳои гуногуни pH (масалан, пиёз – аз pH 5.0 то pH 7.0), баъзе намуди сабзавот ба туршнокӣ хеле ҳассосанд ва танҳо дар доираи маҳдуди pH (масалан, картошка pH 5.0 – pH 6.5) афзоиш мекунанд. Ба ҳар ҳол, дар хотир доред, ки нишондиҳандаи pH танҳо як омиле мебошад, ки ба ҳосил таъсир мерасонад. Ҳамчун соҳиби полез ту бояд таҷриба гузаронӣ ва мушоҳидаҳоро аз болои шароитҳои хоки полезат амалӣ намоӣ.

| Сабзавот | pH беҳтарин | Сабзавот | pH беҳтарин |
|---|---|---|---|
| Лӯбиё | 6.0-7.0 | Пиёз | 5.0-7.0 |
| Лаблабу | 5.6-6.6 | Пастернак | 5.0-7.0 |
| Брокколи | 6.0-7.0 | Нахӯд | 5.6-6.6 |
| Карам | 5.6-6.6 | Чормағзи заминӣ | 5.0-6.0 |
| Сабзӣ | 5.0-6.0 | Қаланфур | 6.0-8.0 |
| Гулкарам | 6.0-7.0 | Картошка | 5.8-6.5 |
| Қаланфури тунд | 5.0-6.0 | Офтобпараст | 6.0-7.0 |
| Бодиринг | 5.0-6.0 | Ҷуворимаккаи ширин | 6.0-7.0 |
| Боқлаҷон | 5.0-6.0 | Помидор | 5.0-7.0 |
| Сирпиёз | 5.0-6.0 | Шалғам | 5.0-7.0 |

## Маводҳои ғизоии хок барои истифодаи растаниҳо

Растаниҳо, ба монанди инсон ғизо талаб менамоянд. Растаниҳо ғизои худро аз хок мегиранд. Агар хок норасоии ягон ғизоро (маводҳои гизоӣ)-ро эҳсос кунад, ин дар афзоиши растанӣ манфӣ зоҳир мешавад. Ба сабзавотпарвар зарур аст, ки ҳар рӯз ва ба таври ҷиддӣ полези худро омӯзад, то ки дар набудани норасоиҳои маводҳои муҳим боварӣ ҳосил намояд.

Растаниҳо барои афзоиш ва додани ҳосил **маводҳои ғизоии минералиро** талаб мекунанд. Маводҳои аз ҳама зарурии ғизоӣ барои растанӣ, ки ба миқдори зиёд талаб карда мешаванд, **азот, фосфор ва калий** мебошанд.

| | |
|---|---|
| **Азот** | маводе, ки барои афзоиши баргҳои растанӣ зарур аст. |
| **Фосфор** | барои инкишофи реша, поя ва шохаҳои растанӣ мусоидат мекунад. |
| **Калий** | барои гузаронидани реаксияҳои кимиёвии дохилӣ мусоидат мекунад; ба растанӣ қобилияти тавассути ғафс намудани девораҳои бофтаҳо устувориро медиҳад; ба афзоиш ва муқовимат ба бемориҳо, ташаккули ранг ва бӯи растанӣ мусоидат мекунад. |

## Маводҳои минералие, ки барои афзоиши растанӣ ба миқдори кам заруранд:

| | |
|---|---|
| **Магний** | амал ва пайдошавии маводеро, ки хлорофилл номида мешавад ва ба растанӣ ранги сабз медиҳад, таъмин мекунад. Хлорофилл ба худ нерӯи равшании офтоберо ҷаббида, онро ба қанд ва оҳари барои афзоиши растанӣ зарурбуда табдил медиҳад. |
| **Калсий** | барои афзоиши растанӣ мусоидат мекунад |
| **Сулфур** | растаниро бо сафедаҳо таъмин мекунад |

Ғайр аз ин, ба растаниҳо ба миқдори кам **оҳан, манган, мис, молибден, бор, хлор ва синк**зарур аст.

**Дар растаниҳое, ки ба норасоии маводҳои ғизоӣ дучор шудаанд, нишонаҳои зеринро дидан мумкин аст:**

| Маводҳои ғизоии минералӣ | Нишонаҳои норасоӣ |
|---|---|
| Оҳан | Зардшавии сахт сари растаниҳои инкишофёбанда ва баргҳои инкишофёфта, ғайри қитъаҳои атрофи пайҳо; дар хоки ишқорӣ дида мешавад. |
| Магний | Зардшавии баргҳои кӯҳна, аз канорҳои беруна; метавонад дар хоки турш ва ишқорӣ мушоҳида шавад. |
| Мис | Зардшавӣ, баъдан ивазшавии ранг ба кабуди-сабзтоб. |
| Молибден | Осеб дидани шохаҳои инкишофёбанда; дар хоки ишқордор ба назар мерасад. |
| Бор | Пояи холии карам, сурхшавии барги юнучқа; дар хоки ишқордор ба назар мерасад. |
| Хлор | Зардшавии баргҳо дар атрофи пайҳо. |
| Синк | Афзоиши сусти поя ва баргҳои хурд |

Яке аз мушкилоти муайянкунии норасоии маводҳои ғизоии растанӣ дар он аст, ки нишонаҳои мазкурро бо бемориҳои сироятӣ ва нишонаҳои умумии норасоии об иваз кардан мумкин аст. Фермерон дар кишварҳои тараққикарда барои муайянкунии мушкилот таҳлили хок ё бофтаи растаниро мегузаронанд.

## ВАЗИФАИ ХОНАГӢ

Ба полезе, ки дар наздикии хонаат (мактабат) ҷойгир шудааст ва бодиққат ба растаниҳои дар он рӯида нигоҳ кун. Нишонаҳои норасоии маводҳои ғизоиро навис ва онҳоро ба соҳиби полез хабар деҳ.

| Мушкилот | Сабаби эҳтимолӣ |
| --- | --- |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |

## Пору ва саргин

**Пору** – ин пайвастагиҳои сунъии кимиёвӣ мебошанд, ки растаниро бо маводҳои ғизоии минералӣ таъмин мекунанд. Саргин – пайвастагиҳои органикии баромадашон табиӣ мебошад, ки дар таркибаш ҳамаи маводҳои ғизоии барои растанӣ заруриро дорад.

Ҳарчанде ки поруи кимиёвӣ растаниҳоро бо маводҳои ғизоӣ таъмин мекунад, дар он қобилияти беҳтаркунии хоке, ки саргин дорад, вуҷуд надорад. Саргин хокро на танҳо бо маводҳои органикӣ таъмин мекунад, балки намнокиро нигоҳ медорад ва таъсири тағйироти ҳароратро дар хок паст мекунад.

Сӯистеъмол аз поруҳои азотӣ якҷоя бо шудгори чуқур, чаппакунии хок ва воридкунии чуқури маводҳои органикӣ, сохтори хокро вайрон мекунад, воридшавии реша ва обро ба хок душвор мекунад ва ба шӯршавии сатҳи хок мерасонад.



**Мавҷуд набудани растаниҳое, ки решаҳои онҳо ба хок чуқур ворид намешаванд, ба шӯршавии қитъаи замин расонидааст.**

# Тайёркунии компост

**Тайёркунии компост –** тарзи арзон ва оддии тайёркунии мавод барои ғагигардонии хок дар полези худ мебошад. Ин ҷо **масъулияти** калон талаб мешавад, зеро тайёркунии компост якчанд моҳро талаб мекунад ва ғайр аз ин, ба он аз марҳилаи барвақтии тайёркунии он то ба охир расидани тайёршавии он нигоҳубин зарур аст.

**Компосткунӣ – истеҳсоли поруи пӯсида, ки барои ташкили шароитҳои хуби хок тавассути роззои зерин кӯмак менамояд:**

- Зиёдкунии кирми лойхӯрак ва микроорганизмҳои хок;
- Таъмини ҳарорати мӯътадили хок;
- Таъмини қобилияти намнигоҳдорӣ;
- Расонидани кӯмак барои ташкили муҳити мувофиқ барои афзоиш ва нашъунамои сабзавот.

## Маводҳои барои тайёркунии компост истифодашаванда

Организмҳои зинда, ба монанди гамбусакҳо, ҳазорпояҳо ва кирмҳои лойхӯрак, ки маводи органикиро барои истеҳсоли гумус истеъмол мекунанд ва таҷзия мекунанд. Ин организмҳо маводҳои кӯҳна ва чӯбинро хуб коркард карда наметавонанд. Аз ин рӯ, дар тӯдаи компост маводи ҷавони растанӣ ва онро пешакӣ пораҳои хурд-хурд майда намо. Ин мавод низ бояд каме намӣ дошта бошад. Масалан, тобистон ва тирамоҳ ба дохили он пораҳои харбузаро гузоштан мумкин аст.

Ҳама гуна маводҳое, ки ягон вақт зинда буд, барои компосткунӣ мувофиқ аст. Ба маводҳои мазкур баргу коҳ, боқимондаҳои растанӣ, партовҳои ошхона (ба истиснои гӯшт, зеро он пашшаро ҷалб мекунад!), саргин, қоғазу картон дохил мешаванд. Ашёҳои калонҳаҷмро ба пораҳои хурд ҷудо кардан зарур аст, зеро ин ба рафти компосткунӣ кӯмак мекунад. Ба тӯдаи компост боқимондаҳои растаниҳои беморро напарто.





## Компосткунӣ ва коркарди партовҳо

**Компосткунӣ –** тарзи бениҳоят самаранок мебошад, ҷамъшавии партовҳоро дар деҳа ва шаҳрҳо кам менамояд. Ҳамаи партовҳои ошхонаро ба тӯдаи компост ҷамъ кардан мумкин аст, аммо пешакӣ онҳоро ҷудо ва ба пораҳои хурд майда кардан, зарфҳои алюминӣ, шишагин ва пластмассиро барои коркарди такрорӣ ҷудо кардан зарур аст, ки барои муҳити атроф амали аз ҳама асосӣ  маҳсуб мешавад. Ҷудокунии мазкурро дар ошхона ҳангоми омодакунии хӯрок иҷро кардан зарур аст.

Ҷудокунии партовҳои органикӣ дар мубориза бо калламушҳо ва мушҳо мусоидат мекунад. Ғайр аз ин, ин барои ба вуҷуд овардани хоки серҳосил тариқи ба чуқурӣ ё утоқи кушод гузоштани партовҳо барои компост кӯмак менамояд.

## Кори муштарак бо ҳамсояҳо

Вақте, ки тайёркунии компостро оғоз мекунӣ, бо ҳамсояҳои худ сӯҳбат кун ва аз онҳо хоҳиш намо, ки партовҳои органикиро барои компосткунӣ ба ту диҳанд. Вақте, ки ту самаранокии усули компосткунӣ ҳамчун воситаи ғанигардонии хок ва баландкунии ҳосилнокиро нишон медиҳӣ, ҳама ҳамсояҳо, ҳатто танбалтарини онҳо усули мазкурро истифода карданӣ мешаванд. Усули мазкур барои на танҳо зиёдкунии истеҳсол, балки барои нигоҳдории тозагӣ дар деҳа кӯмак мекунад.



## Дастурамал оиди тайёркунии компост

Усулҳои тайёркунии компост хеле зиёданд. Компостро дар чуқурӣ тайёр кардан мумкин аст. Ҳангоми истифодаи усули мазкур муҳим он аст, ки ба чуқурӣ оби зиёд рехта нашавад, зеро ин ба рафти сӯхташавӣ халал мерасонад ва дар натиҷа маводи корношоями пӯсида ба даст меояд.

Сохтани қуттии махсус барои тайёркунии компост сохта ё ҷамъоварии тӯдаи компост дар рӯи замине, ки ба он об намеравад, беҳтар аст. Тайёркунии компост дар рӯи замин барои воридшавии ҳаво (оксиген) имкон медиҳад, ки он барои фаъолияти бактерияҳои дар тӯда буда шароит фароҳам меорад. Ғайр аз ин, чаппа кардани тӯда барои воридшавии ҳаво ба дохили он ва пешгирии баландшавии ҳарорат дар дохили он осон аст.

## Тайёркунии қуттӣ барои компост:

1. Тӯдаҳои компостро дар қуттиҳои чоркунҷаи чӯбин, бараш як ё якуним метр, баландиаш як метр бо фосилаҳои тақрибан як сантиметр байни тахтаҳои он мехобонанд.
2. Агар ту чӯб надошта бошӣ, метавонӣ компостро дар кунҷи полези худ тайёр кунӣ. Барои ин ҷои масоҳаташ тақрибан як метр зарур аст, ки ба он ту маводи органикиро чамъоварӣ менамоӣ.
3. Қабати баргҳори аз дарахтон ё растаниҳо афтида ё алафҳои бегонаи аз полез ё маҳалли атроф ҷамъоварӣ кардаатро паҳн намо. Ғафсии қабати мазкур бояд тақрибан 15 см бошад.
4. Ба болои қабати барг як қабат саргинро бо ғафсии 5 см паҳн намо.
5. Ба болои саргин қабати 3 см алафро паҳн намо.
6. Боварӣ ҳосил намо, ки ҳар як қабат намӣ дорад. Ҳангоми зарурат каме об илова намо.
7. Қабатҳоро паҳн кардан гир ва пас аз ҳар 15 см қабат қабати саргин ва каме об илова намо.
8. Пас аз якчанд рӯз бо дастат қабати болоии тударо расӣ, ҳис менамоӣ, ки он гарм аст.
9. Вақте, ки баландии тӯдаи ба 1,5 м мерасад, онро бо қабати 2 см хок рӯпӯш намо. Ба болои тӯда барои ба тӯда ворид нашудани об ягон маводи ҳифзкунандаро пӯш.
10. Пас аз 20 рӯз оҳиста тӯдаро чаппа намо, то ки маводи бо компост пайвастнашудаи тарафи берунаи тӯда ба маркази тӯда ҷойгир шавад. Амали мазкурро ҳар моҳ такрор намо.

**ВАЗИФА**



Дар ин ҷо тӯдаи компостро тасвир намо ва ҳар як қабати онро навис.

## Натиҷа

Тайёркунии дурусти компост аз маводҳои органикӣ дар мавсими тобистон ҳамагӣ шаш ҳафтаро дар бар мегирад. Дар мавсими зимистон, вакте, ки сардии ҳаво ба фаъолияти бактерияҳо монеъ мешавад, рафти компосткунӣ тамоми фасли зимистон идома мекунад ва ҳатто мумкин аст, ки як ду моҳи баҳориро низ фаро гирад. Ин ҳолат аз он вобастагӣ дорад, ки ту дар кадом минтақаи Қирғизистон зиндагӣ мекунӣ. Озмоиш намо!

Рафти мубаддалшавии маводҳои органикии боғи ту то компости тайёр метавонад вақти гуногунро дар бар гирад. Вақти омодагии компост аз он вобастагӣ дорад, ки ту кадом маводҳоро барои тайёркунии он истифода кардаӣ. Агар растаниҳои пухта расида бошанд ва дар таркибашон об набошад ё пояҳо (шохаҳо) хеле ғафс бошанд, то ба компост мубаддалшавии онҳо вақти зиёд зарур аст.

Тӯдаи компост бояд ҳамеша намнок бошад, аммо аз ҳад тар набошад, бинобар ин онро бо маводи обногузар пӯшонидан зарур аст. Агар ту тайёркунии компостро дар мавсими тирамоҳ оғоз карда натавонӣ, тайёркунии онро ба мавсими баҳор мавқуф гузоштан зарур аст.

Ту бояд якчанд тӯдачаи компост дошта бошӣ, то ки дар давоми мавсими хоҷагии қишлоқ барои талаботҳои зиёдшавандаи соҳибкории полезии ту миқдори кифояи компост мавҷуд бошад.

Иловакунии компост ба хок барои ту ва полезат афзалиятҳои зиёдеро медиҳад, зеро ту ҳосили баланди сабзавот ва босифатро ба даст меорӣ. Компост – шуғли хеле даромаднок аст. Ин – сеҳри мубаддалшавии партов ба пул аст!

### Мушкилоти калламуш ва мушон дар компост

Партовҳои ошхона, чун пӯстлохи мева ва сабзавот, метавонанд калламуш ва мушҳоро ҷалб кунанд. Тӯдаи хуб сохташудаи компост, чӣ тавре ки дар боло зикр шудааст, агар бо матои обногузар пӯшида шуда бошад, калламуш ва мушонро ҷалб намекунад. Дар мавсими зимистон партовҳои ошхонаро ба чуқурии пешакӣ дар замин кофташуда партофтан мумкин аст ва партовҳо он ҷо нигоҳдорӣ мешаванд, мавсими баҳор бошад онҳоро кофта гирифта барои компост истифода кардан мумкин аст.

Усули дигари истифодаи партовҳои ошхона – кофтани чуқуриҳои хурд бевосита дар полез, партофтани партов ба онҳо ва хокпӯш кардан ё кофтани чуқурии 20-30 см ва партофтани партовҳои хӯрока (ба истиснои гӯшт, он пашшаро ҷалб мекунад), хокпӯш кардани он. Ба чуқурии зикршуда калламуш ва мушҳо расида наметавонанд. Партовҳои мазкур бевосита дар хок пӯсида, кирмҳои лойхӯраки дар полези ту мавҷудбударо бо ғизо таъмин мекунанд ва сохтор и хокро беҳтар менамоянд.



*Гӯр кардани партовҳои ошхона барои ҳифзи онҳо аз калламушҳо ва мушҳо*

ДАРСИ 18

# Ташкили полез

## Калимаҳои нав

| | |
|---|---|
| **Сафедаҳо** | Қисми муҳими ғизо, ки барои организм ва солимии инсон зарур аст. |
| **Витаминҳо** | Пайвастагиҳои органикӣ, ки ба миқдори кам барои гузаштани реаксияҳои муҳими кимиёвӣ дар организм заруранд. |
| **Бофтаҳои ғизоӣ** | Қисми ҳалнашавандаи хӯрок, ки дар рӯдаи ғафс боқӣ мемонад ва ба фаъолияти он кӯмак мекунад. Онро боз бофтаҳои ҳалнашаванда меноманд. |
| **Минералӣ** | Маводҳои кимиёвии органикӣ дар таркиби маводҳои кимиёвӣ, ки барои инкишоф ва кори организм заруранд. |

### Манфиати полез барои саломатӣ

Ҳангоми банақшагирии бодиққат, кишти дурусти зироатҳои хоҷагии қишлоқ ва нигоҳубини хуби полези худ миқдори зиёди маводҳои хӯрокаи босифатро парвариш кардан мумкин аст, ки барои беҳтаркунии саломатии аъзоёни оила кӯмак мекунанд. Ғайр аз ин, маводҳои зиёдатиро дар бозор фурӯхта, фоида гирифтан мумкин аст.

Сабзавот нерӯи офтобро ба таври самаранок ба қанд ва нерӯ табдил медиҳад. Онҳо минералҳоро бо реша аз хок ҷаббида гирифта,организми инсонро бо ҳамин васила бо минералҳои зарурӣ таъмин мекунанд.

Намудҳои гуногуни сабзавот бо маводҳои органикии барои саломатии инсон зарурбуда, сафедаҳо, нерӯ, витаминҳо ва минералҳо таъмин мекунанд. Бофтаҳои ғизоӣ дар сабзавот барои низоми ҳозима кӯмак мекунанд ва фаъолияти хуби рӯдаҳоро таъмин мекунанд.

Қобилияти сабзавот дар истеҳсоли ҳосили хуб ва босифат аз нигоҳубини он вобаста аст. То кишти зироат хокро бо ҳамаи маводҳои органикӣ сер кардан зарур аст, зеро ин барои ях набастани он дар мавсими зимистон ва гарм нашудан дар мавсими тобистон имконият медиҳад. Ғайр аз ин, хок ва растаниҳо бояд бо миқдори зарурии об ва маводҳои ғизоӣ (пору) таъмин бошанд.

## Интихоби қитъаи мувофиқ

Бо сабаби қобилияти табдили хуби нерӯи офтоб ба нерӯи растанӣ, қитъаи замини полезро чунон ҷойгир кардан зарур аст, ки ба он миқдори кофии равшании офтоб афтад. Аммо, нурҳои рости офтоб ва офтоби сӯзон дар мавсими тобистон метавонанд ба беобшавии ин ё он намуди сабзавот расонанд. Ҳамин тариқ, ҳалли беҳтарини масъалаи мазкур – ҷойгиркунии полез дар як қисми қитъаи замин дар соя мебошад.

Ба сабзавотпарвар ҳайвонҳо метавонанд осеб расонанд, бинобар гирифтани атрофи полез беҳтар аст.

Ҳангоме, ки полез ҳосили сабзавоти барои ғизои ҳаррӯза заруриро медиҳад, аҳамияти махсусро пайдо менамояд. Ғайр аз ин, полез барои сарфакунии пул, барои беҳтаркунии саломатии аъзоёни оилаат имкон медиҳад. Ҳангоми нигоҳубини хуби полез ту метавонӣ ҳосили хубро гирӣ, ки миқдори он аз истеъмоли оилаат зиёдатӣ аст. Ҳамин тариқ, ту метавонӣ миқдори зиёдатиро фурӯшӣ ва даромади иловагиро гирӣ.

Тайёркунии компост барои беҳтаркунии хоки полез барои нигоҳдории деҳа дар ҳолати тоза мусоидат мекунад, зеро партовҳои хона, алафҳои бегона ва маводҳои дигари органикӣ ба як тӯда ҷамъоварӣ мешаванд. Ин маънои онро дорад, ки партовҳо ба монанди зарфҳои оҳанин, шишагин ва пластикӣ ба тӯдаи компост партофтан мумкин нест, аксарияти зарфҳои мазкурро такроран коркард кардан мумкин аст.

**ВАЗИФА**



Анкета барои аъзоёни оила:

| | |
|---|---|
| Оилаи шумо кадом сабзавотро истеъмол мекунад? | |
| Оё шумо ҳар рӯз сабзавот истеъмол мекунед? | |
| Шумо боқимондаҳои хӯрокро чӣ кор мекунед? | |
| Шумо картон ё қоғази сахтро чӣ кор мекунед? | |
| Шумо зарфҳои оҳанин, шишагин ва пластикиро чӣ кор мекунед? | |
| Оё дар наздикии хонаатон барои ташкили полез ҷой мавҷуд аст? | |
| Полези шумо чанд нафарро бо хӯрок таъмин карда метавонад? | |
| Шумо ҳосилнокии полези худро нисбат ба полезҳои ҳамсояҳои худ чӣ тавр беҳтар карда метавонед? | |

## Полези ту бояд кадом масоҳатро дошта бошад?

Полез бояд нисбатан калон бошад, то ки дар он имконияти парвариш кардани сабзавот барои истеъмоли хонагӣ ва фурӯхтани миқдори изофаи он бошад. Аммо пеш аз он, ки ту оиди масоҳати полез қарор қабул мекунӣ, ту бояд вақт ва қувваи мавҷудбударо ба назар гирӣ. Дар хотир дор, ки агар ба муваффақият ноил шудан хоҳӣ ту бояд **ӯҳдадориҳои** нигоҳубини онро ба зимма гирӣ ва дар полез бо тамоми масъулият меҳнат намоӣ. Агар ту маротибаи аввал бо парвариши сабзавот машғул бошӣ, аз қитъаи хурди замин оғоз намо ва қобилиятҳои худро омӯз. Пас аз баландкунии дониш ва таҷрибаи худ ту метавонӣ дар бораи васеъкунии масоҳати полези худ фикр намоӣ.

Дар модулҳои қаблӣ мо муҳокима намудем, ки ташкили полези масоҳаташ як садякро оғоз кардан мумкин аст. Мо фаҳмидем, ки як садяк ба 100 метри кв. баробар аст, яъне ин метавонад майдончаи 10 метр ба 10 метр ё 25 бар 4 бошад. Масоҳати мазкури қитъаи замин барои онҳое, ки маротибаи аввал бо парвариши сабзавот машғуланд мувофиқ аст ва ба онҳо имкони озмудани қобилиятҳо худ ва истифодаи малакаҳоро бо хавфи кам медиҳад. Агар қитъаи замини итихобшудаи ту қаблан барои парвариши зироатҳои хоҷагии қишлоқ истифода нашуда бошад, ба ту иҷрои корҳои зиёди омодакунии хоки он дар пеш аст.

Ҳангоми омодакунии хуби қитъаи замин, обмонии дуруст ва поруандозӣ полези масоҳати як садяк метавонад аз нафар зиёдро барои як сол таъмин намояд. Таҷрибаи Қирғизистон нишон дод, ки дар як садяк замин бо истифодаи тухмии маҳаллӣ ба осонӣ ҳосили картошкаро ба андозаи 275 кг дар як сол гирифтан мумкин аст. Таҷрибаи бадастомадаи кор ва истифодаи тухмии босифат имкони гирифтани ҳосили картошкародар ҳаҷми 600 кг/га медиҳад. Ҳангоми омодакунии ҷиддии қитъаи замин ва истифодаи компост ё пору, дар соли аввали кори худ ту метавонӣ ҳосилро дар ҳаҷми баробар ба тақрибан мобайни ду рақами дар боло зикршуда гирӣ.

Эҳтимол аст, ки ту ба ҷои картошка дигар сабзавотро парвариш кардан хоҳӣ, ба монанди сабзӣ, карам, пиёз, сирпиёз, қаланфури тунд ва ширин, помидор, шалғам ё харбуза. Ихтиёри интихоб дар дасти худат аст, аммо ту бояд андеша намоӣ, ки чиро барои истеъмоли хонагӣ ва кадомеро барои фурӯш ва ба даст овардани фоида истифода менамоӣ. Миқдори изофагии истеҳсолшударо, ки аз талаботи оила зиёд мебошанд, дар бозор фурӯхта ё дар деҳа ба ягон маҳсулоти дигар иваз карда мешавад. Агар волидайни ту бо хароҷоти маблағгузорӣ дар ташкили полез ба ту кӯмак намоянд, ту бояд маблағи мазкурро бо арзиши бозаргонии маҳсулоти парваришкардаат баргардонӣ. Маблағи изофагии дигар дар ихтиёри худат мемонанд ё ту метавонӣ онҳоро ба соли оянда маблағгузорӣ намоӣ.

**Сабзавотпарварӣ** – шуғли илмӣ аст, ки дар он гузаронидани мушоҳида муҳим аст, зеро дар асоси мушоҳида ту барои соли оянда қарор қабул менамоӣ. Яке аз омилҳои муҳими сабзавотпарварӣ вақт мебошад, зеро ташкили полез, тайёркунии компост ва фурӯши маҳсулоти парваришкарда тақрибан як солро фаро мегирад.

## Ман полези худро чӣ тавр ба нақша гирифта метавонам?

**Тарзи аз ҳама муқаррарӣ** – интихоб кардани қитъаи замини масоҳаташ як садяк ва гирифтани атрофи он бо девор барои муҳофизат аз ҳайвонҳо. Маълумот пайдо намо, ки оё қитъаи замини мазкурро барои ташкили полез истифода бурдан мумкин аст, баъдан онро аз санг тоза намо ва хокро омода намо.

Нақшаи полези худро бо назардошти ҳамаи масъалаҳои муҳим тартиб деҳ. Барои ин мисоле, ки мо ҳангоми баррасии модули Ба нақшагирии корхона омӯхта будем, истифода намо. Мавзӯъҳо ва саволҳо бо назардошти хусусиятҳои ташкили полез тартиб дода шуда буданд.



## ВАЗИФА



Ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед:

| Мавзӯи бизнес-нақша | Саволҳо вобаста ба полез | Эзоҳи ту дар бораи полез |
|---|---|---|
| **Ҷойгиршавӣ** | Ту полези худро дар куҷо ташкил мекунӣ? | |
| | Полези оилаи ту кадом масоҳатро ташкил мекунад? | |
| | Барои полези мо 1 садяк замин зарур аст, ки 100 м.кв. ё 10 метр ба 10 метр ё<br>• 10 қадами калон ба 10 қадами калон ё<br>• 25 қадами калон ба 4 қадами калон | |
| | Оё оилаи ту истифода кардани як садяк замини хоҷагии оилавиро барои ташкили полези ту иҷозат медиҳад? | |
| | Мақсади ту дар истеҳсол<br>• Навъи сабзавот<br>• Ҳаҷм | |
| | Тухмӣ чӣ қадар арзиш дорад? Маводҳои хоҷагии қишлоқ (девор ва ғ.) чанд пул меистанд?<br>Ту аз куҷо маблағ пайдо мекунӣ? | |
| | Оё ту метавонӣ барои харидани тухмӣ бонархи арзон бо одамони дигар муттаҳид шавӣ? | |
| | Оё ба ту ягон нафар дар ташкили полез кӯмак мекунад? Кӣ? | |
| | Хоҷагии ту аз бозор дар кадом масофа ҷойгир шудааст?<br>Оё нурҳои офтоб ба қитъаи замини ту дар давоми рӯз ба миқдори кифоя мерасанд?<br>Барои обмонии растаниҳо обро аз куҷо мегирӣ?<br>Оё сифати об хуб аст? | |
| **Мубориза бо зараррасонҳо** | Кадом ҳашаротҳо метавонанд ба растаниҳои ту зарар расонанд?<br>Кадом ҳайвонҳо метавонанд растаниҳои туро хӯранд ё поймол кунанд? | |
| **Полези ту дар кадом самт ҷойгир шудааст?** | Ба полези ту дар мавсими тобистон нури офтоб аз кадом тараф меафтад? Аз ғарб? | Полез бояд рӯй ба тарафи шарқ ё ҷануб ҷойгир шуда бошад |
| | Дар мавсими зимистон шамоли хунук аз кадом тараф мевазад? | Кӯшиш намо, ки полезро аз шамол ҳифз намоӣ |
| | Кӯшиш намо, ки полезро дар пастии водӣ ташкил кунӣ, дар ҳолати акс дар мавсими зимистон он ях мекунад. Агар қитъаи заминро дар баландӣ пайдо намоӣ, метавонӣ дар фасли баҳор сабзавотро барвақт шинонӣ ва ҳосили барвақтӣ гирӣ | |
| **Намуди хок** | Ҳаддалимкон аз хоки санглох дур шав | |

| Мавзӯи бизнес-нақша | Саволҳо вобаста ба полез | Эзоҳи ту дар бораи полез |
|---|---|---|
| **Об** | Мавҷудияти миқдори зиёди об дар хок ба воридшавии оксигенро ба реша монеъ мешавад ва растанӣ нобуд мешавад. Об дар хок зуд хушк мешавад ё ба хок ҷаббида мешавад? | |
| | Оё дар дохили хок маводҳои органикӣ барои нигоҳдории об, ки тавассути онҳо растаниҳо бароихуд минералҳои зарурӣро мегиранд, ба миқдори кифоя аст? | |
| | Хок санглох ё регхок аст? Оё зарурати пӯшидани қитъаи замин бо қабати иловагии хок мавҷуд аст? | |
| | Оё ҷараёни тези об, ки бо сабаби борони тез ба вуҷуд омадааст, полези туро нобуд намекунад? | |
| **Хок ва алафҳои бегона** | Алафҳои бегонаро барои компост истифода кардан мумкин аст. Оё ту метавонӣ онҳоро даравида, ба як тӯда ҷамъоварӣ намоӣ? | |
| | Оё ту метавонӣ хокро бо газета пӯшонӣ то, ки дар полези ту алафҳои бегона нарӯянд? | |
| | Оё ту ба полези худ доруҳои кимиёвӣ мепошӣ? | |
| **Рӯпӯшкунӣ ва компосткунӣ** | Оё ту барои гирифтани маводҳо барои тайёркунии компост дастрасӣ дорӣ? | |
| | Ту дар хотир дорӣ, ки маводҳои органикӣ барои хок чӣ фоида доранд? | |
| | Оё ту барои тайёркунии компост сабзавоти пӯсида ва барои ғизо корношоям, тагрези меваҳо, алафҳои бегона, беда ва саргин дорӣ? | |
| **Идоракунӣ** | Оё ту мустақилона корро иҷро карда метавонӣ? Агар кӯмак зарур бошад, кӣ ба тӯ кӯмак расонида метавонад? | |
| | Оё барои кишти саривақтии тухмӣ ҳама чиз омода аст? | |
| | Оё ҳамаи лавозимот ва асбобҳо барои иҷрои чорабиниҳои зарурӣ тайёранд? | |
| | Ту чӣ тавр метавонӣ низоми ташкилӣ-истеҳсолиро барои соли оянда беҳтар намоӣ? | |
| **Нақшаи молиявӣ-буджет** | Оё буджети ту ҳамаи хароҷотҳои зарурӣро дар бар мегирад? | |
| | Оё рақамҳои дар буджет овардаат ба воқеият мувофиқанд? Ё ту кӯшиш менамоӣ, ки натиҷаи аз натиҷаи воқеӣ хубтарро нишон диҳӣ? | |
| | Оё ту омилҳои имконпазири хавфро ҳангоми тартиб додани буджети марҳилаи истеҳсолӣ ба назар гирифтӣ? | |
| | Оё ту буджетро бо назардошти он, ки хароҷот ва даромади худро дуруст инъикос намоӣ, инчунин бо ҳисобкунии хароҷотҳо ва даромади иловагӣ дар давраи марҳилаи истеҳсолӣ тартиб додаӣ? | |

# Баъзе масъалаҳои пешбурди фаъолияти полез

Мутахассисон мегӯянд, ки ҳосилнокии зироатҳои хоҷагии қишлоқ дар Қирғизистон паст мешавад. Бо кадом сабаб? Чӣ ҳодиса рӯй додааст?

Барои парвариши сабзавот, фермерон бояд:




## Пас чаро ҳосил паст мешавад?

- Оё ту тухмии наву босифатро истифода мекунӣ?
- Оё ту ҳар сол ҳамон як тухмиро истифода мекунӣ ва тухмии босифати сертификатдорро аз манбаъҳои боэътимод харидорӣ намекунӣ?
- Оё ту обмонии кофии растаниҳоро мегузаронӣ? Ё обро аз ҳад зиёд мемонӣ?
- Шӯрии об барои растаниҳо аз ҳад зиёд нест?
- Ту кадом поруро истифода мекунӣ?
- Ту поруро ба кадом миқдор истифода мекунӣ?
- Оё таркиби хок хуб аст?

## Ҷавобҳои эҳтимолӣ:

- Ту тухмии кӯҳнаи қобилияти афзоишашон кӯҳнаро истифода мекунӣ.
- Хоки истифодакардаат миқдори кофии маводҳои органикиро надорад, бо ҳамин сабаб об худуди решаи растаниҳоро пур мекунад. Аз ин рӯ, решаҳо миқдори кофии оксиген (ҳаво)-ро намегиранд ё мепӯсанд.
- Поруи азотӣ растаниҳоро бо унсурҳои барои афзоиши онҳо зарурӣ таъмин намекунад.
- Шояд истифодаи поруи калий ё фосфор зарур аст?
- Шояд туршнокии (pH) барои афзоиши растанӣ мувофиқ нест?
- Эҳтимол, хок хеле шӯр аст.
- Шояд ин қитъаи замин истифодаи поруи органикии зиёдро талаб мекунад?
- Эҳтимол, ту ҳамон як растаниҳоро дар қитъаи замин кишт карда, киштгардони растаниҳоро истифода накардӣ, бинобар ин дар хок занбурӯғҳои паразитӣ зиёд шуданд.

## Нақшаи полез

Полезро бо шаклҳои гуногун ташкил кардан мумкин аст. Одатан он дар шакли чоркунҷа ё росткунҷа мешавад. Дар қитъаи замини худ ту метавонӣ ду-се қатори начандон калонро ташкил намоӣ. Барои иҷрои машқи мазкур, ба ту қитъаи замини масоҳаташ 1 садяк ё 100 метри кв., яъне 10 x 10, 4 x 25 ё 2 ба 50 метр зарур аст.

Фосилаи байни тухмӣ ҳангоми кишт вобаста аз намуди растаниҳо гуногун аст, зеро баъзе аз растаниҳо баргу решаи васеъ доранд. Аз ин рӯ, рақамҳои пешниҳодшударо ту бояд ба сифати нишондиҳанда қабул намоӣ. Нишондиҳандаи хуб - истифодаи маводҳои органикӣ мебошад, зеро онҳо барои пасткунии туршнокии хок (pH) мусоидат мекунанд.

Сатҳи туршнокии хоки Қирғизистон ба ҳисоби миёна тахминан 7.0-8.0 ташкил медиҳад, ки барои парвариши сабзавот чандон мувофиқ нест. Ин сатҳ аз сатҳи барои аксарияти сабзавот зарурӣ баландтар аст. Рӯпӯшкунӣ ва истифодаи маводҳои органикӣ намнокии хокро нигоҳ медорад ва хокро барои парвариши сабзавот мутобиқ менамояд.




## ВАЗИФА

Ҷадвали дар зер овардашударо омӯз, баъдан рӯйхати сабзавоте, ки ту парвариш кардан мехоҳӣ ва маълумоти заруриро дар ҷои махсус ҷудокардашудаи ҷадвал навис. Фосилаи байни тухмӣ, инчунин фосилаи байни қаторҳо аз ҷойгиршавии полез ва муҳити атроф вобаста аст, бинобар ин ҷадвали дар зер овардашуда танҳо як нишонаи эҳтимолӣ аст. Дар Қирғизистон одатан нисбат ба меъёрҳои тавсияшудаи кишт дар фосилаи ба ҳам наздиктар мешиноненд. Чунин корбурд ба харобшавии хок мерасонад ва ба зиёдшавии бемориҳои занбурӯғӣ мусоидат мекунад.

| Сабзавот | Фосилаи тахминии байни тухмӣ дар як қатор (см) | | Фосилаи байни қаторҳо (см) | | Сатҳи нисбатан мутобиқи pH барои парвариши сабзавот (Сатҳи туршнокии хок) | Миқдори миёнаи тухмӣ ба 1 кг |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳудуд | Миёна | Ҳудуд | Миёна | | |
| Карам | 23-41 | 32 | 70-90 | 80 | 5.6-6.6 | 319,000 |
| Сабзӣ | 2.5-5.0 | 3.5 | 40-50 | 46 | 5.0-6.0 | 858,000 |
| Ҷуворимакка | 20-30 | 25 | 60-70 | 65 | 6.0-7.0 | 5,500 |
| | 15-30 | 22 | 90-180 | 135 | 5.0-6.0 | 37,400 |
| Боқлаҷон | 40-50 | 45 | 70-90 | 80 | 5.0-6.0 | 220,000 |
| Пиёз | 10-15 | 12 | 25-45 | 35 | 5.0-7.0 | 268,000 |
| Қаланфур | 30-46 | 38 | 70-90 | 80 | 6.0-8.0 | 160,000 |
| Картошка | 20-33 | 26 | 70-90 | 80 | 5.8-6.5 | (тахм) 10 тухмӣ |
| Қаланфури тез | 30-40 | 35 | 60-70 | 65 | 5.0-6.0 | 160,000 |
| | 40-50 | 45 | 70-90 | 80 | 5.0-7.0 | 374,000 |
| Шалғам | 5.0-15.0 | 10 | 30-60 | 45 | 5.0-7.0 | 484,000 |
| **Маълумот дар бораи полези ту** | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |

Акнун ҳисоб кардан зарур аст, ки барои полез чӣ қадар тухмӣ харидан зарур аст. Дар ҷадвали поён рақамҳое оварда шудаанд, ки барои сабзавоти дар боло зикршуда ҳисоб карда шудаанд.

## ВАЗИФА

Тасаввур намо, ки ту на помидору бодиринг, балки қалаффури тез (навъи чили) ё шалғам мекорӣ. Акнун ба ту ҳисоб кардани он, зарур мебошад ки ба ту чанд дона тухмии қаланфури тез ва шалғам зарур аст.

| Номгӯй А | Бари полез (см), Б | Фосилаи байни қаторҳо (см), В | Миқдори қаторҳо (см) Г (=Б/В) | Дарозии қатор (см) Д | Фосилаи байни тухмӣ дар қатор (см) Е | Миқдори тухмӣ дар қатор (см) Ж (=ЕЖ) | Миқдори умумии тухмӣ барои як кг, З (=Г*Ж) | Миқдори тухмӣ ба кг, И | Вазни тухмии зарурӣ, К (=З/И) | Миқдори кг, ё гр, Л |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Картошка** | 1000 | 80 | 12 | 2,500 | 26 | 96 | 1152 | 14 | 82кг | 82 кг |
| **Пиёз** | 1000 | 35 | 28 | 2,500 | 12 | 208 | 5824 | 268,000 | 0.022 | 22 г |
| **Карам** | 1000 | 80 | 12 | 2,500 | 32 | 78 | 936 | 319,000 | 0.003 | 3 г |
| **Сабзӣ** | 500 | 46 | 11 | 2,500 | 3.5 | 712 | 7832 | 858,000 | 0.009 | 9 г |
| **Помидор** | 500 | 80 | 6 | 2,500 | 45 | 55 | 330 | 374,000 | 0.001 | 1 г |
| **Акнун ба ту ҳисоб кардан ва ба ҷои сабзӣ ва помидор дар қаторҳои зер нишодиҳандаҳои қаланфури тез ва шалғамро навиштан зарур аст** | | | | | | | | | | |
| Қаланфури тез | | | | | | | | | | |
| Шалғам | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | |

***<u>Эзоҳ</u>:*** Эҳтимол барои дар полез кишт кардан ту мехоҳӣ кӯчати пиёз, карам ё помидор харидорӣ намоӣ. Дар ҳолати мазкур рақамҳо дигар мешаванд.



## ВАЗИФА

Вараќи росткунҷаи қоғазро истифода карда, нақшаи полези худро тасвир намо. Дар як чоряки полези худ ту картошка мешинонӣ, дар як чоряк – пиёз дар як чоряк карам ва як чоряк – помидор.

**Миқёс: 1 чоркунҷаи хурд ба як метр баробар аст.**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 3 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 4 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 5 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 6 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 7 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 8 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 9 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 10 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 11 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 12 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 13 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 14 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 15 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 16 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 17 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 18 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 19 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 20 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 21 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 22 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 23 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 24 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 25 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 26 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 27 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 28 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 29 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 30 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |

## Даҳ қадам барои омодакунии полез:

- Ҷои полезро интихоб намо.
- Ҳудуди полези худро бо чӯбчаҳо муайян кун ва атрофи онро гир.
- Барои тозакунии полез аз санг, решаҳо ва алафҳои бегона асбобҳоро гир. Ба ту бел, панҷшох, каландча, мола зарур мешаванд.
- Заминро бо чуқурии 8-10 см кофтан кофтан зарур аст. Чуқур кофтан зарур нест, зеро маводҳои органикӣ ба сатҳи болоии замин наздик ҷойгир шудаанд.
- Кулӯхпораҳои калонро майда карда, заминро ковок намо.
- Ҳангоми мавҷуд будани саргин, онро бо хок омехта намо.
- Ҳангоми мавҷуд будани ягон намуди пору, 2 кг поруро ба сатҳи замин пошида, онро бо хок омехта намо;

- Агар дар ошхона боқимондаҳои хӯрок монда бошанд, чуқурии 20-30 см кофта, партовҳоро ба он гузор (ниг. Ба модули оиди компосткунӣ)
- Агар ту полезро дар мавсими тирамоҳ омода карда истода бошӣ, растаниҳо, баргҳо, алафи хушк ва сабз, тагрези дарахтонро чида, онҳоро дар сатҳи болои ба ту таври қабат-қабатҳои баландиаш 15 см гузор. Қабати маводҳои органикии мазкур барои хок дар нигоҳдории ҳарорати гарм дар мавсими зимистон кӯмак менамояд. Ғайр аз ин, қабатҳо таҷзияшавии маводҳои органикиро дар мавсими зимистон суст менамояд. Агар ту хокро дар мавсими баҳор омода карда истода бошӣ, ба танҳо побел кардани замин ва кишт кардани тухмӣ мемонаду халос. Аммо дар мавсими баҳор, тобистон ва тирамоҳ ту бояд барои тайёркунии компост маводҳоро ҷамъоварӣ намоӣ.
- Дар фасли баҳор, тобистон ва тирамоҳ ба чуқурии тайёркардаат боқимондаҳои сабзавот ва меваҳоро ҷамъоварӣ намо.
- Акнун ту метавонӣ тухмиро кишт намоӣ ва амалҳои пайдарҳамро оиди парвариши сабзавот, ки дар модулҳои минбаъдаи китоби мазкур шарҳ дода шудаанд, иҷро намоӣ. Дар хотир дор, ки маълумот оиди андозаи миёнаи фосилаи байни қаторҳо дар ҷадвали боло пешниҳод шудааст!

## ВАЗИФА



Ҳамин тариқ, ту қадами аввалинро оиди ташкили полези худ гузоштӣ. Ин рӯзро дар рӯзнома қайд намо ва ҳама амалҳои имрӯз иҷрокардаатро навис. Ҳар дафъае, ки ту ба полез барои мушоҳида ё кор меравӣ, амалҳоят ва мушоҳидаҳоятро дар рӯзнома сабт намо. Дар оянда ту медонӣ, ки ту чӣ кор кардӣ ва кай онро иҷро карда будӣ. Ин қадами аввалини ту оиди бурдани сабтҳо аст.

Дар рӯзнома навиштани он, ки тухмиро кай харида будӣ, фаромӯш нанамо.

### Рӯзномаи ту оиди кор дар полез

Ҳамаи соҳибкорони муваффақ ё фермерон оиди омодакунии замин, кишти тухмӣ, обмонӣ, истифодаи пору ва ҷамъоварии ҳосил сабтҳо менависанд. Ғайр аз ин, онҳо менависанд, ки кай полезро ташкил карданд, кай поруҳои органикиро истифода карда буданд ва ғ. Сабтҳои мазкур барои амалҳоиояндаи ту зарур мешаванд. Рӯзнома бояд оддӣ ва барои пуркунӣ осон, инчунин барои хониш фаҳмо бошад.

Дар зер намунаи рӯзнома пешниҳод шудааст:

| Сана | Кори иҷрошаванда | Шарҳ ва мушоҳидаҳо |
|---|---|---|
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |

# Аз полез чӣ қадар ҳосил гирифтан мумкин аст?

Барои фермерон ҳамеша муқоиса кардани ҳосили аз полез гирифтаашон хеле шавқовар аст. Дар ҷадвали поён намунаи ҳосили баъзе аз намудҳои сабзавот аз як садяк замин (100м.кв.) дар Австралия оварда шудааст. Новобаста ба он, ки хок ва иқлим дар мавсими тобистон бо шароитҳои Қирғизистон мувофиқат мекунад, зимистони Австралия ба монанди зимистони Қирғизистон он қадар хунук нест. Давраи нашъунамои дарозтар дар Австралия ба фермерон барои гирифтани ҳосили зиёд имконият медиҳад, аммо фарқияти байни ҳосили сабзавот ва меваҷоти Қирғизистон ва Австралия чандон калон нест.

Чуноне, ки дар боло шарҳ дода шудааст, ҳосил дар асоси фосилаи байни қаторҳо ва миқдори қаторҳо дар қитъаи замин ҳисоб карда мешавад. Дар хотир доред, ки фермерони Австралия дар майдонҳои худ миқдори зиёди маводҳои органикӣ истифода мекунанд, инчунин ба рӯпӯшкунии замин диққати баланд медиҳанд.

## Дарсҳои омӯхташуда

Ҳама чиз ҳамеша муваффақ шуда наметавонад. Хатогиҳои хурд ба талафи меҳнати сарфакардаат намебаранд. Аммо ба ҳар ҳол, баҳисобгирии бодиққат ба ту имкон медиҳад, ки маълумоти заруриро ҷамъоварӣ намоӣ ва таҳлили хатогиҳоро гузаронӣ, ки барои пешгирии онҳо дар оянда кӯмак мекунанд. Таҷриба дар асоси комёбӣ ва нокомиҳо ҷамъоварӣ мешавад.

## ВАЗИФА

Ҳосилнокии полезҳои Қирғизистонро омӯз ва агар онҳо ба мисли Австралия баланд набошанд, барои фаҳмонидани сабаби ин ҳолат кӯшиш намо.

| Сабзавот | Ҳосил аз 1 садяк қитъаи замин дар Австралия | Ҳосил дар Қирғизистон |
|---|---|---|
| Карам | 18-36 кг | |
| Сабзӣ | 220 кг | |
| Ҷуворимаккаи ширин | 360-720 сарак | |
| Бодиринг | 233-280 дона | |
| Боқлаҷон | 90-135 кг | |
| Пиёз | 97-290 кг | |
| Қаланфур | 110-180 кг | |
| Картошка | 333 кг | |
| Қаланфури тез | 100-150 кг | |
| Помидор | 60-120 кг | |
| Шалғам | 28-43 кг | |



*Девори оддӣ полези туро аз поймолкунии ҳайвонҳо ҳифз мекунад*



*Фермери мазкур аз деҳаи Уч Добо ноҳияи Баткен қитъаи харобшудаи заминро ба полези серҳосил табдил додааст. Чуноне, ки аз акс дида мешавад, чунин заминҳои истифоданашаванда хеле зиёд мебошанд.*



*Ин фермер аз деҳаи баландкӯҳи Дара ноҳияи Баткен полези худро босамар истифода мекунад, мошин дорад ва хонаи нав сохта истодааст.*



*Новобаста ба масоҳати хурди қитъа ин хоҷагӣ аз деҳаи Озгоруш ноҳияи Лейлек қитъаи замини наздиҳавлигиро босамар истифода мекунад.*

# ДАРСИ 19

# Истифодаи самараноки об

## Калимаҳои нав

| | |
|---|---|
| **Норасоии об** | Нишонаҳои норасоии об. |
| **Ҳаҷми намиқабулкунии об** | Ҳаҷми обе, ки дар сатҳи об пас аз 24 соати обмонии шадид дар мавсими тобистон мемонад. |
| **Тоқатпазирӣ ба хушксолӣ** | Қобилияти баъзе аз намудҳои растанӣ ба ҳосилдиҳӣ новобаста ба норасоии об. |
| **Рӯпӯш (мулча)** | Қабати маводи органикии ғафсиаш то 15 см, ки ба сатҳи хок паҳн карда шудааст. |
| **Неш задани тухмӣ** | Аввали афзоиши реша ва баргҳо аз тухмӣ. |
| **Кӯчат** | Растании ҷавон ва норасидае, ки онро барои босуръат кардани ҳосилгирӣ ба замин мешинонанд. |
| **Мевабандак** | Аввали ташаккули меваҳо аз гули дарахтони мевадиҳанда. |
| **Ташаккули бехмева** | Аввали варамкунӣ ва бо оҳар пур шудани охири навдаи зери заминии растании картошка. |

## Аҳамияти мавҷуд будани об дар хок

Барои афзоиши растанӣ дар хок миқдори зиёди об мавҷуд буданаш зарур аст. Растаниҳои зинда аз 80%-90% об таркиб ёфтаанд. Аз ин бармеояд, ки барои афзоиши онҳо ҷаббидани об ва маводҳои ғизоӣ аз маҳлули обии хок ва атмосфера зарур аст. Ҳангоми миқдори нокифояи об дар таркиби хок, растанӣ обро аз бофтаҳои худ гум мекунад, заиф ва баъдан нобуд мешавад.

## Ҳаракати об дар растаниҳо

Растаниҳо обро аз маҳлули обӣ тавассути намнокшавии фаъоли решаҳои худ ҷаббида мегиранд. Дар решаҳои дарахтон навдачаҳои хурде мавҷуданд, ки наххои реша номида мешаванд. Наххои реша одатан як қабати ҳуҷайравӣ доранд, ки ба оби дар хок мавчудбуда мерасанд. Растанӣ об ва минералҳоро ба худ тавассути наххои решагӣ меҷаббад.

Инчунин дар баргҳои растанӣ ҳуҷайраҳои махсусе мавҷуданд, ки **даҳон** ном доранд ва ба растанӣ барои буғ кардан ё берун кардани намнокиро имкон медиҳанд, ки дар натиҷа буғи об дар ҳаво ҳал мешавад. Ҳангоми норасоии об **даҳонибаргҳо** маҳкам мешаванд. Ҳамин тариқ, растанӣ барои нигоҳдории намии мавҷудбуда кӯшиш мекунад.

Об дар растаниҳо ба боло аз реша ба барг ҳаракат мекунад, қисми зиёди он дар атмосфера тавассути баргҳо буғ мешавад.

### Об дар таркиби хок

Намудҳои хок бо қобилияти наминигоҳдории худ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Миқдори обе, ки хок метавонад нигоҳ дорад, аз омилҳои зерин вобастагӣ дорад:

- Миқдори гил, лойқа ё қум дар таркиби хок;
- Миқдори моводи органикӣ ва гумус дар хок, зеро моводи органикӣ метавонад обро дар хок нигоҳ дорад;
- Мавҷуд будани рӯпӯш (мулча) дар сатҳи хок;
- Дучоршавии хок ба таъсири шамолу бод;
- Санаи обмонии охирин ё борон.

Ҳаҷми об дар таркиби хок бояд дар сатҳи мутобиқ бошад. Аз ҳад зиёд мавҷуд будани об ё норасоии он ба нобудшавии растанӣ мерасонад. Чуноне, ки дар зер нишон дода шудааст, сатҳи об бояд байни ҳудуди **ҳаҷми намиқабулкунии хок** ва **нуқтаи пажмурдашавӣ қарор** дошта бошад. Ҳамин тариқ, растаниҳоро саривақт об дода, онҳоро то пажмурдашавӣ расонидан мумкин нест, якҷоя бо ин обмонии аз ҳад зиёд низ мумкин нест!

## Ҳаракати об дар хок




**Нуқтаи пажмурдашавӣ** аз намуди растаниҳои инкишофёфта вобастагӣ дорад. Баъзе аз растаниҳо ба хушксолӣ нисбатан тоқатпазиранд, аммо ба ин нигоҳ накарда, аксарияти сабзавоте, ки дар полезҳо парвариш карда мешаванд, ба хушкӣ тоқатпазирӣ надоранд.

## Қобилияти обнигоҳдории хок

**Хоки калонзарра –** хоки дар таркибаш реги калонҳаҷмдошта, **хоки хурдзарра** – ин гили чангмонанд аст. Навъҳои гуногуни хок миқдори гуногуни обро нигоҳ медоранд. Дар ҷадвали зерин қобилияти наминигоҳдорандаи навъҳои гуногуни хок оварда шудааст, ки дар миллиметри об ба сантиметри чуқурии хок нишон дода шудааст.

| Таркиби хок | Ҳаҷми нами қабулкунӣ А | Нуқтаи пажмурдашавӣ Б | Мавҷудияти об (=А-Б) |
|---|---|---|---|
| Хоки регдори калонзарра | 0.6 | 0.2 | 0.4 |
| Хоки регдори хурдзарра | 1.0 | 0.4 | 0.6 |
| Реги гилдор | 1.4 | 0.6 | 0.8 |
| Хоки гилхокдор | 2.0 | 0.8 | 1.2 |
| Гилхок | 2.7 | 1.2 | 1.5 |
| Гилхоки вазнин | 3.2 | 1.4 | 1.8 |
| Гил | 4.0 | 2.5 | 1.5 |

Аз ҷадвал дида мешавад, ки пас аз борон ё обмонӣ гилхоки вазнин ё хоки гилдор нисбат ба хоки регдор обро зиёдтар нигоҳ медоранд.

### ВАЗИФА



- Шишаи тозаи пластикиро тайёр кун.
- Як кафи калон хокро бо аз полезат гирифта ба дохили шиша андоз ва шишаро то нисф бо оби тоза пур кун, баъдан сарпӯши онро маҳкам намо.
- Шишаро ба болои замин гузор, то ки хок дар дохили шиша таҳшин шавад.
- Дар охири дарс таркиби шишаро бодиққат омӯз ва бубин, ки:
  - I. Моводи органикӣ ба сатҳи об мебарояд;
  - II. Қабатҳои гуногуни минералӣ дар дохили шиша мавҷудбуда бо тартиби зерин ҷойгир шудаанд: таҳшин дар қисми болоии шиша, моводи калонзарраи рег - дар таги шиша.

## Барои чӣ вобастагии байни об ва хокро донистан зарур аст?

Бурдани баҳисобгирии боришот ва ҳарорат барои муайянкунии вақти обмонии растаниҳо. Дар ҷадвали навбатӣ баҳисобгирии ҳарорат ва боришот дар Бишкек ва Ош оварда шудааст. Нишондиҳандаҳои мазкур метавонанд ҳар сол гуногун бошанд. Аммо ба ин нигоҳ накарда, дар асоси навиштаҷотҳо қаблӣ тасаввуроти умумиро дар бораи ҳодисаҳои ҳарсолаи табиӣ гирифтан мумкин аст.

## Нишондиҳандаҳои ҳарорати ҳаво (°C) ва боришот (мм) дар шаҳри Бишкек ва Ош

| Моҳ | Бишкек 1961-1990 сс. | | | | Ош 1961-1990 сс. | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Минимуми шабо-нарӯзӣ | Максимуми шабо-нарӯзӣ | Боришот | | Минимуми шабо-нарӯзӣ | Максиму-ми шабо-нарӯзӣ | Боришот |
| | | | Миёна мм | Миқдори миёнаи рӯзҳо | | | Миёна мм |
| Январ | -8.6 | 2.7 | 26 | 6.2 | -3.3 | 3.9 | 35.0 |
| Феврал | -7.3 | 3.3 | 31 | 6.4 | -1.7 | 6.1 | 42.2 |
| Март | -0.3 | 10.1 | 47 | 8.5 | 3.9 | 12.8 | 61.5 |
| Апрел | 6.3 | 18.1 | 76 | 8.8 | 8.9 | 19.4 | 67.8 |
| Май | 10.9 | 23.1 | 64 | 7.9 | 13.3 | 24.4 | 47.0 |
| Июн | 15.1 | 28.4 | 35 | 4.4 | 16.7 | 30.0 | 23.1 |
| Июл | 17.5 | 31.4 | 19 | 3.2 | 18.9 | 31.6 | 9.9 |
| Август | 15.7 | 29.9 | 12 | 2.2 | 17.8 | 31.1 | 7.1 |
| Сентябр | 10.6 | 24.8 | 17 | 2.7 | 13.3 | 26.7 | 6.1 |
| Октябр | 4.5 | 17.1 | 43 | 5.8 | 8.3 | 19.4 | 37.6 |
| Ноябр | -1.1 | 10.1 | 44 | 6.5 | 2.2 | 12.2 | 36.3 |
| Декабр | -5.4 | 4.8 | 28 | 5.6 | -2.2 | 5.0 | 47.8 |
| **Ҳамагӣ:** | | | 442 | | | | 421.4 |

Ҳарорати хок дар давраи тамоми сол ба ҳарорати ҳаво то андозае якхела аст. Умуман, ҳарорати хок дар мавсими баҳор аз ҳарорати ҳаво паст аст, аммо он дар мавсими тобистон баланд мешавад. Тирамоҳ ҳарорати хок метавонад ба якчанд градус нисбат ба ҳарорати ҳаво баландтар шуда, дар миёнаи зимистон ҳарду нишондиҳанда баробар мешаванд.

Истифодаи маводҳои органикӣ ва иловакунии рӯпӯш ба сатҳи хок барои нигоҳдории ҳарорати якхелаи хок новобаста ба ҷаҳишҳои ҳаррӯза ва мавсимии ҳарорати ҳаво шароит фароҳам меоранд.

Ҳарорати ҳаво ба сабзиши тухмӣ ва суръати пайдошавии растаниҳо дар сатҳи хок таъсир мерасонад. Агар тухмӣ дар хоки ҳарораташ паст кишт карда шавад, сабзаҳо пайдо намешаванд ва ё бо суръати суст афзоиш мекунанд. Агар ҳарорати хок хеле баланд бошад, тухмӣ неш намезанад ва дар дохили хок мепӯсад.

Бо фермери пешқадам ё мушовир дар бораи давраи мувофиқи кишти тухмии сабзавот дар деҳаат маслиҳат намо.

## ВАЗИФА



Дар ҷадвали дар зер овардашуда ҳарорати максималӣ, минималӣ ва миёнаро барои шаҳри Бишкек ва Ош навис. Ишораҳои шартӣ дар ҷадвал нишон медиҳанд, ки кадом ранги хатро истифода кардан зарур аст.

Агар ту нишондиҳандаҳоро барои деҳаи худ пайдо карда тавонӣ, ҷадвалро тартиб деҳ ва онро нигоҳ дор. Он барои қабули қарор оиди давраи обмонии полези худ кӯмак мекунад.

**Ҷадвали тартибдодаи ҳарорат ва нақшаро бо сабзавотпарвари соҳибтаҷриба муҳокима намо ва оиди давра ва шумораи обмонии полези худ маслиҳат гир.**

**Ҷадвали нишондиҳандаҳои ҳарорати максималӣ, минималӣ ва миёна барои ш. Бишкек ва ш. Ош**

**Ишораҳои шартӣ**

Ҳарорат ва боришот дар Бишкек ————

Ҳарорат ва боришот дар Ош – – – –

| T$^{0}$C | Январ | Феврал | Март | Апр | Май | Июн | Июл | Авг | Сент | Окт | Нояб | Дек | Борон |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 40 | | | | | | | | | | | | | |
| 39 | | | | | | | | | | | | | |
| 38 | | | | | | | | | | | | | |
| 37 | | | | | | | | | | | | | |
| 36 | | | | | | | | | | | | | |
| 35 | | | | | | | | | | | | | |
| 34 | | | | | | | | | | | | | |
| 33 | | | | | | | | | | | | | |
| 32 | | | | | | | | | | | | | |
| 31 | | | | | | | | | | | | | |
| 30 | | | | | | | | | | | | | |
| 29 | | | | | | | | | | | | | |
| 28 | | | | | | | | | | | | | |
| 27 | | | | | | | | | | | | | |
| 26 | | | | | | | | | | | | | |
| 25 | | | | | | | | | | | | | |
| 24 | | | | | | | | | | | | | |
| 23 | | | | | | | | | | | | | |
| 22 | | | | | | | | | | | | | |
| 21 | | | | | | | | | | | | | |
| 20 | | | | | | | | | | | | | |
| 19 | | | | | | | | | | | | | |
| 18 | | | | | | | | | | | | | |
| 17 | | | | | | | | | | | | | |
| 16 | | | | | | | | | | | | | |
| 15 | | | | | | | | | | | | | |
| 14 | | | | | | | | | | | | | |
| 13 | | | | | | | | | | | | | |
| 12 | | | | | | | | | | | | | |
| 11 | | | | | | | | | | | | | |
| 10 | | | | | | | | | | | | | |
| 9 | | | | | | | | | | | | | |
| 8 | | | | | | | | | | | | | |
| 7 | | | | | | | | | | | | | |
| 6 | | | | | | | | | | | | | |
| 5 | | | | | | | | | | | | | |
| 4 | | | | | | | | | | | | | |
| 3 | | | | | | | | | | | | | |
| 2 | | | | | | | | | | | | | **Борон** |
| 1 | | | | | | | | | | | | | |
| 0 | | | | | | | | | | | | | 80.0 |
| -1 | | | | | | | | | | | | | 75.0 |
| -2 | | | | | | | | | | | | | 70.0 |
| -3 | | | | | | | | | | | | | 65.0 |
| -4 | | | | | | | | | | | | | 60.0 |
| -5 | | | | | | | | | | | | | 55.0 |
| -6 | | | | | | | | | | | | | 50.0 |
| -7 | | | | | | | | | | | | | 45.0 |
| -8 | | | | | | | | | | | | | 40.0 |
| -9 | | | | | | | | | | | | | 35.0 |
| -10 | | | | | | | | | | | | | 30.0 |
| -11 | | | | | | | | | | | | | 25.0 |
| -12 | | | | | | | | | | | | | 20.0 |
| -13 | | | | | | | | | | | | | 15.0 |
| -14 | | | | | | | | | | | | | 10.0 |
| -15 | | | | | | | | | | | | | 5.0 |

Акнун дар ҷадвали нигар, ки кадом ҳарорат барои парвариши сабзавоти гуногун мувофиқ аст. Муайян намо, ки кадом вақт барои кишти тухмӣ дар деҳаи ту мувофиқ аст.

# Ҳарорати оптималӣ барои парвариши сабзавот

| Сабзавот | Ҳарорате, ки аз он паст тухмӣ суст афзоиш мекунад | Ҳарорате, ки дар он тухмӣ хуб афзоиш мекунад | Ҳарорати баланд, ки аз он тухмӣ суст афзоиш мекунад ё тамоман намесабзад |
|---|---|---|---|
| Карам | $5^0$C | $10^0$C-$25^0$C | $25^0$C |
| Сабзӣ | $5^0$C | $10^0$C-$35^0$C | $35^0$C |
| Бодиринг | $15^0$C | $15^0$C-$35^0$C | $35^0$C |
| Боқлаҷон | $20^0$C | $20^0$C-$30^0$C | $30^0$C |
| Сирпиёз | $7^0$C | $7^0$C -$15^0$C | Кишт дар октябр-ноябр |
| Пиёз | $5^0$C | $5^0$C-$35^0$C | $35^0$C |
| Қаланфур | $15^0$C | $15^0$C-$35^0$C | $35^0$C |
| Картошка | $6^0$C | $15^0$C-$21^0$C | $25^0$C |
| Ҷуворимакка | $15^0$C | $20^0$C-$35^0$C | $35^0$C |
| Помидор | $10^0$C | $10^0$C-$35^0$C | $35^0$C |
| Тарбуз | $20^0$C | $20^0$C-$35^0$C | $35^0$C |

## Талаботи тахминии зироатҳои гуногун дар об

Дар ҷадвали поён миқдори обе, ки барои афзоиши растаниҳо зарур аст, нишон дода шудааст. Ғайр аз ин, бешубҳа, навъи растаниҳои кишташуда, истифодаи пору ва шароитҳои хокро ба назар гирифтан зарур аст. Маълумоти пешниҳодшуда дар ҷадвал танҳо барои нишон додан хизмат мекунад, зеро дар минтақаҳои гуногуни Қирғизистон шароит гуногун аст. Ҳамон ҷо маълумот дар бораи давраи обмонии растаниҳо оварда шудааст.

| Растанӣ | Давраи обмонӣ | Талабот дар обмонӣ | Ченкунии об бо сатили ҳаҷмаш 10 л |
|---|---|---|---|
| Сабзӣ | Обмонии доимӣ то инкишофи пурраи реша | Дар давраи авҷи афзоиш сабзӣ 4-6 мм об дар як рӯз талаб мекунад | 4-6 литр дар як рӯз (нимсатил ба 1м.кв. дар як рӯз) |
| Карам | Ташаккул ва афзоиши каллаи карам | Карам 380-500 мм обро дар давоми мавсим талаб мекунад | 2-3 литр дар як рӯз (нимсатил ба 1м.кв. дар як рӯз) |
| Ҷуворимакка | Марҳилаи партофтани тоҷ, гардолудкунӣ ва сӯтабандӣ | Дар як рӯз 6 мм об дар авҷи афзоиш талаб мекунад. Дар тамоми давра 5210 мм об талаб мекунад | 4-6 литр дар як рӯз (нимсатил ба 1м.кв. дар як рӯз) |
| Бодиринг | Гулкунӣ, мевабандӣ ва инкишофи он | Пас аз кишт ё кӯчаткунӣ 25 мм об рез. Дар давраи марҳилаи бӯҳронӣ ба хушкшавӣ нарасон | 2-3 литр дар як рӯз (нимсатил ба 1м.кв. дар як рӯз) |
| Боқлаҷон | Гулкунӣ, мевабандӣ ва инкишофи он | 25 мм обро дар як ҳафта рез | 4-6 литр дар як рӯз (нимсатил ба 1м.кв. дар як рӯз) |

| Растанӣ | Давраи обмонӣ | Талабот дар обмонӣ | Ченкунии об бо сатили ҳаҷмаш 10 л |
|---|---|---|---|
| Сирпиёз | Ташаккули пиёзак ва афзоиши он | То 25 мм дар як ҳафта об мон | 4-6 литр дар як рӯз (нимсатил ба 1м.кв. дар як рӯз) |
| Пиёз | Ташаккули пиёзак ва афзоиши он | 4-5 мм дар як рӯз дар авҷи афзоиш талаб мекунад. 25 мм об дар ҳафта рез. Дар давоми мавсим 350-500 мм об талаб мекунад | 4-6 литр дар як рӯз (нимсатил ба 1м.кв. дар як рӯз) |
| Қаланфур | Гулкунӣ, мевабандӣ, инкишофи он | То 25 мм дар як ҳафта об мон | 4-6 литр дар як рӯз (нимсатил ба 1 м.кв. дар як рӯз) |
| Картошка | Ташаккули бехмева ва расидани андозаи он то диаметри 1,5 см | То 5,5-6 мм об дар як рӯз дар авҷи афзоиш талаб мекунад. Дар давоми мавсим 300-500 об талаб мекунад | 4-6 литр дар як рӯз (нимсатил ба 1м.кв. дар як рӯз) |
| Помидор | Гулкунӣ, мевабандӣ, ташаккули помидор | 25 мм об дар як ҳафта | 2-3 литр дар як рӯз (нимсатил ба 1м.кв. дар як рӯз) |
| Қулфинай | Пас аз шинонидан, гулкунӣ, мевабандӣ, ташаккули қулфинай | Хокро то хушкшавӣ нарасон. Ҳар ду рӯз 6-8 мм об рез. | 2-3 литр дар як рӯз (нимсатил ба 1м.кв. дар як рӯз) |
| Тамашк | Пас аз шинонидан, гулкунӣ, мевабандӣ, ташаккули тамашк | 5-8 мм обро дар як рӯз дар давраи авҷ. 25-37 мм обро дар як ҳафта аз давраи гулкунӣ то ҷамъоварии ҳосил рез. | 2-3 литр дар як рӯз (нимсатил ба 1м.кв. дар як рӯз) |

## Сифати об

Барои афзоиш ва гирифтани ҳосил зироатҳои сабзавотро хеле зиёд об мондан зарур аст. Ғайр аз ин, сифати об бояд хуб бошад. Оби шӯр ҳосилнокии зироатро паст мекунад. Намакҳои асосии дар таркиби хок мавҷудбуда: хлорид, карбонат, сулфат, фосфат, аммоний, натрий дар шакли фосфат, калий, калсий ва магний. Хоки Қирғизистон, чунон ки маълум аст, нисбат ба ишқорҳо нейтрал аст, бинобар ин намакҳои мазкур дар хок мавҷуд буда метавонанд. Мутаассифона, агар хок миқдори зиёди намакро дошта бошад, боз бар замми ин обмонӣ бо оби шӯр амалӣ карда шавад, агар навъҳои ба шӯрӣ тобовари сабзавот кишт карда нашуда бошанд, гирифтани ҳосили хубу босифатро умедвор шудан имконнопазир аст.




## Шӯршавии хок

Дар ҳамаи ҷаҳон низоми бурдани фаъолияти хоҷагии қишлоқ барои шӯршавии масоҳатҳои калони заминҳои хоҷагии қишлоқ расонид. Шӯршавии хок метавонад заминҳоро аз таъиноти хоҷагии қишлоқ берун кунад. Барои ин сабабҳои сершумор мавҷуданд, аммо сабаби асосӣ – буридани дарахтон аст.

Решаи дарахтон ба замин чуқур реша медавонанд. Дарахтон, ба монанди сабзавот, миқдори зиёди обро истифода мекунанд. Ҳангоми буридани дарахтон маҳлули хокӣ наметавонад дар зери об чуқур нигоҳ дошта шавад ва об ба сатҳи болоии замин мебарояд. Ҳамроҳи об ба сатҳи замин намаке, ки дар таркиби хок ба таври табиӣ вуҷуд дорад мебарояд. Илова бар ин, ба сатҳи болоии замин намакҳои таркиби поруҳои зиёд мебароянд, ки аз ҷониби инсон барои растаниҳо истифода мешаванд. Барои мубориза бо миқдори изофагии намакҳо усулҳои зеринро амалӣ кардан мумкин аст:

- Шинонидани дарахт, ки чорабинии хоҷагии об номида мешавад;
- Дар заминҳои барои парвариши сабзавот номувофиқ ту метавонӣ юнучқаро шинонӣ ва онро ба сифати ғизои чорво истифода намоӣ. Решаҳои чуқури он шӯршавии иловагии заминро пешгирӣ мекунанд;
- Маводҳои органикиро зиёдтар истифода намо.
- Маводҳои кимиёвии арзишаш қимматро, ки мӯътадилкунии шӯршавиро амалӣ мекунанд, истифода намо.

## Ҳифз аз шӯршавии хок

Усули ҳифзи хок аз шӯршавӣ – ин кишти тухмӣ ё ниҳолҳо аз тоҷи қатор поёнтар мебошад. Об то нуқтаи аз ҳама баланди сатҳи хок ҳаракат мекунад ва аз хок буғ мешавад. Дар нуқтае, ки об аз он буғ мешавад, аз ҳама миқдори зиёди намаки таркиби хок ҷамъ мешавад. Ҳарчанде, ки ин амал муфид аст, он мушкилоти шӯршавиро ҳал намекунад. Ин амал дар диаграммаи дар зер овардашуда нишон дода шудааст..









*Ташкилоти маҳаллии ҷамъиятии ноҳияи Кадамҷой “Жани-Жер” дар давоми якчанд сол воситаҳои пулӣ ва қувваи кориро барои барқарорсозии тақрибан 400 га заминҳои осебдида маблағгузорӣ мекунад. GTZ сохтмони якчанд каналҳоро маблағгузорӣ кардааст. Дар деҳаи Максат ноҳияи Лейлек GTZ лоиҳа ва сохтмони низоми обанбори обмонии қубуриро тариқи истифодаи гидрантҳо таҳия ва маблағгузорӣ кардааст. Низоми мазкур бодлеси заминҳои нишебӣ ва баландшавии сатҳи обҳои зеризаминӣ дар тарафи дигари сарҳад (Тоҷикистон) ва сар задани муноқишаҳоро пешгирӣ мекунад.*





*Ҷомеаи маҳаллӣ каналҳои ҷамъиятиро, ки барои манфиати шахсӣ вайрон карда мешаванд, зери назорати худ гирифт. Бо сабаби муносибати бетарафона ба канал дар деҳаи Катрани ноҳияи Лейлек ва набудани хизматрасонии техникии он, акнун барқарорсозии он хеле гарон мешавад. GTZ маводҳои сохтмонии заруриро харидааст, ҷомеа бошад қувваи кориро пешниҳод мекунад (Ҳашар).*



*Баҳор дар ноҳияи Лейлеки вилояти Баткен.*



*Тобистони ноҳияи Чаткал, вилояти Ҷалолобод*



*Тирамоҳи вилояти Талас.*



*Зимистони шаҳри Айдаркен.*

ФАСЛИ 7

# Усулҳои муосири бурдани хоҷагии қишлоқ




Саҳифаи 204 | Ҳифзи меҳнат дар хоҷагии қишлоқ

Саҳифаи 212 | Воситаҳои биологии ҳифзи растаниҳо

Саҳифаи 220 | Воситаҳои кимиёвии ҳифзи растаниҳо

ДАРСИ 20

# ҲИФЗИ МЕҲНАТ ДАР ХОҶАГИИ ҚИШЛОҚ



**Ҳифзи меҳнат –** ин масъалаи дар кишварҳои тараққикарда ба таври дақиқ омӯхташуда мебошад. Ҳифзи меҳнат дар ҷои корӣ ба монанди ҷанбаи комёбии тиҷорат ва иқтисоди миллат ҷанбаи муҳим эътироф шудааст. Талабот ба бехатарии меҳнат дар кишварҳои тараққикардаистода барои содироти маҳсулот ба кишварҳои тараққикарда дар аксарияти мавридҳо шарти пешакӣ мегарданд.

**Сабаб:** Боигарии аз ҳама арзишманд барои ҳар як инсон саломатӣ ва қобилияти меҳнат кардан, ки барои таъмини зиндагӣ зарур аст, мебошад.

## Консепсияи ҳифзи меҳнат дар кам кардани эҳтимоли фалокатҳо мебошад

Ҳодисаҳои нохуш метавонанд дар ҳама вақт рӯй диҳанд, аммо эҳтимоли онҳо дар ҳолате, ки одамон дар бораи намудҳои эҳтимолии хатар маълумот дошта бошанд, паст мешавад. Ҳар як инсон метавонад ба ҳодисаҳои нохуш ва бемориҳо дучор шавад, аммо аксарияти одамон дар бораи бемориҳои гуногун маълумот доранд ва ҳамаи чораҳоро барои ҳифз кардани худ аз таъсири онҳо меандешанд. Монанди ҳамин, агар каме зиёдтар кӯшиш намоем ва каме зиёдтар дониш дошта бошем, инсон метавонад аз ҳолатҳои нохуш эмин монад.

Осеб ё бемории корманд барои корхона ва иқтисодиёт боиси хароҷотҳои зиёд мегардад. Ҳамин тариқ, роҳ надодан ба фалокат дар ҷойҳои корӣ ба манфиати ҳама, азҷумла барои соҳиби корхона ва худи корманд, аст. Дар кишварҳои тараққикарда соҳиби тиҷорат, ки дар он кормандон дар натиҷаи риоя накардани қоидаҳои ҳифзи меҳнат осеб диданд, аз ҷониби қонун ҷазо мебинанд, ҳатто ба ҳабсхона шинонида мешаванд.

## Истифодаи ишорахо ва рамзҳои огоҳкунанда

Ишораҳо ва рамзҳои огоҳкунанда, азҷумла он ишораву рамзҳое, ки дар боло нишон дода шудаанд, дар ҷойҳои корӣ ва ҷамъиятӣ овехта мешаванд. Рамзҳои огоҳкунанда дар ҳамаи ҷойҳое, ки эҳтимоли хатар вуҷуд дорад, бояд насб карда шаванд. Рамзҳои мазкур дар синфхонаҳо- ташхисгоҳҳои мактаб овехта мешаванд, то ки диққати хонандагон ба мавҷуд будани маводҳои хатарноки кимиёвӣ ҷалб карда шавад, инчунин дар устохонаҳои дуредгарии мактаб, то ки хонандагон оиди мавҷудияти таҷҳизоти хатарнок ва ноқилҳои баландшиддат донанд.

Аҳамияти рамзҳо ва ишораҳои мазкур дар эълонҳои рӯзномаҳо ва барномаҳои телевизионӣ, инчунин ҳангоми дарсҳои махсус барои кӯдакон фаҳмонида мешаванд, то ки онҳо маълумот дошта бошанд ва эҳтиёткориро риоя кунанд.


Хатар! Маводизаҳролуд!


Хатар! Шиддати баланд!


Эҳтиёт!


Дар ҷои хунукЙ нигоҳ доред


Дар ҷои хушк нигоҳ доред


Тамоку накашед!

## Ҳолатҳои нохуш дар хоҷагии фермерӣ.

Хоҷагии фермерӣ – ин муҳити дорои хатарҳои сершумори имконпазир мебошад. Дар ҳолати мазкур инсон бояд ҳамеша бодиққат бошад. Соҳиби хоҷагии фермерӣ барои бехатарии хешу табор ва кормандони хоҷагиаш масъулият мебарад. Корманд бояд барои бехатарии худ масъул бошад, инчунин набояд дигаронро ба хатар гирифтор намояд.

### Манбаъҳои хатар дар хоҷагии фермерӣ

Дар хоҷагии фермерӣ як қатор манбаъҳои хатар мавҷуд аст, азҷумла:

- Техника, мошини картошкаковак, трейлерҳо, мошинҳои ҳосилҷамъоварикунанда;
- Мошинҳои боркаш, мошинҳои моторӣ, мотосиклҳо;
- Асбобҳо, ба монанди табар, белҳо, кордҳо;
- Чорвои калон, чун гов, кӯтос, асп;
- Ҳайвонҳои хурд, чун гӯсфанд, буз, хук, паррандаҳо, сагҳо;
- Ҳайвонҳои ваҳшӣ, чун морҳои заҳролуд;
- Маводҳои кимиёвӣ, ки барои коркарди ҳайвонҳо ва растаниҳо, инчунин барои мубориза бо зараррасонҳо, паразитҳо ва бемориҳо истифода карда мешавад;
- Асбобҳои барқӣ барои равшанкунӣ ва истифодаи таҷҳизот дар саройҳо;
- Чангу ғуборе, ки ҳангоми ҷамъоварии ҳосил ва нигоҳдории ғалладонагиҳо, ҳангоми чамъоварии саргин барои истифодаи он дар полез пайдо мешавад;
- Бардоштан ва интиқоли бори вазнин аз ҷониби одамон;
- Кори хурде, ки ба чашм бо сабаби равшании паст, масалан, ҳангоми истеҳсоли қолин ва гулдӯзӣ, таъсири манфӣ мерасонад.

Аксарияти техникаи хоҷагии қишлоқ дар Қирғизистон дар давоми 20 сол ё зиёд аз он истифода мешавад. Техникаи фарсудаи кӯҳна, ки қаблан таъмири бесифати бетахассус дидааст, эҳтимоли осебҳои механикиро зиёд мегардонад ва ин ба осебҳои ногаҳонии ҷиддӣ мерасонад. Ҳангоми истифодаи техникаи кӯҳна бениҳоят бодиққат будан зарур аст! Яке аз сабабҳои он, ки техникаи хоҷагии қишлоқи истеҳсоли олмонӣ аз техникаи хитоӣ арзиши қиммат дорад, ки техникаи олмонӣ бо сатҳи баланди бехатарӣ лоиҳакашӣ ва сохта шудааст. Пеш аз истифодаи ҳама гуна таҷҳизот, дар аввал бо техникаи бехатарӣ шинос шав ва ҳамеша онро риоя намо. Чораҳои пешгирӣ ва эҳтиёт дар кор асосӣ мебошанд!

## ВАЗИФА

Расми дар саҳифаи минбаъда кашидашударо омӯзед ва ба ҷадвали дар зер овардашуда ҳамаи ҳодисаҳои нохуше, ки шумо мушоҳида карда метавонистед, нависед.

| Вазъияти хатарнок | Тарзҳои пешгирии он |
|---|---|
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |

# Намудҳои асосии хатарҳо дар хоҷагии фермерӣ



# Идоракунии хатарҳо дар хоҷагии фермерӣ

Усули аз ҳама самараноки идоракунии хафвҳо дар хоҷагии фермерӣ – ин доштани маълумот дар бораи хатарҳои имконпазир ва истифодаи боақлӣ дар ҳамаи амалҳо мебошад, азҷумла:

- Муайян кардани намудҳои имконпазири хатарҳо;
- Гузаронидани баҳогузории хатари гирифтани осеб;
- Назорати манбаъҳои хатар;
- Ташкили назорат оиди навъҳои гуногуни хатар дар хоҷагии фермерӣ ва бурдани ҳисоби он. Маълумот додан ба ҳама кормандоне, ки дар хоҷагӣ фаъолият мекунанд ва мунтазам онҳоро ёдрас намудан. Дар ҳар як хоҷагии фермерӣ доруқуттӣ ва оташхомӯшкунак дар ҷои дастрас истода бошад! Онҳоро бояд ҳар се сол иваз кардан зарур аст. Харидории ин ашёҳо бояд ба хароҷотҳои асосии тиҷорат дохил шавад.

## Таълим

Роҳбарони хоҷагии фермерӣ ҳамроҳи кормандони худ бояд вазъиятҳоеро, ки метавонанд ба осеб ва зарари саломатӣ расонанд, баррасӣ намоянд ва роҳҳои пешгирии онро муайян кунанд.

Ғайр аз ин, роҳбари хоҷагӣ бояд ҳар як корманди навро бо техникаи бехатарӣ шинос намояд. Дар вақти шинос кардан бо қоидаҳои бехатарӣ ё омӯзонидани онҳо инчунин оиди муомилаи эҳтиёткорона бо маводҳои кимиёвии зиёд истифодашаванда маълумот додан зарур аст. Дар кишварҳои тараққикарда ин амалияи меъёрӣ аст. Ба фикри ту, оё амалияи мазкурро дар Қирғизистон ворид кардан имконпазир аст?

# Муомилаи бехатар бо маводҳои кимиёвӣ

Фермер ҳангоми нигоҳдорӣ, интиқол, истифода ва партовкунии маводҳои кимиёвӣ бояд чораҳои бехатариро дар хотир дошта бошад, то ки ба худ ва муҳити атроф зарар расонида нашавад. Ҳамаи маводҳои кимиёвӣ, хоҳ он табиӣ ё дар корхона истеҳсолшуда бошанд, бояд бо эҳтиёткории зиёд истифода шаванд, зеро буғшавӣ ё таъсири бевоситаи он метавонад ба оқибатҳои манфӣ ва зарари саломатӣ, аз ҷумла заҳролудшавӣ ва сӯхтан расонад.

**Ҳангоми истифодаи маводҳои кимиёвӣ пӯшидани либоси махсуси муҳофизатӣ ҳатмӣ мебошад!**

# Маводҳои зиёд истифодашавандаи кимиёвӣ

Воситаҳои кимиёвии хоҷагии қишлоқ дар намуди маҳлулшуда ё сирф тоза истеҳсол мешаванд. Ба онҳо пестисидҳо, гербисидҳо ва фунгисидҳо дохил мешаванд. Онҳо дар зарфҳо бо тамғақоғазҳои махсус фурӯхта мешаванд. Ҳеҷ гоҳ тамғақоғазҳоро нобуд нанамо! Агар ту моводи ҳаҷмаш хурдро аз кооперативи худ хари дорӣ намоӣ, бояд таъкид намоӣ, ки дар зарфҳои хурди барои ту омодашуда бояд инчунин нусхаи тамғақоғазҳо ширеш карда шаванд. Дар ҳеҷ ҳолат зарфҳои холишудаи маводҳои кимиёвиро барои мақсадҳои дигар истифода нанамо, зеро ин барои саломатии инсон хеле хатарнок аст! Онҳоро партов намо!

## Оқибатҳо

Оқибатҳои таъсири кимиёвӣ аз навъи моводи кимиёвӣ ва дараҷаи таъсир вобаста аст. Агар одам моводи кимиёвиро фурӯ барад ё онро чуқур нафас гирад, ё он ба рӯи пӯст расад, нишонаҳои фаврӣ ва зерин пайдо мешаванд:

- Заҳролудшавӣ
- Дарди сар
- Беҳузуршавии дил
- Ҳассосияти пӯст ва сӯзиши он
- Оселби сӯхтани пӯст
- Саратон
- Иллатҳои модарзодӣ дар инсон ва ҳайвонҳо
- Бемории шуш, ҷигар ва гурдаҳо
- Вайроншавии низоми асаб.

### Истифодаи бехатари воситаҳои кимиёвӣ дар хоҷагии фермерӣ

Ҳамаи маводҳои кимиёвӣ барои саломатии онҳое, ки онҳоро истифода мекунанд, инчунин онҳое, ки ба маҳалли истифодаи маводҳои мазкур наздик ҷойгир шудааст, хеле хатари зиёд доранд. Ҳамаи маводҳои кимиёвӣ бояд чун таҳдиди имконпазир ба ҳаёт баррасӣ шаванд. Ҳодисаҳои нохуше, ки бо шоридани маводҳои заҳролуд вобастаанд ва истифодаи нодурусти маводҳои кимиёвӣ метавонанд сабаби марг аз заҳролудшавӣ ё саратоне гарданд, пас аз заҳролудшавӣ пайдо мешавад.



**ХАТАРНОК!**

**Рамзи мазкур дар бораи мавҷуд будани маводҳои кимиёвии хатарнок огоҳ менамояд.**

## Нигоҳдории бехатари маводҳои кимиёвӣ

Пешниҳод оиди нигоҳдории бехатари маводҳои кимиёвӣ:

- Ҳамеша дастурҳои истеҳсолкунандаро оиди нигоҳдорӣ риоя намо. Ҳеҷ гоҳ тамғақоғазҳоро накан.
- Ҳангоми мавҷуд будани имконият маводҳои кимиёвиро дар зарфҳо/қуттиҳои истеҳсолкунанда нигоҳ дор.
- Ҳеҷ гоҳ аз рӯи қуттӣ ё зарф тамғақоғаз накан.
- Маводҳои кимиёвиро дар утоқи дорои низоми хуби ҳавокашӣ ва бо қулф маҳкамшаванда нигоҳ дор. Ғайр аз ин, маводҳои кимиёвӣ набояд аз сӯрохиҳои тахтаи фарш шорида фароянд.
- Маводҳои кимиёвиро аз либоси муҳофизатӣ дуртар нигоҳ дор.
- Воситаҳои кимиёвии синфашон гуногунро барои пешгирии рӯй додани ангезаҳои кимиёвӣ аз ҳамдигар ҷудо нигоҳ дор.
- Ғизоҳо, тухмӣ ва поруро аз маводҳои кимиёвӣ алоҳида нигоҳ дор.
- Воситаҳои тозакунандаро ҳамеша дар ҷои мувофиқ нигоҳ дор.
- Манбаъҳои сар задани оташро аз маводҳои кимиёвӣ дур нигоҳ дор.
- Оиди маводҳои кимиёвие, ки ту харидорӣ, нигоҳдорӣ, истифода ва партов менамоӣ, сабтҳоро дар дафтарҳои махсус иҷро намо.




**Нигоҳдории бехатари маводҳои кимиёвӣ ва таҷҳизоти муҳофизатӣ**

## Пешгирии рехтани маводҳои кимиёвӣ

- Либоси муҳофизатиро пӯш.
- Моеъи кимиёвиро ба зарфи дигар оҳиста рез, то ки тасодуфан онро ба замин нарезӣ.
- Барои он, ки одамон ва ҳайвонҳо ба маводҳои кимиёвӣ расида натавонанд, монеаҳоро гузор.
- Бо мутахассисон маслиҳат намо.

### Масъулияти соҳиби хоҷагӣ:

- Барои нигоҳдории ҳамаи маводҳои кимиёвӣ ҷои бехатарро таъмин намудан;
- Таъмин кардани ҳамаи кормандон бо либоси махсуси муҳофизатӣ ҳангоми кори онҳо бо маводҳои кимиёвӣ, масалан, ҳангоми коркарди зироатҳо ё ҳайвонҳо.
- Бо дастурамалҳо дар зарфҳои маводҳои кимиёвӣ бодиққат шинос шудан.
- Назорат кардани дурустии омодакунии маводҳои кимиёвӣ аз ҷониби кормандон.
- Назорат кардани дурустии истифодаи меъёрҳои истифодашавандаи маводҳои кимиёвӣ барои тайёркунии омехтаҳо.
- Боварӣ ҳосил кардан дар он, ки ҳамаи таҷҳизоти барои истифодаи маводҳои кимиёвӣ тоза ва дар ҳолати коршоями корӣ қарор дорад, то ки ҳолати рехтани маводҳои кимиёвӣ ба муҳити атроф ё нарасонидани зарар ба кормандон рӯй надиҳад.
- Дар ҷои наздик нигоҳ доштани об ё воситаҳои шустушӯии мутобиқ барои истифодаи онҳо ҳангоми рӯй додани ҳодисаи нохуш.
- Таъмин намудани утоқи мутобиқ ва бехатар барои нигоҳдории зарфҳои холии маводҳои кимиёвӣ ва партовҳои кимиёвӣ. Партовкунии ояндаи онҳо.

# Масъулияти кормандони хоҷагии фермерӣ

- Доштани маълумот оиди хатарҳо ҳангоми истифодаи маводҳои кимиёвӣ.
- Шинос шудан бо усулҳои муомила ва истифодаи маводҳои кимиёвӣ то оғози кор бо онҳо.
- Пӯшидани либоси муҳофизатӣ, ҳатто агар он ноқулай бошад ҳам. Либоси муҳофизатӣ ҳаёти инсонро наҷот медиҳад.
- Ҳамеша қоидаҳои бехатариро риоя намояд.



## Ҳангоми пошидани маводҳои кимиёвӣ зарур аст:

- Донистани самти вазидани шамол;
- Пӯшидани либоси муҳофизатӣ;
- Роҳ нагаштан дар қитъае, ки дар он аллакай пошидани маводҳои кимиёвӣ иҷро шудааст.

## Хатарҳои дигар дар хоҷагии фермерӣ

Ба рӯйхати дар аввали модули мазкур пешниҳодшуда баргардед (Манбаъҳои хатар дар хоҷагии фермерӣ) ва дар гурӯҳи дунафара ҳар як банди рӯйхати мазкурро муҳокима намоед. Фикр намоед, ки оё ба рӯйхат боз чиро илова кардан мумкин аст.

ДАРСИ 21

# Воситаҳои биологии ҳифзи растаниҳо

## Калимаҳои нав

| | |
|---|---|
| **Пестисид** | Воситаи кимиёвие, ки барои нобудкунии зараррасонҳо истеҳсол шудааст. |
| **Зараррасонҳои растаниҳо** | Организмҳои зиндае, ки афзоиш ва инкишофи растаниҳоро бозмедоранд. |
| **Зарарасонҳои табий** | Ҳайвонҳо ва ҳашароте, ки зарарасонҳои растаниҳоро истеъмол мекунанд. |
| **Муҳити зист** | Ҷое, ки ҳайвон зиндагӣ мекунад ё растанӣ мерӯяд. |
| **Фунгитсид** | Маводи кимиёвие, ки афзоиш ва инкишофи занбурӯғҳоро медорад. |
| **Зироати сидералӣ** | Ин киштҳои махсуси зироатҳо, ки растаниҳои онҳоро ба дохили хок то расидани марҳилаи пухтарасӣ бо мақсади беҳтаркунии сохтори хок ва ғанигардонии он бо маводҳои органикӣ шудгор карда, хокпӯш мекунанд. |

**Зарарасони растанӣ –** ин организми зиндае, ки ба зироатҳои хоҷагии қишлоқ зарар расонида, онҳоро нобуд мекунад. Дар маҷмӯъ, зарарасонҳои растаниҳо манбаи мушкилот мебошанд ва онҳоро нобуд кардан зарур аст. Аммо дар хотир доштан зарур аст, ки зарарасонҳои растаниҳо – қисмати ботавозуни низоми экологӣ мебошанд. Онҳо танҳо аз нуқтаи назари инсон зарарасон номида мешаванд, зеро ин истифодаи муҳити атрофро барои инсон душвор мегардонад.

Истифодаи маводҳои кимиёвӣ ҳам зарарасонҳоро нобуд мекунад, ҳам душманони табиии онҳоро!

Организмҳои мазкур ба сифати мушкилот баррасӣ кардан зарур аст ва фаҳмидан зарур аст, ки мавҷудияти аз ҳад зиёди онҳо – ин нишондиҳандаи низоми экологии бетавозун аст.

Мубориза бо зарарасонҳо дар шароитҳои табий хубтар бурда мешавад. Ҳашаротҳо, гамбусакҳо, пашшаҳо ва паррандаҳо қисми раванди табиии мазкур мебошанд.

## МУҲОКИМАИ ГУРӮҲӢ:
## ДАР ГУРӮҲҲОИ АЗ ПАНҶ ТО ҲАШТ НАФАР

1. Рӯйхати ҳашаротеро, ки мо дар ҳаёти ҳаррӯз дучор мешавем, тартиб диҳед.
2. Аксарияти онҳо фоидаоваранд. Оё шумо медонед, ки онҳо чӣ фоида меоранд?
3. Агар ҳашароти мазкур несту нобуд шавад, бо муҳити атроф чӣ ҳодиса рӯй медиҳад?

Ба синф муроҷиат намоед. Кадоме аз ҳашароти дар расми мазкур тасвиршударо шумо медонед ва метавонед онҳоро дарёфт намоед?



# Дахолати инсон ба раванди табиат

Фаъолияти инсон дар хоҷагии қишлоқ ба муҳити атроф ва экология масъалаву душвориҳои зиёдро тавлид мекунад. Азҷумла:

- Парвариши такрории зироат, яъне гандум, донагиҳо, шолӣ, ҷуворимакка, ки монозироат номида мешавад, дар масоҳати калони замин;
- Гум шудани муҳити зисти даррандаҳо/душманони табиии зараррасонҳо;
- Истифодаи пестисидҳое, ки душманони табиии зараррасонҳоро нобуд мекунанд;
- Технологияи парвариши зироатҳое, ки механизмҳои ҳифзи растаниҳоро паст мекунад.
- Пастшавии механизмҳои табиии муҳофизатии зироатҳо;
- Таҷрибаи парвариш, ки ба паҳншавии зараррасонҳо мерасонад.

Афзоиши шумораи аҳолӣ дар асри XX ва зиёдшавии сарборӣ ба замин инсонро водор кард, ки зироатҳоро дар масоҳатҳои истеҳсолӣ зиёдтар кунанд, мубориза бо зараррасонҳои зироатҳо яке аз чораҳои муҳимтарини инкишофи хоҷагии қишлоқ гардид.

Ҳамин тариқ, барои мубориза бо зараррасонҳо намудҳои гуногуни пестисидҳои сунъиро истеҳсол карданд. Маводҳои кимиёвии мазкур хеле зиёд истифода мешуданд, аммо таъсири онҳо ба муҳити атроф дар давоми солҳои зиёд назорату тафтиш карда намешуд. Дар натиҷаи истифодаи маводҳои кимиёвии мазкур на танҳо зараррасонҳо, балки ҳашароти фоидаовар нобуд карда шуданд, ки ба вайроншавии ҷиддии тавозуни экологӣ ва таъсири манфии он ба инсон оварда расонд.

## Тоборварии зараррасонҳои зироатҳо нисбат ба маводҳои кимиёвӣ

Истифодаи аз меъёр зиёди пестисидҳои кимиёвӣ боз як норасоӣ дорад – афзоиши шумораи зараррасонҳое, ки ба таъсири маводҳои кимиёвӣ тобовар шудаанд.

Озмоишҳои илмии 1935 сол нишон доданд, ки танҳо ҳафт намуди ҳашарот ба маводҳои кимиёвии истифодашаванда тобовар мебошанд. Озмоиши 1986 сол нишон дод, ки новобаста ба истифодаи воситаҳои нисбатан сахт заҳролуд, шумораи ҳашароти ба онҳо тобовар 462 намудро ташкил кард. Якҷоя бо ин истифодаи фунгисидҳо барои паҳншавии тобоварии занбурӯғ имкон дод. Аз 1986 сол шумораи зараррасонҳои ба маводҳои кимиёвӣ тобовар боз ҳам зиёд шуд.

Байни оилаи ҳашаротҳо ҳамеша намудҳое хоҳанд буд, ки нисбат ба маводҳои кимиёвӣ тобовар мегарданд. Ҳашаротҳои тоб оварда чунин насле меоранд, ки ба таъсири кимиёвии минбаъда тобовар мешаванд, зеро волидайни онҳо нисбати маводи кимиёвӣ масъуният пайдо кардаанд. Бо мурури сол шумораи зиёдшавандаи ҳашаротҳои мазкур то гум кардани самаранокии маводи кимиёвӣ ба он тобовар мемонад. Усули номбаршудаи мубориза бо ҳашаротҳо мушкилотеро ба миён меорад, ки якҷоя бо зараррасонҳо ҳашароту ҳайвонҳое, ки зараррасонҳои растаниро истеъмол мекунанд, низ нобуд карда мешаванд. Ҳамин тариқ, механизмҳои табиӣ ва кимиёвии мубориза бо зараррасонҳо вуҷуд надорад.

Барои тартиб додан ва амалӣ кардани барномаи босубот ва самараноки ҳифзи растаниҳо талаботҳои мувозинатро дар низоми табиии экологӣ муайян карда, таҳлили онҳоро гузаронидан зарур аст. Вазифаи асосии ҳар як кишвар муқарраркунии он мебошад, ки низоми табиӣ чист. Фермерон бояд аз рӯи имкон аз истифодаи маводҳои кимиёвӣ даст кашанд ва бар ивази он усулҳои муборизаро тариқи истифодаи душманони табиии зараррасонҳо истифода кунанд.



**ВАЗИФА**

Мушоҳида:

- Дар гурӯҳҳои ду-чорнафара ба кӯча бароед, аққалан се намуди гуногуни ҳашаротро пайдо намоед ва расми онҳоро кашед. Метавонед онҳоро номбар намоед? Нависед, ки шумо онҳоро аз куҷо пайдо намудаед: дар болои дарахт, зери санг, дар болои бутта ва ғ.
- Расми паррандаҳоеро, ки дида будед, кашед.
- Барои чӣ ба ҳаёти паррандагон аҳамият додан муҳим аст?

Ҳашаротҳоро равшании баланд ҷалб мекунад. Агар дар саҳни ҳавли хонаатон чароғҳо мавҷуд бошанд, онҳоро бегоҳ равшан кунед ва мушоҳида намоед, ки кадом намуди ҳашаротҳо ба равшании чароғ парида меоянд.

## Воситаҳои биологии ҳифзи растаниҳо тариқи истифодаи душманони табии зараррасонҳо

Барои мусоидат ба зиёдшавии насли душманони табиии зараррасонҳои зироатҳо мо бояд шароитҳои экологии мутобиқро фароҳам орем. Ба ин вақти зиёд (солҳо) зарур аст, аммо инро бо роҳҳои зерин амалӣ кардан мумкин аст:

- **Парвариши намудҳои гуногуни растаниҳо,** чун дарахтони навъҳои гуногун, гулҳо, буттаҳо ва зироатҳо. Ҳар қадаре, ки намудҳои растаниҳо зиёд бошад, ҳамон қадар шумораи душманони табиии зараррасонҳои растаниҳо дар ҳамон маҳал зиёд мешавад.
- **Сабзонидани девори сабз,** ки аз буттаҳои гуногун, дарахтони қадашон баланду паст. Растаниҳои баланд барои тортании тортанакҳо ва доштани ҳашароти парвозкунанда имкон медиҳанд.
- Зироатҳои поликултурӣ парвариши намудҳои зиёди зироатҳо ва растаниҳои дорувориро дар бар мегирад, ки дар маҷмӯи онҳо растаниҳое мавҷуданд, ки баъзе аз ҳашаротро нест мекунанд ё дур мекунанд. Ба модули парваришкунии сабзавот нигар.
- Парвариши растаниҳои инсектисидӣ, ки гард ва шаҳдро истеҳсол карда, бо ин ҳашаротҳои калонро ба худ ҷалб мекунанд ва ҳашаротҳо тухм гузошта, барои тавлиди насли ҷавони душманони табиии зараррасонҳои растаниҳо кӯмак мекунанд.

Дахолати инсон ба табиат ба вайроншавии як қатор ҷанбаҳои муҳити табиӣ расонд. Барқарорсозии оне, ки мо аз даст додем, кӯшиши зиёд ва вақти тӯлониро талаб мекунад.

## Ҳифзи растаниҳо

Як қатор растаниҳое мавҷуданд, ки ба худ ҳашаротҳои қиркунандаро ҷалб мекунанд. Ба онҳо дохил мешаванд:

| Оилаи растанӣ | Растанӣ |
|---|---|
| Бобуна | Бобуна,чиликгул |
| Сабзӣ | Фенхел, шибит, кашнич |
| Лӯбиёгиҳо | Юнучқа, люсерна, лӯбиёи хӯроки чорво |
| Карам | Хардал, шалғамча |
| Марҷумак | Растании инсектисидӣ ва зироати самараноки сабз |

Оилаи ин растаниҳо ҳашаротҳои даррандаро бо шаҳду гарде, ки онҳо истеъмол мекунанд, таъмин менамоянд. Ҳашаротҳои мазкур зиёд мешаванд, баъдан зараррасонҳоро нобуд мекунанд.

Инчунин шумораи зиёди паррандаҳо, хазандаҳо ва ҳашаротҳое мавҷуданд, ки зараррасонҳоро истеъмол мекунанд ва онҳоро нобуд мекунанд. Ба онҳо дохил мешаванд:

- Паррандаҳо ба монанди фотимачумчуқ, гунҷишк, чӯбхӯрак, ки дар қисми болоӣ ва баланди дарахтон барои муҳофизат аз гурба ва дигар ҳайвонҳо лона монда, чӯҷа мебароранд. Ин паррандаҳо аксарияти ҳашаротҳои зараррасонро истеъмол мекунанд.
- Қурбоққаҳо дар вақти шаб фаъоланд ва аксарияти ҳашаротҳои зараррасон, инчунин зочаҳои зараррасонҳоро истеъмол мекунанд;
- Калтакалос ва хорпуштакҳо низ аксарияти ҳашаротҳои зараррасонро, ба монанди зуллукҳо истеъмол мекунанд;
- Ҳазорпояҳо кана ва дигар ҳашаротҳои хурдро истеъмол мекунанд;
- Ҳамаи тортанакҳо ҳамаи ҳашаротҳои ба тори онҳо афтидаро истеъмол мекунанд;
- Шумораи зиёди ҳашароти пардор мавҷуд аст, ба монанди говзанбӯр, ору ва сӯзанак, ки паррида ҳашаротҳои зараррасонро медоранд, кирми онҳоро нобуд мекунанд ва насли худро бо он ғизо медиҳанд;
- Гамбусакҳо ва канаҳо;
- Халилихӯрак;
- Кӯршабпарак.

Ҳамаи организмҳои номбаршуда барои тиҷорати полезии ту манфиат меоранд, аз ин рӯ онҳо дар муҳофизат ва муомилаи бодиққат эҳтиёҷ доранд. Ин ҳашаротҳои фоидаовар ҳангоми истифодаи маводҳои кимиёвӣ бо осонӣ нобуд мешаванд.

Тарзҳои ҳифзи растаниҳоро бо ҳамин тарз васеъ кардан зарур аст, ки ҳаддалимкон ҳамаи ҳашаротҳои фоиданок истифода шаванд. Ту шумораи ҳашаротҳои фоиданокеро, ки полези туро муҳофизат мекунанд, то даме, ки усулҳои муҳофизати кимиёвиро қатъ нанамоӣ ва растаниҳои барои зиёдшавии шумораи ҳашаротҳои фоиданокро парвариш нанамоӣ, дониста наметавонӣ.

Мушоҳидаи бодиққати растаниҳо ва фаъолияти ҳашарот дар полези худ бояд ба ту дар кам кардани истифодаи маводҳои кимиёвӣ кӯмак кунад. Як қатор воситаҳои арзон ва ғайрикимиёвӣ мавҷуданд. Ҳаракат намо, ки онҳоро то истифодаи маводҳои кимиёвӣ истифода намоӣ. Воситаҳои мазкур мувозинати низоми экологиро вайрон намекунанд.

## Воситаҳои ғайрикимиёвии табиӣ

Ба воситаҳои ғайрикимиёвии табиӣ шумораи зиёди омехтаҳои аз маводҳои табиӣ истеҳсолшуда ва барои пошидан ва коркарди растаниҳо истифодашаванда дохил мешаванд. Новобаста ба табиӣ будани онҳо, ҳангоми истифодаи нодуруст онҳо метавонанд ба инсон таъсири манфиро расонанд. Ҳангоми истифодаи ҳама гуна спрейҳо, ҳамеша қоидаҳои дар модули ҳифзи меҳнат дар хоҷагии қишлоқ шарҳдодашуда риоя намо.

Новобаста ба шумораи зиёди воситаҳои кимиёвӣ истифодаи маводҳои табиӣ растаниҳои парваришшавандаи туро аз зараррасонҳо муҳофизат мекунанд. Ҳар як боғпарвар ё сабзавотпарвар бояд барои баҳогузории натиҷаҳои воситаҳои табиӣ ба растаниҳо озмоиш гузаронад. Бо истифодаи маводҳои табиӣ ту бо ҳашаротҳои даррандаи табиии фоидаовар барои зиёдшавии насл имкон медиҳӣ ва бо ин роҳ ба зараррасонҳои зироатҳо мубориза мебарӣ.

# Воситаҳои табии фоиданок



## 1. Пестисидҳои ғайриорганикӣ

**Сулфур (олтинг):** зидди ширинча, занг, шӯракали себ, пӯсиши сурхи дарахтони донакдор маводи самаранок аст. Сулфур дар намуди хока ё маҳлули обӣ истифода мешавад. Он дар ҳарорати аз 32°C баланд истифода намешавад, зеро метавонад баргҳоро сӯзонад. Сулфур одатан ба ҳашароти фоидаовар зарар намерасонад. Ҳангоми истифодаи сулфур корманд бояд либоси муҳофизатӣ пӯшад, хокаро нафас нагирад ва аз ҳолати ба сатҳи пӯст ё чашм расидани он эҳтиёт шавад.

**Мис:** қисми таркибии асосии моеи Бордо – маводи анъанавии бар зидди сироятҳои занбурӯғии боғҳо истифодашаванда мебошад. Он барои мубориза бо печидани барги шафтолу, ширинча, занг, холзании сиёҳ, холзании баргҳо ва пажмурдашавӣ (вилт) истифода мешавад. Риояи мӯҳлати истеъмоли мавод хеле муҳим аст, зеро он метавонад ба бофтаҳои ҷавони баргҳои растанӣ зарар расонад. Моеи Бордо тариқи омехтакунии сулфати мис ва оҳаки сӯхта ба даст меоранд. Кормандоне, ки моеи Бордоро истифода мекунанд, бояд либоси муҳофизатӣ пӯшанд ва аз ҳолати ба сатҳи пӯст ё чашм расидани он эҳтиёт шаванд.

**Бор:** минерали табиӣ. Он аз омехтаи натрий, бор ва оксиген иборат аст, ки дар намуди хока истеҳсол шуда зидди суворакҳо, инчунин ба сифати фунгисид дар дарахтони ситрусӣ истифода мешавад.

## 2. Равған барои истифода дар боғдорӣ:

Равғани қисми асосии таркибиаш бензин, ҳашаротҳо, азҷумла кана, ширинча, сипарболак, намадак ва сафедболак дар ҳамаи марҳилаҳои ҳаёташон бо маҳкамкунии роҳи нафас нобуд мекунад. Равған захираи кӯтоҳи натиҷавӣ дорад ва одатан ба насли ҳашароти фоидаовар нисбат ба маводҳои сунъӣ таъсири кам мерасонад.

## 3. Инсектисидҳои ботаникӣ ва биологӣ:

Инсектисидҳои ботаникиро аз растаниҳо истеҳсол мекунанд. Афзалияти гербисидҳои табиӣ дар он аст, ки онҳо дар муҳити атроф зуд таҷзия шуда, микроорганизмҳо дар таркиби хок онҳоро зуд аз худ мекунанд.

**Пиретрум:** Инсектисиди ботаникӣ мебошад, ки аз гули довудӣ(Chrysanthemum cinerariaeolium) истеҳсол мешавад. Гулҳои хушккардашударо хока мекунанд. Пиретрум барои мубориза бо ширинча, мӯрча, гамбуск, кирмҳо, пашшаҳо, канаҳо, суворак ва шабуш истифода мешавад. Он инчунин ҳашароти фоидаоварро нобуд мекунад, бинобар ин аз истифодаи он ҳаддалимкон даст кашидан зарур аст. Истифодаи инсектисиди мазкур танҳо дар либоси муҳофизатӣ мумкин аст. Растании мазкурро дар боғ барои дур кардани ҳашаротҳои зараррасон парвариш кардан мумкин аст.

**Мелия:** Мелия қиёми мелияи ҳинду (Azadirachta Indica) – дарахт мебошад, ки дар Ҳиндустон мерӯяд. Он ба иқлими гарму хушк ва хунук мутобиқ шудааст, аммо ба хунукӣ ҳассос аст, бинобар ин дар иқлими Қирғизистон мутобиқ шуда наметавонад. Воситаи мазкур дар намуди коркардшуда дастрас аст. Ҳангоми воридкунии қиём ба хок, он тавассути решаҳо ҷаббида мешавад ва дар тамоми растанӣ паҳн мешавад. Мелияро барои мубориза бо малах, пашша, кирм, гамбуск, сипарболак, канаи намад, пашшаҳо, гамбускҳо ва сафедболакҳо истифода мекунанд. Маводҳои таркибии гуногуни мелия ҳамчун воситаи дуркунӣ, сусткунии қадкашӣ, тозакунанда ва токсинҳои бевосита амал мекунанд. Амалҳои мазкур эҳтимоли сусти инкишофи тобоварӣ дар ҳашаротро маъно доранд. Ба аксарияти ҳашаротҳои фоидаовар, чун ору ва канаҳои ҳашаротхӯр, мелия таъсир намерасонад.

**Равғани сирпиёз:** Равғани сирпиёзро аз сирпиёз истеҳсол мекунанд (Allium sativum). Сирпиёз барои як қатор ҳашаротҳо заҳролуд аст, азҷумла барои ҳашаротҳои фоидаовар. Он ширинчаро нобуд мекунад, аммо душманони табиии онро низ нобуд мекунад, бинобар ин маводи мазкурро ҳангоми мавҷуд будани роҳҳои дигар ҳаддалимкон кам истифода кардан зарур аст.

**Маҳлул аз омехтаи пиёз, сирпиёз ва қаланфури тез:** Ин фунгисиди сабук, антисептик ва антибиотики бӯяш тез аст. Он барои мубориза бо ҳашаротҳои

нармбадани хунхӯр, чун ширинча, кана, трипс ва сипарболакҳо, инчунин зуллукҳо, кирмҳо хуб истифода бурда мешавад.

## 4. Спрейро чӣ тавр омода кардан мумкин аст?

1. Ду пиёз, шаш пора сирпиёз ва шаш дона қаланфури тунди поракардашударо омехта кун.
2. Омехтаро ба зарфи пластикӣ андоз, то ду сантиметр бо об пур кун, омехта намо ва ба бисту чор соат гузор.
3. Маҳлули тайёршударо дар панҷ литр об омехта намо.
4. Маҳлулро такшон кун ва онро дар давоми 24 соат истифода намо.



**Феромонҳо –** ин дастгоҳҳое, ки барои ҷалб кардани ҳашаротҳо ба манбаи заҳролуд хизмат мекунанд.

**Бактерияҳо Bacillus thuringiensis –** ин хокаи дастраси бактериалии арзон, ки барои мубориза бо кирмакҳо ва тухми шабпараки карам истифода мешавад.

Растаниҳо – ҳамрав: Кишти омехтаи растаниҳои гуногун дар полез метавонад паҳншавии зараррасонҳоро кам намояд. Шибит, ки ҳамроҳи карам шинонида шудааст, шумораи кирмакҳоро кам менамояд. Пиёзе, ки назди сабзӣ шинонида шудааст, шумораи пашшаи сабзиро кам мекунад. Сирпиёз метавонад аксарияти ҳашаротро дур кунад, гули ҳуҷастаи африкоӣ барои мубориза бо нематодҳо кӯмак мекунад. Маълумоти нисбатан муфассалро дар модули минбаъда оиди парвариши ***сабзавот*** пайдо карда метавонед.

## 5. Монеаҳои табиӣ

**Монеаҳо:** Омодакунии омехта аз оҳаки сӯхта тариқи иловакунии се-чор пиёла оҳак ба ду литр об. Бо омехта танаи дарахтро аз сатҳи замин то навдаҳои якум сафед кардан мумкин аст, ки ин барои ҳашаротҳои хазанда, уховертка, митта, тӯқумшуллук ва тухми ҳашарот монеа ба меваҳо мегардад.

**Часпакҳои зард:** Ранги баланди зард ҳашаротро ҷалб мекунад, бинобар ин онро барои ҷалб кардан ба часпакҳои ширешдор истифода кардан мумкин аст. Варақҳои картонии 30 см-ро бо ранги зард ранг намо, ба он равгани часпак (масалан, равгани чарх ё қатрон) молида, онро дар ҷойҳои гуногуни боғ ба масофаи ду метр аз ҳамдигар овез. Ҳамин тариқ ту метавонӣ барои ҳашаротҳо домҳоро созӣ.

Ҳамаи усулҳои дар боло шарҳдодашуда тавсияҳои экологии мақсаднок мебошанд. Шумо бояд озмоиш кунед. Дар аксарияти кишварҳои тараққикарда одамон барои барқарорсозии низоми табиат ва пешбурди фаъолияти тиҷоратӣ бо назардошти низоми экологӣ кӯшиш мекунанд.

Барои оянда ва наслҳои минбаъдаи инсоният ҳар як инсон бояд саҳми худро барои барқарорсозии табиат гузорад.

## Аҳамияти банақшагирии барномаи мубориза бо зарарасонҳо

Барномаи мубориза бо зарарасонҳо бояд хуб ба нақша гирифта шуда бошад. Ҳангоми ин диққати худро ба инкишофи низоми экологии ботавозун дар боғ ё полез додан зарур аст. Ин дар ҳолате рӯй медиҳад, ки агар боғдорон ва сабзавотпарварон сабти бодиққати маводҳои кимиёвии истифодашуда, санаи истифодаи онҳо ва натиҷаҳои бадастомадаро амалӣ намоянд.

## ВАЗИФАИ ХОНАГӢ

Ҳаддалимкон бо шумораи зиёди одамоне, махсусан калонсолоне, ки дар хоҷагии қишлоқ панҷоҳ соли охир фаъолият кардаанд, мусоҳиба гузаронед. Шахсони калонсол ҳамеша дар бораи коре, ки онҳо "солҳои хуби пешина" иҷро мекарданд, сӯҳбат карданро дӯст медоранд, бинобар ин лаҳзаҳои ҷолиби ҳаёти худро ба хотир меоранд. Онҳоро дар бораи таҷрибаи истифодаи маводҳои кимиёвӣ дар солҳои 1960-ум ва 70-ум пурсед. Кадом маводҳои кимиёвӣ истифода мешуданд? Чаро маҳз ҳамин маводҳои кимиёвиро истифода мекарданд? Натиҷаҳои мусбиву манфӣ буданд? Баъдан бо мушовири деҳоти маҳалли сӯҳбат намоед ва пурсед, ки кадом воситаҳои кимиёвӣ дар айни замон истифода мешаванд? Чаро ҳамин маводҳои кимиёвӣ истифода мешаванд? Натиҷаҳо манфию мусбии он мавҷуданд ё не? Ба синф маълумот диҳед.



**ОГОҲӢ!**

**Чораҳои эҳтиётро ҳангоми истифодаи ҳама гуна маводҳои ҳифзи растаниҳо дар хотир дор. Дар тамғақоғази мавод бояд таркиб ва қоидаҳои истифодаи он мавҷуд бошад. Пеш аз истифодаи мавод бодиққат дастурамалро хон ва ба он қатъиян риоя намо.**

# ДАРСИ 22

# Воситаҳои кимиёвии ҳифзи растаниҳо

## Калимаҳои нав

**Ҳифзи растаниҳо** — Фаъолияте, ки ба мубориза бо организмҳое, ки ба зироатҳо дар боғ, полез ё майдонҳо зарар мерасонанд, равона карда шудааст.

**Зарарраcонҳо** — Организмҳое, ки ҳосил ё сифати зироатро паст мекунанд ва ба хоҷагии қишлоқ зарари иқтисодӣ мерасонанд. Ба зарарраcонҳо бактерияҳо, занбурӯғҳо, вирусҳо, ҳашарот, канаҳо, алафҳои бегона ё хояндаҳо дохил мешаванд.

**Сӯзиш** — Нобудкунии бофтаҳои ҷавон ва нозуки растаниҳо ҳангоми истифодаи қиёми баланди маводҳои кимиёвӣ.

**Пестисид** — Истилоҳи умумии ҳамаи маводҳои кимиёвие, ки барои мубориза бо зарарраcонҳо истифода мешавад. Вобаста ба объекти мубориза пестисидҳо метавонанд гербисид, фунгисид, инсектисид ё акарисид бошад.

**Гербисид** — Маводҳои кимиёвие, ки барои мубориза бо алафҳои бегона истифода мешаванд.

**Фунгисид** — Маводҳои кимиёвие, ки барои пешгирии афзоиш ва паҳншавии занбӯрӯғ истифода мешаванд.

**Инсектисид** — Маводҳои кимиёвие, ки барои мубориза бо ҳашаротҳо истифода мешаванд.

**Акарисид** — Воситаҳои кимиёвие, ки барои ҳифзи растаниҳо аз канаҳо истифода мешаванд.

## Ҳифзи растаниҳо аз зарарраcонҳо ва бемориҳо

Агар зироатҳои хоҷагии қишлоқ гирифтори бемори ё тороҷи зарарраcонҳо шаванд камшавии қисми ҳосилнокӣ ва пастшавии сифати он мушоҳида мешавад. Барои пасткунии талафоти мазкур саривақт ва дуруст андешидани чораҳои муҳофизатӣ зарур аст.

Азбаски зарарраcонҳо ва бемориҳо дар давраи пурраи инкишоф зарар мерасонанд, бинобар ин чораҳои мубориза бо онҳо бояд дар аз оғози мавсими баҳор то охири тирамоҳ гузаронида шаванд. Барои барвақт пайдо кардани зарарраcонҳо ё патогенҳо, саривақт гузаронидани мубориза бо онҳо, растаниҳоро аққалан як маротиба ҳар ҳафта мушоҳида намо. Дар полезҳо, боғҳо ё майдонҳо ҳам усулҳои кимиёвӣ, ҳам ғайрикимиёвии мубориза бо растаниҳо ва бемориҳоро истифода кардан мумкин аст. Мавзӯи гузашта ба усулҳои ғайрикимиёвӣ бахшида шуда буд, дар мавзӯи мазкур ту дар бораи воситаҳои кимиёвии ҳифзи растаниҳо маълумот мегирӣ.

# Усулҳои кимиёвӣ

Усули кимиёвии ҳифз дар истифодаи пестисидҳои кимиёвӣ асос ёфтааст, ки ба нобудшавии ҳашаротҳо, канаҳо ва намудҳои дигари ҳашаротҳо ва зараррасонҳо мерасонад. Миқдори начандон калони воситаҳои кимиёвӣ таъсири босуръат ва самаранок мерасонад.

## Мушкилоте, ки дар натиҷаи истифодаи воситаҳои кимиёвӣ ба вуҷуд меоянд

Воситаҳои кимиёвӣ ба муҳити атроф таъсири манфӣ мерасонанд, инчунин дар таркиби ҳосил ҷамъоварӣ шуда, метавонанд дар растанӣ сӯзиш, дар фермерон ҳассосият ва бемориҳои дигарро ба вуҷуд оранд. Зиёда аз ин, зараррасонҳо ва патогенҳо бо мурури вақт ба воситаҳои кимиёвӣ тобовар мешаванд. Ҳамин тариқ, воситаҳои кимиёвӣ тадриҷан самаранокии худро гум мекунанд ва олимон дар соҳаи маводҳои нави кимиёвӣ фаъолиятро идома дода истодаанд.

## Навъҳои пестисидҳо:

- Пестисидҳои бевосита, ки ҳашаротро ҳангоми расидан ё тариқи заҳролудкунӣ нобуд мекунанд;
- Пестисидҳои бавосита, ки ба бофтаҳои растанӣ ворид шуда, оби бофтаи онро барои зараррасонҳо заҳролуд мекунанд.

Аммо бо мурури вақт зараррасонҳо нисбат ба аксарияти маводҳои кимиёвӣ тобовар мешаванд, бинобар ин истифодаи як навъи пестисидҳо дар давоми мӯҳлати дурударoз самара намедиҳад.

## Воситаҳои кимиёвии ҳифзи растаниҳо тақсим мешаванд:

- Гербисидҳо – барои мубориза бо алафҳои бегона;
- Инсектисидҳо ва акарисидҳо – барои мубориза бо ҳашарот ва канаҳо;
- Фунгисидҳо – барои мубориза бо занбурӯғҳо.

Воситаҳои бисёрсоҳаи  кимиёвӣ барои мубориза бо ҳамаи намудҳои ҳашарот ва бемориҳои растаниҳо вуҷуд надорад. Бинобар ин, роҳбари хоҷагии фермерӣ бояд оиди хусусиятҳои ҳар як маводи кимиёвӣ то истифода кардани он маълумот дошта бошад.

**Истифодаи бехатари воситаҳои кимиёвӣ**

**Дарсро оиди ҳифзи меҳнат дар хоҷагии қишлоқ такрор намоед.**



Пестисидҳо муоимилаи эҳтиёткоронаро талаб мекунанд! Заҳролудшавӣ бо маводҳои кимиёвӣ метавонад тавассути роҳи нафас, пӯст ё даҳон рӯй диҳад. Пестисидҳо бояд қатъиян тибқи қоидаҳои бехатарӣ истифода шаванд, то ки ҳама гуна хатар барои саломатии инсон ва муҳити атроф, инчунин ҷамъшавии боқимондаҳои заҳрнок дар майдонҳо пешгирӣ карда шавад.

**Қонунгузории Ҷумҳурии Қирғизистон** пешбинӣ намудааст, ки хизматрасонӣ оиди ҳифзи растаниҳо бояд аз ҷониби шахсони омӯзонидашудае, ки соҳиби сертификати намуни давлатӣ мебошанд, гузаронида шаванд.

## ВАЗИФА

Гирифтани маълумот:

1. Дар деҳаи ту ё деҳаи ҳамсоя кӣ хизматрасониро оиди ҳифзи растаниҳо расонида метавонад?
2. Нархи хизматрасонии мазкур чанд пул аст?
3. Ҳангоми истифодаи маводҳои кимиёвӣ шахс кадом чораҳои эҳтиётро бояд риоя намояд.

## Қоидаҳои умумии бехатарӣ

- Ҳангоми пошидан ё истифодаи маводи кимиёвӣ, либоси махсуси муҳофизатиро пӯшед, ки ниқоб, дастпӯшак, пойафзоли махсус ва айнакро дар бар мегирад.
- Ба ҳудуди гузаронидани коркарди кимиёвӣ дар намуди пошидан ва панҷ соат пас аз он кӯдакон ва занони ҳомиладорро ба наздик шудан иҷозат надиҳед.
- Коркардро ҳангоми вазидани шамол ё зидди самти шамол нагузаронед.
- Ҳангоми пошидани маводи кимиёвӣ тамоку накашед ва хӯрок истеъмол нанамоед.
- Маводҳои кимиёвиро дар зарфҳои истеҳсолкунанда нигоҳ доред. Ҳеҷ гоҳ тамғақоғазҳои онро наканед.
- Зарфу қуттиҳои маводҳои кимиёвии истифодашударо барои мақсадҳо ва таъиноти дигар истифода нанамоед, онҳоро зуд партов намоед.
- Пас аз гузаронидани коркарди кимиёвӣ дасту рӯятонро шӯед ва либоси муҳофизатиро дар ҷои мутобиқ шӯед, ки об на барои нӯшидани одамон ва ҳайвонҳо, балки танҳо барои шустушӯ истифода мешавад.
- Таҷҳизоти истифодашавандаро тоза шӯед. Барои он, ки оби истифодашуда ба оби тозаи барои дигар эҳтиёҷот истифодашаванда омехта нашавад, чораҳо андешед.
- Либос ва таҷҳизотро то истифодаи минбаъда дар ҷои боэътимод нигоҳ доред.

# Муҳофизат аз алафҳои бегона- гербисидҳо



Алафҳои бегонаи нисбатан паҳншудаи Қирғизистон:

## Бомас



- Алафи бегонаи яксола.
- Танҳо тавассути тухм паҳн мешавад. Як растанӣ тақрибан 600 тухм медиҳад.
- Намнокӣ ва ҳосилнокии хокро паст мекунад.
- Ҳамроҳи ҷав осон гардолуд мешавад ва сифати ҷавдонаро паст мекунад.

**Воситаҳои мубориза**

- Коркарди тухмиро гузарон.
- То пухтарасии тухмӣ онро ҷамъоварӣ намо (дар шакли майдакардашуда ба сифати ғизои чорво истифода намо, саргини чорвоеро, ки тухми бомасро истеъмол кардааст, ба сифати пору истифода нанамо).
- Гербисидҳои махсусро истифода намо.

## Ғешаи саҳрой



- Алафи бегонаи бисёрсола, ки бо реша паҳн мешавад.
- Одатан дар хоки намнок ва гилдор вомехӯрад.
- Пояаш то 150 см мерасад.
- Ба ҳамаи зироатҳо зарар мерасонад.
- Аз пояҳои дар хок боқимонда рӯида метавонад.
- Як растанӣ тақрибан 20 ҳазор тухмӣ медиҳад. Тухмӣ дар чуқурии зиёда аз 3 см рӯида наметавонанд.

**Воситаҳои мубориза**

- Шудгор дар моҳҳои аввали тирамоҳ
- Коркарди байниқатории зироат
- Истифодаи гербисидҳо.

## Лолахасаки худрӯй



- Растании яксола ё дусолаи бегона.
- Дар хоки ангиштдор хуб мерӯяд.
- Бо тухмӣ паҳн мешавад, тақрибан 10-20 ҳазор тухмӣ истеҳсол мекунад.

## Бодяки саҳрой



- Алафи бегонаи бисёрсола.
- Дар хоки аз азот сершуда хуб мерӯяд.
- Тақрибан 4-36 ҳазор тухм дорад.
- Тухмаш дар хок дар чуқурии 5 см мерӯянд.
- Метавонад аз қисмҳои боқимондаи поя рӯяд.
- Ҳангоми ҷамъоварии ҳосил мушкилӣ меорад.
- Сифати зироатҳои донагиро паст менамояд.

### Тарзи мубориза

- • Шудгори чуқур дар аввали мавсими баҳор.
- Коркарди байни қатории зироатҳо.
- Истифодаи гербисидҳои махсус.

# Ҳифз аз зараррасонҳо – инсектисидҳо ва акарисидҳо



Дар ҷадвали зерин зараррасонҳои нисбатан зиёд дучоршавандаи зироатҳои гуногун оварда шудаанд:

| Зироат | Ҳашароти зараррасон |
|---|---|
| Зардолу | Баргхӯрак, ширинча, митта, сипарболак, чехлоноскаи мева |
| Боқлаҷон | Гамбуски колорадӣ, канаи тортанак |
| Лаблабуи қанд | Шабпарак, канаи тортанак, ғалламус, шапараки саҳрой, ширинчаи барг |
| Ангур | Баргхӯрак, кана |
| Ғалладонагиҳо | Сангпуштак, трипси гандум, ширинчаи ғалладона, шапараки саҳрой |
| Карам | Ширинчаи барг, митта, шабпараки карам,шапарак, канаи тортанак |
| Картошка | Гамбуски колорадӣ, проволочник, кирми тиллоранги каҷак |
| Люсерна | Гамбуски митта, кайк, шапалак, шапарак, кирми ғафспоя, трипс, гамбуск, галлиса |
| Шафтолу | Кирми мева, сипарболак, кана, чехлоноска |
| Олу, олуча | Кирми мева, кайк, кана, сипарболак, чехлоноска |
| Помидор | Гамбуски колорадӣ, шабпарак, канаи тортанак |
| Бодиринг | Трипс, кана |
| Себ, нок | Кирми мева, кирми барг, кирм, кайк, кайки барг, тиллочашмак, митта, сипарболак,чехлоноска |
| Олуча | Пашшаи олуча, кайк, сипарболак, чехлоноска |
| Пиёз | Канаи тортанак, пашшаи пиёз |
| Лӯбиёгиҳо | Миттаи лӯбиё |
| Тамашк, қулфинай | Кана, ширинча, канаи барг, галлиса |

## Кирми мева







- Ба нок, зардолу, шафтолу ва чормағз таъсир мерасонад.
- Дарозии пари кирми мева 14-20 мм аст.
- Кирми меваи калон одатан зери пӯстлохи дарахт зимистонро мегузаронад.
- Дар мавсими баҳор зоча мегузорад, ҳангоми гулкунии дарахтони мевадор шапарак мешавад.
- Модинаи кирми мева дар барги дарахтон тухм мегузорад.
- Кирмакҳои он пас аз 15-20 рӯз ба кирми калон мубаддал мешаванд.
- Онҳо мева ва тухми онро нобуд мекунанд, ки дар натиҷа мева барвақт мепазад ва ба замин меафтад.
- Кирми мева дар як сол 2-3 насл мебарорад.

**Воситаҳои мубориза**

- Инсектисидҳо барои навъҳои барвақтии себ - 2 бор; барои навъҳои зимистона - 3 бор.
- Инсектисидҳо бояд пас аз 15-20 рӯзи гулкунии дарахтони мевадор истифода шаванд.
- Пошидани такрорӣ пас аз 10-12 рӯз амалӣ карда мешавад.
- Барои навъҳои зимистонаи себ пошиши сеюм пас аз 10-12 рӯз пошиши дуюм амалӣ карда мешавад.

## Пашшаи пиёз



- Пашша аз пашшаҳои оддӣ бо ранги хокистарранг-ҷигарии худ фарқ мекунад.
- Пашшаи пиёз одатан 8 мм дарозӣ дорад.
- Зочаи он ранги ҷигарӣ дорад.
- Пашша баҳори барвақт дар мавсими гулкунии олуча ва бобуна мебарояд.
- Модинаи пашша тухмро ба замин наздик ба танаи растанӣ мегузорад.
- Пас аз 3-4 рӯз аз тухм кирмакҳо мебароянд.
- Кирмакҳо дар давоми 3 ҳафта инкишоф меёбанд.



### Тарзи мубориза

- Боқимондаи пиёзро пас аз ҷамъоварии ҳосил нобуд кун.
- Майдонро аз боқимондаҳои пиёз тоза намо.
- Киштгардонро истифода намо.
- Кӯчати навро дар ҷойҳое шинон, ки қаблан пиёз накорида шуда бошад.



### Воситаҳои кимиёвӣ

- Вақти истифода хеле муҳим аст.
- Мушоҳида намо, ки пашшаҳои аввалин кай мебароянд.
- Мунтазам бо инсектисидҳо коркард намо.
- Дар мавсими баҳор доруворираро пош.
- Коркарди дуюмро пас аз 10 рӯз пас аз коркарди якум дар ҳолати пайдошавии пашша амалӣ намо.

# Ҳифз аз бемориҳо – фунгисидҳо

## Манбаъҳои бемориҳои растаниҳо кадомҳоянд?

Манбаъҳои асосии бемориҳои растанӣ тухмӣ ва хок мебошанд. Дар таркиби онҳо метавонад шумораи зиёди патогенҳои гуногун мавҷуд бошад. Патогенҳо (микроорганизмҳои бемориофар) дар боқимондаҳои растаниҳо, дар баргҳои ба замин афтида дар боғ ё майдон зимистонро мегузаронанд.

Вобаста аз мақсад бо фунгисидҳо тухмӣ, растаниҳо ё хокро коркард мумкин аст. Инчунин онҳоро барои коркарди маҳсулоте, ки барои нигоҳдорӣ тайёр карда шудаанд, истифода кардан мумкин аст.

Дар ҷадвали мазкур бемориҳои нисбатан зиёд дучоршавандаи растаниҳо оварда шудаанд:

| Зироат | Бемориҳо |
|---|---|
| Зардолу | Ширинча, клястероспориоз, монолиазис, псевдомонаси кабудча |
| Лаблабуи қанд | Ширинчаи қалбакӣ, серкоспороз, ширинча |
| Ангур | Ширинчаи қалбакӣ |
| Ғалладонагиҳо | Ғубор, қарокуя, ширинчаи қалбакӣ, ширинча, офиоболез |
| Карам | Қарокуя, фитофтороз |
| Картошка | Фитофтороз, ширинчаи қалбакӣ, пояи сиёҳ |
| Шафтолу | Чаппашавии барг, ширинча, клястероспориоз, монолиазис, псевдомонаси кабудча |
| Олу, олуча | Ширинча, клястероспориоз, монолиазис, псевдомонаси кабудча |
| Помидор | Фитофтороз |
| Бодиринг | Пероноспора |
| Себ, нок | Баргпарто, ширинча, монолиазис, псевдомонаси кабудча |
| Олуча | Ширинча, монолиазис, псевдомонаси кабудча |
| Пиёз | Пероноспора |
| Лӯбиёгиҳо | Антракноз |

## Сипарболаки калифорниягӣ







- Себ, нок, шафтолу ва дарахтони дигари мевадиҳандаро сироят мекунад.
- Модинаи сипарболак одатан ранги ҷигарӣ дорад, дарозиаш 1 мм, 2-3 маротиба дар як сол насл медиҳад. Ҷинси нарина андозаи хурд бо як ҷуфт бол.
- Дар вақти гулкунии себ пайдо мешаванд.
- Зараррасонҳо дар сатҳи пӯсти себ ранги шаффоф доранд ё ранги сафедтоби зард доранд.
- Модинаи сипарболак тухм намегузоранд, аммо кирмаки зинда истеҳсол мекунанд.
- Кирмакҳо ҳамроҳи модина тақрибан 4-6 ҳафта меистанд.
- Модинаи сипарболак метавонад ҳар 10 рӯз насл диҳад, шумораи умумии он ба 80-100 кирмак дар давоми 7-8 ҳафта расида метавонад.
- Онҳо барои афзоиши дарахт ва меваҳо монеъ мешаванд.
- Пас аз ҷаббида шудани шарбати мева дар себ доғҳои сурх пайдо мешаванд.

### Воситаҳои мубориза

- Дар дарахтони меваҳо то пайдошавии муғча ва пӯсти ҳашарот сахт нашудааст, равғанро истифода намо.
- Дорупошии саривақтии дарахтони мевадорро гузарон.
- Истифодани аз мӯҳлат дери инсектисидҳо метавонад ба натиҷаҳои бад расонад.

**Ҳифзи маҷмуавии растаниҳо –** ин мутобиқаткунонии усулҳои агротехникӣ, биологӣ ва кимиёвии ҳифзи растаниҳо аз зараррасонҳо, бемориҳо ва алафҳои бегона аст. Ҳифзи мазкур то андозае барои муҳофизати ҳашаротҳои муфид ва паст кардани таъсири манфии чораҳои ҳифзи растаниҳо ба муҳити атроф ва саломатии инсон кӯмак менамояд.



**ВАЗИФА**

Дар шакли мақола бо сарлавҳаи “Ҳифзи бехатари растаниҳо ва хизматрасонӣ оиди ҳифзи растаниҳо дар деҳаи ман” ҳикоя навис. Ҳикояти беҳтарин дар рӯзномаи маҳаллӣ чоп шуда метавонад.

ФАСЛИ 8

# ПЕШБУРДИ ХОҶАГИИ ЗАМИН БАРОИ НОИЛШАВӢ БА НЕКӮАҲВОЛӢ




Саҳифаи 230 | Парвариши сабзавот дар полез

Саҳифаи 240 | Парвариши картошка

Саҳифаи 247 | Парвариш ва буридани шохҳои дарахтони мевадор

ДАРСИ 23

# Парвариши сабзавот дар полез

## Калимаҳои нав

| | |
|---|---|
| **Киштгардон** | Кишти бонавбати намудҳои гуногуни растаниҳо дар қитъаҳои гуногуни замин ва барои ҳифз аз ҷамъшавии бемориҳо дар хок. Аксарияти зироатҳоро дар як қитъаи замин дар давоми якчанд сол кишт кардан мумкин нест, шинонидани як зироат пас аз чанд сол тавсия дода мешавад. Масалан, агар ту имсол картошка кишт карда бошӣ, дар қитъаи мазкур кишт кардани картошка пас аз се сол беҳтар аст. |
| **Нематодҳо** | Кирмҳои начандон калони гирд |

**Полез –** Қитъаи замини доимо тағйирёбанда.

Дар дарсҳои гузашта мо як қатор омилҳоеро баррасӣ кардем, ки ба сабзавотпарварӣ таъсир мерасонанд. Ба онҳо дохил мешаванд:

- Ҳарорат ва об;
- Поруҳо;
- Кишти сабзавот ва фосилаи байни онҳо;
- Моводҳои табиӣ ва кимиёвӣ барои ҳифзи сабзавот аз патогенҳо ва зарарасонҳо.

То омӯхтани модули мазкур маълумоти мазкурро такрор кардан зарур аст.

## Аҳамияти парвариши сабзавоти полезӣ

Сабаби асосии парвариши сабзавот таъмин кардани инсон бо маҳсулоти хӯрока барои инкишофи минбаъдаи ӯ мебошад. Сабзавот таъмин мекунад:

- Бо нерӯ барои афзоиш ва фаъолияти дурусти организм;
- Бо сафедаҳое, ки барои сохтори мушакҳо ва бофтаҳои дигари бадани инсон истифода мешаванд;
- Бо чарбҳо барои дурудароз нигоҳ доштани нерӯ дар организм бо мақсади истифодаи минбаъдаи он;
- Бо витаминҳо, ки моводҳои хурди кимиёвие мебошанд, ки барои гузаронидани реаксияҳои кимиёвӣ дар организм кӯмак мекунанд;
- Бо минералҳое, ки барои аксарияти узвҳои организми инсон дар таркиби устухон ва бофтаҳои нарми бадан, барои гузаронидани реаксияҳои кимиёвии организм заруранд.

Барои кори хуби низоми ҳозимаи инсон ба ӯ ғайр аз таркиби ғизоии маҳсулоти хӯрока наххои ғизоӣ заруранд (ғозҳо), ки онҳоро сабзавоти полезӣ таъмин мекунад.

**ВАЗИФА**

Рӯйхати ҳамаи маҳсулоти хӯрокаеро тартиб деҳ, ки аъзоёни оилаи шумо дар давоми се рӯзи охир истеъмол карданд. Ба хӯроки шумо кадом миқдори сабзавоти гуногун ворид карда шудааст? Рӯйхати мазкурро бо ҷадвали дар зер овардашуда муқоиса намо ва муайян намо, ки чӣ қадар нерӯ, карбогидратҳо ва чарбҳо ба хӯроки оилаи ту дохил мешавад. Оилаи шумо дар вақти хӯроки се рӯзи охир боз бо кадом элементҳои дигар таъмин буд?

Ба инсон барои фаъолияти бадани ӯ, яъне гузаштани реаксияҳои кимиёвӣ, хориҷкунии партовҳои организми инсон ва кӯмак дар танзими ҳарорати бадани инсон об зарур аст. Бадани инсон аз 66% об иборат аст. Ҳаҷми об дар организм вобаста аз ҷинс, синнусол ва андозаи бадан фарқ дорад.

## Талаботи ҳаррӯза дар хӯрок

Талаботи ҳаррӯза дар хӯрок




Нон, биринҷ, донагиҳо ва макарон

Сабзавот инсонро бо маводҳои ғизоии зиёд таъмин мекунанд. Дар ҷадвали зерин арзиши ғизоии тахминии 100 гр сабзавоти дар Қирғизистон парваришшаванда дода шудааст, ки дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ ҳисоб карда шудааст. Нишондиҳандаҳо барои сабзавоти хом дода шудаанд.

| Сабзавот | Нерӯ | Протеин | Карбо-гидратҳо | Нахҳо | Чарб | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Карам | 25 ккал | 1.4 г | 5.4 г | 2.3 г | 0.3 г | Манбаи хуби витамини C, кислотаи фолий, калсий, оҳан ва витамин B6 |
| Сабзӣ | 31 ккал | 0.7 г | 7.3 г | 2.1 г | 0.1 г | Манбаи хуби витамини A, C ва витамини B6 |
| Бодиринг | 39 ккал | 2.1 г | 8.3 г | 2.4 г | 0.4 г | Манбаи хуби витамини C, A, B6, магний, калсий, оҳан ва кислотаи фолий, синк ва фосфор. |
| Боқлаҷон | 28 ккал | 0.8 г | 6.6 г | 2.5 г | 0.2 г | Манбаи хуби витамини B6 ва тиамин |
| Пиёз | 42 ккал | 1.3 г | 9.5г | 2 г | 0.2 г | Манбаи хуби витамини C, кислотаи фолий, B6 |
| Пастернак | 130 ккал | 2.1 г | 31 г | 6.4 г | 0.5 г | Манбаи хуби кислотаи фолий, ви тамини C, E, фосфор, калсий, оҳан, кислотаи никотин ва тиамин. |
| Қаланфур | 32 ккал | 1.1 г | 7.7 г | 2.1 г | 0.2 г | Манбаи хуби витамини C, A, B6, E, оҳан, кислотаи фолий |
| Картошкаи пухта | 144 ккал | 2.9 г | 33.4 г | 3.3 г | 0.17г | Манбаи хуби витамини B6, C, кислотаи никотин, тиамин, оҳан, фосфор. |
| Помидор | 21 ккал | 0.85 г | 4.6 г | 1.1 г | 0.3 г | Манбаи хуби витамини C. Манбаи хуби витамини A. |

## Интихоби ҷой барои парвариши сабзавот

Ҳангоми мавҷуд будани имконияти интихоб, қитъаи заминро бо шарти мавҷуд будани шароитҳои зерин ҷойгир намо:

- Қитъаи барои нурҳои офтоб кушод;
- Чандон соя набошад;
- Бо хоки ковоки дорои маводҳои органикии зиёд;
- Бо дастрасӣ ба миқдори зарурии об;
- Ба яхбандии сахт дучор набошад;
- Аз шамолҳои сахт ҳифз шуда бошад.

Аксарияти сабзавот дар ҷойҳои кушод, бо миқдори кифояи нури офтоби барои фотосинтези баргҳо зарурӣ хуб мерӯянд. Офтоб на танҳо барои нигоҳдории баргҳо дар шакли хушк кӯмак мекунад, балки аз шумораи зиёди бемориҳои барг, чун бемориҳои занбурӯғӣ пешгирӣ менамояд.

### Киштгардон

Растаниҳои як оилаи ботаникиро дар як қитъаи замин такроран дар муддати якчанд сол кишт кардан мумкин нест. Кишти ҳамон растаниҳо ё растаниҳои як оилаи ботаникӣ дар як қитъаи замин танҳо пас аз ҳар се-панҷ сол тавсия дода мешавад.

Киштгардон усули муҳими пасткунии шумораи бемориҳо мебошад. Дар ҳолати парвариши ҳарсолаи як зироат ё растании як оилаи ботаникӣ дар як қитъа эҳтимоли ҷамъшавии бемориҳои растанӣ дар таркиби хок вуҷуд дорад. Гурӯҳҳои гуногуни сабзавот одатан қобилияти ба бемориҳо тоб овардани гуногунро доранд, ҳарчанд, ки аксарияти бемориҳо ва растаниҳои патогенӣ метавонанд тамоми оилаи растаниро сироят кунанд. Ҳамин тариқ, киштгардон метавонад мушкилоти беморшавии растаниро пешгирӣ намояд.

Дар ҷадвали зерин растаниҳои дар Қирғизистон парваришшаванда оварда шудаанд. Ҳангоми воридкунии низоми киштгардон дар соли оянда растаниҳои оилаи дигари ботаникиро шинондан зарур аст.

| Растании ботаникӣ | Оилаи пиёзҳо | Чиллик-гулҳо | Кадугиҳо | Лӯби-ёиҳо | Сагакиҳо | Наъно-иҳо | Караф-сиҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Номи умумӣ** | Сирпиёз<br>Пиёз<br>Пиёзи даштӣ | Карам<br>Гулкарам<br>Брокколи<br>Шалғамчаи сурх<br>Турб | Бодиринг<br>Харбуза<br>Каду<br>Патиссон (сукини, каба-чок), тарбуз | Ҳамаи намудҳои лӯбиё ва нахӯд | Боқлаҷон<br>Қаланфур<br>Картошка<br>Помидор | Ҷуво-римакка | Сабзӣ |

## Бемориҳои дигар

Киштгардон дар мубориза бо баъзе намудҳои растаниҳо кӯмак карда наметавонад. Ба онҳо бемориҳои тавассути хок интиқолшаванда, чун пӯсиши реша ва низоми гарданаки реша, ки занбурӯғҳо ба вуҷуд меоранд, пажмурдашавии фузариозӣ, ки ба он бактерияҳо сабаб мешаванд, дохил мешаванд. Организмҳои мазкур дар давоми муддати зиёд дар хок зиндагӣ мекунанд ва ба оилаҳои аксарияти растаниҳо зарар мерасонанд.

## Тухмии солим

Аксарияти бемориҳои растаниҳо сол то сол тавассути тухмии растаниҳо паҳн мешаванд. Барои дур кардани мушкилоти мазкур **як тухмиро ҳар сол истифода нанамо.** Таъминотчиёни бовариноки тухмӣ коркарди тухмиро аз бемориҳои занбурӯғӣ мегузаронанд, тухмии тиҷоратӣ дар маҳалҳои махсуси аз бемориҳои мазкур озод истеҳсол мешавад.

## Коркарди тухмӣ

Коркарди тухмӣ зидди бемориҳои занбурӯғӣ танҳо ниҳолҳои ҷавонро дар давоми маҳдудшудаи инкишофи онҳо ҳифз менамояд. Агар дар хок микроорганизмҳои бемориофар мавҷуд бошанд, онҳо метавонанд таъсири манфиро ҳатто ба растании инкишофёфта ҳам расонанд. Аммо новобаста ба ин, агар кӯчат нисбатан боқувват бошад, он метавонад ба таъсири патогенҳо муқовимат кунад ва ҳосили хуб диҳад.

# Парвариши растаниҳо

Ширкатҳои тиҷоратии истеҳсолӣ, фермерони алоҳида ва боғдорон бо ҷустуҷӯи растаниҳое машғуланд, ки ба бемориҳо ва мушкилоти дигари экологӣ тобовар мебошанд. Аммо баровардани зоту навъҳои нав ва селексияи растаниҳо соҳаи махсусгардонидашуда хоҷагии қишлоқ мебошад, ки бо он ширкатҳои байналмилалии тухмиистеҳсолкунанда машғуланд.

Эҳтимол ту мушоҳида карда бошӣ, ки инкишофи баъзе растаниҳои офтобпараст баланд, андозаи сари он калон аст ва аз ин рӯ он нисбат ба растаниҳои дигар тухмии зиёдтар медиҳад. Эҳтимол меравад, ки растаниҳои мазкури офтобпараст барои истифодаи ҳосилнокии хок, об, сохтори хок, намакҳо дар таркиби хок имконияти зиёдтар доштанд ва эҳтимол дар ҷои нисбатан хуб ҷойгир шуда буданд.

Парвариши навъҳои нав ва селексияи растаниҳо барои ба бемориҳо ва зараррасонҳо устувор будан кӯмак мекунад. Селексияи растаниҳо ба растаниҳои дигар дар истифодаи босамараи пору, об ва ҳарорат имкон медиҳад. Ҳамин тариқ ҳар сол тухмии навро истифода кардан зарур аст.

## Мониторинги полез

Ҳангоми гузаштани мавзӯи *“Экосистемаи хоҷагии қишлоқ”* ту фаҳмидӣ, ки парвариши растаниҳо натиҷаи фаъолияти муштараки омилҳо мебошад. Ҳамаи омилҳои мазкурро сабзавотпарвар бояд дар тавозун нигоҳ дорад ва барои афзоиш ва инкишофи растаниҳо шароитҳоро таъмин намояд.

Ҳангоми пешбурди хоҷагии сабзавотпарварии худ ту бояд ҳамчун тадқиқотгар амал кунӣ, яъне аз болои растаниҳо мушоҳида кунӣ ва ҳамеша ба худ савол диҳӣ: *«Чаро ин ҳодиса рӯй медиҳад?»* Агар ту ба худ саволи мазкурро ба таври доимӣ диҳӣ ва ба он ҷавоб пайдо намоӣ, ин барои дар ту ташаккул ёфтани соҳибкори муваффақ таконе хоҳад буд.

Ту метавонӣ дар қитъаи замини худ мушоҳида намоӣ, ки баъзе аз растаниҳо нисбат ба дигар растаниҳо хубтар нашъунамо мекунанд. Ба зироат бодиққат нигоҳ кун ва саволҳои зеринро ба худ деҳ:

- Оё генетикаи хуби растанӣ барои муқовимат ба зарарасонҳо ва бемориҳо кӯмак мекунад?
- Оё ин растанӣ аз дигар растаниҳо дида дар ҷои хубтар рӯидааст?
- Оё ин растанӣ обу нурҳои офтобро нисбат ба растаниҳои дигар зиёдтар мегирад? Аз шамол беҳтар ҳифз шудааст?
- Оё ин растанӣ бо сабаби он, ки ту маводҳои органикиро истифода карда будӣ, дар хок беҳтар рӯидааст?

## Муайянкунии санаи кишти растаниҳо

Дар вақти омӯзиши мавзӯи **"Истифодаи самараноки об"** мо ҷадвали ҳарорати мувофиқро барои парвариши растаниҳои гуногун омӯхта будем. Агар ту тухмиро дар ҳарорати аз ҳарорати тавсияшуда пасттар кишт карда бошӣ, растаниҳо саривақт намесабзанд, реша намеронанд ва ба бемориҳое, ки тавассути хок мегузаранд, сироят мешаванд.

## Харидории тухмӣ ва кӯчат



Ту метавонӣ кӯчатеро харидорӣ намоӣ, ки аз ҷониби истеҳсолкунандагони махсусгардонидашуда истеҳсол шудааст. Агар шароити хок дар полез аз нуқтаи назари ҳосилнокӣ, мавҷудияти об ва маводҳои органикие, ки ба хок ихроҷ кардани намиро намедиҳанд, мувофиқ бошанд, кӯчатро дар полез шинонидан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, ту метавонӣ ҳосилро нисбат ба шахсоне, ки тухмиро дертар шинониданд, барвақт гири ва ин ба ту имкон медиҳад, ки ҳосили барвақтиро бо нархи нисбатан баланд фурӯшӣ ва даромади хуб гирӣ.

Тухмие, ки барои истеҳсоли кӯчат истифода мешавад, бояд нав ва босифат бошад. Барои пешгирии паҳншавии бемориҳои сироятии растаниҳо дар полез, ҳамаи олотҳои истифодашаванда ва хоке, ки дар он кӯчат парвариш карда мешавад, бояд покиза ва тоза бошанд.

Дар ҳолати хариди кӯчат аввал ба он бодиққат нигоҳ намо. Кӯчат бояд тару тоза, бо пояи баланд ва бе нишонаҳои беморӣ бошад.

# Фосилаи байни сабзавот



Ҳангоми омӯзиши мавзӯи “Ташкили полез” оиди фосилаи тахминии байни сабзавот маълумот дода шуд. Ҳарчанд, ки фосилаи мазкурро вобаста ба шароитҳои маҳал иваз кардан мумкин аст, маълумоти додашударо бодиққат омӯхтан зарур аст. Ҳангоми наздик шинонидани растаниҳо ё нигоҳдории наздики ҳайвонҳо дар ҳолати сар задани беморӣ он метавонад зуд паҳн шавад. Риояи фосилаи мутобиқи байни растаниҳо ба онҳо хатари камтари сироятшавиро таъмин мекунад.

## Бастан ба такяҳо

Баъзе аз сабзавот ҳангоми бастани онҳо ба такяҳо, шпалерҳо ё пояҳои дигар хуб нашъунамо мекунанд. Ғайр аз ин, бастани сабзавот бемориҳоро пешгирӣ ё хатари онҳоро кам менамояд. Ҳангоми намнокии баланд, вақте ки растаниҳо дар масофаи наздик аз ҳамдигар ҷойгир шудаанд, баргҳои растаниҳо барои хушк шудан мӯҳлати кам доранд ва барои ба вуҷуд омадани бемориҳои занбӯруғӣ шароит фароҳам мешавад. Ҳангоми бастани бодиринг, лӯбиё, помидор ва ҳатто харбуза баргу меваи онҳо ба замин намерасанд ва ин ҳолат онҳоро аз беморӣ ҳифз менамояд. Ғайр аз ин, гузаштани ҳаво байни растаниҳо хуб мешавад ва дар растаниҳо хатари сироятшавӣ бо микроорганизмҳои бемориофар кам мегардад.

## Назорати санитарӣ дар полез

Назорати санитарӣ маънои гузаронидани чораҳои пешгириро барои ҳимояи полез аз зараррасонҳои имконпазири растаниҳо дорад. Полезро аз маводҳои сироятшудаи растанӣ, меваҳои ба замин афтида, тагрезе, ки дар таркиби он тухм ва кирмакҳо ҳашароти зараррасон мавҷуд буда метавонад, тоза кардан зарур аст. Маводи номбаршударо сӯзондан, компост кардан ё дар чуқурӣ гӯр кардан зарур аст, ё аз полез дуртар, то пурра хушк шудани он партофтан зарур аст, ки микроорганизмҳои патогении растаниҳо нобуд шаванд. Оиди ин масъала бо шахсони ботаҷриба маслиҳат намо. Кори асосӣ ин аст, ки полез аз бемориҳо ва зараррасонҳо бояд хуб ҳимоя карда шавад ва дар тозагӣ нигоҳ дошта шавад.

## Зироатҳои ҷалбкунанда

Истифодаи зироатҳои ҷалбкунанда дар атрофи полез дар мубориза бо бемориҳои сирояткунандаи растаниҳо ва ширинча кӯмак карда метавонад. Агар якчанд қатор ҷавдона ё ҷуворимаккаро дар атрофи полези худ кишт намоӣ, зараррасонҳо дар навбати аввал растаниҳои мазкурро истеъмол мекунанд, эҳтимол дар онҳо тухми худро мегузоранд. Тарзи мазкур ҳангоми кишти харбуза, помидор ва картошка муфид аст.

## Шинонидани растаниҳои ҳамрав

Консепсияи растаниҳои ҳамрав ба таври хуб муқаррар карда шудааст. Дар ҳар як маҳал фермерон барои муайян кардани он, ки кадом растаниҳо “якдигарро дӯст медоранд”, кадомашон “дӯст намедоранд” бояд озмоиш гузаронанд.

Ба растаниҳои ҳамрав одатан растаниҳое дохил мешаванд, ки хусусиятҳои аксро доранд, азҷумла:

- Растаниҳое, ки дар соя ва офтоб хуб мерӯянд;
- Растаниҳое, ки решаашон хурд ё калон аст;
- Растаниҳое, ки маводҳои ғизоиро кам ё зиёд истеъмол мекунанд;
- Растаниҳои хушбӯй, ки зараррасонҳоро дур мекунанд ва растаниҳои бе бӯй;
- Растаниҳое, ки барвақт гул мекунанд ва баъзе аз ҳашаротҳоро бо шаҳду гард таъмин мекунанд ва растаниҳое, ки гул, шаҳд ва гардро дар мавсими дер ҳосил мекунанд;
- Растаниҳое, ки одатан диққати зараррасони мушаххасро ҷалб мекунад (растании ҷалбкунанда);
- Растаниҳое, ки барои растаниҳои дигар шароитҳои хуби хокро таъмин мекунанд.

Кишти растаниҳои ҳамрав банақшагирии бодиққатро дар назар дорад ва меҳнати зиёдро дар полез талаб мекунад. Бо кадом сабаб фоиданокии растаниҳои ҳамрав то айни замон мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст?

Аммо ба ин нигоҳ накарда, баъзе фикрҳои мушаххас низ мавҷуданд:

- Растаниҳо метавонанд аз решаашон маводҳои кимиёвиеро ихроҷ кунанд, ки барои инкишофи растаниҳои дигар мусоидат мекунад;
- Растаниҳо метавонанд аз решаашон маводҳои кимиёвиеро ихроҷ кунанд, ки инкишофи алафҳои бегона ё паҳншавии ҳашаротро пешгирӣ мекунанд;
- Растаниҳо метавонанд аз баргу решаашон газҳоеро ихроҷ кунанд, ки микрорганизмҳоро дур мекунанд;
- Растаниҳо метавонанд маводҳои гуногуни ғизоиро талаб намоянд.

Дар ҷадвали зерин алоқаи байни растаниҳои нисбатан зиёд дучоршавандаи Қирғизистон нишон дода шудааст. Ҳарчанд, ки дар ҷадвал омилҳои зиёди амалӣ инъикос шудаанд, ту бояд дар полези худ мушоҳида намоӣ, ки растаниҳо ба ҳамдигар чи гуна таъсири ҳамдигар доранд.

## ВАЗИФА



Рӯйхати зироатҳое, ки ту дар полези худ парвариш менамоӣ, тартиб деҳ. Ҷадвали дар зер овардашударо омӯз, баъдан растаниҳои дар боғ рӯидаро, ки ба растаниҳои мазкур ҳамрав шуда метавонанд, навис. Растаниҳоеро, ки барои мақсадҳои дигар истифода шуда метавонанд, масалан, алафи доругӣ, ки дар хӯрок истеъмол шуда метавонад, номбар намо.

Ҳамон тавре, ки омилҳои зиёд метавонанд ба ҳосилнокии зироатҳо таъсир расонанд, имконияти ҳамравии ду зироат низ ба якчанд ҷанба вобастагӣ дорад:

| Растаниҳои ҳамрав: растаниҳои доругӣ, алафҳои бегона, гул ва сабзавот | | | |
|---|---|---|---|
| **Растанӣ** | **Ҳамрав** | **Зидди кадом чӣ** | **Ҳамрави бад** |
| Райҳон (Ocimum basilicum) | Спаржа, помидор | Аксарияти ҳашарот | |
| Хиёрак (Borago officinale) | Кабачок, қулфинай, помидор | Кирми помидор ва занбурҳоро чалб мекунад | |
| Бобуна | Карам, пиёз | | |
| Пиёз (Allium spp) | Себ, сабзӣ, садбарг | | |
| Кориандр (Coriandrum sativum) | Анис | Аксарияти ҳашаротҳо, занбӯрҳо | Шибити ширин |
| Шибит (Anethum graveolens) | Карам | Кирм | Сабзӣ |
| Сирпиёз (Allium spp) | Дарахтори мевадор (ба тана наздик) қулфинай, садбарг | Ширинча, гамбуски ҷопонӣ, гамбуски сӯрохкунандаи тана | Лӯбиё, нахӯд |
| Гули аббосӣ (Calendula officinalis) | Аксарияти зироатҳо, махсусан лӯбиё, картошка, садбарг, помидор | Аксарияти ҳашарот, сафедболак, миттаи мексикоии лӯбиё, ва нематодҳо | Аксарияти алафҳои бегона |
| Майоран ва ореган (Origanum spp.) | Аксарияти растаниҳо | Аксарияти ҳашаротҳо | |
| Спаржа (Asparagus officinalis) | Помидор | | |
| Чилликгулҳо | Лӯбиё,карам, пиёзи кабуд, пиёзи даштӣ, пиёз, шалғамчаи сурх, помидор, гули аббосӣ | | Қулфинай |
| Сабзӣ | Лӯбиё,карам, пиёзи кабуд, пиёзи даштӣ, пиёз, шалғамчаи сурх, помидор | | |

| Растаниҳои ҳамрав: растаниҳои доругӣ, алафҳои бегона, гул ва сабзавот | | | |
|---|---|---|---|
| **Растанӣ** | **Ҳамрав** | **Зидди кадом чӣ** | **Ҳамрави бад** |
| Ҷуворимакка | Карам, бодиринг, харбуза, картошка, нахӯд, каду | | |
| Бодиринг | Лӯбиё, карам, ҷуворимакка, шибит, боқлаҷон, пиёз, шалғамчаи сурх, помидор, офтобпараст | | Картошка |
| Боқлаҷон | Лӯбиё, нахӯд, қаланфур, картошка | | |
| Харбуза | Ҷуворимакка, турб | | |
| Пиёз | Лаблабу, чилликгулҳо, сабзӣ, бодиринг, пиёзи даштӣ, пастернак, қаланфур кабачок, қулфинай | | |
| Чаъфарӣ | Помидор | | |
| Пастернак | Турб | | |
| Картошка | Лӯбиё, чилликгулҳо, сабзӣ, ҷуворимакка, гули аббосӣ, пиёз, пастернак, нахӯд | Бодиринг, пастернак, каду, кабачок, офтобпараст, турб, розиёна | |
| Турб | Лаблабу, лӯбиё, сабзӣ, бодиринг, харбуза, пастернак, нахӯд, кадугиҳо (бодиринг, суккини, каду, кабачок) | | |
| Кадугиҳо (бодиринг, суккини, каду, кабачок) | Ҷуворимакка, пиёз, турб | | |
| Қулфинай | Лӯбиё, пиёз, турб | | |
| Помидор | Спаржа, райҳон, лӯбиё, чилликгулҳо, пиёзи кабуд, бодиринг, сирпиёз, гули аббосӣ, пиёз, чаъфарӣ, қаланфур | | |

## Обмонӣ

Кӯшиш намо дар полез аз меъёр зиёд об надиҳӣ, зеро ин ба осебҳои решаву барг мерасонад, дар оянда бошад ба нобудшавии ҳосил ҳам аз ҷиҳати сифат ва ҳам миқдор мерасонад. Обмонии беҳтарине, ки дар Қирғизистон истифода мешавад – ин обмонии новагӣ мебошад. Ҳангоми обмонӣ аз пошидашавии он эҳтиёт шав, зеро ба баргҳои растанӣ лой мечаспад. Азбаски аксарияти патогенҳо дар хок зиндагӣ мекунад, қатраҳои лойолуди об метавонад хатари сироятшавии растаниҳоро ба вуҷуд орад. Агар имкони пешгирии таршавии барг набошад, кӯшиш намо, ки саҳари барвақт обро ба полез монӣ, то ки баргҳо дар давоми рӯз хушк шаванд ва аз нурҳои гарми офтоб насӯзанд.

### Истифодаи рӯпӯш (мулча)

Қабати рӯпӯшкунанда (мулча) дар сатҳи полез пошидашуда ва маводҳои органикӣ метавонанд ба сифати воситаҳои ҳифзи хок хизмат кунанд. Ғайр аз ин, усули мазкур қобилияти нигоҳдории намӣ ва ҳосилнокии хокро баланд мекунад ва барои инкишофи ҳашаротҳои хокӣ мусоидат мекунад.

## Пору

Ҳамаи растаниҳо дар унсурҳои ғизоӣ, чун азот, фосфор, сулфур ва калий талабот доранд. Ғайр из ин, растаниҳо дар миқдори ками маводҳои ғизоӣ чун синк, мис, оҳан, манган, магний, хлор, молибден, бор ва ғ. зарурат доранд. Компост метавонад полези туро бо аксариятҳои маводҳои номбаршуда таъмин кунад ва талаботи истифодаи поруи саноатиро кам менамояд.

Ту бояд аз мушовир маълумот гирӣ, ки кадом маводҳои ғизоӣ, дар кадом шакл ва дар кадом меъёр ба маҳали ҷойгиршавии полези ту, барои кадом зироатҳои мушаххас ва дар кадом вақт беҳтаранд.

Дар ҳолати мавҷуд набудан ё миқдори нокифояи компост ту метавонӣ поруҳои сертификатдорро истифода намоӣ. Ҳарчанд, ки ба ту лозим меояд, ки поруҳоро харидорӣ намоӣ, аммо ин барои расидан ба натиҷаҳои баланд мусоидат мекунад. Якҷоя бо пору ту бояд ба таркиби хок, тухмии истифодашаванда ва мубориза бо зараррасонҳо диққат диҳӣ. Пору хароҷоти зарурии инвеститсионӣ мебошад, ки барои гирифтани фоидаи калони молиявӣ равона карда мешавад.

# Пестисидҳо

Истифодаи пестисидҳо ҳангоми омӯзиши мавзӯи ҳимояи растаниҳо муҳокима карда шуд. Аз ҳама муҳим – ҳаддалимкон пестисидро кам истифода намо. Ҳангоми пошидани заҳрдоруҳо ту бояд либоси махсуси муҳофизатӣ пӯшӣ ва оиди он, ки қатраҳои он ба шахсони дигар нарасанд, чораҳо андешида бошӣ.



## Полези муваффақи мо

- - Хок ва шароитҳои хок бо маводҳои органикӣ ва рӯпӯш (мулча)
- - Интихоби растаниҳое, ки ба шароитҳои қитъаи замин хубу мутобиқанд
- - Обмонии мутобиқ ва ба миқдори кифоя
- - Интихоби растаниҳои ҳамрав, фосилаи дурусти байни онҳо ва бақайдгирии вақти инкишоф
- - Истифодаи миқдори мутобиқи пору
- - Истифодаи усули мубориза бо зарарасонҳое, ки ба муҳити атроф зарари манфӣ намерасонанд
- - Ҷамъоварии ҳосили маҳсулоти босифати дар полез парваришшуда ва фурӯши он
- - Имконияти аз нав маблағгузорӣ кардани фоида дар оянда
- - Ташкили иттиҳодия бо шахсоне, ки дар беҳтаркунии усулҳои бурдани тиҷорат ва васеъкунии фаъолият кӯшиш мекунанд ва дар он манфиат доранд.

ДАРСИ 24

# ПАРВАРИШИ КАРТОШКА

## Калимаҳои нав

| | |
|---|---|
| **Ҳарорат ва ҳудудҳои иқлимӣ** | Минтақаҳои ҷаҳон бо зимистони хунук ва тобистони гарму хушк |
| **Столон** | Навдаи тагизаминӣ |
| **Бехлӯнда** | Навдаи тагизаминии растанӣ, ки дар он картошка оҳарро захира мекунад |
| **Ба сарди ҳассос** | Ҳолати манфӣ ва ҳатто нобудшавии зироат аз таъсири ҳарорати хунук |
| **Калшавии картошка** | Захмҳои сурху сиёҳтоби андозаашон гуногун дар сатҳи пӯсти картошка |
| **Побели картошка** | Хоккаш кардани реша ва гарданаки пояи картошка |

### Аҳамияти картошка

Картошкаро дар ҳамаи минтақаҳои иқлимаш мӯътадили ҷаҳон парвариш мекунанд. Он маҳсулоти асосии истеъмолии аксарияти одамон мебошад, зеро организми инсонро бо нерӯи зиёд таъмин мекунад. Дар он миқдори сафеда хеле кам, миқдори нахи ғизоӣ (ғоз) начандон зиёд аст. Аммо новобаста ба ин, картошка манбаи хуби нерӯ, оҳан, калсий, баъзе аз витаминҳо ва минералҳо мебошад.

Аз картошка таомҳои гуногунро тайёр кардан мумкин аст. Ғайр аз ин, он ҳамеша дар корхонаҳои тиҷоратӣ талаботи зиёд дорад. Аз картошка чипсҳои картошкагин ё картошкаи фри омода мекунанд, ки дар кишварҳои бои ҷаҳон талаботи хеле зиёд дорад.

**ВАЗИФА**

Гузаронидани тадқиқот дар синф. Ҳар як хонанда бояд ба саволҳои зерин ҷавоб гӯяд. Баъдан омӯзгор натиҷаҳои онҳоро дар тахтаи синф менависад ва натиҷаи умумиро мебарорад, ки нишондиҳандаи манфиати картошкаро муайян мекунад.

1. Оилаи ту дар як ҳафта чанд килограмм картошка истеъмол мекунад?
2. Оилаи ту картошкаро ҳамчун таом чанд маротиба истеъмол менамояд?
3. Оилаи ту картошкаро дар полези шахсӣ парвариш мекунад ё аз бозор мехарад?
4. Оилаи ту картошкаро дар кадом мавсим: хунук ё гарми сол зиёдтар истеъмол мекунад?

# Картошка чӣ тавр мерӯяд?

Дар тафовут аз зироатҳои дигари хоки кушод картошка аз тухмӣ намебарояд. Картошка тавассути бехлӯнда парвариш мешавад. Бехи картошкаро ба монанди тухмии зироатҳои дигар ба хок мешинонанд, аммо он **картошкаи тухмӣ** номида мешавад.




## Картошкаи тухмӣ

Картошкаи тухмӣ тақрибан 75-150 гр вазн дорад. **Ҳангоми шинонидан бехмеваи картошкаро аз миёнаш пора нанамо, ин ба сироятшавии бехмева мерасонад.** Баъзе аз фермерон картошкаи тухмиро то айни замон пеш аз шинонидан пора мекунанд. Ин амал картошкаро на танҳо ба беморӣ, балки ба пастшавии ҳосилнокии он мерасонад.

**Картошкаи тухмӣ** – ин навдаи варамкарда дар зери хок мебошад, ки аз ҷиҳати ирсӣ ба растании модарӣ монанд аст. Дар картошкаи тухмӣ чашмакҳои канорӣ мавҷуд аст, ки аз онҳо ба сатҳи хок пояҳо мерӯянд. Дар сатҳи замин пояҳо инкишоф меёбанд, баъдан аз онҳо баргҳо пайдо мешаванд.

Низоми патакдори решагӣ аз қисми дохилии поя инкишоф ёфта то 60 см васеъ мешавад ва ба чуқурии то 30 см меравад. Бо ҳамин сабаб картошкаро дар хоки хуби ковок шинонидан зарур аст, ки хуб реша ронад.

Пас аз тақрибан 10 рӯз пас аз сабзидани пояҳо аз хок, дар қисматҳои зеризаминии пояҳо чашмакҳо мебароянд, ки баъдан столонҳоро ба вуҷуд меоранд. Онҳо дар хок дар самти уфуқӣ мерӯянд, нӯги столонҳо варам мекунанд. Оҳаре, ки дар баргҳои растанӣ ба вуҷуд меояд, ба ҳамин столонҳои варамкарда равона шуда, ҷамъ мешавад ва мо онро дар шакли бехмеваҳои картошка ҷамъоварӣ менамоем.

Ҷамъшавии оҳар то он вақте идома меёбад, ки қисми болоии растанӣ хушк нашавад. Пас аз ин бехмеваҳо кофта гирифта мешаванд.

# Марҳилаи истеҳсолӣ

Картошкаи тухмиро ҳангоми то 6°C расидани ҳарорати хок шинонидан тавсия дода мешавад. Баргҳои ҷавон ба хунукӣ ҳассос мебошанд, бинобар ҳангоми ба вучуд омадани сардӣ онҳо нобуд мешаванд. Барои ҳимояи картошкаи барвақт шинонидашуда онро бо шохаҳои дарахт, каҳ ё матоъ пӯшон. Дар Қирғизистон давраи нашъунамои картошка вобаста аз маҳал ва омилҳои иқлимӣ тақрибан 90-150 рӯз давом мекунад.

## Навъҳои картошка

Ба мушовири деҳот муроҷиат намо ва оиди навъи беҳтарини картошка, тухмии картошка ва вақти барои кишт мусоиди деҳаатон маълумот гир. Барои намудҳои гуногуни хок навъҳои гуногуни картошка мувофиқ меоянд. Ғайр аз ин, навъҳои гуногун барои шинонаидан дар вақти гуногуни мавсим мувофиқанд. Аъзоёни кооператив ва мушовирони деҳот бояд дониши худро вобаста ба воридкунии навъҳои навтарини картошка доимо мукаммал намоянд. Дониши мазкур барои додани маслиҳати дуруст оиди парвариши навъҳои беҳтарини картошка кӯмак мекунад.

**ВАЗИФА**

Бо мушовири деҳот ё аъзои кооператив ё фермери муваффақ маслиҳат намо ва маълумоти зеринро аз онҳо пайдо намо:

- Дар деҳа калом навъҳои картошкаро мешинонанд?
- Онро одатан кадом вақт мешинонанд?
- Тухмии картошкаро аз куҷо мегиранд?

Оиди парвариши картошка дар деҳаи ту дар як саҳифа ҳисобот навис.

# Омодакунии хок барои шинонидани картошка

**Картошка –** растании офтобдӯст аст. Ҳангоми шинонидани картошка дар соя, ҳосили он паст мешавад. Барои зиёдкунии ҳосили картошка, пеш аз он бояд растаниҳои бисёрсола, чун люсерна, гандуми зимистона, бодиринг ё карам кишт шуда бошанд. Картошкаро пас аз помидор шинонидан мумкин нест, зеро онҳо ба оилаи ягонаи ботаникӣ дохил мешаванд. Кишти пайдарҳами картошка ва помидор ё истифода накардани киштгардон ба ҷамъшавии бемориҳои занбӯруғӣ дар хок, махсусан фитофтороз мерасонад.

Омодакунии хок чор-шаш ҳафта то шинонидани картошка амалӣ карда мешавад, зеро маводи табиии дар хок ҷамъшуда бояд зери хок бошад ва то шинонидани картошка пӯсад. Ғайр аз ин, тарзи мазкур барои ҷамъшавии намӣ дар хок, ки барои афзоиш ва инкишофи растанӣ зарур аст, кӯмак мекунад. Аммо агар полез бо маводҳои органикӣ сер карда нашуда бошад, обмонии минбаъдаи растанӣ самара намедиҳад.

Хок бояд ковок бошад, он гоҳ решаи картошка ба он ворид шуда, осон месабзанд. Хоки зич барои картошка мувофиқ нест, бинобар ин агар дар қитъаи замини полези ту хок зич бошад, ба он андохтани поруи органикӣ зарур аст. Дар регхок картошка хуб мерӯяд ва аз ин рӯ, ба истифодаи миқдори зиёди пору талабот дорад. Ғайр аз ин, агар хок бо поруҳои органикӣ хуб сер нашуда бошад, об зуд ба дохили хок мешорад.

## Шинонидани картошка

Вақти шинонидани картошка бо назардошти пешгирии дар ҳавои сард мондан муайян карда мешавад. Чуноне, ки қаблан зикр шуда буд, то даме ки ҳарорати ҳаво ба 6°C нарасад ва алаф набарояд, шинонидани картошка амалӣ карда намешавад. Барои ҳимояи сабзаҳои ҷавони картошка аз хунукии баҳорӣ чораҳоро андешидан зарур аст.

Барои шинонидани картошкаи тухмӣ дар аввал ҷӯякҳо кофта, картошкаро ба чуқурии 5-9 см гузор. Фосилаи байни картошкаҳо дар як қатор бояд 20 см, байни қаторҳо 60 см бошад.

Одатан картошкаи шинонидашуда картошкаро то баровардани барг дар сатҳи замин об намемонанд. Ҳангоми обмонии зиёд ё обмонӣ то пайдошавии баргҳо дар сатҳи хок картошка метавонад пӯсад.

Аз мушовири деҳот оиди усулҳои шинонидан маслиҳат гир, зеро ҳар як минтақаи аҳолинишин шароитҳои махсуси худро дорад ва аз ин рӯ, агротехнология метавонад гуногун бошад. Агар технологияҳои мазкур риоя шаванд, ҳосили хуброба даст овардан мумкин аст.

# Истифодаи пору

Гирифтани ҳосили баланд дар Аврупо ва кишварҳои дигари ҷаҳон бо истифодаи дурусти пору вобастагӣ дорад. Картошка ҳангоми истифодаи пору бо мавҷуд будани миқдори кофии азот, фосфор ва калий хуб мерӯяд ва агар маводҳои зикршуда дар хоки табиӣ мавҷуд бошанд. Меъёри истифодаи пору аз ҳолати хок, инчунин аз он, ки хоки мазкур дар давоми се соли пеш чӣ тавр истифода мешуд, вобаста аст. Аз мушовир ё фермери ботаҷриба дар бораи ҳолати хоки маҳаллатон маълумот гир.

Барои гирифтани ҳосили хуб ҳангоми шинонидани картошка поруро дар ду тарафи бехмева дар масофаи 5-8 см гузор. Агар пору истифода нанамоӣ, ҳосили картошка нисбатан паст мешавад.

Шарти асосии гирифтани ҳосили баланд – ин ҷамъоварии маводи органикӣ дар хок аст. Масъалаи мазкур дар фаслҳои пешинаи китоби мазкур ба таври муфассал омӯхта шуд. Маслиҳатҳои мазкурро ба назар гир!



## Истифодаи саргини ҳайвонот

Барои истеҳсоли поруҳои сунъӣ одамон саргинро дар об тар мекарданд ва моеи мазкурро барои поруандозии хок истифода мекарданд. Саргин ва пешоби ҳайвонҳои калон ва хурди шохдор миқдори нисбатан зиёди азот, фосфор ва калий дорад, яъне он унсурҳое, ки барои парвариши картошка заруранд. Аммо новобаста ба ин, унсурҳои мазкур дар таркиби саргин ба миқдоре, ки афзоиши картошка ва ҳосили хеле зиёди картошкаро таъмин мекунанд, ҷудо намешаванд.

Унсурҳои ғизоии саргин ва пешоб дар хок танҳо пас аз гузаштани муддати муайян ҷудо мешаванд. Ҳамин тариқ, дар соли аввал поруи мазкур барои гирифтани ҳосили хуб кӯмак намекунад. Аз ин рӯ бармеояд, ки саргин ва пешобро дар полез ба таври мунтазам истифода кардан зарур аст. Бо мурури вақт дар хок маводҳои ғизоӣ ҷамъ мешаванд, ки барои растаниҳо ба таври доимӣ дастрас хоҳанд буд.

Пешоби навро истифода набар. Ҳарчанд, ки пешоб хокро бо пайвастагиҳои азот ва калий таъмин мекунад, дар пешоби нав миқдори зиёди карбамид мавҷуд аст, ки метавонад растаниҳоро нобуд кунад. Ғайр аз ин, ин ба паҳншавии зарпечак мерасонад. Аз ин рӯ, пешобро якчанд ҳафта пеш аз шинонидани картошка истифода кардан мумкин аст.

## Обмонӣ

Қитъаро як ҳафта то кишт об мондан зарур аст, зеро хоки намнок барои зуд афзоиш кардани картошка мусоидат мекунад. Дафъаи дуюм пас аз пайдо шудани баргҳои ҷавон дар сатҳи хок об мондан мумкин аст.

Вақти аз ҳама мусоиди обмонӣ вақте мебошад, ки бехмеваҳо тақрибан андозаи 1,5 см дар қутр мегиранд. Ин давра одатан ба вақти гулкунии растанӣ рост меояд.

Барои инкишофи пурра ва афзоиш растании картошка бояд тақрибан 300 мм намиро дар давоми тамоми давраи нашъунамо гирад. Рақами мазкур вобаста ба шароитҳои хок, миқдори маводҳои органикӣ дар хок, ҳарорат, буғшавӣ ва намнокии атмосферӣ дигаргун шуда метавонад.

Барои гирифтани ҳосили аз ҳама баланд бо андозаи калони бехмеваҳо, хок бояд дар давраи мавсим ҳамеша намнок бошад. Намнокӣ сершавӣ бо обро маъно надорад, зеро хоки бо об сершуда ба бемориҳои занбӯруғӣ ва пӯсидани растанӣ мебарад, хориҷшавии маводҳои ғизоӣ аз таркиби хок аз ҳудуди решагии растанӣ мерасонад. Саргин, компост ва баргҳои растанӣ барои нигоҳдории намнокии хок кӯмак мекунанд.

## Мубориза бо алафҳои бегона

Ҳангоми афзоиши картошка онро аз алафҳои бегона ҳимоя кардан муҳим аст. Озмоишҳо нишон доданд, ки ҳангоми бо алафҳои бегона пур шудани полез, картошка танҳо нисфи ҳосили худро истеҳсол мекунад.

Хишоваи якуми алафҳои бегонаро пас аз чор ҳафтаи пайдошавии растаниҳо дар сатҳи хок амалӣ кардан мумкин аст.

**ОГОҲӢ!**

Ҳангоми истифодаи саргини нав майдони полез бо зарпечак пур мешавад.

# Побелкунӣ

**Побелкунӣ** – ин амали кашидани хок ба реша ва асоси пояи растаниҳо мебошад. Побелкуниро дар давраи парвариши картошка ду маротиба гузаронидан мумкин аст. Маротибаи аввал ҳангоми пайдошавии сабзаҳо аз хок, дуюм маротиба – ҳангоми гулкунӣ. Побелкуниро бо мақсади зерин мегузаронанд:

1. Барои нобудкунии алафҳои бегона пас азяк моҳ аз санаи шинонидан;
2. Барои таъмини миқдори кофии хок барои афзоиши растанӣ ва ҳимояи он аз нурҳои офтоб. Ҳангоми таъсири нури офтоб бехмеваҳо ранги сабз мешаванд ва маводҳои заҳрнокро хориҷ мекунанд. Онҳо барои инсон ҳам дар намуди хом, ҳам пухташуда хатарноканд.
3. Пӯшиши пурраи картошка барои воридшавии кирмакҳо ба бехмеваҳо монеъ мешавад.

# Ҷамъоварии ҳосил

Картошкаи дар полез парваришшаванда, нигоҳубини хеле бодиққатро талаб менамояд. Ҳосили картошкаро пас аз ду ҳафтаи хушк шудани баргҳои растанӣ чидан зарур аст. Тарзи мазкур барои сахт шудани пӯсти картошка ва нигоҳдории хуби беосеб, бе кандашавии пӯст ва пӯсиш имконият медиҳад. Нигоҳдории картошка дар халтаҳои ҷутӣ барои воришавии ҳаво ва нигоҳдории хуби бехмеваҳо имконият медиҳад. Баъдан ҳосили нигоҳдоришавандаро ба ҷои салқин гузошта, дуртар аз нурҳои офтоб нигоҳ доштан зарур аст, то ки бехмева ранги сабз нашавад.

Ҷамъоварии дастии ҳосилро бо суръати тез гузаронидан зарур аст. Барои ин панҷшохро гирифта, оҳиста зери картошкаро ков, то ки картошка осеб набинад ва бурида нашавад. Каландро истифода нанамо, зеро бо он картошка осеб мебинад.

# Нигоҳдорӣ

Дар ҳолати нигоҳдории картошка дар муддати муайян пас чидани ҳосил онро дар ҳарорати аз 15°C т о 18°C дар намнокии 85% дар давоми даҳ рӯз нигоҳ дошта, пас аз он ҳосили картошкаро дар ҳарорати 4°C т о 7°C дар ҷои торики намнокиаш баланд нигоҳ доштан зарур аст.

Агар ту картошкаро дар давоми мавсими пурраи зимистон нигоҳ доштанӣ бошӣ, аз мушовири деҳот оиди тарзи аз ҳама хуб дар деҳа маслиҳат гирифтан зарур аст.

# Маркетинг



Ҳар як истеҳсолкунанда мехоҳад аз даромади маҳсулоти изофагии истеҳсолшуда даромад ба даст орад.

Агар ту ҳосили зиёд парвариш карда бошӣ ва мехоҳӣ онро фурӯшӣ,ба ту амалҳои зеринро иҷро кардан зарур аст:

- Картошкаро тибқи андозааш сара намо.
- Бехмеваҳои осебдида ва буридашударо ба тӯдаи алоҳида гузор.
- Картошкаро вобаста аз андоза ва сифат бо нархи алоҳида фурӯш.
- Картошкаи сифати аз ҳама олиро бо нархи аз картошкаи дигар 3 сомон барои 1 кг баландтар фурӯхтанро кӯшиш намо.

Маҳсулоти худро на бо роҳи ҳамту савдо, чун дигарон дар бозор, балки бо истифодаи усулҳои маркетинг (реклама ва пешбурд) фурӯш!

## Зараррасонҳои картошка

**Миттаи бехмеваи картошка** тухми худро дар зери баргҳои картошка, инчунин дар зери чашмакҳо ва тарқишҳои картошка мегузорад. Кашидани хок ва обмонӣ воридшавии кирмакҳоро ба бехмеваҳои картошка душвор мегардонанд.

**Ширинча** оби растаниҳоро мекашад ва ҳомили бемориҳои сирояткунанда, чун бемории печидани баргҳо мебошад.



**Гамбуски колорадӣ** баргҳои растании картошкаро осеб медиҳад, фотосинтезро кӯтоҳ мекунад ва аз ин рӯ ҳосили картошкаро паст менамояд.

**Вируси печидани баргҳо** – яке аз вирусҳое мебошад, ки ба растании картошка осеб мерасонад. Баргҳо мепечанд ва ба сатҳи онҳо нури офтоб намерасад, ки дар натиҷа ҳосилнокӣ паст мешавад. Тарзи аз ҳама беҳтарини аз мушкилоти мазкур раҳо шудан – истифодаи картошкаи сертификатдор барои шинонидан мебошад.

**Фитофтороз:** бемории занбӯруғӣ мебошад, ки ҳосилнокиро паст менамояд. Занбӯруғ дар шароити ҳарорати паст ва хунук инкишоф меёбад. Беморӣ бехмеваро ба пӯсиш дучор карда, онҳо шакли судашударо мегиранд. Аз беморӣ тариқи шинонидани навъҳои ба беморӣ тобовар эмин мондан мумкин аст.

**Нематодҳо:** кирмҳои хурди гирдак мебошанд, ки решаи растаниҳоро истеъмол мекунанд, инкишофи растаниро суст мекунанд ва ҳосилро паст мекунанд. Тухми нематодҳо метавонад дар хок то 20 сол боқӣ монад, аз ин рӯ, несту нобуд кардани онҳо хеле душвор аст. Бо бемории мазкур тариқи киштгардон мубориза бурдан беҳтар аст. Барои пешгирии пайдошавии нематодҳо ва бемориҳои занбурӯғӣ дар қитъаи замин то шинонидани картошка дар давоми аққалан 3 сол зироатҳои дигар шинондан зарур аст.

**Пажмурдашавии бактериалӣ:** бемории мазкур, ки дар натиҷаи он баргҳо пажмурда ва нобуд мешаванд, бехмеваҳо ранги ҷигарранг мегиранд ва мепӯсанд. Беморӣ ҳангоми ҳавои хуб зуд паҳн мешавад. Бо бемории мазкур танҳо бо роҳи шинонидани тухмии тоза мубориза бурдан мумкин аст. Ғайр аз ин, шинонидани картошка дар соли оянда дар қитъаи замини сироятшуда мумкин нест.

ДАРСИ 25

# ПАРВАРИШ ВА БУРИДАНИ ШОХҲОИ ДАРАХТОНИ МЕВАДОР

## Калимаҳои нав

| | |
|---|---|
| **Тана** | Шохаи асосии растанӣ ё дарахт, ки муғчаи болои дорад. |
| **Навдаи решагӣ** | Навдае, ки аз муғчаи иловагӣ инкишоф ёфта, дар зери пӯстлохи дарахт дар сатҳи замин ҷойгир аст. |
| **Шох** | Шохаи канорӣ, ки аз танаи асосии дарахт месабзад. |
| **Шохача** | Шохаи тартиби дуюм, ки аз танаи асосии дарахт уфуқӣ месабзад. |
| **Шохазори дарахт** | Маҷмӯи дарахт ва баргҳои қисми болоии растанӣ. |
| **Буридани шохи дарахт** | Буридани шохаҳои алоҳидаи дарахт бо мақсади шаклдиҳӣ, танзими афзоиш ва мевадиҳӣ. |
| **Шаклдиҳӣ** | Амалияи равонакунии инкишофи дарахт ва додани шакли муайян ба он |
| **Буриши мавсими зимистон** | Буриши дарахтон дар мавсими зимистон, вақте ки дарахт дар ҳолати хобидан қарор дорад. |
| **Навдаҳои амудӣ** | Шохаҳои ҷавоне, ки ба таври амудӣ месабзанд. |
| **Сӯхтани бофтаи дарахт** | Вақте, ки бофтаҳои дохилии дарахт ба яхбандӣ ё ба осебҳои кимиёвӣ ҳассос мебошанд. |

## Дарахтони мевадоре, ки дар Қирғизистон мерӯянд

Дар Қирғизистон навъҳои гуногуни дарахтони мевадор ва чормағз хуб мерӯянд. Онҳо манбаи некӯаҳволӣ, объекти парвариши тиҷоратӣ ва маводи хӯрока мебошад. Барои гирифтани ҳосили босифат ва зиёди мева ва буттамеваҳо, дарахтони мазкурро хуб нигоҳубин кардан зарур аст. Дарахтон танҳо пас аз якчанд соли инкишофи худ ҳосил медиҳанд ва дар давоми давраи мазкур онҳоро хуб нигоҳубин кардан, ҳангоми пастшавии ҳосилнокии онҳо, дарахтонро иваз кардан зарур аст.

## ВАЗИФА

Навъҳои дарахтони мевадор ва чормағзеро, ки дар деҳаи ту мерӯянд, номбар намо. Ҳангоми роҳ ба хона, тафтиш намо, ки ту оё ҳамаи навъҳои дарахтонро ба рӯйхат дохил намудаӣ ё не.

Одатан, аксарияти дарахтони мевадорро то калон шудани онҳо бо умеди гирифтани ҳосили зиёд намебурранд. Аммо маҳз дарахтони бе нигоҳубини мутобиқ монда барои зараррасонҳо макони хуб мешаванд. Бемориҳо дар шоху меваҳои растаниҳо инкишоф меёбанд.

Дарахтони мевадор ҳангоми туршии хоки тақрибан аз 6.5 то 7.0 хуб инкишоф меёбанд. Туршнокии хок дар Қирғизистон ба ҳамин рақам баробар аст, бинобар ин кишвар дар парвариши дарахтони мевадор ва чормағзҳо афзалият дорад. Шумо намунаи парвариши олучаро дар ҷамоати деҳоти Учқурғон барои содирот ба бозори ҷаҳонӣ дар хотир доред?

# Сохтори дарахт ва истилоҳоти асосӣ




## Нигоҳубин ва нигоҳдории дарахтон

Дарахтон мавҷудоти зиндаи нозуке мебошанд, ки ба нигоҳубини хуб эҳтиёҷ доранд. Барои инкишоф ва афзоиши дарахт садҳо сол зарур аст, инсон бошад онро дар якчанд дақиқа нобуд карда метавонад. Вақте, ки мо дарахтро решакан менамоем, мо чиро аз даст медиҳем? Талафоти дарахт нобудшавии яке аз мавҷудоти муҳимтарини зиндаи оламро маъно дорад. Дарахтон ҳавоеро, ки мо ва махлуқоти зинда бо он нафас мекашем, тоза мекунанд, бинобар ин дарахтон барои ҳамаи намуду шаклҳои зиндагӣ дар рӯи олам хеле муҳиманд.

Тараққиёти саноати ва зуҳурот он, масалан, дуди корхонаҳои саноатӣ ҳаворо бо гази карбон ифлос мекунад, ки он барои ҳам инсон ва ҳам аксарияти ҳайвонҳо заҳрнок аст. Дарахтон миқдори зиёди гази карбонро фурӯ бурда, тавассути нерӯи офтоб онро бо об омехта карда, аз он қанд ва оҳарро истеҳсол мекунанд. Ин маводҳои энергетикӣ (қанд ва оҳар) барои тамоми мавҷудоти зиндаи сайёраи мо аз ҳама муҳим маҳсуб мешаванд.

**Об + гази карбон → хлорофилл/нури офтоб → оксиген + қанд**

Дарахтон ва растаниҳои дигар оксигенро, ки барои инсон зарур аст, истеҳсол мекунанд!

## Шинонидани дарахтҳои мевадор



**Ҳангоми шинонидани дарахтони мевадор ҳисоби амалҳои иҷрошуда зарур аст**

Ба дарахтони асосии мевадоре, ки дар Қирғизистон аҳамияти тиҷоратӣ доранд, дарахти себ, олуча, нок ва зардолу дохил мешаванд.

| Қирғизистони Шимолӣ | Қирғизистони Ҷанубӣ |
|---|---|
| Себ | |
| Олуча | |
| Шафтолу | |
| | Зардолу |

Дар Қирғизистон пайвандкунӣ ё кӯчати дарахтонро бо решаҳои кушода мешинонанд. Баъзан барои фурӯш онҳоро ба халтаҳои намнок мепечонанд, аммо решаҳоро ба хок дар шакли кушод мешинонанд. Чунин намуди пайвандкунӣ дар моҳҳои хунуки сол, вақте, ки растанӣ ҳоло дар ҳолати хоб ва оромӣ қарор дорад, гузаронидан зарур аст. Агар ниҳолҳои дарахтони мевадор ҳамроҳи хокаш фурӯхта шаванд, онҳоро дар давраи тамоми сол шинонидан мумкин аст. Аммо новобаста ба ин, шинонидани дарахтон дар миёнаи мавсими тобистон тавсия намешавад, зеро зарбаи хеле гарм ва ҳарорати баланд метавонад дарахтро нобуд созад.

# Тартиби шинонидани ниҳолҳои дарахтон

1. Дар рӯзи барои шинонидани дарахт таъиншуда, чуқурии бараш мутобиқро кофтан зарур аст, ки дар он навдаҳои канории реша ҷойгир шуда тавонанд. Ғайр аз ин, чуқурӣ бояд мутобиқ бошад, яъне тахминан чун дар чуқурии парваришгоҳ бошад. Чуқурии онро аз лои дар танаи ниҳол боқимонда ё ранги тағйирёфтаи шохҳо фаҳмидан мумкин аст. Чуқуриро як рӯз пеш аз шинонидани ниҳол кофта намон, зеро хоке, ки барои рӯпӯш кардани реша зарур аст, хушк ва корношоям мешавад.
2. Ниҳолро ба чуқурӣ монда онро бо хок пӯшидан зарур аст. Ҳангоми пуркунии чуқурӣ бо хок ниҳолро каме боло ва поён намо, ки хок дар атрофи дарахт ва решаи он зич шавад.
3. Чуқуриро бо нисф бо хок пур карда, онро бо поят зич намо. Ин амалро ҳангоми пур кардани ҷуқурӣ маротибаи дигар такрор намо. Хокро аз ҳад зиёд зич нанамо, дар ҳолати акс қисми решаҳо аз навда канда ё шикаста метавонанд.
4. Оҳиста, ба решаи ниҳол нарасида, дар наздаш чӯбро ворид намо. Чӯб барои дарахти ҷавон ҳангоми сабзидани шоху барг ба сифати такя хизмат мекунад. Такя дарахти ҷавонро то мустаҳкам шудани решаи он ва рост инкишоф ёфтани дарахт нигоҳ медорад. Инчунин такя дарахти ҷавонро аз шамоли сахт ҳимоя мекунад.
5. Агар дар атрофи дарахт рӯпӯш (мулча) ё компост ба чуқурии 5-8 см хобонида шавад, он барои хушкшавии хок дар атрофи дарахт монеъ мешавад. *Рӯпӯш ё компост набояд ба танаи дарахт расанд.*

## Обмонии дарахтони мевадор

Дарахтони мевадор дар хоке хуб инкишоф меёбанд, ки ба худ обро хуб ҷаббида мегиранд. Ҳамин тариқ, онҳо дар гилхоки вазнин хуб инкишоф ёфта наметавонанд. Васеъгии решаҳои дарахтони мевадор ба васеъгии паҳншавии барги онҳо баробар аст. Об барои дарахтон дар мобайни тобистон, вақте, ки муғчаҳои мевадор дар дарахт барои соли оянда инкишоф меёбанд, зарур аст. Агар дарахтон дар мобайни тобистон дуруст об монда нашуда бошанд, соли оянда ҳосили хуб намедиҳанд. Одатан дарахтони мевадор дар ду сол як маротиба ҳосили хуб медиҳанд.

Дар моҳҳои гарми тобистон дарахтонро пас аз нишастани офтоб об мондан зарур аст, то ки ба талафоти буғшавӣ ва сӯхтани баргҳо роҳ дода нашавад.

# Барои чӣ бурриши шаклдори дарахтро мегузаронанд?

Бе додани шакл ва гузаронидани буриши шохҳо дарахтони мевадор ба таври мутобиқ намесабзанд. Ҳангоми гузаронидани буриши дурусти шохҳо дарахт ҳосили аз ҳосили ҳарсола зиёдтар, дар мавсими нисбатан барвақттар медиҳад, инчунин аз дарахти шохҳояш нобурида зиёдтар инкишоф меёбад.

Мақсади асосии гузаронидани бурриши шохҳо ва додани шакл дар инкишофи асоси устувори дарахт мебошад, ки истеҳсоли меваҳоро таъмин мекунад. Ҳангоми самти нодурусти қад, дарахт одатан кунҷҳои амудии шохҳоро дорад. Шохҳои мазкур, махсусан ҳангоми ҳосилнокии зиёди дарахт зуд мешикананд, ки ин маҳсулнокии дарахтро паст ва мӯҳлати хизмати онро ба таври ҷиддӣ кам мекунад.

Бурриши шохҳо барои тунук кардани баргу шохҳо ва воридшавии равшании офтоб кӯмак мекунад. Дар аксарияти дарахтони мевадор ғунчаҳо дар мавсими тобистон ташаккул меёбанд, ки ҳосили онҳо танҳо дар соли оянда ба даст меояд. Воридшавии нури офтоб барои инкишофи муғчаҳо ва миқдори зиёди меваҳо мусоидат мекунад.

Агар дарахти калон дар ҷои офтоб рӯяд ҳам, сарпӯши зич аз баргҳо барои воридшавии равшании офтоб ба дохили баргҳо монеъ мешавад. Кушодани баргҳои дарахтон барои воридшавии зарурии ҳаво тавассути дарахт имкон медиҳад ва барои хушкшавии сатҳи баргҳо ва кам гардидани хатари паҳншавии бемориҳои сироятӣ мусоидат мекунад. Бурриши шохҳо барои воридшавии пестисидҳо кӯмак мекунад.

## Бурриш ва самтнокии қадкашии растанӣ

Самти қадкашии дарахти ҷавон барои инкишофи дурусти он муҳим аст.

Бурриши шохҳо одатан дар мавсими зимистон гузаронида мешавад, ки ин бурриши зимистона номида мешавад.

## Фарқияти бурриши зимистона ва тобистонаи шохҳои дарахтон

Бурриши тобистона ва зимистона ба дарахтон ба таври гуногун таъсир мерасонад.

**Бурриши зимистонаи дарахтон, дар ҳолати хоб ё оромӣ будани онҳо –** раванде мебошад, ки афзоиши дарахт ва мевадиҳии онро ҳавасманд мекунад.

Дар давраи тирамоҳ нерӯ бевосита дар тана ва низоми решагии дарахт ҷамъ мешавад. Агар қисмати зиёди болоии дарахт дар мавсими зимистон, дар давраи оромии он бурида шавад, нерӯ дар дарахт нигоҳ дошта мешавад. Ҳамин тариқ, дар мавсими баҳор дараҳт ҳамин нерӯи истифоданашударо барои истеҳсоли аксарияти навдаҳои нави пурқувват истифода мекунад.

Мутаассифона, навдаҳои зиёди амудӣ месабзанд, ки дарахтро соя мекунанд ва ба инкишофи дуруст монеъ мешаванд, бинобар буридани онҳо зарур аст.

Бурришро дар охири зимистон барои ҳифз кардани дарахтон аз осеби зимистонаи яхбандии бофтаҳои дарахт, ки бо сабаби бурриш барои осебҳо кушода мемонанд, гузаронидан зарур аст. Дар навбати аввал гузаронидани бурриши дарахти себ, баъдан олуча, шафтолу ва олуро гузаронидан зарур аст.

Бурриши тобистонаи дарахт ба пастшавии афшоиши дарахт мерасонад. Бурришро ҳангоми бастани муғча, одатан дар вақте, ки афзоиши навда якчанд сантиметрро ташкил мекунад амалӣ менамоянд. Ҳангоми бурриши тобистона шохҳои амудӣ ва пурқуввати такроран сабзида бурида мешаванд. Барои кам кардани яхбандии ҷойҳои буридашуда дар мавсими зимистон, гузаронидани бурриши тобистона дар Қирғизистон пас аз моҳи июл тавсия дода намешавад.

## Намудҳои бурриш

Ду намуди бурриш мавҷуд аст: тунуккунӣ ва кӯтоҳкунӣ (буридани қисмати болоӣ).

**Тунуккунӣ –** бурриши пурраи навдаҳои канории нодуруст сабзида (масалан, вақте ки онҳо дар қисмати дохили дарахт афзоиш мекунанд).

**Кӯтоҳкунӣ –** бурриши қисмати болоии дарахт ё шох. Вобаста ба ин муғчаҳои дар поён ҷойгиршуда афзоиш мекунанд.



Ҳангоми кӯтоҳкунӣ қисмати болоии навдаи сабзида ё шох бурида мешавад



Ҳангоми тунуккунӣ навда ё шох пурра бурида мешавад

Ҳангоми гузаронидани бурриш истифодаи усулҳое, ки ба зуд солим шудани захмҳо имкон медиҳанд, муҳим аст. Аз ин бармеояд, ки бурришро дар мавсими тобистон, дар вақти ширачудокунии дарахтон, вақте ки ҷойҳои буридашуда дар зери нурҳои гарми офтоби тобистон зуд солим мешаванд, гузаронидан хуб аст. Солимшавии зуд хатари сироятшавиро бо бемориҳо кам мекунад ва ҳимоя аз ҳашаротҳоро таъмин мекунад. Бурриши калони уфуқӣ бояд каме нишеб бошанд, то ки дар сатҳи бурриш об ҷамъ нашавад ва дарахт аз пӯсиш ва организмҳои бемориофар ҳимоя карда шавад.

Барои пӯшидани бурриш як қатор омехтаҳо ва рангҳоро истифода кардан мумкин аст. Аммо тарзи аз ҳама беҳтарин – бурриши дуруст ва солимшавии дарахт бо қувваи худ мебошад. Истифодаи бастабандии кимиёвии осебҳо ба ҷои ҳифз аз сироят дар аксарияти мавридҳо дарахтро гирифтори сироят мекунанд.

## Низоми шаклдиҳӣ

Мақсади шаклдиҳӣ ва бурриш дар расидан ба мӯҳлати зиёдтарини хизмати дарахт ва маҳсулнокии он мебошад. Ҳангоми гузаронидани бурриш ба дарахтон якчанд шакл додан мумкин аст. Нисбати шакле, ки барои боғи ту беҳтарин аст, аз боғпарвари соҳибтаҷриба ё мушовири деҳот маслиҳат гир. Ин шахс метавонад ба ту усулҳои гуногуни ҳангоми бурриш ва шаклдиҳии дарахтон истифодашавандаро нишон диҳад.

## Бурриши шохи рости марказӣ

**Ҳангоми шинонидан**
ҳамин ки муғча варам мекунад, қисми болоии шохи марказро дар масофаи 75-80 см аз сатҳи замин бур.



**Бурриши зимистона**
Шохи аз ҳама баландро дар масофаи 60-75 см аз ҷои ҷудошавии шохаҳо бур.



**Амалҳо ҳангоми бурриш:**

- Танҳо як танаи асосии шохаро гузор.
- Шоххҳоро зери кунҷи 60 градус ё камтар бур.
- Шохаҳои канориро, ки наздики ҳамдигар сабзидаанд, бурида парто.

**Буриши тобистона дар соли аввал**
Бурриши тобистона он вақте гузаронида мешавад, ки навдаҳои нав 7-10 см дарозӣ доранд. Шохаи миёнаи ростро (а) гузор, шохаҳои канорӣ (б) ва (с)-ро бурида парто. Чор шохи канории дар масофаи баробар сабзандаро гузор, боқимонда шохаҳоро бур.




**Се сол пас аз бурриш** се-чор шохаи боқимонда дар самтҳои гуногун месабзанд. Ба дарахт чунон шакл деҳ, ки нурҳои офтоб ба ҳамаи шохаҳо расанд ва ба дохил ворид шаванд.



- Ҳангоми сабзидани шохаҳои канорӣ, барои ба ҳамдигар халал нарасонидани онҳо, онҳоро дар масофаи баробар буридан зарур аст.

## Бурриши тобистона

Бурриши тобистонаро ҳангоми дарозии 7-10 см шохаҳо оғоз кардан мумкин аст. Қадами аввалин – шохи ба таври амудӣ сабзида, ки танаи асосии дарахт мегардад, ёфтан зарур аст. Шохаҳои дигари наздик ва шохаҳои рақобаткунандаро дар масофаи тақрибан 10 см аз шохаи асосӣ пасттар буридан зарур аст.

Навдаҳои канорӣ бояд бо кунҷи 60 то 70 градус байни навдаи асосӣ ва канорӣ афзоиш кунанд. Кунҷи мазкурро кунҷи шоха ё ҷудошавии шохаҳо номида мешавад. Шохаҳое, ки кунҷи васеъ надоранд, аз ҳад пурқувват мешаванд ва ба тана нуқтаи заифи пайвастшавӣ доранд, бинобар ин зери бори ҳосили мева аксар вақт мешикананд.

Шохаҳои зиёдатии дарахти ҷавонро як маротиба дар як моҳ дар давраи аз апрел то июл барои бартарафкунии қадкашии аз ҳад зиёд буридан зарур аст. Бурриши тобистона барои кам кардани ҳаҷми бурриши зимистона имкон медиҳад.

Дар солҳои оянда ҷанбаи аз ҳама муҳими бурриши зимистона нигоҳдорӣ ва пурқувваткунии танаи марказӣ мебошад. Дар давраи бурриши зимистона бояд шохаҳои мурда, заиф ва осебдида бурида шаванд.

Муҳим аст, ки дарахти ҷавон дар соли аввали афзоиш меваи бисъёр надиҳад, зеро шоххо зери бори ҳосил хам шуда, ба самти замин афзоиш мекунанд. Ҳангоми ҳолати мазкур онҳо заиф ва бемаҳсул мешаванд ва дар оянда зарурати буридани онҳо ба вуҷуд меояд.

Мақсади дуюми гузаронидани бурриши зимистона – назорати дарозии шохаҳои канорӣ мебошад. Барои нигоҳдории шакли дарахт, шохаҳои канориро каме буридан зарур аст.

Дарахтони ба камолрасида, ки ба таври мутобиқ ва дуруст бурида шуданд, дар мавсими зимистон бурриши зиёдро талаб намекунанд. Шохаҳои мурда, бемор ва осебдида, инчунин навдаҳои амудӣ ва навдаҳои ба самти замин афзоишкунандаро буридан зарур аст.

Шохаҳои болоии дарахти нигоҳубин нашуда шакли чатрро мегиранд ва қисматҳои дигари дарахтро паноҳ мекунанд. Кисмати болоии дарахтони мазкурро тунук кардан зарур аст. Қисми болоии дарахтони мазкурро аз 30% зиёд набуред, дар ҳолати акс қувваи дарахт на ба ташаккули мева, балки ба афзоиши тана равона мешавад.

## Буридани шохаҳои бакамолрасида

**Буридани шохаҳои бакамолрасида ва вазнини дарахт** дар сурати наандешидани чораҳои зарурӣ метавонад ба дарахт осеби ҷиддиро расонад. Дар расми зер нишон дода шудааст, ки чораҳои мазкур чӣ тавр бояд амалӣ карда шаванд. Дар аввал буридани шох аз поён, баъдан аз боло амалӣ мешавад. Он вақт ҳангоми афтидани шох аз дарахт ин амал пӯстлохи дарахтро осеб намедиҳад ва барои паҳншавии сироят ва ҳашаротҳо ҷои кушодро намемонад. Бурриши сеюм - гирифтани боқимондаи шохаҳо дар болои дарахт.




## ВАЗИФА

Бо истифодаи рӯйхати қаблан тартибдодашудаи дарахтони мевадор дарахтонро дар роҳ аз мактаб то хона мушоҳида намо ва ҷадвали зеринро пур кун.

| Навъи дарахт | Синнусоли тахминӣ | Гузаронидани бурриш ҳа/не | Бемориҳо ва ҳашаротҳои мушоҳидашуда |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |

# ФАСЛИ 9

# Усулҳои муосири нигоҳдории айвонот




Саҳифаи 256 | Ҳайвонҳо дар хоҷагии ман

Саҳифаи 267 | Усулҳои муосири чорводорӣ

ДАРСИ 26

# Ҳайвонҳо дар хоҷагии ман

## Калимаҳои нав

| | |
|---|---|
| **Чорводорӣ** | Нигоҳубин ва нигоҳдории ҳайвонҳои хонагӣ барои гирифтани фоидаи иқтисодӣ. |
| **Ҳайвонҳои хонагӣ** | Ҳайвонҳои дар нигоҳдории одамон ва бевосита дар наздикии онҳо нигоҳдоришаванда. |
| **Ҳайвонҳои алафхӯр** | Алаф истеъмол мекунанд. |
| **Моногастрикӣ** | Ҳайвонҳои дорои як хонаи меъда, чун асп, хар. Ба онҳо одамон низ дохил мешаванд. |
| **Кавшакунанда** | Чорвои дорои чор хонаи меъда, бо қисмати хуб инкишофёфтаи сурхрӯда, ки барои ферментатсияи бактериалии ғизои растанӣ имконияти хуб медиҳад. Ба ҳайвонҳои кавшакунанда гӯсфанд, буз, чорвои калони шохдор, қӯтос ва шутур дохил мешаванд. |

**Ҳайвонҳои хонагӣ – робот нестанд.** Ба монанди одамон ба онҳо об, хӯрок ва ҷои зист зарур аст. Онҳо бояд худро бехатар ҳис кунанд. Ҳангоми набудани шароитҳои мазкур, онҳо пурмаҳсул намешаванд. Агар ту мақсади нигоҳдории ҳайвонҳои хонагиро дошта бошӣ, аввал бо сохтори ҷисмонии онҳо шинос шав ва ин барои дуруст фаҳмидани талаботҳои асосии онҳо кӯмак мекунад. Аксарияти одамон фикр мекунанд, ки онҳо дар бораи ҳайвонҳо ва тарзҳои нигоҳдории онҳо маълумоти заруриро медонанд, аммо боз ҷузъиётҳое боқӣ мемонанд, ки ба онҳо диққат додан зарур аст. Ҳамин тариқ, бодиққат хондани фасли мазкурро тавсия медиҳем.

### Ҳайвонҳои хонагӣ дар Қирғизистон ва маҳсулоти онҳо

| Намуд | Самти парвариш | Маҳсулоти асосӣ ва имконпазири онҳо |
|---|---|---|
| ЧКШ | Самти шир | Шир, сметана, гӯшт, пӯст, устухон, саргин |
| | Самти гӯшт | Гӯшт, пӯст, устухон, саргин, қувваи корӣ |
| Қӯтос | Самти гӯшт | Шир, гӯшт, пашми гафс, пашми тунук, устухон, саргин, қувваи корӣ |
| Гӯсфанд | Самти гӯшт | Гӯшт, пӯст, нахи ғафс, устухон, саргин |
| | Самти пашм | Пашми тунук, гӯшт, устухон, пӯст, саргин |
| | Самти гӯшт-пашм | Нахи миёнаи нарм, гӯшт, пӯст, устухон, саргин |
| Буз | Самти гӯшт | Гӯшт, пӯст, устухон, саргин |
| | Самти шир | Шир, гӯшт, пӯст, устухон, саргин |
| | Кашемир | Нахи тунук, гӯшт, пӯст, устухон, саргин |
| Асп | Аспҳо | Нақлиёт, қувваи корӣ, шир, гӯшт, пӯст, устухон,саргин |
| Хар | Харҳо | Нақлиёт, боркашонӣ, саргин |
| Паррандаи хонагӣ | Мурғ, мурғобӣ, ғоз, мурғи марҷон | Тухм, гӯшт, пат, пӯст, саргин, мубориза бо ҳашарот тариқи истеъмоли кирмак, кирмҳо, зуллукҳо |



***Маҳсулоти ҳайвонҳои хонагиро ҳатто барои бозию фароғат истифода мекунанд.***

Аз маҳсулоти ҳайвонҳои хонагӣ омода мекунанд: аз шир – айрон, аз пашм – намад, аз хун ва устухон – пору, аз устухон ва рагу пай – ширеш тайёр мекунанд. Дар айни замон ҳаракати байналмилалӣ оиди қатъ кардани амалҳои мазкур бо сабаби хавфи паҳншавии бемории ҳории чорво давом дорад. Аз хун ва устухони чорво поруро истехсол мекунанд.

### ВАЗИФА



Ба гурӯҳҳои 4-6 нафара ҷудо шавед ва рӯйхати ҳайвонҳои нисбатан паҳншудаи деҳаи шуморо нависед ва дар назди ҳар як ҳайвон истифода ва маҳсулоти истеҳсолшавандаи онро нависед. Аз онҳо кадом маҳсулотро ба даст меоранд? Оё онҳоро коркард карда мешавад? Онҳо чӣ гуна ҳайвонҳоянд? Оё дар маҳалли аҳолинишини шумо коркарди маҳсулот имконпазир аст? Ҷавобҳоро ҳамроҳи синф муҳокима намоед.

Барои дуруст нигоҳ доштани ҳайвонҳои хонагӣ кадом маълумотро донистан зарур аст?

- Онҳо кай насл медиҳанд?
- Ба онҳо кадом шароитҳои иқлимӣ-табиӣ мувофиқанд?
- Ба онҳо кадом ғизо ва чанд маротиба ғизо додан мумкин аст? Организми онҳо ғизоро чӣ тавр ҳазм мекунад?
- Ба ҳайвонҳо кадом паразитҳо ва бемориҳо сироят мекунанд?
- Оё ба ҳайвонҳо шароитҳои нигоҳдории онҳо мувофиқанд?

## Низоми организми ҳайвонҳо

То оғози парваришкунии ҳайвонҳо, соҳиби чорво бояд оиди як қатор низомҳои организми ҳайвонот ва вазифаҳои он маълумот дошта бошад. Низомҳои мазкур барои нигоҳдории ҳаёти ҳайвонот, инкишоф ва зиёдшавии насли онҳо ва истеҳсоли маҳсулот якҷоя фаъолият мекунанд.

**Низомҳои номбаршуда:**

| Низоми организм | Узвҳои ҳайвонҳо | Вазифаи онҳо |
|---|---|---|
| Устухону мушак | Устухон, мушакҳо (гӯшт) | Нигоҳдорӣ ва ҳаракати бадан |
| Ҳозима | Меъда, ҷигар, рӯда, ғадуди зери меъда | Ҳазмкунии ғизо |
| Хунгард | Дил, рагҳо, ҷигар | Ҳаракати маводҳо дар тамоми организм |
| Нафаскашӣ | Бинӣ, трахея, шуш | Нафасгирӣ |
| Пешоббарор | Гурда, пешобдон | Баровардани токсинҳо ва маводҳои таҳшонӣ (урина) |
| Асаб | Майна, асабҳо, ҳароммағз | Интиқоли паёмҳо ба тамоми бадан, назорати кори узвҳо |
| Эҳсосот | Чашм, бинӣ, гӯшҳо, пӯст | Эҳсосоти ашёҳо берун аз бадан |
| Репродуктивӣ | Моя, узви ҷинсӣ, зоидҳо, бачадон, маҳбал, узвҳои берунаи таносул, пистонҳо | Барои наслдиҳӣ ва ғизодиҳии насли ҷавон |
| Лимфоретикулярӣ | Гиреҳҳои лимфатикӣ, сипурз, ҳароммағз | Муҳофизат аз бемориҳои сироятӣ, истеҳсоли хун. |

Манбаъ: Ташкилоти хӯрокворӣ ва хоҷагии қишлоқи СММ (ФАО)

Ин қисматҳои низомҳо тавассути рӯпӯши болоие, ки пӯст номида мешавад, пайваст ва нигоҳдорӣ мешаванд. Пӯст инчунин як силсила низомҳои мураккаб мебошад, ки ба ҳайвон имконияти эҳсос кардани муҳити атрофро медиҳад. Агар ҳатто яке аз низомҳои ҳайвон аз кор монад, ҳайвон мефавтад.

Дар чорводорӣ **сохтори ҷисмонии ҳайвонҳо анатомия** номида мешавад, тарзи фаъолияти низом **физиологияи** ҳайвон ном дорад.

Инсон бояд дар бораи ҳайвонҳо маълумоти хуб дошта бошад, азҷумла оиди фаъолияти организми онҳо, зеро новобаста ба он, ки одамон ва ҳайвонҳо қобилиятҳои зеҳнии гуногун доранд, зарурат ва эҳсосоти онҳо ба ҳам монандӣ доранд.

| Талаботҳои ҷисмонӣ | Эҳсос |
|---|---|
| Хӯроки тоза ва ҳаво | Тарс |
| Ҳавои тоза | Хушбахтӣ |
| Роҳгардӣ | Гуруснагӣ |
| Давидан | Бадхашмӣ, хавотирӣ |
| Манзил | Зарбаи эҳсосӣ |
| Наслдиҳӣ | Дард |
| | Талаботи дар доираи ҳайвонҳои дигар будан |
| | Зарурати насли ҷавон дар назди модар мондан |

Агар фермер ҳамаи омилҳои зикршударо ба назар нагирад, ҳайвон сермаҳсул намешавад.

## Низоми асаб

Узвҳои асосии низоми асаби ҳайвон майнаи сар ва ҳароммағз мебошад. Аммо дар бадан торҳои асаби зиёде мавҷуданд, ки якчанд вазифаҳои организмро иҷро мекунанд. Торҳои асабҳои майнаи сар барои кори чашм, мазза, гӯш, бинӣ ҷавоб медиҳанд. Асабҳои ҳароммағз аз ҳароммағз сар шуда, дар қисматҳои гуногуни организми ҳайвон мегузаранд ва барои эҳсоси расидан ва ҳаракати ҳайвон ҷавоб мегӯянд.

Ҳайвонҳо вазифаҳои зиёдеро иҷро мекунанд, ки организм онҳоро бе фармони майнаи сар иҷро мекунад. Низоми асаб, ки ба ҳайвон имкони муҳити атрофро эҳсос карданро медиҳад, новобаста аз иштироки майнаи сар дар аксарияти вазифаҳои ҳайвон иштирок мекунад.

Вақте, ки модагов таваллуд мекунад, мушакҳои бачадони он кӯтоҳ мешаванд ва ҷанинро аз бачадон бе хоҳиши модагов берун мекунад. Низоми ҳормонии ҷанин мушакҳои бачадонро бе иҷозати модагов тариқи кӯтоҳшавӣ ба кор кор медарорад.

Дили гов бе фармони майнаи сар мезанад. Шуши ҳайвонҳо инчунин бе иштироки майнаи сар фаъолият мекунанд. Аммо новобаста ба ин, одамон нафаскашии худро идора карда метавонанд, агар мо чуқур нафас гирифтан хоҳем, мо инро фаҳмида иҷро менамоем, аммо одатан мо бе фикру андеша нафас мегирем.

## Низоми устухон

Низоми устухони ҳайвонҳо сохторе мебошад, ки ба он бофтаҳои дигари ҳайвон мустаҳкам шудаанд. Скелет шакл ва сохтори бадани ҳайвонро муайян мекунад. Устухонҳо фишангҳое мебошанд, ки ба организм имконияти ҳаракат кардан, интиқол кардан ва иҷрои корро медиҳанд.

Устухонҳои ҳайвонҳо бофтаи зинда мебошанд ва дар организми инсон як қатор вазифаҳои муҳимро иҷро мекунанд. Тақрибан сеяки устухонҳо аз бофтаҳои табиӣ, ки аз рагҳои хунгузар, бофтаҳои лимфатикӣ ва фиброзӣ иборатбударо доранд. Ин бофта асосан бофтаи ҳароммағз – барои ҳосил кардани ҳуҷайраҳои хун ва маводҳои кимиёвӣ (ҷисмҳои ғайр) хеле муҳим аст ва ба организм бо сироят мубориза бурдан кӯмак мекунанд.

## Скелети асп



# Скелети гӯсфанд




Унсурҳои сахти низоми устухон аз намакҳои калсий ва фосфор иборатанд, ки ба устухонҳо мустаҳкамиро медиҳанд. Дар организми ҳайвон маводҳои кимиёвии мазкур ҳаракат мекунанд. Масалан, намакҳо дар устухонҳо ҷамъ мешаванд, онҳо бо об омехта мешаванд, аммо ҳангоми зарурати бадан онҳо бо об омехта шуда то узви бадан расонида мешаванд. Дар ҳолатҳое, ки ҳайвон норасоии калсий дорад, устухонҳо нозуку ковок мешаванд, зеро калсии дар устухонҳо мавҷудбуда метавонад барои мақсадҳои дигар истифода гардад.

**ВАЗИФА**



Сохти устухони гӯсфанд ва аспро муқоиса намо. Оё ту гуфта метавонӣ, ки чаро асп тезтар медавад?

# Низоми мушакҳо

Ҳуҷайраҳои мушакҳо барои иҷрои вазифаи кӯтоҳшавӣ омода мебошанд. Кӯтоҳшавии мушакҳо ҳангоми роҳ гаштан, нафас кашидан ва амалҳои дигар заруранд.

Мушак аз сад ҳазор ҳуҷайраҳои мушакӣ иборат аст, ки ба бандҳо ҷудо шудаанд. Баъзе аз бандчаҳо андозаашон калон доранд, масалан, дар пои қафои ҳайвон, дигарашон – хурд, ба монанди мушакҳои чашм. Ин бандчаҳои мушакӣ бо бофтаҳои пайвасткунанда пайваст шудаанд.

Нӯги бандҳои мушакӣ ба пайҳои боқувват мерасанд, ки ба мушакҳо имкони ӯ ба устухон пайваст шуданро медиҳанд. Вақте, ки мушак кӯтоҳ мешавад, он ба ду фишанги устухон ҷой иваз мекунад.

Мушакҳои ҳайвонҳо дар қисматҳои гуногуни бадан ҷойгир шудаанд. Инчунин аксарияти мушакҳои тиҷоратӣ ё онҳое, ки инсон барои ғизо ё барои кор истифода мекунад, дар қисми пушти ҳайвон ҷойгир шудаанд. Тақрибан шаст фоизи вазни ҷисми ҳайвон дар қисми қабурғаи охирин, тахтапушт ва пойҳои қафо ҷойгир шудааст. Мушакҳо дар қисми пеш ё қисми сари ҳайвон кам инкишоф ёфтаанд ва бо бофтаҳои пайвасткунанда пайваст карда шудаанд; чарб ва устухонҳо дар қафаси сина ҷойгир шудаанд.

## Низоми ҳозима

Низоми ҳозимаи ҳайвонҳо – ин найчаи махсусе мебошад, ки аз ковокии даҳон тавассути тамоми бадан тӯл кашида, бо сӯрохии маъқад ба охир мерасад. Таъиноти он – ҳазмкунии ғизое, ки ҳайвон истеъмол мекунад. Низоми ҳозимаи ҳайвонҳо – узве мебошад, ки дар он ҳайвон қисматҳои муҳити атрофро ба ғизо табдил медиҳад ва барои нигоҳдории ҳаёт, вазифаи наслдиҳӣ ва вазифаҳои дигари организм истифода мекунад.

Намудҳои асосии ҳайвонҳое, ки дар хоҷагиҳо нигоҳ дошта мешаванд, алафхӯр мебошанд. Баъзе аз ҳайвонҳо меъдаҳои якхонагӣ, дигаронашон бисёрхонагӣ доранд.



1. Сурхрӯда
2. Меъда
3. Рӯдаи борик
4. Рӯдаи ғафс
5. Кӯррӯда
6. Рӯдаи рост

## Низоми ҳозимаи асп

Аз расми мазкур дидан мумкин аст, ки низоми ҳозимаи асп, ки ба алафхӯрон тааллуқ дорад, кӯррӯдаи калоншуда дорад. Кӯррӯда қисми низоми ҳозима мебошад, ки дар он ғизо пас аз гузаштан аз меъда нигоҳ дошта мешавад. Баъдан маҳсулоти дар кӯррӯда нигоҳдошташударо бактерияҳо ва микроорганизмҳои дигар ба маводҳое, ки ба организм заруранд, коркард мекунад.

Ҳайвонҳои кавшакунанда ҳайвонҳои алафхӯр мебошанд. Дар саршавии сурхрӯда пеш аз меъда ҷиғилдон мавҷуд аст. Он ба се халтача (пешмеъда) ҷудо мешавад, ки номи онҳо тӯр, хадша ва китобча, бо меъдаи ҳақиқӣ ё шӯъбаи чоруми меъда ном доранд.




## Низоми ҳозимаи кавшакунанда

**Хадша –** хонаи калони меъда мебошад, ки дар он ғизои растанӣ то вақте боқӣ мемонад, ки бактерияҳо унсурҳои ғизоро ҳал накунанд. Мутахассисон оиди ғизои ҳайвонҳо фикр мекунанд, ки ҳангоми ғизодиҳии ҳайвонҳои кафшакунанда, ту худи аспро неву, бактерия ва микроорганизмҳои дар хонаи калони меъда мавҷуд бударо ғизо медиҳӣ. Агар ғизои додаат ба бактерияҳо хуш наояд, ҳайвон метавонад ба мушкилиҳо дучор гардад ва хароб шавад. Мушкилиҳои мазкурро дар гӯсфанд, бузҳо ва чорвои калони шохдор вақте, ки ба онҳо додани алафи хушкро қатъ карда, ба чарогоҳҳои сабз мебаранд, дидан мумкин аст. Дар аксарияти ҳайвонҳо исҳол ё саргини моеъ мушоҳида мешавад.

Ҳозимаи ҳайвонҳои кавшакунанда аз ҳозимаи аспон фарқ мекунад. Кафшакунандагон сақич мехоянд, ин маънои онро дорад, ки вақте ки гов ором аст, ғизо аз хонаи калони меъда ба ковокии даҳон барои хоидани такрорӣ баргашта меоянд. Тавассути кафшакунии мазкур моводи растанӣ шавламонанда мешавад ва коркарди минбаъдаи ғизо аз ҷониби бактерияҳоро осон мегардонад.

Ҳангоми ҳазмкунии ғизо аз ҷониби микроорганизмҳо дар хонаи калони меъда маводҳои махсуси кимиёвӣ ҳосил мешаванд, ки тавассути девори хадша ҷаббида шуда, ба ҷигари ҳайвон барои табдилшавӣ ба маводҳои энергетикӣ равона мешаванд.

Рӯдаи борик – ин ҷоест, ки  сафедаҳо, равғанҳо ва баъзе намудҳои карбогидратҳо ҳазм мешаванд. Рӯдаи борик ҷои ҷаббидашавии намӣ аз ғизо мебошад. Дар он лаҳзае, ки моводи ҳазмкардашуда ба рӯдаи рост мерасад, миқдори калони об аллакай бо он ҷаббида шуда, саргин ба берун нисбатан хушк хориҷ мешавад.

### Низоми ҳозимаи паррандаҳои хонагӣ

Паррандаҳо дандон надоранд, бинобар ин онҳо ғизоро нахоида фурӯ мебаранд. Ғизои фурӯдодашуда рост ба ҷиғилдон меравад. Ин ҷо ғизо бо туфе, ки дар таркибаш мутсин дорад ва барои нармкунии ғизо то расидани он ба меъдаи луобӣ зарур аст, омехта мешавад. Меъдаи луобӣ меъдаи ҳақиқӣ мебошад, зеро луоби меъдаро истеҳсол мекунад. Баъдан ғизо ба меъдаи мушакӣ мегузарад. Меъдаи мушакӣ танҳо дар паррандагон мушоҳида мешавад. Ин узви мушакие мебошад, ки ғизоро ба таври механикӣ хурд ва суда мекунад. Ба ғизои парранда як миқдор шағал ё сангмайдаҳоро ворид кардан зарур аст, то ки онҳо дар меъда барои қавӣ кардани майдакунии механикӣ ва судакунии ғизо бояд мавҷуд бошанд.

Баъдан ғизо аз меъдаи мушакӣ ба рӯдаи борик меравад, ки он ғизоро ба таври кимиёвӣ ҳазм карда, карбогидратҳо, сафедаҳо ва чарбҳоро ҷаббида мегирад.




Низоми ҳозимаи паррандаи хонагӣ

## Низоми репродуктивӣ

Ҳангоми таносул як ҳуҷайраи ҷинсии нарина одатан бо тухмҳуҷайра ё ҳуҷайраи модина пайваст мешавад. Ин бордоркунӣ номида мешавад ва он тавассути найчаи фаллопии ҷинси модина рӯй медиҳад. Ҳуҷайраи бордоршуда ба ҷанин мубаддал мешавад, баъдан ба ҳайвони ҷавон инкишоф меёбад.

Узви асосии таносули чинси нари ҳайвонҳо тухмдонҳо мебошанд, ки дар ҳайвонҳои кавшакунанда дар халтачаи беруна ҷойгир шудаанд. Халтачаи мазкур хоядон номида мешавад. Дар он тухмдонҳо дар ҳарорати тақрибан аз ҳарорати бадан 3°C пасттар нигоҳ дошта мешаванд ва бо ин коркарди сперматозоидҳо таъмин мешавад. Ҳангоми сахт баланд шудани ҳарорат дар тухмдонҳо сперматозоидҳои аномалӣ зиёд инкишоф меёбанд ва ҷинси нарина модинаро бордор карда наметавонад.



Узви асосии репропродуктивии модина тухмдонҳо мебошанд. Тухмдонҳо ҳуҷайраҳои модинаи ҷинсиро истеҳсол мекунанд. Раванди мазкур овулятсия номида мешавад ва тақрибан ҳар ҳабдаҳ рӯз дар гӯсфанду буз, ҳар бисту як рӯз дар модагов, агар модагов ҳомиладор набошад, мегузарад.




Гӯсфандони мода одатан дар мавсими зимистон бордор мешаванд.

Бордоршавӣ метавонад ҳангоми он, ки тухмҳуҷайра ба тарафи найчаи бачадон меравад ва бо сперматозоид пайваст мешавад, рӯй диҳад. На ҳар як сперматозоид метавонад тухмҳуҷайраро бордор кунад, аммо агар ин рӯй диҳад, раванди наслгирӣ оғоз мешавад.

Тақрибан пас аз 12 рӯз тухмҳуҷайраи бордоршуда ба ҳуҷайраҳо тақсим мешавад ва дар охир бофтаи асаб ва бофтаҳои дигари организми ҳайвони ҷавон мешаванд. Тухмҳуҷайраи бордоршуда ба ҷанин мубаддал мешавад, ки дар дохили халтачаи махсуси ба деворҳои бачадон пайвастшудае, ки ҳамрояк мегардад, инкишоф меёбад. Ҳамрояки ба девори бачадон пайвастшуда тухмпалла номида мешавад. Маҳз тавассути ҳамин тухмпаллаҳо, маводҳои ғизоӣ, ки аз хуни модар гирифта мешаванд, ба ҷанин расонида шуда, барои инкишофи ояндаи он кӯмак мекунанд.

Раванди репродуктивӣ хеле мураккаб мебошад ва аз ҷониби низоми эндокринии организм танзим карда мешавад.

Ҳомиладорӣ (гетсатсия)-и хун тақрибан нӯҳ моҳ ё 283 рӯзро ташкил медиҳад. Дар гӯсфандон ва бузҳо ҳомиладорӣ панҷ моҳ ё 151 рӯзро ташкил медиҳад.

## Низоми нафаскашӣ

Низоми нафаскашӣ организми ҳайвонро бо ҳаво таъмин мекунад. Ба он бинӣ, ковокии даҳон, ҳалқ дар девори қафои гулӯ ва трахея дохил мешаванд, ки ба шуш мебаранд. Ҳар кадоме аз узвҳои мазкур барои фаъолияти раванди нафаскашӣ вазифаи муҳимро мебозад.

Бинӣ – узве мебошад, ки низоми нафаскаширо бо муҳити беруна пайваст мекунад.

Ҳаво аз қафои гӯлӯ тавассути ҳалқ мегузарад, ки он узве мебошад, ки ғизоро ба сурхрӯда, ё ҳаворо ба трахея ва бронхҳо, баъдан ба шуш равон мекунад. Трахея найчаҳои холие мебошад, ки аз бофтаи тағоякӣ ташкил ёфтааст. Тағояк ба устухон монанд аст, аммо дар он калсий кам аст. Он бофтаи мустаҳкам ва чандире мебошад, ки

барои нигоҳдории бронхҳо дар шакли кушод, барои имкони беруншавии бемонеаи ҳаво аз поён ба боло зарур аст. Трахея бо шушҳо барои интиқоли ҳаво ба шуш ва аз шуш берун шудан пайваст мешаванд.

Шушҳо бофтаи ковок мебошанд, ки аз чашмакҳои сершумори кушода иборат буда, деворҳои хеле нозук доранд. Хуне, ки дар организм давр мезанад, тавассути деворҳои чашмакдори шушҳо гузашта, гази карбонро ба оксигене, ки бо ҳаво ҳангоми нафаскашӣ ворид мешавад, иваз мекунад.

Низоми нафаскашӣ – низоми хориҷкунии гази карбоне мебошад, ки барои организм заҳрнок аст ва ивази он бо оксигене, ки барои иҷрои вазифаҳои организм ва реаксияҳои кимиёвӣ дар организм зарур аст.

## Низоми хунгардӣ ва лимфатикӣ

Низоми рагҳо дар организм аз ду низом иборат аст: низоми гардиши хун ва низоми лимфатикӣ. Низоми гардиши хун миқдори сершумори найчаҳо дар тамоми организм, ки андозаи онҳо тақрибан аз ду то се миллиметрро дар диаметр ташкил медиҳад ва капиллярҳое, ки диаметрашон аз садяки миллиметр хурд аст мебошад. Мақсади низоми гардиши хун, асосан дар интиқоли оксиген ба бофтаҳо мебошад. Ҳамин тариқ, он барои амалишавии реаксияҳои кимиёвӣ кӯмак мекунад ва партовҳои организмро мебарорад. Партовҳои мазкур гази карбон, азот ё карбамид мебошанд, ки ҳангоми гузаштан аз гурдаҳо аз хун ҷаббида мешавад.

Инчунин хун ҳормонҳоро дар организм паҳн мекунад, ки барои пайдошавии эҳсосот ба монанди тарс, ташвиш ва ғ. заруранд.

Низоми лимфатикӣ мавқеи хеле муҳим дорад. Он вазифаҳои ҳимояи организм аз сироятҳо ва равонакунии чарбҳоро дар тамоми бадан иҷро мекунад.

## Низоми пешобронӣ

**Низоми пешобронӣ –** низоми тозакунии организм аз маводҳои заҳрнок ва хориҷкунии он аз организм мебошад.

Унсурҳои асосии низоми пешобронӣ ду гурда мебошанд, ки андозаашон ба як кафи дасти одам баробар аст; рагҳои хунгард ба гурда хун мебаранд; найчаҳое, ки аз ҳар як гурда берун мебароянд ва найчаҳои пешоброн номида мешаванд ва партовҳоро ба пешобдон мебаранд. Пешобдон халтае мебошад, ки дар он пешоб то даме, ки организм онро хориҷ накунад, нигоҳ дошта мешавад.

**Гурдаҳо** – узвҳои нисбатан фаъол амалкунандаи организм мебошанд. Дар организми одам гурдаҳо тақрибан дусад литр хунро дар як рӯз коркард мекунанд ва тақрибан ду литр пешобро хориҷ мекунанд. Азбаски дар организми одами калонсол тақрибан панҷ литр хун мавҷуд аст, ин маънои онро дорад, ки хун тавассути гурда тақрибан чил маротиба давр мезанад. Гипофизе, ки дар асоси майнаи сар ҷойгир шудааст, миқдори моеи озодро дар хуни ҳайвон, миқдори партовҳои организми аз хуни ҳайвон хориҷкардашударо танзим мекунад.

## Ғадудҳои луобҷудокунии дохилӣ

Ҳамаи реаксияҳои организм бо ҳормонҳо вобастагӣ доранд, хоҳ тарс, ғаму андӯҳ, ваҷд, наслдиҳӣ, истеҳсоли шир, қадкашӣ, эҳсоси ташнагӣ, эҳсосоти ҷавобӣ ба ягон ҳолати муҳити атроф.

Сарвари ғадуди эндокринии организм гипофиз мебошад, ки он реаксияи организмро нисбати гармӣ ва сардӣ ва эҳсосоти дигар идора мекунад. Ҳамроҳи гипофиз ғадудҳои болои гурда низ, ки дар назди гурда ҷойгир шудаанд, дар пайдошавии эҳсосоти тарс иштирок мекунанд.



Ғадудҳои луобии дохилӣ ба ҳамаи амалҳои организм таъсир мерасонанд. Агар ту модаговро барои ҳаракат кардан бо чӯб занӣ, модагов метарсад ва ба пеш ҳаракат мекунад. Тарс бо мувофиқати адреналини дар ғадудҳои болои гурда хориҷкардашуда ва ҳормонҳои дар гипофиз ҷудошуда пайдо мешавад.

Организми ҳайвон сохтори мураккаб дорад. Ҳангоми роҳбари хоҷагӣ будан ту бояд дар бораи он, ки организми ҳайвон чӣ тавр кор мекунад ва кадом низомҳо дар организми ҳайвон мавҷуданд, маълумот дошта бошӣ. Ҳангоми доштани дониши мутобиқ ту метавонӣ нигоҳубин ва нигоҳдории ҳайвонҳоро такмил диҳӣ.

ДАРСИ 27

# Усулҳои муосири бурдани чорводорӣ

## Калимаҳои нав

**Селексияи ҳайвонҳо** Беҳтаркунии зот тариқи интихоб.

**Ирсият** Хусусиятҳое, ки аз волидайн ба кӯдакон мегузаранд.

**Давомнокии рӯз** Миқдори соатҳои вақти равшани шабонарӯз. Миқдори соатҳои вақти торики шабонарӯз омиле мебошад, ки фаъолнокии репродуктивии ҳайвонҳоро ҳавасманд мегардонад.

**Беморӣ** Ин ҳама гуна вайроншавии фаъолияти мӯътадили организми ҳайвон, ки ба он таъсири манфӣ мерасонад.

Ҳангоми омӯзиши агроэкосистема шумо омӯхтед, ки омилҳои истеҳсолие, ки ба ҳайвонҳо таъсир мерасонанд инҳоанд:

- Парвариш ва хушзоткунии ҳайвонҳо;
- Шароитҳои климатикӣ;
- Ғизои ҳайвонҳо;
- Бемориҳои ҳайвонҳо;
- Шароити нигоҳдории ҳайвонҳо.

Ҳайвонҳо дар асл робот намебошанд. Ба онҳо дар истеҳсоли маҳсулоте, ки барои инсон хеле муҳиманд, кӯмак кардан зарур аст. Дастгирии мазкур тавассути нигоҳубини мутобиқ амалӣ мешавад, вақте, ки чорводор мефаҳмад, ки омилҳои дар зер зикршударо барои ташкили шароитҳои қулай ва маҳсулнокии он чи тавр истифода кунад. Танҳо дар ин сурат ҳайвонҳо маҳсулоти олиҷаноби шир, гӯшт, тухм ё пашмро истеҳсол карда метавонанд.




*Ба ҳайвонҳои корӣ низ нигоҳубини хуб зарур аст*

# Зиёдкунӣ ва селексияи ҳайвонҳо

Қобилияти ҳайвонҳо ба такрористеҳсоли маҳсулоти танҳо ба онҳо хос – натиҷаи сифатҳои ирсӣ мебошанд, ки онҳо аз волидайни худ ба мерос гирифтаанд. Баъзе аз ҳайвонҳо дар истеҳсоли шир, гӯшт, пашм, тухм аз дигарон бартарӣ доранд, ҳарчанде, ки ба худи ҳамон гурӯҳ дохил мешаванд.

Чорводор бояд малакаи бо чашм ё тавассути баҳогузории тавсифҳо муайян кардани ҳайвонҳое, ки дар истеҳсол беҳтарин мебошанд, дошта бошад. Пас аз ин чорводор бояд бордоркунии ҷинси модинаи беҳтаринро бо наринаи беҳтарин таъмин кунад. Ҳайвонҳои модина ва нари бемаҳсулро ҷудо карда, фурӯхтан зарур аст.

Чорводорон дар бораи он, ки маҳсулнокии ҳайвонҳо на танҳо бо ирсияти онҳо вобаста аст, маълумоти хуб доранд. Ба маҳсулнокии ҳайвон инчунин омилҳои дар боло зикршуда таъсир мерасонанд. Барои гирифтани ҳаҷми зиёди маҳсулоти баландсифати шир, гӯшт ва ғ. шароитҳои мутобиқи иқлимӣ, ғизои мутобиқро таъмин намудан ва инчунин гузаронидани чораҳои пешгирӣ зидди бемориҳо зарур аст.

Дар чорводорӣ ақидаи нисбатан зиёд истифодашаванда вуҷуд дорад:

Маҳсулоти истеҳсолкардаи ҳайвон – натиҷаи фаъолияти муштараки ирсияти ҳайвон ва муҳите, ки ҳайвон дар он нигоҳ дошта мешавад мебошад.

Ҳайвоне, ки ирсияти хубу маҳсулнокии баланд надорад, ҳангоми нигоҳдорӣ дар шароитҳои сахт гарму сард, нагирифтани миқдори кофии ғизои тоза ва зудҳазмшаванда, об, ё агар дучори беморӣ бошад, маҳсулоти сифаташ хубро намедиҳад. Ҳайвонҳо дар ҳолате, ки дар оғил танҳо ё дар шароити танг нигоҳ дошта шаванд, маҳсулнок нахоҳанд буд. Ту шояд дида бошӣ, ки гӯсфанд ҳангоми дар оғил танҳо монданаш чӣ тавр баос мезанад?

## ВАЗИФА

Ба гурӯҳи 4-6 нафара ҷудо шавед ва рӯйхати шароити муҳити атрофро дар чор мавсими сол дар маҳалли зисти шумо, ки маҳсулнокии чорвои шохдор, гӯсфанд ва бузро паст карда метавонанда, тартиб диҳед.

# Иқлим

Ҳангоми нигоҳдории ҳайвонҳо дар шароитҳои мутобиқ онҳо сермаҳсул мешаванд. Ҳар як ҳайвон ба шароитҳои иқлимии гуногун мутобиқ шудааст. Чорводорони бо парвариши қӯтос машғулбуда тасдиқ мекунанд, ки ҳангоми нигоҳубини қӯтос дар ҳамвориҳо ва шароитҳои иқлими гарм онҳо бемор мешаванд.

**Қӯтос** – ҳайвони баландкӯҳ мебошад, ки ҳавои сардро дӯст медорад. Пашми он вазифаи пӯстинро иҷро мекунад, ки онро аз ҳавои сард дар чарогоҳҳои баландкӯҳ ҳифз менамояд. Пашми қӯтос аз ду қабат нах иборат аст, ки яке аз онҳо дарозу хеле дурушти беруна мебошад. Қабати дуюм хеле маҳин аст ва барои истеҳсоли либоси гарму хеле мулоим истифода шавад.

Нигоҳдории қӯтосҳо дар ҳамвориҳои иқлимашон гарм ба беморшавии онҳо мерасонад. Қӯтосҳо аз муҳити табиии зист танҳо барои қулай будан ба инсон ҷой иваз мекунанд, аммо ин ба маҳсулнокии онҳо таъсири манфӣ мерасонад.

Пашми гӯсфандро, нахи бузро дар ҳавои хунук қайчӣ кардан мумкин нест. Мӯйгирии ҳайвонҳо одатан, дар давраи наслгирӣ барои осон кардани ёфтани пистони ҳайвон барои ҳайвонҳои таваллудшуда гузаронида мешавад.

Давомнокии рӯз дар чорводорӣ хеле муҳим аст, зеро вобаста ба ин омил бордоршавии аксарияти ҳайвонҳои хонагӣ амалӣ мешавад. Гӯсфандон ва бузҳо асосан дар мавсими тирамоҳ бордор мешаванд, аспҳо бошанд дар фасли баҳор. Дарозии давраи торики рӯз ба гипофиз, ки ҳормонҳои тайёр будани ҷинси модинаи ҳайвонро барои бордоркунӣ истеҳсол мекунад, таъсир мерасонад.

## Ғизодиҳӣ



Ғизо барои ҳайвонҳо манбаи:

- Қувва барои нигоҳдории вазифаҳои организм, чун нафаскашӣ, роҳгардӣ, нигоҳдории ҳарорати бадан;
- Маводи сохторӣ барои ташаккули устухон, мушакҳо ва бофтаҳои дигари организм;
- Мавод барои наслдиҳӣ;
- Мавод барои афзоиш, истеҳсоли шир, тухм ва ғ. мебошад.

Агар ҳайвон ғизоро ҳазм карда натавонад, аз он ба ҳайвон ягон манфиате нест. Дар ғизои гӯсфанд маҳсулоти гӯштӣ нест, зеро дар организми гӯсфанд маводҳои кимиёвие, ки ин маҳсулотро ҳазм мекунанд, вуҷуд надоранд. Инсон наметавонад алафро истеъмол кунад, зеро дар низоми ҳозимаи инсон маводҳои кимиёвие, ки миқдори зиёди алафро ҳазм карда метавонанд ва онро ба манфиати организм истифода намоянд, вуҷуд надоранд. Одамон селлюлоза ва лигнинро, ки унсурҳои асосии девори ҳуҷайраи алафро ташкил медиҳад, ҳазм карда наметавонанд, ҳарчанд, ки онҳо дохили ҳуҷайраҳои растаниро ҳазм карда метавонанд.

Ана барои чӣ сабзавот метавонад аз ҷониби инсон истеъмол карда шавад. Деворҳои ҳуҷайравии сабзавот осон ҳазм мешавад, махсусан агар сабзавот дар ҳарорати баланд пухта шуда бошад. Дохили ҳуҷайраҳои растанӣ аз ҷониби организми инсон дар ҳолати коркарди ҳароратии он хуб ва зуд ҳазм мешавад.

## Миқдори маводҳои ғизоӣ дар хӯроки чорво

| | |
|---|---|
| **Карбогидратҳо** | Онҳо дар ғизои зироати донагиҳо ва лӯбиёгиҳо мавҷуданд. Инчунин карбогидратҳо дар алафҳои донадор, алафҳои бегона ва растаниҳои дигари чарогоҳҳо мавҷуданд. |
| **Сафедаҳо** | Онҳо дар лӯбиёиҳо ва растаниҳои оилаи лӯбиёиҳо, чун люсерна ва юнучқа мавҷуданд. |
| **Витаминҳо** | Витаминҳо дар маводи сабзи растанӣ ба вуҷуд омада, аммо бактерияҳо ва микроорганизмҳои дар низоми ҳозимаи ҳайвон мавҷудбуда низ шумораи зиёди витаминҳои барои ҳаёт ва маҳсулнокии ҳайвонҳо заруриро истеҳсол мекунанд. |
| **Минералҳо** | Минералҳои заруриро ҳайвонҳо ҳамроҳи истеъмоли ғизоҳо дар чарогоҳ мегиранд. Дар ҳолати норасоии минералҳо дар хок растаниҳо аз хок онҳоро мустақилона ҷаббида наметавонанд, дар ҳайвонҳо нишонаҳои норасоии минералҳо мушоҳида мешаванд. |
| **Об** | Об барои ҳайвонҳо маводи аз ҳама зарурӣ маҳсуб мешавад. Чорводор бояд ба ҳайвонҳо дастрасии озодро ба оби тоза ва нав таъмин намояд. |

# Ғизодиҳии ҳайвонҳо барои истеҳсоли шир

Фермерон ҳайвонҳои ширдеҳро барои истеъмоли хонагӣ ё барои тиҷорат нигоҳ медоранд. Нигоҳдории модагов ва нагирифтани миқдори шири имконпазир – ин аз даст додани имконият мебошад.

**Об:** Маводи аз ҳама муҳим барои ғизодиҳии ҳайвонҳо об маҳсуб мешавад. Ба ҳайвонҳо ҳар рӯз миқдори зиёди обро додан зарур аст. Шир аз 87% об таркиб ёфтааст ва барои истеҳсоли шир ҳайвон бояд мубодилаи обро тавассути организми худ таъмин намояд. Ҳайвон бояд обро барои истеҳсоли шир, нигоҳдории тавозуни обӣ дар организм, инчунин барои хориҷкунии пешоб нӯшад. Агар ҳайвони ширдеҳ норасоии истеъмоли обро ҳис кунад, ҳаҷми истеҳсоли ҳаррӯзаи шир кам мешавад.

## Таркиби шири намудҳои гуногуни ширхӯрон

| Қисми таркибӣ | Шири гов | Шири буз | Шири гӯсфанд | Шири зан |
|---|---|---|---|---|
| **Сафеда %** | 3.2 - 3.6 | 3.4-3.6 | 6.0 | 1.2 |
| **Чарб %** | 3.8 | 4.1 | 6.0 | 3.8 |
| **Қувва (карбогидратҳо) %** | 4.9 | 4.7 | 5.0 | 7.0 |
| **Ҳамагӣ маводи хушк** | 12.8 | 13.0 | 18.0 | 12.4 |

Новобаста аз он, ки ирсияти ҳайвон имконияти зиёди истеҳсоли ширро таъмин карда тавонад, ҳайвон наметавонад иқтидори имкониятҳои худро дар сурати истеъмоли нокофии оби тоза дар давоми рӯз пурра истифода намояд. Миқдори оби зарурӣ аз ҳарорати шабонарӯз, сарбории ҷисмонии ҳайвон ва миқдори ғизое, ки ҳайвон истеъмол мекунад, вобастагӣ дорад.

## Миқдори тақрибии обе, ки барои истеъмоли ҳайвонҳои ширдеҳ зарур аст

| Мавсим | ЧКШ | Бузҳо | Гӯсфандон |
|---|---|---|---|
| Тобистон | 60 литр/рӯз | 10 литр /рӯз | 12 литр /рӯз |
| Зимистон | 40 литр/рӯз | 6 литр/рӯз | 8 литр/рӯз |



*Дар назди ҳайвонҳои ширдеҳ бояд ҳамеша зарфи обдор истад.*

## Ғизодиҳӣ об барои истеҳсоли шир

Яке аз омилҳои ҷиддии ғизои ҳайвонҳо, ки онро бояд дар хотир дошт, ҳазмкунии он мебошад. Ин маънои онро дорад, ки каҳи кӯҳна, пояҳои хушки офтобпараст ва барги дарахтон барои ғизодиҳии ҳайвонҳои ширдеҳ мувофиқ нестанд ва барои истеҳсоли шири зиёд мусоидат намекунанд. Барои ҳазмкунии ғизои мазкур барои низоми ҳозимаи ҳайвонҳо вақти зиёд зарур аст, ки ин раванди истеъмоли ғизоро бозмедорад. Ҳайвон сер будани худро эҳсос мекунад ва дигар ғизо намехӯрад. Ҳамин тариқ, ҳайвон одатан новобаста ба он, ки организм аз ғизо пур шудааст, гурусна аст. Ҳазмшавии ғизои мазкур тақрибан 30%-40% ташкил медиҳад, ки тақрибан 70% ғизои истеъмолшуда дар организми ҳайвон бе ҳазмшавӣ мегузарад.

Барои ҳайвонҳои ширдеҳ ғизои серкалория бо миқдори маводҳои ғизоӣ ба монанди карбогидратҳо ва сафедаҳо зарур аст, ки барои истеҳсоли шир заруранд.

Дар хотир дор, ки ба таркиби ғизо маводҳои зерин бояд ворид шаванд:

- Карбогидратҳо
- Сафедаҳо
- Чарбҳо
- Витамин ва минералҳо

Ҳайвонҳои ширдеҳ нигоҳдории ботавозуни ҳар кадоме аз маводҳои зикршударо талаб мекунанд. Маводҳои мазкур ба ғизои дурушт ва консентратҳо тасниф карда мешаванд.

**Ғизои дурушт:** растаниҳои чарогоҳӣ, боқимондаҳои растаниҳо, алафи сифаташ миёна ва алафи назди роҳ мебошад.

**Консентратҳо:** ин гандум, алафи сифаташ баланд, сабӯси гандум, пӯстлохи меваҷот, кунҷораи пахта ва офтобпараст.

Аксарияти ҳайвонҳои ширнадиҳанда ҳар рӯз тақрибан 1,5%-2,0% моводи хушкро аз вазни худ истеъмол мекунад. Бинобар ин, агар ту модагови вазнаш 300 кг дошта бошӣ, он тақрибан аз 4,5 то 6 кг ғизои хушкро ҳар рӯз истеъмол мекунад. Агар модагов нав ба шир даромада бошад, он боз нисфи ҳамин миқдорро истеъмол мекунад. Ин маънои онро дорад, ки модагов ҳар рӯз тақрибан 7-10 кг ғизо мехӯрад.

Андозаи меъдаи модагов барои истеъмоли ин миқдор ғизо имкон намедиҳад. Дар натиҷа ӯ дар давоми рӯз миқдори зарурии ғизои дуруштро истеъмол намекунад, маводҳои ғизоии заруриро намегирад ва ин ба пастшавии истеҳсоли шир мерасонад.

# Дар ҳолати мазкур чӣ кор кардан мумкин аст?

Ба ғизои модагов ғизоҳои консентратҳоро ворид кардан зарур аст. Дар ин ҳолат модагов бо ҳар фурӯбарии ғизо метавонад карбогидратҳо ва сафедаҳоро нисбат ба истеъмоли ғизои дурушт зиёдтар истеъмол кунад.

Тадқиқоти илмӣ нишон медиҳад, ки ғизои донагиҳо барои инкишофи ҳайвонҳо ва истеҳсоли миқдори зиёди шир мусоидат мекунад, аммо агар дар ғизои ҳайвонҳо миқдори донагиҳо зиёд бошад, ин амалияи хавфнок аст. Тавозунро нигоҳ доштан зарур аст. Агар дар ғизои модагов донагиҳо зиёд бошад ва ҳаво якбора хунук шавад, модагов метавонад аз бемории асидоз фавтад, зеро бактерияҳо дар хадша омехтаҳои ишқориро истеҳсол мекунанд. Дар амалия, агар ғизои ҳайвон зиёда аз 30% донагиҳо иборат бошад, оиди бемор нашудани ҳайвон дар ҳолатҳои фавқуллода чора андешидан зарур аст.

Дар чорводорӣ мегӯянд: *“Вазни ҳайвон аз мушоҳидакории чорводор вобаста аст”*. Ин маънои онро дорад, ки чорводор бояд аз болои маҳсулнокии ҳайвонҳо мушоҳида кунад.

Дар амалия ҳангоми нигоҳдории модагов ва бузҳо, ту бояд аз болои вазни онҳо мушоҳида намоӣ.

**Модагов:** Агар вазни он тақрибан 300 кг бошад, он бояд 2% вазни худро дар як рӯз истеъмол кунад, ки тақрибан 6 кг ё 12 кг алафи сабз дар як шабонарӯз ташкил медиҳад, зеро он 70% аз об иборат аст. Азбаски чунин миқдор алафи сабз ба меъдаи гов ҷой намешавад, чорводор бояд ба ғизо алафи хушк ва донагиҳоро чун гандум, ҷуворимакка ва ё ҷавро илова кунад.

Агар модагов дар як рӯз 10 литр шир диҳад, ба он 3 кг гандумро додан зарур аст, то ки миқдори шир доимӣ монад. Ҳангоми истеъмоли як килограмм гандум дар як рӯз, модагов метавонад дар як рӯз тақрибан се литр шир диҳад.




**Модаговҳои бад нигоҳубиншуда дар як рӯз 2 ё 3 литр шир медиҳанд, модаговҳои нигоҳубиншуда то 15 литр шир медиҳанд.**

**Ғизодиҳии бузҳои ширдеҳ** ба ғизодиҳии модаговҳо монандӣ дорад. Вазни бузро муайян намо ва ғизои онро аз меъёри ғизодиҳии 1 кг гандум ҳисоб намо, 3 литр шир мегирӣ.

**Ғизодиҳии ҳама гуна ҳайвонҳо** – кори нозук аст. Ту ҳамчун чорводор бояд аз болои чорвои худ оиди пайдошавии нишонаҳои беморӣ мушоҳида намоӣ. Агар дар таркиби ғизо миқдори гандум зиёд бошад, ин боиси вайроншавии фаъолияти низоми ҳозима мегардад. Дар ҳолати пайдо кардани мушкилот – **додани гандумро қатъ кардан зарур аст.** Агар ин кӯмак накунад, ба духтури байтор муроҷиат кардан зарур аст.

Дар хотир дор, ки ҳайвон ба миқдори зиёди оби тозаи нӯшокӣ ва ғизои босифат ниёз дорад.

**Фоидаи иқтисодӣ аз парвариши ҳайвонҳо** аз нархи ғизо ва даромад аз фурӯши шир вобаста аст.

# Бемории ҳайвонҳо

Ҳамаи бемориҳои ҳайвонҳо барои фермер хароҷотҳоро ба миён меорад.

Бемориҳои ҳайвонҳо ба 4 гурӯҳ ҷудо карда мешаванд:

| | |
|---|---|
| Бемориҳои ирсӣ | Тариқи волидайн ба насл мегузаранд. Бемориҳои мазкур кам дучор мешаванд, масалан вақте ки мурғон пар надоранд. |
| Бемориҳои вайроншавии мубодилаи моводҳо (метаболикӣ) | Он вақт пайдо мешаванд, ки дар организми ҳайвон маводҳои минералӣ ба монанди калсий намерасанд. Модагов метавонад аз варақаи шир бо сабаби паст будани сатҳи калсий дар хун, ки миқдори зиёди он барои истеҳсоли шир истифода мешавад, нобуд шавад. Ин ҷиҳат одатан пас аз наслдиҳии модагов маълум мешавад. Ба монанди ҳамин, барои гӯсфанде, ки барраи дугоник таваллуд кардааст ва барои онҳо шир истеҳсол мекунад, бемории мазкур хос аст. |
| Бемориҳои сироятӣ | Сабаби онҳо микроорганизмҳо мебошанд, ба монанди вирусҳо, бактерияҳо, занбурӯғҳо ё протозоа. Онҳо одатан зуд ба чашм аён мешаванд, ба монанди сироятшавии пой ва чашми ҳайвон, аммо инчунин узвҳои дохилии ҳайвон низ сироят шуда метавонанд. |
| Бемориҳои паразитарӣ (инвазионӣ) | Бо намудҳои ҳайвонҳое вобастаанд, ба монанди кирмҳо 1 кирмакҳо ва ҳашаротҳои дигар. Бемориҳои паразитариро ба бемориҳои эктопаразитарӣ, ки ба пӯсти ҳайвон мегузаранд ва эндопаразитарӣ, ки дар узвҳои дохилии ҳайвон ҷойгир мешаванд. |

**Бемориҳои паразитарӣ** эҳтимолан намуди аз ҳама паҳншудаи бемориҳои ҳайвонҳо мебошад, ба истисноии мушкилот бо пойҳо ва дастон. Паразитҳои дохилӣ, асосан кирмҳо, дар роҳи меъдаву рӯда, ҷигар, шуш ва бинии ҳайвон ҷамъ мешаванд. Кирмҳо дар узвҳои дохилӣ ҳайвонҳоро азият намедиҳанд, ба ғайр аз кирмҳои дохили бинӣ, ки атсазаниро ба миён меорад. Намудҳои дигари кирмҳо одатан бо ҳайвон барои маводҳои ғизоӣ рақобат мекунанд ва ҳамин тариқ ҳайвон инкишоф намекунад , метавонад сахт хароб шавад ва эҳтимол аст, ки мефавтад.

Паразитҳои беруна ҳассосияти сахти пӯсти ҳайвонро ба миён меорад. Паразитҳои мазкур ҳашаротҳои газанда ё хунмак мебошанд. Ҳайвон барои аз ҳашарот халос шудан метавонад ба дарахт ё сутун худро молиш диҳад. Дар ҳолати гӯсфанд пашми он нобуд мешавад ё дар ҳолати чорвои шохдори калон пашмакҳо канда мешаванд ва захмҳо ба вуҷуд меоянд.

## ВАЗИФА

Аз мушовири деҳот ё фермери соҳибтаҷриба пурс, ки кадом бемориҳои чорво дар деҳаи шумо паҳн шудаанд. Рӯйхати бемориҳои мазкурро мутобиқ ба чор гурӯҳ тартиб деҳ.

**Ҳангоми пайдокунии ягон ҳолат дар ҳайвон ба духтури байтор муроҷиат намо.**

## Шароитҳои нигоҳдории ҳайвонҳо

Агар ягон ҳайвон дар шароитҳои мутлақ махсус қарор дошта бошанд, масалан, як гӯсфанд ё як буз дар оғил ё баръакс шумораи зиёди ҳайвонҳо дар ҷои танг нигоҳ дошта шаванд, ҳайвонҳо худро нороҳат ҳис мекунанд. Мурғони тухмӣ дар шароити танг барои ҷой рақобат мекунанд ва тухм намедиҳанд.

Ҳамаи ҳайвонҳо, азҷумла одамон, бо тӯда ё ҷомеаҳо зиндагӣ мекунанд. Ин маънои онро дорад, ки ҳамаи ҳайвонҳо аксарияти вақт кӯшиш мекунанд, ки бо дигар ҳайвонҳо ҳамроҳ бошанд. Аммо ба ҳамаи ҳайвонҳо “фазои шахсӣ” зарур аст. Агар ҳайвон дар ҷои танг ҳамроҳи дигар ҳайвонҳо бошад, он худро бароҳат ҳис намекунад. Ҳамин тариқ, чорводор бояд тавозунро риоя кунад ва хоҷагиро барои некӯаҳволии ҳайвонҳо, инчунин гирифтани фоидаи тиҷоратиро аз истеҳсоли маҳсулоти чорво идора кунад.



# ФАСЛИ 10

# Паррандапарварӣ




Саҳифаи 276 | Паррандаҳои хонагӣ дар хоҷагии ман
Саҳифаи 279 | Усулҳои парвариши паррандаи хонагӣ

# ДАРСИ 28

# ПАРРАНДАҲОИ ХОНАГӢ ДАР ХОҶАГИИ МАН

## Калимаҳои нав

| | |
|---|---|
| **Хоҷагии паррандапарварӣ** | Парваришкунии паррандаи хонагӣ бо мақсади истифодаи гӯшт ва маҳсулоти дигар барои истеъмол ва фурӯш |
| **Паррандапарварӣ** | Дигаргуншавии ҳайвонҳои ваҳшӣ ба ҳайвонҳои хонагӣ дар рафти инкишоф ва зери таъсири одамон |
| **Паррандаҳои обӣ** | Паррандаҳо ба монанди ғоз, мурғобӣ, мурғобиҳои анбарин ва ғ. бо пойҳои пардадор ва пати баланд, ки ба онҳо барои шино кардан имкон медиҳанд |
| **Хусусиятҳои биологӣ** | Дар паррандаҳо пешобдон мавҷуд нест, бинобар ин пешоби онҳо тавассути рӯдаи ғафс ҳамроҳи саргини онҳо хориҷ мешавад. |
| **Паррандаҳое, ки ба масофаи наздик мепаранд** | Афзалияти паррандаҳои мазкур мавҷуд будани халтаи ҳавоӣ мебошад, ки дар мурғ, сесарка, мурғи марҷон, мурғобии анбарин ва тазарв дида мешавад. |
| **Маҳсулоти ғизоии парҳезӣ** | Туфайли миқдори ками равған гӯшти мурғ маҳсулоти фоиданоки ғизоии парҳезӣ маҳсуб мешавад. |

### Мурғпарварии хонагӣ дар Қирғизистон ва маҳсулоти истеҳсолии он

| Намуди парранда | Намуди маҳсулот | Маҳсулоти асосӣ |
|---|---|---|
| Мурғ | Тухм<br>Тухм-гӯшт<br>Гӯшт | Тухм, гӯшти парҳезӣ, саргин, пат, пар |
| Мурғобӣ | Тухм<br>Гӯшт | Гӯшт, тухм, пат, пар |
| Ғоз | Гӯшт | Гӯшт, тухм, равған |
| Мурғи марҷон | Гӯшт | Гӯшт, тухм, пат, пар |

## Мӯҳлати истодан дар тухм то чӯҷаборой




| Намудҳои паррандаи хонагӣ | Инкубатсия, рӯз |
|---|---|
| Мурғон | 20 – 21 |
| Мурғобиҳо | 27 – 28 |
| Мурғи марҷон | 27 – 28 |
| Ғозҳо | 30 – 31 |

## Навъҳои асосии паррандаҳои хонагӣ дар Қирғизистон

### Навъҳои тухмии мурғ

Навъҳои тухмии мурғ барои истеҳсоли тухм иқтидори баланд доранд. Онҳо ба ҳисоби миёна 250-300 дона тухмро дар як сол истеҳсол кунанд, аммо якҷоя бо ин маҳсулнокии пасти гӯштӣ доранд. Ба ҳисоби миёна вазни онҳо 2-3 кг ташкил мекунад. Дар Қирғизистон навъҳои тухмии Родонит, Хай-Лайн, Ломан-Сенди ва Коралл маъмуланд.

**Мурғони навъи Хай-Лайн**



### Навъҳои гӯшту тухмӣ

Навъҳои гӯшту тухмӣ ҳарду самтро дар бар мегиранд: онҳо ба ҳисоби миёна 150-200 тухм дар як сол, инчунин 3-4 кг гӯштро истеҳсол мекунанд. Навъҳои маъмул: Қирғизии маҳаллӣ, Ню-Гемпшир, Род-Айленд, Кучин.




### Навъҳои гӯштии мурғон

Навъҳои гӯштии мурғон асосан барои истеҳсоли гӯшт парвариш карда мешаванд. Вазни зиндаи мурғони мазкур тақрибан 5-6,5 кг ташкил мекунад. Навъҳои мазкур тухмро кам истеҳсол мекунанд (80-100 тухм дар як сол). Навъҳои маъмул: Кохинхин, Брама ва Корниш.



**Навъи Шимолии Кафқозии биринҷии мурғони марҷон**

Афзалияти навъи мазкур дар он аст, ки он ба нигоҳдори чародиҳӣ мутобиқ аст. Мурғи марҷон бо суръати баланд ҳаракат мекунад. Вазни зиндаи мурғи марҷони нар 12-14 кг, модина 8-9 кг ташкил мекунад.



**Мурғобии пекинӣ**

Мурғобии пекинӣ дар тамоми ҷаҳон машҳур аст. Вазни зиндаи ҷинси нарина 4 кг, модина 3,5 кг. Маҳсулнокии тухм 80-120 кг ташкил мекунад. Дар давраи шӯравӣ навъи мазкурро дар аксарияти хоҷагиҳои Қирғизистон парвариш мекарданд. Тибқи баҳогузории иқтисодӣ мурғобиҳои мазкур зуд вазн мегиранд ва ғизои зиёдро талаб намекунанд.



## Ғозҳо

Дар хоҷагиҳои гуногуни Қирғизистон зиёда аз 20 навъи ғозҳо парвариш мешаванд. Онҳоро на танҳо барои гирифтан гӯшт, балки барои пат ва параш парвариш мекунанд.



**Ғози хитой** – Навъи ғози хитой яке аз навъҳои қадимтарин маҳсуб мешавад.

Ғозҳои навъи мазкур насли зиёд медиҳанд ва ба шароитҳои иқлимии гуногун мутобиқ мешаванд.

Онҳо дар як мавсим то 50-60 тухм истеҳсол мекунанд. Як тухми ғоз 140-160 гр ташкил мекунад. Вазни зиндаи ҷинси наринаи ғоз 6-7 кг, модина 4-5 кг ташкил мекунад.

ДАРСИ 29

# Усулҳои ПАРВАРИШИ ПАРРАНДАҲОИ ХОНАГӢ

## Калимаҳои нав

| | |
|---|---|
| **Селексия (хушзоткунӣ)** | Илм дар бораи усулҳои баровардани навъҳои нав ва беҳтаркунии навъҳои мавҷудбудаи ҳайвонҳо ва зиёдкунии маҳсулнокии онҳо. |
| **Ирсият** | Хусусиятҳое аз насл ба насл мегузаранд. |
| **Давомнокии рӯз** | Давраи вақте, ки аз офтоббаро то тулӯи офтобро дар бар мегирад. Барои истеҳсоли як тухм 17-18 соат рӯзи равшан зарур аст. |
| **Усули баровардани чӯҷа дар инкубатор** | Ба таври сунъӣ баровардани насли ҷавони парранда дар асбоби махсусе, ки дар он инкишофи ҷанин дар тухм то баромадани чӯҷа сурат мегирад. |
| **Давраи инкубатсионии беморӣ** | Фосилаи вақт аз лаҳзаи воридшавии агенти микроб ба организм то пайдо шудани нишонаҳои беморӣ. |
| **Нишонаҳои беморӣ** | Нишонаҳои аёншавии беморӣ. |
| **Ҳомилони беморӣ** | Вирусҳо, бактерияҳо ва агнезандаҳои занбӯруғӣ. |

Ҳангоми омӯхтани мавзӯи “Муқаддимаи экологияи хоҷагии қишлоқ” шумо маълумот пайдо намудед, ки ба маҳсулнокии паррандаи хонагӣ метавонанд омилҳои зерин таъсир кунанд:

- Муҳити атроф
- Иқлим
- Шароитҳои парвариши насли ҷавони парранда
- Бемориҳои паррандаҳо
- Ғизо ва ғизодиҳӣ

Паррандаҳоро ба монанди намудҳои дигари ҳайвонҳои хонагӣ барои гирифтани маҳсулоти дилхоҳ дар шароитҳои мутобиқ нигоҳубин кардан зарур аст. Фермер бояд шароитҳои мусоидро барои парранда бо назардошти омилҳои дар боло зикршуда таъмин кунад. Танҳо дар ин ҳолат парранда метавонад гӯшт, тухм ва пати босифатро истеҳсол намояд.

# Муҳити атроф ва иқлим

Намудҳои гуногуни паррандаҳо ба шароитҳои гуногуни иқлимӣ одат кардаанд. Одамон усулҳои биологӣ ё инкубатсионии зиёдкунии мурғ ва мурғи марҷонро истифода мекунанд. Дар ҳолати усули биологӣ, вақте ки мурғи курк ё мурғи марҷони курк барои чӯҷаҳо ҳарорати 28-29°С-ро тариқи бо қанотҳо пӯшидани онҳо таъмин мекунад, фермер бояд ба мурғ ғизо диҳад ва чӯҷаҳои баромадаро дар утоқҳои равшан ва хушк нигоҳ дорад. Ҳангоми усули инкубатсионӣ ҳамаи амалҳои мазкурро фермер бояд бо мақсади таъмини шароитҳои зарурии иқлимӣ ва шароитҳои дигар иҷро намояд.

Дар минтақаҳои иқлимашон мӯътадил ҳарду усули номбаршударо истифода кардан мумкин аст, аммо дар минтақаҳои кӯҳӣ баҳор дер меояд, зимистон тез фаро мерасад, асосан усули инкубатсионии серхарҷ истифода мешавад.

| Усули зиёдкунӣ | Афзалият | Камбудӣ |
|---|---|---|
| Усули биологӣ | • Хароҷот нест<br>• Меҳнати зиёд зарур нест<br>• Раванди табиӣ | • Танҳо дар давраи мутобиқ истифода мешавад<br>• Фоизи пасти баровардани чӯҷа |
| Усули инкубатсионӣ | • Чӯҷабарорӣ дар тамоми сол<br>• Якбора баровардани миқдори зиёди чӯҷаҳо<br>• Фоизи баланди чӯҷабарорӣ | • Арзиши баланд (нерӯи барқ, хароҷот барои меҳнат, таҷҳизот)<br>• Меҳнати зиёди инсонӣ зарур аст |

Ҳангоми парвариши паррандаҳои обӣ – мурғобӣ ва ғозҳо ҳавзҳоро ташкил кардан зарур аст, зеро ҳар рӯз дар давраи муайян онҳо бояд шиноварӣ кунанд. Новобаста ба ин, ба онҳо имкон додани шабу рӯз шино карданро мумкин нест, зеро онҳо дар ин ҳолат маҳсулот истеҳсол намекунанд ва ҳамаи қувваи худро ба шиноварӣ сарф мекунанд.

Амалия нишон дод, ки тухмдиҳии мурғон дар фасли баҳор аз моҳи март/апрел, вақте, ки ҳаво гарм мешавад, зиёд аст. Дар давоми мавсими гарми тобистон истеҳсоли тухм каме паст мешавад, баъдан вақте, ки ҳаво каме хунуктар мешавад, боз баланд мешавад. Дар давоми тирамоҳи дер ва давраи зимистон маҳсулнокии тухм одатан паст мешавад.

# Ғизодиҳии паррандаҳо



## Намудҳои ғизо

Ҳаҷми маҳсулоти паррандапарварӣ аз сифати ғизодиҳӣ робитаи бевосита дорад. Парранда бояд сафеда, чарбҳо, карбогидратҳо, витаминҳо ва ғизоҳои гуногуни бо маводҳои минералӣ, масалан донагиҳо ва донагиҳои лӯбиё (ҷуворимакка, гандум, ҷав, лӯбиё, арзан), партовҳои коркарди зироатҳои гандумӣ, меваҷот ва сабзавот (кунҷора), инчунин маводҳои иловагии минералӣ (калсий, фосфор, бӯр, равғани моҳӣ, орди устухони моҳӣ, пӯстлохи тухм ва ғ.)-ро истеъмол кунад.

| Ғизо | 1-10 рӯз | 11-30 рӯз | 31-60 рӯз | 61-90 рӯз | 91-120 рӯз |
|---|---|---|---|---|---|
| Тухми гандум (майданашуда | - | - | - | 30 | 40 |
| Тухми гандум (майдашуда) | 4 | 20 | 40 | 35 | 35 |
| Сабӯси гандум | 1 | 2 | 5 | 5 | 6 |
| Арзан | 1 | 2 | - | - | - |
| Орди алаф | 0,1 | 0,3 | 0,9 | 2 | 3 |
| Кунҷора | 0,1 | 0,5 | 11 | 15 | 20 |
| Алафи кабуд | 1 | 5 | 10 | 10 | 10 |
| Орди устухон, бӯр, оҳаки сӯхта | 0,1 | 0,4 | 0,7 | 1,5 | 1,7 |
| Тухм | 2 | - | - | - | - |
| Творог | 1 | - | - | - | - |
| Намак | - | 0,05 | 0,07 | 0,07 | 0,07 |
| **Ҳамагӣ:** | **10,3** | **30,2** | **57,6** | **98,6** | **115,7** |

## Маводҳои иловагии минералӣ



Метионин


Премикс



Лизин



Намак



Монокалсий фосфат


Оҳаксанг



Сода



Равған

## ВАЗИФА

1. Нақл намо, ки кадом намудҳои ғизо дар деҳаи ту барои ғизои парранда истифода мешаванд.
2. Дастури омодакуниро тартиб деҳ ва миқдори ғизои ҳаррӯзаи ғизодиҳии паррандаи хонагиро бо назардошти шароитҳои хоҷагиҳои деҳот мутобиқи тавсияҳои пешниҳодшуда ҳисоб намо.
3. Муайян намо, ки кадом маводҳои минералии иловагӣ дар айни замон истифода мешаванд ва кадомашон намерасанд.

# Талабот ба нигоҳдории паррандаи хонагӣ ва ташкили шароитҳои мутобиқ

Ба монанди ҳайвонҳои дигари хонагӣ паррандаро барои он, ки парранда дуруст инкишоф ёбад ва маҳсулот истеҳсол намояд, дар шароитҳои мутобиқ нигоҳ доштан зарур аст. Бо ҳамин сабаб, мурғхона ва ё майдончаи нигоҳдории мурғро сохтан зарур аст.

**Мурғхонаи зимистона**бояд ба шартҳои зерин мутобиқ бошад:

- Масоҳати нигоҳдорӣ бояд бо назардошти ҷойгиршавии шаш сар мурғ дар як метри мукааб сохта шавад.
- Масоҳати сохтмони мурғхона бояд дар баландии 40-50 см аз замин болои ҷойгир шуда бошад.
- Таҳкурсии утоқ дар чуқурии 50 см ҷойгир шуда, баландии таҳкурсӣ бояд 30-50 см ташкил кунад.
- Баландии деворҳои аз тарафи пеш бояд 2,5 см, аз қафо 1,5 см.
- Деворҳои мурғхонаро бо маводҳои муҳофизатӣ гарм кардан зарур аст.
- Дар мурғхона бояд фарши тахтагин ё сатҳи андовашудаи гилин мавҷуд бошад.
- Деворҳои мурғхонаро андова кардан ё бо маҳлул (1 кг оҳак ва 100 гр намак ба 5 литр об) сафед кардан зарур аст.
- Дари мурғхона бояд андозаи 30-40 см, дар сатҳи 5-10 см аз сатҳи замин боло ҷойгир шуда бошад. Як дар - барои 30-40 сар парранда.
- Рафи тахтагин бояд дар баландии 70 см сохта шуда, бояд аз ҳама тараф ҳифз карда шавад.



**▪ МУРҒХОНАИ ТОБИСТОНА** – оғили аз гилхок, қамиш, рубероид, пленкаи полиэтиленӣ/қоғази алюминӣ ва ғ. сохташуда аст.

- ►Масоҳати нигоҳдорӣ бо ҳисоби ҷойгиркунии шаш сар парранда дар як метри мукааб бояд сохта шавад.
- ►Майдончаи нигоҳдории мурғ бояд ба тарафи ҷануб бо имкони ҷудокунии 1м.кв. барои 1 сар парранда гардонида шуда бошад.
- ►Барои ҳимояи чӯҷаҳо аз гурба ва паррандаҳои ваҳшӣ атрофи майдончаро бо тӯр (сӯрохиҳояш 3х3 см) девор кардан зарур аст.

**▪ ҲАВОКАШӢ** – бояд ё табиӣ ё тавассути қубур (андозааш 20х20 см) бошад. Қубури мазкур бояд дар сатҳи 50-60 см аз бом насб карда шавад.

**▪ ТАЪМИНИ РАВШАНӢ:**

- ►Як чароғаки барқӣ барои 10 м.кв. мурғхона.
- ►Тирезаи андозааш 1 м.кв. ба 7 м.км. масоҳат.
- ►Мурғхона бояд дар давоми 10-16 соат таъмин бошад.

## Нақшаи сохтмони мурғхона










**►Хода:** барои 1 мурғ - 18 см, масофа байни тахтачаҳо - 30 см.

**►Зарфи обнӯшӣ:** 2-3 см барои як мурғ, оби ҷорӣ беҳтар аст.

**►Лона:** якто барои 8-10 мурғ, 50 см аз замин боло, беҳтараш 3 қабат

**►Зарф барои ғизо:** бар 8-10 см, баландӣ 5-8 см, канорҳояш қатшуда 6-10 см аз фарш боло.

**►Сӯрохӣ барои баромадан ба саҳни ҳавлӣ.**

# Бемориҳои мурғ ва чораҳои мубориза бо онҳо

Аксарияти бемориҳои мурғ бо сабаби нигоҳдорӣ ва ғизодиҳии нодуруст ба вуҷуд меоянд. Аз назар гузаронидани мурғи бемор ва ҷудокунии он аз мурғони дигар хеле муҳим аст.

Бемориҳои аз ҳама хатарнок: Нюкасл, гулафшон, Гамборо, Марек, аскаридоз, коксидоз, кнемидокоптоз, кандани пат ва каннибализм. Ғайр аз ин, кана, шабуш, кайк ва кирмҳои дигар ба солимии мурғ таъсири манфӣ мерасонад.

## Бемории Нюкасл



Номи беморӣ бо забони қирғизӣ – қирғин (қир кардан) аст. Номаш бемориро маълум мекунад. Агар чӯҷаҳо бемор шаванд, онҳо пурра 100% нобуд мешаванд.

**Нишонаҳои беморӣ.** Ин бемории шадиди ви русӣ мебошад. Беморӣ ба низоми нафаскашӣ, ҳозима ва асаб таъсир мерасонад. Давраи инкубатсионӣ 4-7 рӯзро, баъзан то 15 рӯзро ташкил медиҳад. Дар аксарияти мавридҳо мурғ дар давоми 1-4 рӯз ё ҳатто дар давоми якчанд соат (1-3) нобуд мешавад.

Дар ҳолатҳои шадид мурғ иштиҳояшро гум мекунад, ҳарорaташ то 44°C баланд мешавад, заифӣ ва харобшавӣ дида мешавад. Дар ковокии даҳон ва бинӣ луоби зиёд ҷамъ мешавад. Нишонаи доимӣ исҳоли рангаш сабзу зард бо бӯи бад аст. Роҳгардиаш ноустувор, паррандагон давр мезананд. Фалаҷи гардан, қанот ва пойҳо, қисман аз кор мондани пойҳо ва қанотҳо, ларзиши сар ва каҷшавии гардан мушоҳида мешавад. Баъзан мурғ солим мешавад, аммо танҳо мурғони калон.

*Усулҳои табобати бемории мазкур вуҷуд надорад.*

**Чораҳои пешгирӣ ва мубориза бо он:**

► Дар Қирғизистон ва кишварҳои хориҷӣ вояҳои махсуси мурда/инактиватсияшуда ва масъуниятдор истифода мешаванд.

## Аскаридоз

Аскаридоз дар мурғон аз кирми аскарида/нематод ба вуҷуд меояд. Аскарида дар рӯдаи борики мурғ инкишоф меёбад.

**Ҳомили беморӣ:** Мурғони бемор, асбобҳо, ғизо, об, кирми заминӣ ва ғ. Давраи инкубатсионии беморӣ 7-10 рӯз давом мекунад.

**Ангезанда.** Аскарида – кирми шаклаш дукмонанд, рангаз зарди паст, дарозиаш 3-12 см. Кирм ба рӯдаи борик мечаспад, он ҷо тухм мегузорад. Тухмҳо тавассути саргин ба хориҷ мешаванд, онҳоро мурғони солим ё бемор истеъмол мекунанд. Беморӣ дар фасли тирамоҳ ва зимистон зиёд мешавад.

**Манбаи беморӣ.** Мурғони бемор, мурғхона ва асбобҳо.





**Этиологияи беморӣ.** Пас аз фурӯ бурдани тухми аскарида (7-10 рӯз) аз маъқади парранда моеи зард мешорад. Парранда иштиҳояшро гум мекунад. Қанотҳояш поён мефароянд. Парранда суст ҳаракат мекунад. Тоҷ ва риши парранда хокистарранг мешаванд. Чӯҷаҳои бемор дар гурӯҳҳо дар як ҷо тӯда мезананд.

**Чораҳои пешгирӣ:**

- **Тозакунии кимиёвии мурғхона 2-3 маротиба бо дезинфексия.**
- **Таъмини мурғ бо ғизои хуб.**



**Табобат.** Пиперазинро бо ғизо ба меъёри 0,5 г барои як сар, нилвермидин 0,04 (ТВЗ) ҳамроҳи фенбендазол ва фебантелдин -5 гра омехта карда, паррандаро дар давоми 2 рӯз саҳарӣ ғизо додан мумкин аст. Новобаста аз мавҷуд будан ё мавҷуд набудани аскаридаҳо, табобати мазкурро ҳар моҳ гузаронидан зарур аст.

## КАНИБАЛЛИЗМ

Мурғон ҳамдигарро ба қисми дум нӯл мезананд ва то хунравӣ осеб мерасонанд ва гӯшти якдигарро то устухон канда истеъмол мекунанд ё тухмҳоро шикаста, онҳоро истеъмол мекунанд.

**Сабаби беморӣ:** ғизои нодуруст, тангии мурғхона ва намнокӣ. Бар иловаи ин ин бемории ирсӣ аст.

## КАЛСИНОЗИ ПОЙҲОИ ПАРРАНДА

**Этиологияи беморӣ**

►Бемори ҳангоми алоқа бо паррандаи бемор ва асбобҳо рӯй медиҳад. Бемории мазкур дар мавсими гарм тез паҳн мешавад ва дар мавсими зимистон кам мешавад. Мурғон пойҳои худро мехарошанд ва нӯл мезананд. Маҳсулнокии тухмии парранда паст мешавад, онҳо хароб мешаванд.

**Ҳомили беморӣ (канаҳо)**

Кана ба пойҳои парранда мечаспад, ба пӯст дохил мешавад ва хунро мемакад. Давомнокии ҳаёти кана 5-7 сол длар ҳарорати 10°С аст, қобилияти зистан то 10-15 рӯз пас аз нобудшавии парранда нигоҳ дошта мешавад. Кана дар оби гарм зуд нобуд мешавад.
Давраи инкубатсионӣ 3-5 моҳ аст.

**Чораҳои пешгирӣ:**

►Мурғхонаро аққалан 2 маротиба дар як сол тоза кардан ва дезинфексия (бар зидди паразитҳо) кардан зарур аст.

►Мурғони нав, махсусан мурғони тухмдеҳ бояд пеш аз ба мурғхона ворид шудан бояд коркард карда шаванд.

**Табобат:**

►Қатронро то 40°С гарм карда, пойҳои мурғро ба он ба 1-2 дақиқа даровардан зарур аст.

►Маҳлули 6% собуни ҷомашӯӣ (60 грамм собунро дар 1 литр об маҳлул мекунем), 1% карбофос, инчунин маводҳои нафтии тозакардашуда (равғани муҳаррик, керосин ва ғ.) тайёр кардан мумкин аст. Пойҳои паррандаро ба ин маҳлул тар кардан зарур аст.



## Барои пешгирии бемориҳои паррандаҳои хонагӣ чораҳои зеринро андешидан зарур аст

**Чораҳои пешгирӣ:**

►Дар таркиби ғизо бояд равғани моҳӣ, орди устухон, пӯсти майдакардашудаи тухм, бӯр, сангчаҳои хурд (андозааш аз ҷуворимакка хурд) ва орди устухони моҳӣ бошад. Ғайр аз ин, агар шумо мурғро аз ҷои дигар оварда бошед, онро ба дигар мурғҳо шабона ҳамроҳ кунед.

►Нӯли чӯҷаҳоро дар синни 7-10 рӯз буред.

►Агар мурғ тухмро нӯл зада, истеъмол кунад, қисми болоии нӯлашро (0,5-1 см) буред.



**Тозакунӣ ва дезинфексияи мурғхона:**

►Ҳар моҳ тарқишҳо ва мурғхонаро сафед карда, андова кардан.

►Тозакунии механикии ҳарҳафтаинаи мурғхона.

►Дезинфексияи ҳармоҳа бо маводҳои кимиёвӣ **мумкин аст.**

**Мурғони ба қарибӣ харидашуда бояд дар давоми 1 моҳ алоҳида нигоҳ дошта шаванд.**

**Ҳифз аз паразитҳои беруна ва дохилӣ:**

Барои мубориза бо паразитҳои беруна дар кунҷи офтобии мурғхона қуттиро бо хокистар гузоред.




Хокистар – 50%
Қум – 30%
Хок – 19%
Керосин – 1%



Барои табобат ва эмкунӣ ба духтури байтори маҳаллатон муроҷиат намоед.

***ДИҚҚАТ! Дезинфексияи мурғхонаро танҳо шахсони мутахассисони соҳаи байторӣ бояд гузаронанд.**

*Маълумот барои фасли мазкур аз адабиёти зерин гирифта шудааст:*

1. Анатомияи ҳайвонҳои х/қ. Оганов Э.О. Мурзакулов У.З. Бишкек – 2003.
2. Сирри тамоми сол гирифтани тухм. Халяпов Т. Кадиркулов С., Казбеков Э. Ош- 2013.

ФАСЛИ 11

# Хоҷагии шукуфони ман



ДАРСИ 30

# ХОҶАГИИ ШУКУФОНИ МАН

## Муқаддима

Ҳангоми пурра ба охир расидани курси омӯзишии ***“Хоҷагии шукуфони ман”*** ту ташкил ва бурдани тиҷорати даромаднокро омӯхтӣ. Дар фасли мазкур ба таври равшан нишон дода шудааст, ки чӣ тавр тиҷорати худро аз полези хурд оғоз карда, онро ба хоҷагии шукуфон табдил дода мешавад ва бо он на танҳо худат, балки тамоми хонаводаатро таъмин кардан мумкин аст. Агар ту дар амалия донише, ки аз китоби мазкур гирифтӣ, истифода намоӣ, доимо барои маслиҳату машварат ба мутахассисон муроҷиат намоӣ ва маслиҳатҳои хуби онҳоро истифода намоӣ, дар давоми сеюним сол аз санаи ташкили полези хурд ту имкони фермери хубу муваффақ шуданро пайдо менамоӣ. Дар фасли мазкур мисоли соҳибкори ҷавоне оварда шудааст, ки истеҳсолкунандаи калон ва муваффақи сирпиёз дар ноҳияи худ шудааст. Азбаски дар соли аввали ташкили тиҷорат ту дар полези худ чор намуди сабзавотро кишт карда будӣ, ту метавонӣ тиҷоратро бо сирпиёз неву, дигар зироати даромаднок оғоз кунӣ ва соҳибкори муваффақи ноҳиятон ё деҳаатон шавӣ.

Парвариши сирпиёз меҳнати пурмашаққат ва омӯзиши таҷрибаи одамони дигарро талаб мекунад. Сирпиёз зироати ба таври интенсивӣ парваришшаванда мебошад ва барои гирифтани даромади калон аз замин имкон дода, меҳнати пурмашаққати туро ҷуброн мекунад. Сирпиёзро бо осонӣ интиқол, нигоҳдорӣ ва фурӯхтан мумкин аст. Агар ту хонандаи синфи 9 хоҳиши фермери хуб шуданро дошта бошӣ, бо меҳнати босубот, риояи интизом ва омода будан ба гирифтани дониши нав, маблағгузории нахустин ба андозаи 1000 сом барои ташкили полези хурд дар соли чоруми фаъолият ту метавонӣ фоидаи софро ба маблағи як миллион сом аз фурӯши маҳсулоти истеҳсолшуда ба даст орӣ.

Баҳори соли якум ту метавонӣ чор намуди гуногуни сабзавотро барои оилаи худ дар як садяки полези худ кишт кунӣ. Дар саҳифаиояндаи китоб ту метавонӣ бо даромаднокии ҳафт сабзавоти дар Қирғизистон паҳншуда шинос шавӣ. Дар мисоли мо танҳо чор намуди сабзавотро интихоб кардем. Барои пасткунии хавф ва гирифтани таҷрибаи кори нав, беҳтар аст, ки аз полези хурд оғоз намоӣ ва якчанд намуди зироатро кишт кунӣ. Таҷрибаи мазкур барои омӯхтани хусусиятҳо, мӯҳлат ва қувваи барои парвариши зироатҳои гуногун зарурӣ кӯмак мекунад. Баъдан дар асоси донишу таҷрибаи худ ту метавонӣ ду зироате, ки ту парвариши онро идома додан мехоҳӣ интихоб намоӣ. Дар мисоли мо ту сирпиёз парвариш кардан мехоҳӣ ва аз ин рӯ, дар соли сеюм ту танҳо ба парвариши сирпиёз диққат медиҳӣ ва фермери хуб мешавӣ. Дар охири соли чорум ту фоидаи заруриро мегирӣ, ки ба он трактор ё мошини боркаш ё хона мехарӣ, баъдан хонадор мешавӣ ё шавҳар мекунӣ ва метавонӣ ҳаёти мустақилонаи худро оғоз кунӣ.

## Барои гузаштани барномаи мазкури омӯзиш кадом талаботҳо пешниҳод мешаванд?

- Ба зиммаи худ гирифтани ӯҳдадорӣ оиди гузаронидани кори софдилона ва босубот дар давоми давраи муайяни вақт.
- Истифодаи ҳамаи донише, ки аз курси омӯзишии "Хоҷагии шукуфони ман" гирифта дар полези худ барои расидан ба мақсадҳои дар барномаи мазкур зикршуда.
- Гирифтани иҷозати волидайн барои истифодаи як садяк замин аз хоҷагии оилавӣ ё қитъаи дигари мувофиқ.
- Доштани имконият ва қобилияти кор дар полез ё пайдо кардани одамоне, ки ҳангоми зарурат ба ту дар полез кӯмак мекунанд.
- Аз волидайн қарз гирифтани 1000 сом. Агар ин имкон набошад, ту бояд аз шиносҳо ё дӯстонат ба андозаи 1000 сом қарз гирӣ. Полези ту дар оянда барои зуд баргардонидани қарзи асосӣ ва ҳам фоизҳои он имконият медиҳад.
- Аз фасли мазкур ту дар бораи даромаднокии нисбии зироатҳои сабзавотии дар Қирғизистон парваришшаванда маълумот мегирӣ. Ту бояд зироати барои минтақаатон нисбатан даромаднокро интихоб намоӣ.
- Гирифтани машварати мутахассис оиди мувофиқати зироати барои парвариш интихоб кардаат дар маҳали мазкур, инчунин гирифтани маълумот дар бораи агротехнологияи парвариши зироати мазкур.
- Барои тартибдиҳии нақшаи тиҷорати худ, тартибдиҳии харҷнома дар воҳидҳои натуралӣ ва омодакунии нақшаи молиявӣ, гузаронидани мониторинги кори худ омода будан.
- Барои баҳогузории объективии комёбии худ, нокомии худ омода будан ва муҳокима кардани он бо мушовири деҳот, пас аз гирифтани ҷавоб, ба барномаи парвариши сабзавот барои такрор накардани хатогиҳои қаблӣ тағйирот ворид кардан.

## То оғоз кардан ту бояд

- Таҷҳизот ва маводҳои хоҷагии қишлоқи заруриро ба монанди тухмӣ, пору ва заҳрдоруҳо омода ё ташкил намо;
- Барои машварат ба мутахассис/мушовир ё ба фермери муваффақи бо парвариши сирпиёз машғулбуда муроҷиат намо.
- Бизнес-нақшаро тартиб деҳ.

## Даромаднокии сабзавот

Дар ҷадвали дар зер овардашуда даромаднокии сабзавоти гуногун нишон дода шудааст. Рақамҳои мазкур дар асоси мониторинги ҳазорҳо полезҳои аз ҷониби *Хадамоти минтақавии машварати деҳоти ноҳияи Ҷалолобод* ва лоиҳаи GTZ "Баландкунии иқтидор барои таъмини устувори ҳаёти аҳолии деҳот" гузаронидашуда ба даст омадаанд. Новобаста ба ин, рақамҳои мазкур метавонанд бо мурури вақт дигаргун шаванд ва вобаста ба маҳалҳо гуногун бошанд, бинобар ин онҳо танҳо ба сифати нишона гирифта мешаванд. Аз ин рӯ, ту бояд онҳоро нисбат ба вазъияти шахсиат бодиққат баҳогузорӣ намоӣ. Гирифтани даромади хуб аз ҷониби дигар одамон маънои онро надорад, ки замини ту ё тарзи идоракуниат ба ту низ ҳамон даромадро медиҳад. *Даромади* ту аз тарзи идоракунӣ ва истифодаи малакаю таҷриба дар кор вобаста аст.

| Намуди сабзавот | Картошка | Помидор | Сабзӣ | Пиёз |
|---|---|---|---|---|
| Моҳи кишт | Март-май | Феврал-апрел | Март-апрел | Сентябр |
| Моҳи ҷамъоварии ҳосил | Июл-сентябр | Июн-сентябр | Июл-август | Август-сентябр |
| | | | | |
| Хароҷот: | | | | |
| Иҷораи замин/Омодакунии хок | 100 | 100 | 100 | 100 |
| Шинонидан: Тухмӣ | 700 | 300 | 250 | 250 |
| Пору | 110 | 110 | 110 | 150 |
| Меҳнати кироя | | | | |
| Мубориза бо алафҳои бегона: | | 20 | 20 | 30 |
| Заҳрдору: | | 5 | 5 | 10 |
| Мубориза бо зараррасонҳо: | 15 | 20 | 20 | 40 |
| Меҳнати кироя | 5 | 5 | 5 | 10 |
| Мубориза бо занбӯруғ: | 15 | 20 | 20 | 40 |
| Меҳнати кироя | 5 | 5 | 5 | 10 |
| Обмонӣ | 40 | 60 | 60 | 80 |
| Ҷамъоварии ҳосил: Иҷораи мошин | 20 | | | |
| Меҳнати кироя | 150 | 500 | 200 | 240 |
| Интиқол | 90 | 150 | 150 | 170 |
| Маркетинг – ҷой дар бозор | 20 | 20 | 20 | 20 |
| Маркетинг – борпечкунӣ | 50 | | 70 | 100 |
| Маблағҳо ба фонди иҷтимоӣ | 3 | 3 | 3 | 3 |
| Андозҳо (андози замин) | 3 | 3 | 3 | 3 |
| Ҳамагӣ хароҷот | 1326 | 1321 | 1041 | 1256 |
| | | | | |
| Даромад: ҳосил дар 1 садяк (кг) | 300 | 500 | 500 | 600 |
| Нархи 1 кг | 10-20 | 10-14 | 15-21 | 10-20 |
| Ҳамагӣ даромад барои як садяк | 4500 | 6000 | 9000 | 9000 |
| Фоидаи соф/садяк | 3174 | 4679 | 7959 | 7744 |
| Аз як соми маблағгузоришуда Х сом фоидаи соф гирифта шудааст | 2.4 | 3.5 | 7.6 | 6.2 |

| Намуди сабзавот | Карам | Бодиринг | Сирпиёз | Ҷуворимакка |
|---|---|---|---|---|
| Моҳи кишт | Март-апрел | март-апрел | Апрел | Апрел |
| Моҳи ҷамъоварии ҳосил | Июн-сентябр | Июн-сентябр | Август-сентябр | Август-сентябр |
| | | | | |
| Хароҷот: | | | | |
| Иҷораи замин/Омодакунии хок | 100 | 100 | 100 | 50 |
| Шинонидан: Тухмӣ | 150 | 200 | 750 | 30 |
| Пору | 70 | 90 | 80 | 80 |
| Меҳнати кироя | | | | |
| Мубориза бо алафҳои бегона: | | | 20 | 15 |
| Заҳрдору: Меҳнати кироя | | | 5 | 5 |
| Мубориза бо зараррасонҳо: | 15 | 20 | 20 | 15 |
| Меҳнати кироя | 5 | 5 | 5 | 5 |
| Мубориза бо занбӯруғ: | 15 | 20 | 20 | 15 |
| Меҳнати кироя | 5 | 5 | 5 | 5 |

| Намуди сабзавот | Карам | Бодиринг | Сирпиёз | Ҷуворимакка |
|---|---|---|---|---|
| Обмонӣ | 60 | 60 | 60 | 40 |
| Ҷамъоварии ҳосил: Иҷораи мошин | | | | 60 |
| Меҳнати кироя | 100 | 120 | 80 | 30 |
| Интиқол | 100 | 90 | 80 | 30 |
| Маркетинг – ҷой дар бозор | 40 | 40 | 40 | 20 |
| Маркетинг – борпечкунӣ | | 50 | 30 | 20 |
| Маблағҳо ба фонди иҷтимоӣ | 3 | 3 | 3 | 3 |
| Андозҳо (андози замин) | 3 | 3 | 3 | 3 |
| Ҳамагӣ хароҷот | 666 | 806 | 1301 | 426 |
| | | | | |
| Даромад: ҳосил дар 1 садяк (кг) | 400 | 350 | 225 | 100 |
| Нархи 1 кг | 12-14 | 10-20 | 50-60 | 10-20 |
| Ҳамагӣ даромад барои як садяк | 5200 | 5250 | 12375 | 1500 |
| Фоидаи соф/садяк | 4534 | 4444 | 11074 | 1074 |
| Аз як соми маблағгузоришуда X сом фоидаи соф гирифта шудааст | 6.8 | 5.5 | 8.5 | 2.5 |

Рақамҳо аз мавсими хоҷагидории 2014 сол гирифта шудаанд. Мо тахминан нархҳои аз ҳама пасти фурӯшро гирифтем. Ҳамин тариқ, ту метавонӣ пас аз фурӯши маҳсулоти парваришкардаат фоидаи нисбатан баландтарро гирӣ. Ғайр аз ин, ин ҷо нархҳои миёна барои маводҳои хоҷагии қишлоқ оварда шудаанд.

Ду омил – хавф дар истеҳсол ва имконияти мусоид/қулайи дар фурӯш ва нигоҳдории зироатро ба назар гирифтан зарур аст.

*Чуноне, ки дар модули “Идоракунии хавфҳо” шарҳ дода шудааст, ту бояд хавфҳои зеринро дар тиҷорат ба назар гирӣ:*

- Истифодаи тухмии бесифат ба гирифтани фоидаи паст мерасонад;
- Хоки барои парвариши сабзавот ба таври суст омодакардашуда, яъне мавҷуд набудани маводҳои органикӣ ва қобилияти наминигоҳдорӣ;
- Шароитҳои номусоиди иқлимӣ ва истифодаи ғайрисамараноки захираҳои обӣ дар давоми давраи нашъунамо;
- Таъсири манфии зараррасонҳо ва бемориҳо;
- Истифодаи нодурусти пору, миқдори аз ҳад зиёд ё аз ҳад кам;
- Идоракунии заиф ва надодани диққат нисбати ҷузъиёт.



**Ҳамаи омилҳоро ба назар гир**

Чӣ тавре, ки дар боло зикр шуд, омили қулай будани нигоҳдорӣ ва фурӯши ҳосил бояд ба назар гирифта шавад. Барои мисол, карам. Новобаста ба он, ки сабзавоти мазкур даромаднок аст, бо сабаби калон будани ҳаҷми он, ҳангоми интиқол ва бурдани каллаҳои карам ба мушкилӣ дучор шудан мумкин аст. Ҳангоми парвариш онҳо нисбат ба зараррасонҳо нозуканд, аммо ҳангоми нигоҳубини мутобиқ ва усулҳои хуби муҳофизат мушкилоти мазкурро бартараф кардан мумкин аст.

Сабаби парвариши сирпиёзро интихоб кардани мо бо даромаднокии баланди он вобаста аст. Сирпиёз зироати хурдҳаҷм аст, бинобар ин онро осон интиқол кардан мумкин аст: як халта сирпиёзро ба бозор овардан осон аст. Сирпиёзро нигоҳ доштан осон аст, зеро он тез нобуд намешавад.

Аммо новобаста ба гуфтаҳои боло, ту бояд фаҳмӣ, ки на ҳамаи хокҳо барои парвариши сирпиёз мувофиқанд. Ғайр аз ин, сирпиёз маводи асосии хӯрока намебошад. Такрористеҳсоли сирпиёз дар Қирғизистон пастшавии нархи онро ба вуҷуд меорад. Дар хотир дор, ки хавфи тиҷорат дар сурати зиёдшавии истеҳсоли як маҳсулот зиёдтар мешавад.

# Татбиқи барнома

## Соли якум (2017 сол)

Барномаи мазкур аз истифодаи 1 садяк замин, ки дар 0,25 садяки он ту картошка, 0,25 – сирпиёз, 0,25 пиёз ва 0,25 сабзӣ кишт мекунӣ. Дар соли якум ту таҷриба ба даст меорӣ ва дар бораи талаботҳо оиди парвариш ва идоракунии ҳар кадоме аз зироатҳои дар боло зикршуда маълумот мегирӣ. Таҷрибаи гирифтаат ба ту дар соли дуюм барои қабули қарор оиди интихоби зироати парваришшаванда кӯмак мекунад. Беҳтар он аст, ки аз соли аввал зироатеро парвариш намоӣ, ки дар солҳои минбаъда онро парвариш мекунӣ, зеро сол то сол ту дониши худро баланд мекунӣ ва таҷрибаат зиёд мешавад. Агар дар соли сеюм ту зироатеро парвариш кардан хоҳӣ ки дар он таҷриба надорӣ, омилҳои хавфи тиҷорати ту зиёд мешаванд.

### Ба ту чӣ лозим аст?

- Гирифтани иҷозати волидайн барои истифодаи як садяк замин, бар ивази ин ту маҳсулнокии қитъаи замини истифодакардаатро баланд менамоӣ.
- Хондани маълумоти техникӣ дар бораи зироатҳои мазкур, ки дар охири фасли мазкур тавсиф дода шудаанд.
- Гирифтани қарз ба андозаи 1000 сом барои пардохти хароҷотҳо
- Меҳнати доимӣ ва софдилона.

### Ту бояд чиро дар хотир дошта бошӣ?

- Қарз ва қитъаи заминро гирӣ.
- Таҷҳизот ва маводҳои хоҷагии қишлоқ, ба монанди тухмӣ, пору, заҳрдоруҳо, ки барои коркарди замин заруранд, ташкил намоӣ. Чӣ тавре, ки дар хотир дорӣ, мушовири деҳот ё агенти кооператив метавонад туро бо маводҳои босифат таъмин кунад.
- Пайдо кардани маълумот ё гирифтани машварату маслиҳат аз мушовирони деҳот ё фермерони муваффақ оиди ҳар як зироате, ки ту парвариш кардан мехоҳӣ.
- Ба нақша гирифтани амалҳои худ тариқи истифода ва мутобиққунии дониш аз китоби “Хоҷагии шукуфони ман” гирифта.

### Нақшаи коркарди 1 садяк замин

| | | | |
|---|---|---|---|
| **0,25 садяк: КАРТОШКА** | | **0,25садяк: СИРПИЁЗ** | |
| Хароҷот: | 332 | Хароҷот: | 326 |
| Даромад: | 1125 | Даромад: | 3094 |
| Фоиданокӣ, %: | 239 | Фоиданокӣ, %: | 849 |
| **0,25 садяк: ПИЁЗ** | | **0,25 садяк: САБЗӢ** | |
| Хароҷот: | 313 | Хароҷот: | 261 |
| Даромад: | 2250 | Даромад: | 2250 |
| Фоиданокӣ, %: | 619 | Фоиданокӣ, %: | 762 |

0,25 садяк = 5 X 5

### Бюджети соли аввал (2017 с)

*Маблағгузории нахустин – 1000 сом*

| Масоҳати қитъа | 0,25 садяк | 0,25 садяк | 0,25 садяк | 0,25 садяк | |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷойгиршавӣ: полези волидайн | | | | | |
| Нархҳои 2017 сол | | | | | |
| **Хароҷотҳо:** | **Картошка** | **Сирпиёз** | **Пиёз** | **Сабзӣ** | |
| Омодакунии хок | 25 | 25 | 25 | 25 | |
| Иҷораи замин | | | | | |
| Тухмӣ | 175 | 188 | 62 | 62 | |
| Пору | 28 | 20 | 38 | 28 | |
| Мубориза бо алафҳои бегона: заҳродоруҳо | | 5 | 8 | 5 | |
| Меҳнати кироя | | 1 | 2 | 1 | |
| Мубориза бо зарарра-сонҳо: заҳрдоруҳо | 4 | 5 | 10 | 5 | |
| Меҳнати кироя | 1 | 1 | 2 | 1 | |
| Бемориҳо: заҳрдоруҳо | 4 | 5 | 10 | 5 | |
| Меҳнати кироя | 1 | 1 | 2 | 1 | |
| Обмонӣ | 10 | 15 | 20 | 15 | |
| Ҷамъоварии ҳосил | 5 | | | | |
| Меҳнати кироя | 38 | 20 | 60 | 50 | |
| Нақлиёт | 22 | 20 | 42 | 38 | |
| Иҷораи ҷой дар бозор | 5 | 10 | 5 | 5 | |
| Борпечкунӣ | 12 | 8 | 25 | 18 | |
| Фонди иҷтимоӣ | 1 | 1 | 1 | 1 | |
| Андозҳо | 1 | 1 | 1 | 1 | |
| **Ҳамагӣ хароҷот** | **332** | **326** | **313** | **261** | **1232** |
| **Даромад** | **1125** | **3094** | **2250** | **2250** | **8719** |
| **Фоидаи соф** | **793** | **2768** | **1937** | **1989** | **7487** |
| **Даромаднокӣ** | **239** | **849** | **619** | **762** | **608** |
| Пардохти қарз бо пули нақд | | 550 | | | **550** |
| Пардохти қарз дар шакли натуралӣ | 450 | | | | **450** |
| Ҳамагӣ инвеститсияҳо барои соли 2-юм | | | | | **6487** |

Тарзҳои мубориза бо алафҳои бегона дар модули “ Ҳифзи растаниҳо” шарҳ дода шуда буданд. Онҳоро барои ҳифзи зироатҳои худ истифода намо. Тарзҳои табиии ҳифз вақти зиёдро меги ранд. Омехтаҳои ҳам табиӣ ва ҳам кимиёвиро истифода кардан мумкин аст. Дар хотир дор, ки пошиши доруро бояд мутахассисони сертификатдор гузаронанд.

Азбаски ту дар соли 2017 сол иҷозатро барои истифодаи қисме аз полези оила мегирӣ, бюджети соли мазкур хароҷотҳоро барои иҷораи қитъа дар бар намегирад. Аммо новобаста ба ин барои гирифтани ҳосили хуб, ту бояд ба омодакунии хок диққати махсус диҳӣ. Агар ту дар имсол ба муваффақият ноил шавӣ, ин шаҳодати масъулияти ту барои волидайн хоҳад буд ва онҳо метавонанд ба ту идоракунии амволи дигари оиларо бовар кунанд. Фикри ту ҳангоми қабули қарор дар оила муҳим мешавад. Аз ҳама муҳимаш, ба ту дастгирии волидайн ҳангоми маблағгузории се садяк замин дар соли 2018 зарур аст.

Агар ту амалиётҳои молиявии тиҷорати худро шахсан худат назорат намоӣ, беҳтар аст. Ту бояд қисми молиявии тиҷорати худро алоҳида барӣ ва бо бюджети оила омехта нанамоӣ.

## Соли дуюм (2018 сол)

Дар ин сол пас аз тасдиқи даромаднокии парвариши сирпиёз ту метавонӣ майдони кишти онро ба се садяк зиёд намоӣ. Барои ин ту бояд аз волидайни худ барои истифодаи қитъаи иловагии замин аз полези оилавӣ иҷозат гирӣ. Дар ин сол ту дар нисфи қитъаи замин сабзӣ кишт мекунӣ, то ки воридкунии киштгардон сар шавад.

### Ба ту чӣ лозим аст?

- Даромади соли гузаштаро ба истеҳсолоти соли ҷорӣ маблағгузорӣ намоӣ.
- Омодагӣ барои меҳнати пурмашаққат ва гузаронидани вақти холӣ на бо дӯстон, балки дар полез ва бо мушоҳидаи пешравиҳо.
- Азназаргузаронии навиштаҷотҳои порсола оиди парвариши сабзӣ ва сирпиёз дар 0,25 садяк замин, мутобиққунии таҷрибаи гирифта ва омодакунии саривақтӣ (н-р, ташкили хариди маводҳои хоҷагии қишлоқ ҳамроҳи ҳамдеҳагон, ё ба кооператив аъзо шудан, гирифтани маслиҳату машварат нисбати зараррасонҳои муайян ё сироятҳое, ки дар соли гузашта аз ҳама хатарнок буданд ва ғ.)

### Ту бояд чиро дар хотир дошта бошӣ?

- Муқоисаи даромаднокии зироатҳо, инчунин муҳокимаи омилҳои хавф бо фермерони соҳибтаҷриба ва муваффақ ва мушовирон, танҳо пас аз ин қабул кардани қарор оиди парвариши ин ё он зироат.
- Ташкили киштгардон: сирпиёз ва сабзи набояд дар қитъаҳое, ки соли гузашта дар онҳо кишт карда шуда буданд, имсол кишт карда шаванд.
- Хариди тухмии сифаташ хуб, зеро онҳо асоси гирифтани ҳосили хуб мебошанд.
- Ҳарду зироат – сирпиёз ва сабзӣ дар хоки санглох намерӯянд. Омодакунии мутобиқи замин барои кишти зироатҳо.
- Дар соли оянда ту метавонӣ тиҷорати худро каме васеъ намоӣ. Дар мисоли мазкур бо фоидаи соли дуюм (2018 сол) ту метавонӣ дар соли сеюм 20 садяк сирпиёз корӣ (яъне 2019 сол). Барои ин ту бояд заминро ба иҷора гирӣ. Барои пайдо кардани замини мувофиқ ва дастрасии хуб ба об, ту бояд онро аллакай ҳамин сол ҷустуҷӯ намоӣ. Ту метавонӣ ҳар сол заминро тавассути ҷамоати деҳот тариқи озмуни оммавӣ ба иҷора гирӣ, барои ин ту бояд дар озмуни мазкур иштирок намоӣ ва ба фоидаи соли гузашта заминро ба иҷора гирӣ. Оиди нархҳои иҷораи соли гузашта маълумотро пешакӣ пайдо намо. Ё ту метавонӣ заминро аз ҳамдеҳагони худ ё аз оилаи худ ба иҷора гирӣ, агар оила ин заминро истифода нанамояд.

**Нақшаи коркард**

| | |
|---|---|
| | **0.5 садяк: САБЗӢ**<br>Хароҷот: 551<br>Даромад: 4770<br>Фоида, %: 766 |
| **3 садяк: СИРПИЁЗ**<br>Хароҷот: 4137<br>Даромад: 39352<br>Фоида, %: 851 | |

**Буҷети соли дуюм (2018)**

| | | | |
|---|---|---|---|
| Маблағгузории якум | 6487 | сом | |
| Масоҳати қитъа | 0,5 садяк | 3 садяк | 0 |
| Ҷойгиршавӣ | Замини волидайн | Замини волидайн | |
| *Таваррум 6%* | | | |
| **Хароҷот** | **Сабзӣ** | **Сарымсак** | |
| Омодакунии замин | 50 | 300 | |
| Иҷораи замин | | | |
| Тухмӣ | 125 | 2250 | |
| Пору | 55 | 240 | |
| Мубориза бо алафи бегона: захрдоруҳо | 10 | 60 | |
| Меҳнати кироя | 2 | 15 | |
| Мубориза бо зараррасонҳо: захрдоруҳо | 10 | 60 | |
| Меҳнати кироя | 2 | 15 | |
| Мубориза бо занбӯруғҳо | 10 | 60 | |
| Меҳнати кироя | 2 | 15 | |
| Обмонӣ | 30 | 180 | |
| Ҷамъоварии ҳосил | | | |
| Меҳнати кироя | 100 | 240 | |
| Нақлиёт | 75 | 240 | |
| Иҷораи ҷой дар бозор | 10 | 120 | |
| Борпеч | 35 | 90 | |
| Фонди иҷтимоӣ | 2 | 9 | |
| Андозҳо | 2 | 9 | |
| **Ҳамагӣ хароҷот** | **551** | **4137** | **4688** |
| **Даромад** | **4770** | **39352** | **44122** |
| **Фоидаи соф** | **4219** | **35215** | **39434** |
| **Даромаднокӣ %** | **766** | **851** | **841** |
| Ҳамагӣ маблағгузорӣ барои соли 3-юм | | | **45921** |

Ҳамаи хароҷотҳо ва нархҳои фурӯш ҳар сол ба 6% баланд мешаванд.

Хароҷотҳои нақлиётӣ ба интиқоли ҳосил ба анборҳо, баъдан барои фурӯш ба бозор. Хароҷотҳои мазкур дар деҳаи ту вобаста аз он, ки онҳо аз бозор дар кадом масофа ҷойгир шудаанд, метавонанд дигар бошанд.

Арзиши иҷораи ҷой дар бозор бо ҳисоби 20 сом барои як рӯз ҳисоб карда шудааст. Таҷриба нишон медиҳад, ки агар ту маҳсулоти худро бо андозааш ҷудо кунӣ, он барои харидорон намуди зебо мегирад, ту онро зуд мефурӯшӣ ва хароҷоти худро кам мекунӣ. Ба модули “Маркетинг ва фурӯш” нигар.

Бо маблағгузории 4688 сом барои парвариши сабзӣ ва сирпиёз ту метавонӣ ба маблағи 39434 сом даромад гирӣ. Ин маънои онро дорад, ки аз ҳар соми маблағгузорикардаат ту 8,4 сом мегирӣ. Бо сабаби мазкур дар марҳилаи ибтидоии инкишофи он маблағи зиёд ворид кардан муҳим аст. То сарф кардани пул ё ба касе қарз додан, андеша намо, ки дар соли оянда ту метавонӣ ҳамин маблағро ба 8,4 маротиба зиёд намоӣ. Ҳатто мукофоти пулӣ танҳо дар давоми се сол оиди он шаҳодат медиҳад, ки инро кардан фоида дорад!

## Соли сеюм (2019 с.)

Фоидаи дар соли сеюм ба даст омада барои зиёд кардани масоҳати кишт имкон медиҳад. Ту бояд ба таври иловагӣ боз 20 садяк заминро дар деҳа ё наздикии он ба иҷора гирӣ. Чуноне, ки пештар гуфта будем, ту бояд ҷустуҷӯи қитъаи заминро дар давоми соли дуюм (2016 сол) оғоз намоӣ, зеро ту бояд хоки қитъаи ба иҷора гирифтаатро тайёр намоӣ. Ғайр аз ин, ту бояд чор садяки полези оилавиро коркард намоӣ ва дар он сабзӣ корӣ.

Дар ду соли гузашта ту таҷрибаи кор дар заминро гирифтӣ, оиди талаботҳои умумӣ ва ӯҳдадориҳои аз ту талабшаванда маълумот гирифтӣ. Ту чор намуди зироатро парвариш кардӣ. Аз оғози соли чорӣ ту бояд ақида дошта бошӣ, ки бояд дар деҳа истеҳсолкунандаи хубтарини зироати муайян мешавӣ. Дар мисоли мо ту метавонӣ беҳтарин истеҳсолкунандаи сирпиёз шавӣ. Ҳангоми бурдани ҳама гуна тиҷорат ба истеҳсоли ягон маҳсулоти муайян диққат додан зарур аст ва ин ба соҳибкор имкон медиҳад, ки донишу малака гирад ва тавассути муттаҳидкунии захираҳо – ба он инчунин вақт ва малака дохил мешаванд, маҳсулоти аз ҳама беҳтаринро истеҳсол кунад. Сифати беҳтарин ба натиҷаи гирифтани фоидаи калон мерасонад. Бо инкишофи малакаҳоят ту ту метавонӣ бо ду намуди фаъолияте, ки хавфҳоро тақсим мекунанд, машғул шавӣ.

### Ба ту чӣ лозим аст?

- Гирифтани иҷозат барои истифодаи се садяк замин аз полези оилавӣ.
- Маблағгузории фоидаи соли гузашта ба истеҳсолоти соли чорӣ.
- Хоҳиши софдилона меҳнат кардан, банақшагирии бодиққат ва бурдани сабтҳо.
- Азназаргузаронии сабтҳои соли истеҳсолии гузашта оиди парвариши сабзи ва сирпиёз, мувофиқати таҷрибаи гирифта ва ташкили омодакунии саривақтӣ.
- Дар асоси таҷрибаи гирифта таҳия кардани тарзҳои паст кардани хавфҳо.

### Ту бояд чиро дар хотир дошта бошӣ?

- Дастрасӣ ба тухмиҳои босифат, зеро онҳо асоси ҳосили хуб мебошанд.
- Ташкили киштгардон. Сабзиро дар ҷои пештараи кишт шинонидан мумкин нест. Дар бораи он, ки дар қитъаи замини ба иҷора гирифтаат қаблан чӣ кишт карда буданд маълумот гир. Ту бояд боварӣ ҳосил намоӣ, ки дар таркиби хок бемориҳои ба сирпиёз сирояткунанда мавҷуд нестанд.
- Сабзӣ ва сирпиёз дар хоки санглох намерӯянд, бинобар ин коркади замин ба таври мутобиқ.
- Дар соли оянда ту метавонӣ тиҷорати худро каме васеъ намоӣ. Дар мисоли мазкур бо фоидаи ҳамин сол ту метавонӣ барои соли оянда сирпиёзро дар 100 садяк замин кишт намоӣ. Барои ин ту бояд замини иловагиро ба иҷора гирӣ. Барои ин ту бояд қитъаи заминро бо хоки хуб ва дастрасии об пайдо намоӣ, ҷустуҷӯи қитъаро дар ҳамин сол оғоз намо.

### Нақшаи коркард

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | **4 садяк: САБЗӢ** | |
| | | Хароҷот: | 5760 |
| | | Даромад: | 38160 |
| | | Фоида, %: | 562 |
| **4 садяк: СИРПИЁЗ** | | | |
| Хароҷот: | 32606 | | |
| Даромад: | 262350 | | |
| Фоида, %: | 805 | | |

**Бюджети соли сеюм (2019 с.)**

| | | | |
|---|---|---|---|
| Маблағгузории якум | 45921 | *сом* | |
| Масоҳати қитъа | 4 садяк | 20 садяк | |
| Ҷойгиршавӣ | Замини волидайн | Замини иҷора | |
| *Таваррум 6%* | | | |
| **Хароҷот** | **Сабзӣ** | **Сирпиёз** | |
| Омодакунии замин | 400 | 2000 | |
| Иҷораи замин | | 2240 | |
| Тухмӣ | 1000 | 1500 | |
| Пору | 440 | 1600 | |
| Мубориза бо алафи бегона: заҳрдоруҳо | 80 | 400 | |
| Меҳнати кироя | 20 | 100 | |
| Мубориза бо зараррасонҳо: заҳрдоруҳо | 80 | 400 | |
| Меҳнати кироя | 20 | 100 | |
| Мубориза бо занбӯруғҳо | 80 | 400 | |
| Меҳнати кироя | 20 | 100 | |
| Обмонӣ | 240 | 1200 | |
| Ҷамъоварии ҳосил | | | |
| Меҳнати кироя | 800 | 1600 | |
| Нақлиёт | 600 | 1600 | |
| Иҷораи ҷой дар бозор | 80 | 800 | |
| Борпеч | 280 | 600 | |
| Фонди иҷтимоӣ | 12 | 60 | |
| Андозҳо | 12 | 60 | |
| Нигоҳдорӣ | 1000 | 2500 | |
| **Ҳамагӣ хароҷот** | **5760** | **32606** | **38366** |
| **Даромад** | **38160** | **262350** | **300510** |
| **Фоидаи соф** | **32400** | **229744** | **262144** |
| Ҳамагӣ маблағгузорӣ барои соли 4-ум | | | **308065** |

Истеҳсоли сирпиёз хеле зиёд мешавад, барои ин роҳҳои фурӯшро пайдо кардан зарур аст. Ту бояд ба бозорҳои калони Бишкек ва Ош рафта, бо харидорони яклухт робита намоӣ (ниг. Низоми фурӯши олуча дар модули “Маркетинг ва фурӯш”). Ту ин хароҷотро пӯшонида метавонӣ, зеро метавонӣ маҳсулотро бо нархи хуб фурӯшӣ. Ғайр аз ин, ту метавонӣ дар он ҷо маводҳои хоҷагии қишлоқи заруриро барои ҳамдеҳагон харидорӣ намоӣ ва бо ин хароҷотҳоро кам намоӣ.

Дар ин марҳилаи тиҷорати худ ту бояд танҳо андози заминро пардохт намоӣ. Ту ҳоло ба сатҳи пардохти андози даромад нарасидаӣ. Аммо новобаста ба ин ту бояд қонунгузории мутобиқро донӣ.

Барои нигоҳдории ҳосили аз 1 тонна зиёд анбори волидайн танги мекунад. Аз ин бармеояд, ки ту бояд анбори иловагиро пайдо намоӣ, шояд аз ҳамдеҳаат ё дар таххонаи бинои ҷамъиятӣ.

Имсол масоҳати қитъаи ту васеъ шудааст ва аз ин рӯ, ту ҳамаи корҳои ҷисмониро танҳо иҷро карда наметавонӣ ё ба умеди хоҳару бародаронат ё дӯстонат шавӣ. Ту бояд коргарони иловагиро киро намоӣ. Бо ҳамин сабаб, ба бюджети соли мазкур мо моддаи “меҳнати кирояро” ворид кардем. Ту корфармо мебошӣ ва барои коргарони худ барои кор шароитҳои бехатарро таъмин намоӣ (ба модули “Ҳифзи меҳнат дар хоҷагии қишлоқ” ниг.). Пардохти меҳнати коргаронро дар асоси сифати кори иҷрошавандаи онҳо, на вақти сарфакардаашон ё миқдори кори иҷрокардаашон амалӣ намо (мисол, ба ҳар як коргар порчаи заминро ҷудо кун ва сифати кори иҷрокардаашонро тафтиш намо. Ба коргарони беҳтарин метавонӣ мукофот диҳӣ, ва ҳамин коргарони боваринокро киро намоӣ). Акнун ту бояд дар бораи пешбурди касбии тиҷорат фикр намоӣ: кирои коргарон дар асоси шартнома, кушодани ҳисоби бонкӣ, гузаронидани таҳлили бозор, муқарраркунии робитаҳо бо харидорони яклухт ва супермаркетҳо дар пойтахт, фармоиши кортҳои шиносоӣ.




Дар асоси комёбии солҳои қаблӣ ту метавонӣ иқтидори истеҳсолии худро васеъ намоӣ ва 100 садяк заминро барои парвариши сирпиёз ба иҷора гирӣ. Ин барои гирифтани фоидаи калон ва мустақил шудан имконият медиҳад.

### Ба ту чӣ лозим аст?

- Иҷораи қитъаи замини мутобиқ бо дастрасии хуби об.
- Маблағгузории фоидаи соли гузашта ба истеҳсолоти соли ҷорӣ.
- Хоҳиши софдилона меҳнат кардан, банақшагирии ҷиддӣ ва бурдани сабтҳо.
- Азназаргузаронии сабтҳои соли гузаштаи истеҳсолӣ оиди парвариши сабзӣ ва сирпиёз, мутобиққунии малакаҳои гирифта ва саривақт ташкил кардани омодакунӣ.

### Ту бояд чиро дар хотир дошта бошӣ?

- Харидории тухмии босифат, ҳатто агар ба ин вақт ва пули зиёд харҷ намоӣ, зеро ин ҷанбаи муҳими ҳосили баланд ва пасткунии хавфи мавҷудияти зараррасонҳо мебошад.
- Ҳангоми интихоби қитъаи замини иҷора ту бояд боварӣ ҳосил намоӣ, ки зироати қаблан кошташуда ба сирпиёз таъсири манфӣ намерасонад.
- Омӯхтани модулҳо оиди ҳуқуқи шартномавӣ, зеро ту шартномаҳоро оиди иҷораи қитъаи замин мебандӣ.
- Азбаски зиёдкунии маҳсулот пешбинӣ шудааст, ту бояд имконияти фурӯши онро берун аз кишвар ба назар гирӣ. Барои ин маҳсулоти парваришкардаат бояд ба меъёрҳои сифати ҷаҳонӣ ҷавобгӯ бошад. Аз ин рӯ, ту бояд меъёрҳои сифат оиди сирпиёз, инчунин кадом ҳуҷҷатҳо барои содироти маҳсулоти ту заруранд, омӯзӣ.

**Бюджети соли чорум (2020 с.)**

| | | |
|---|---|---|
| Маблағгузории якум | 308065 | *сом* |
| Масоҳати қитъа | 100 садяк | |
| Ҷойгиршавӣ | Он ҷое, ки барои иҷора замин ҳаст | |
| *Таваррум 6%* | | |
| **Хароҷот** | **Сирпиёз** | |
| Омодакунии замин | 10000 | |
| Иҷораи замин | 11200 | |
| Тухмӣ | 75000 | |
| Пору | 8000 | |
| Мубориза бо алафи бегона: захрдоруҳо | 2000 | |
| Меҳнати кироя | 500 | |
| Мубориза бо зараррасонҳо: захрдоруҳо | 2000 | |
| Меҳнати кироя | 500 | |
| Мубориза бо занбӯруғҳо | 2000 | |
| Меҳнати кироя | 500 | |
| Обмонӣ | 6000 | |
| Ҷамъоварии ҳосил | | |
| Меҳнати кироя | 8000 | |
| Нақлиёт | 8000 | |
| Иҷораи ҷой дар бозор | 10000 | |
| Борпеч | 3000 | |
| Фонди иҷтимоӣ | 354 | |
| Андози замин | 354 | |
| Андоз аз даромад | 50000 | |
| Нигоҳдорӣ | 12000 | |
| **Ҳамагӣ хароҷот** | **221972** | |
| **Даромад** | **1311750** | |
| **Фоидаи соф** | **1089778** | |
| **Бақия барои маблағгузорӣ** | **83093** | |
| Ҳамагӣ маблағгузорӣ барои соли 5-ум | 1397843 | сом |

Коркарди 1 га замин вақти зиёд ва иҷрои ӯҳдадориҳоро дар ҳар як марҳилаи истеҳсолот, аз омодакунӣ то нигоҳдории маҳсулоти истеҳсолшуда ва фурӯши он талаб мекунад.

Фурӯши маҳсулоти истеҳсолкардаат дар ҳаҷми 22, 5 тонна сирпиёз дар 100 садяк мавҷуд будани роҳҳои махсуси фурӯшро талаб мекунад. Агар дар минтақаи шумо якчанд нафар бо парвариши сирпиёз машғул бошанд, ту метавонӣ бо онҳо ҳамроҳ кор кунӣ ё бо онҳо ба кооператив муттаҳид шавӣ. Тариқи кооператив ту метавонӣ маводҳои х/қ бо нархи арзон харидорӣ кунӣ. Шумо метавонед ҳосилро ҷамъоварӣ намоед ва ҳамроҳ маҳсулотро фурӯшед. Мавҷудияти ҳаҷми калони сирпиёзи босифат дар як ноҳия метавонад миёнаравонро ҷалб намояд, ки метавонанд бо бозорҳои Россия пайваст кунанд ва он ҷо ту метавонӣ барои маҳсулот нархи баланд ба даст орӣ, агар онҳо ба меъёрҳои байналмилали ҷавобгӯ бошанд.

Чи тавре, ки аз модули "Ту ва иқтисодиёти бозаргонӣ" фаҳмидӣ, пардохти андоз муҳим аст. Имсол ҳаҷми даромади ту зиёд мешавад ва ту бояд андозҳои дахлдорро аз даромади худ пардохт намоӣ.Ғайр аз ин маблағ ба фонди иҷтимоӣ ба ту гирифтани нафақаро дар сурати рӯй додани ягон ҳолат бо тиҷорати ту кафолат медиҳад. Ин ҷо рақами тахминии андоз аз даромад нишон дода шудааст. Ту бояд бо қонунгузории дахлдор шинос шавӣ ва маблағи аниқро ҳисоб намоӣ.

**Варианти 1** **Истифода барои эҳтиёҷоти шахсӣ**
**Варианти 2** **Депозити мӯҳлатноки фоиздор дар бонк**
**Варианти 3** **Парвариши чорво барои пасткунии сатҳи хавф**

Чӣ тавре, ки аз бюджети дар боло зикршуда мебинӣ, пас аз пардохти ҳамаи хароҷотҳо оиди парвариши сирпиёз, ба ту маблағи 83093 сом аз маблағгузории ибтидоии ҳамин сол боқӣ мемонад. Ту метавонӣ яке аз вариантҳои зеринро интихоб намоӣ:

1. Барои эҳтиёҷоти худ сарф намоӣ.
2. Ба суратҳисоби бонкӣ (депозити мӯҳлатнок бо гирифтани фоизҳо) гузоштан. Дар бонки боваринок пасандозҳои ту нигоҳ дошта шуда, фоизҳо ҷамъоварӣ мешаванд.
3. Чорво харида, хавфҳоро тақсим кардан.

Тибқи афзалиятҳое, ки бароят муҳиманд, қарор кабул намо.

Имсол фоидаи ту аз фурӯш 1 миллион сомро ташкил медиҳад. Акнун дар бораи бехатарии андӯхтҳоят андеша кардан зарур аст. Онҳоро дар хона, зери болишт нигоҳ надор! Аҳдҳое, ки ту мегузаронӣ, масалан, хариди тухмӣ – арзиши баланд дорад ва ту метавонӣ онро тавассути суратҳисоби бонкӣ пардохт намоӣ.

## Солҳои оянда (аз 2021 сол ва оянда)

Дар ин сол такрори соли чорум мешавад, ки дар он 100 садяк замин ба иҷора гирифта шуда, сирпиёз кишт карда мешавад. Барои пайдо нашудани мушкилот бо хок ва растаниҳо ту бояд қитъаҳои гуногуни заминро истифода кунӣ ва киштгардонро истифода намоӣ. Зироатҳои як оила (масалан, пиёзиҳо) дар як қитъа бо фосилаи ду ё зиёда сол кишт кардан мумкин аст.

Мушкилоте, ки ҳангоми коркади пиёзиҳо дар солҳои оянда пайд мешаванд, инҳоанд:

- Пайдошавии кирмакҳои пашшаи пиёз дар решаи пиёз.
- Ширинча дар баргҳо, сирояти фузариозии занбурӯғӣ, пӯсиши гарданаки реша, трипсҳо, нематодҳо дар поя ва пиёзак, сирояти вирусӣ ва вертиселлез.

### Ба ту чӣ лозим аст?

- Иҷораи қитъаи замини мутобиқ бо дастрасии хуби об.
- Маблағгузории фоидаи соли гузашта ба истеҳсолоти соли ҷорӣ.
- Хоҳиши софдилона меҳнат кардан, банақшагирии ҷиддӣ ва бурдани сабтҳо.
- Азназаргузаронии сабтҳои соли гузаштаи истеҳсолӣ оиди парвариши сабзӣ ва сирпиёз, мутобиққунии малакаҳои гирифта ва саривақт ташкил кардани омодакунӣ.

### Ту бояд чиро дар хотир дошта бошӣ?

- Харидории тухмии босифат, ҳатто агар ба ин вақт ва пули зиёд харҷ намоӣ, зеро ин ҷанбаи муҳими ҳосили баланд ва пасткунии хавфи мавҷудияти зараррасонҳо мебошад.
- Ҳангоми интихоби қитъаи замини иҷора ту бояд боварӣ ҳосил намоӣ, ки зироати қаблан кошташуда ба сирпиёз таъсири манфӣ намерасонад.
- Омӯхтани модулҳо оиди ҳуқуқи шартномавӣ, зеро ту шартномаҳоро оиди иҷораи қитъаи замин мебандӣ.
- Азбаски зиёдкунии маҳсулот пешбинӣ шудааст, ту бояд имконияти фурӯши онро берун аз кишвар ба назар гирӣ. Барои ин маҳсулоти парваришкардаат бояд ба меъёрҳои сифати ҷаҳонӣ ҷавобгӯ бошад. Аз ин рӯ, ту бояд меъёрҳои сифат оиди сирпиёз, инчунин кадом ҳуҷҷатҳо барои содироти маҳсулоти ту заруранд, омӯзӣ.

**Бюджети солҳои оянда (2021 с. ва оянда)**

| | | |
|---|---|---|
| Маблағгузории якум | 1397843 | *сом* |
| Масоҳати қитъа | 100 садяк (1 га) | |
| Ҷойгиршавӣ | Он ҷое, ки барои иҷора замин ҳаст | |
| *Таваррум 6%* | | |
| **Хароҷот** | **Сирпиёз** | |
| Омодакунии замин | 10000 | |
| Иҷораи замин | 12400 | |
| Тухмӣ | 75000 | |
| Пору | 8000 | |
| Мубориза бо алафи бегона: захрдоруҳо | 2000 | |
| Меҳнати кироя | 500 | |
| Мубориза бо зараррасонҳо: захрдоруҳо | 2000 | |
| Меҳнати кироя | 500 | |
| Мубориза бо занбӯруғҳо | 2000 | |
| Меҳнати кироя | 500 | |
| Обмонӣ | 6000 | |
| Ҷамъоварии ҳосил | | |
| Меҳнати кироя | 8000 | |
| Нақлиёт | 8000 | |
| Иҷораи ҷой дар бозор | 10000 | |
| Борпеч | 3000 | |
| Фонди иҷтимоӣ | 354 | |
| Андози замин | 354 | |
| Андоз аз даромад | 50000 | |
| Нигоҳдорӣ | 0 | Аз ҳамин сол сар карда, ту барои нигоҳдорӣ маблағ пардохт намекунӣ, зеро метавонӣ аз фоидаи ҳамин сол барои худ анбор созӣ. |
| **Ҳамагӣ хароҷот** | **210524** | |
| **Даромад** | **1311750** | |
| **Фоидаи соф** | **1101226** | |
| Ҳамагӣ маблағгузорӣ барои соли 6-ум | 1235031 | |

Илова бар ин, барои кишти 1 га сирпиёз аз маблағҳои умумии барои маблағгузорӣ таъиншудаи соли ҷорӣ ту метавонӣ маблағгузории зеринро иҷро намоӣ:

1. Хариди трактор ва асбобҳо ё мошини боркаш барои истифодаи шахсӣ ё ба иҷора додан, азҷумла хароҷот барои бақайдмонӣ ва суғурта 450000 сом

2. Сохтмони анбор 150000 сом

3. Сохтмони манзили шахсӣ 400000 сом

4. Тӯй ё эҳтиёҷоти дигар ё ба депозит мондан дар бонк бо гирифтани фоизҳо 264038 сом

Аз аввали соли панҷум, агар ту барои ғанишавии корхонаи худ софдилона меҳнат намоӣ ва ҷораҳоро барои паст кардани сатҳи хавф гузаронӣ,тахминан як миллион сом бе хароҷотҳои парвариши сирпиёз боқӣ мемонад ва ту онҳоро метавонӣ барои эҳтиёҷоти дигар сарф кунӣ. Ту бояд на кам аз нисфи фоидаро ба тиҷорати сирпиёз маблағгузорӣ намоӣ, зеро маҳз дар ҳамин соҳа ту фоида мегирӣ, ба маблағи дигар ту дороиҳои моддӣ, масалан, ҳуҷра дар шаҳри Бишкек харида, ба иҷора диҳӣ, ё қитъаи замин дар деҳа ё маркази ноҳия барои истифода ё ба иҷора додан ё ба сифати пасандоз. Маблағи боқимондаро ту метавонӣ барои эҳтиёҷоти оилаи худ, барои инкишофи шахсӣ, ба сифати мукофоти барои меҳнати босубот, барои саёҳат ё таълими кӯдакон истифода намоӣ. Акнун ту фаҳмидӣ, ки ҳар як одам дар вазъияти мазкур дар сурати риоя кардани интизом ва хоҳиши омӯхтану меҳнат кардан, метавонад фермери муваффақ гардад.

# Маълумоти техникӣ

Маълумоти техникии муайян дар модули “Парвариши сабзавот” ва модулҳои дигари китоб пешниҳод карда шуд. Мо маротибаи дигар таъкид кардан мехоҳем, ки барои гирифтани маълумоти навтарин ҳамеша ба мушовири деҳот ё мутахассисони дигар муроҷиат кардан зарур аст. Дар китоби мазкур ту танҳо маслиҳатҳо ва маълумотҳои умумиро мегирӣ. Вариантҳои зиёди омодакунии хок, усулҳои кишт, навъҳои зироатҳои барои ноҳияи ту мувофиқ, поруҳои истифодашаванда, чораҳо оиди ҳифзи растаниҳо, обмонӣ ва ғ. мавҷуданд, ки ба маҳалҳои гуногуни Қирғизистон истифода кардан мумкин аст. Ҳангоми банақшагирии кишти ҳама гуна зироатҳо дар навбати аввал ту бояд кӯшиш намоӣ, ки маълумоти навтаринро гирӣ. Дар ҷадвали зерин баъзе аз мушкилоти асосии зироатҳое пешниҳод шудаанд, ки дар модули мазкур шарҳ дода шуданд.

| | Сирпиёз | Сабзӣ | Картошка | Пиёз |
|---|---|---|---|---|
| **Сатҳи ҳосилнокии хок ва омодакунии он** | Сирпиёз нури офтоб ва хоки намиро хуб ҷаббанда ва дорои миқдори баланди маводҳои органикиро дӯст медорад. Он дар хокҳои навъашон гуногун мерӯяд, аммо гилхоки қумдорро афзал медонад. Решаи сирпиёз чуқур меравад, бинобар ин хоки ковок зарур аст. Якчанд соат пеш аз кишти сирпиёз ба замин об мондан зарур аст. Сирпиёз пас аз сидерат, масалан юнучқа, люсерна ё нахӯд хуб мерӯяд. | Сабзи хоки санглохро дӯст намедорад. Хоки намнокиро хуб ҷаббанда, хоки регдори бо миқдори зиёди моводи органикиро дӯст медорад. Решаи сабзӣ ба хок чуқур медаванд. Сабзӣ гилхоки вазнинро дӯст намедорад. Пеш аз кишти сабзӣ хокро хуб омода ва алафҳоро тоза кардан зарур аст. Хишоваи алафҳои бегона аз байни сабзӣ душвор аст. | *Ба модул оиди картошка нигаред* | Хок бояд серҳосил, намнок, ҷаббанда бошад. Пиёз хоки туршнокро дӯст намедорад, бинобар ин истифодаи оҳак барои расонидани сатҳи pH ба мӯътадилӣ зарур аст. Хоки Қирғизистон барои парвариши пиёз мутобиқ аст. Пиёз ба маводҳои органикии зиёд вва азот дар таркиби хок эҳтиёҷ дорад. |
| **Сатҳи м утобиқи pH** | 6.2 – 6.8 | 6.5 – 7.5 | 5.8 – 6.5 | 5.0 – 7.0 аммо беҳтараш 6.5 – 7.0 |
| **Вақти кишт** | Дар тирамоҳ ё дар аввали баҳор | Тухмӣ одатан дар ҳарорати 10⁰С месабзад. | *Ба модул оиди картошка нигаред* | Дар Қирғизистон тирамоҳ, моҳи сентябр, дар аввали баҳор кишт мекунанд. |
| **Омодакунии тухмӣ** | Барои кишт аз ҳама дандонаҳои калонро аз сарҳои қаблан парваришкардашуда мешинонанд, хурдашро сара мекунанд Дандонаҳоро оҳиста аз сараки сирпиёз берун мекунанд, решачаи сирпиёзро оҳиста буридан зарур аст | Тухми сабзиро дар намуди нам шинонидан беҳтар аст, зеро ин барои сабзиши онҳо кӯмак мекунад | *Ба модул оиди картошка нигаред* | Ҳангоми шинонидани кӯчат масофаи байни онҳо осон танзим карда мешавад. |

| | Сирпиёз | Сабзӣ | Картошка | Пиёз |
| --- | --- | --- | --- | --- |
| **Тартиби кишт** | Дандонаҳои сирпиёзро ба қаторҳо дар масофаи 6 см аз ҳамдигар мешиносанд. Онҳоро саракаш боло шинонидан зарур аст. | Сабзиро аз 3 см чуқур шинонидан мумкин нест. Сабзӣ тухми хурд дорад, бинобар ин онҳоро ба сатҳи замин наздик шинонидан зарур аст. | *Ба модули оиди картошка нигаред* | Дар чуқурии тақрибан 1 см мешинонанд. |
| **Пору** | Сирпиёз дар хоки дорои омехтаи поруи азотӣ, фосфорӣ ва калий хуб инкишоф мекунад. Барои ин 225 грамм омехтаи мазкурро барои як қатор бо масофаи 7,5 см истифода мекунанд. Дар вақти парвариш дар баҳор ва тобистон ҳангоми имконият ғизодиҳии сабукро бо поруи азотӣ гузаронидан зарур аст. | Хокро як сол қабл аз шинонидани сабзӣ пору додан зарур аст. Сатҳи баланди азот барои шохаронии сабзӣ кӯмак мекунад. Инчунин саргини ЧКШ ва саргини мурғро дар 10 л об омехта карда, 15 гр селитраи аммиакро омехта кардан мумкин аст, ки ин барои инкишофи растанӣ мусоидат мекунад. | *Ба модули оиди картошка нигаред.* | Пиёз ба фосфор хуб ниёз дорад, ки онро дар атрофи тухми дар чуқурии то 4 см гузоштан мумкин аст. Дар ҳар 3 м қатор 150 гр. суперфосфат истифода мешавад. Растаниҳои решадорро бо сулфати аммоний ё нитрат пору додан мумкин аст. |
| **Рӯпӯшкунӣ (мулча)** | Сирпиёз ҳангоми рӯпӯшкунӣ хуб месабзад. Сабзаҳо метавонанд аз қабати 10 см каҳ ё рӯпӯши дигар сабзида бароянд. Агар дандонакои сирпиёз тирамоҳ шинонида шуда бошанд, рӯпӯш зироатро аз таъсири хунукӣ дар зимистон ҳимоя мекунад. | Талаботҳои муайян барои рӯпӯшкунӣ нест, зеро сабзӣ растании тобовар аст ва хунукиву гармиро хуб мегузаронад. | Ба рӯпӯшкунӣ эҳтиёҷ надорад, ба ғайр аз нигоҳубини дарозмуддат аз болои хок | Ба рӯпӯшкунӣ эҳтиёҷ надорад, ба ғайр аз нигоҳубини дарозмуддат аз болои хок. |
| **Талабот ба обмонӣ** | Сирпиёз нигоҳдории сатҳи якхелаи намии хокро дар аввали инкишофи худ талаб мекунад. Албатта, сирпиёзро дар давраи сарди зимистон об мондан мумкин нест. Обмониро якчанд ҳафта пеш аз ҷамъоварии ҳосил қатъ мекунанд. Рӯпӯшкунӣ барои нигоҳдории сатҳи якхелаи намии хок дар тамоми давраи инкишоф кӯмак мекунад. | Обмониро аз давраи инкишофи сабзӣ оғоз мекунанд. Қитъаро ҳар 7 рӯз дар давраи ибтидоии инкишофи он ва ҳар 12 рӯз дар марҳилаҳои дигар об мондан зарур аст. Хок набояд хушк шавад, аз меъёри зиёдатии об ҳам бояд эҳтиёт кард. | *Ба модули оиди картошка нигаред.* | Ҳангоми баландшавии намӣ пиёз мепӯсад, бинобар ин обмонии зиёд тавсия дода намешавад. |

| | Сирпиёз | Сабзӣ | Картошка | Пиёз |
|---|---|---|---|---|
| **Хишовакунӣ (нобудкунии алафҳои бегона)** | Сирпиёз бо алафҳои бегона рақобат карда наметавонад. Бинобар ин алафҳои бегонаро тоза кардан зарур аст. | Бо инкишофи зироат хишоваи алафи бегона мушкил мешавад. | *Ба модул оиди картошка нигаред.* | Омодакунии хуби замин талаб мешавад. Гузаронидани хишова барои нобудкунии алафи бегона зарур аст. |
| **Ҷамъоварии ҳосил** | Ҷамъовари сирпиёз одатан дар вақти ранги ҷигарӣ шудани нисфи барги поён сар мекунанд, вақте ки 40% ранги растанӣ ҷигарӣ ва 60% сабз мемонад. Сирпиёзро аз хок тоза кардан зарур аст. Пардаи сирпиёз ва сарак бояд осеб набинанд. Ҷамъоварии ҳосил одатан аз охири июл то сентябр мегузарад. | Ҷамъоварии ҳосили сабзӣ – кори душвор аст. Сабзиро боэҳтиёт барои осеб надодан ва набуридани он кофта мегиранд. Онро сара карда, сабзаи онро тахминан 2 см аз сари сабзӣ болотар мебуранд. Ҷамъоварии ҳосили сабзӣ дар ҳавои хунук барои нигоҳдории он мусоидат мекунад. | *Ба модул оиди картошка нигаред.* | Пухтарасии пиёз аз афтидани сараки тана маълум мешавад. Пиёзро аз хоки пешакӣ нарм кардашуда кашида мегиранд. Бехмеваи пиёзро дошта, пояи онро 2 см болотар аз бехмева мебуранд. Пиёзро барои осеб надодан оҳиста мегиранд, зеро ин ба мӯҳлати нигоҳдории он таъсир мекунад. |
| **Нигоҳдорӣ** | Сирпиёзро хуб хушк мекунанд, ба ҷои хушк ва салқин овехта мемонанд ва пас аз як ҳафта лои часпидаи онро тоза мекунанд. | Сабзиро дар ҷои хунук ва намнок, дар ҳарорати 0°C ва намнокии 90-95% нигоҳ медоранд. | *Ба модул оиди картошка нигаред.* | Пиёзро дар ҷои хушк ва салқин нигоҳ медоранд. |









# Тестҳо

## Фасли 1. “Ту ва иқтисодиёти бозаргонӣ”

### Дарси 1: “Ту ва иқтисодиёти бозаргонӣ”

**1. Иқтисодиёти бозаргонӣ ин ......**

а) низоми иқтисодие, ки аз ҷониби давлат ва мақомотҳои ваколатдор назорат мешавад
б) низоми иқтисодие, ки дар моликияти хусусӣ ва интихоби шахсӣ асос ёфтааст
в) иқтисодиёти бозори шаҳрӣ

**2. Иқтисодиёти нақшавӣ ё маъмурӣ ин .....**

а) танзим ва идоракунии иқтисодиёт аз ҷониби давлат ва мақомотҳои салоҳиятдори он.
б) фурӯши маҳсулот дар бозор
в) фурӯши маҳсулот дар бозор бо супориши роҳбар ё директори ташкилот

**3. Пардохтҳои андоз дар низоми иқтисодиёти бозаргонӣ чӣ тавр истифода мешаванд?**

а) барои ҷалби ташкилотҳои байналмилалии хӯрокворӣ
б) барои ҳалли масъалаҳои демографӣ
в) барои пардохти хизматрасонӣ, чун тандурустӣ, маориф ва хизматрасонии дигари давлатӣ

### Дарси 2: Тиҷорат чист?

**1. Фоида чист?**

а) даромади калоне, ки дар давоми мавсим ба даст омадааст
б) велосипеде, ки ба ту волидайн тӯҳфа карданд
в) бақияи пули накд пас аз фурӯши маҳсулот ва баровардани ҳамаи хароҷотҳои барои инкишоф ва интиқоли маҳсулоти парваришшуда ба бозор сарфшуда

**2. Барои бо фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудан, кадом қарорҳоро қабул кардан зарур аст?**

а) донистани якчанд намуди фаъолияти соҳибкорие, ки ба ту ҷолибан, кифоя аст
б) як намуди соҳибкориро интихоб кардан, доштани мақсади аниқ, гузаронидани таҳлили бозор, ҷамъоварии ҳамаи маълумоти муфид аз таҷрибаи пешина
в) комёбӣ, хавф, реклама

**3. Захираҳои иқтисодии тиҷорат/корхона чист?**

а) захираҳои табиӣ, молиявӣ ва идоракунӣ
б) пул, захираҳои экологӣ
в) маданӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ

## Дарси 3: Маркетинг ва фурӯш

**1. Маркетинг чист?**

а) Фурӯши маҳсулот дар бозор
б) таҳлили бозор ва истеҳсоли маҳсулоти баландсифат
в) ташкили фурӯши маҳсулоти истеҳсолшуда

**2. Фарқияти байни маркетинг ва фурӯш дар чист?**

а) маркетинг дар талаботи мизоҷон ва баландкунии сатҳи маълумотнокии онҳо оиди маҳсулот, ки дар натиҷа фурӯши он осон мешавад, асос меёбад.
б) ягон фарқият нест
в) фурӯш дар бозорҳои калон – ин маркетинг, фурӯш дар бозорҳои хурд – ҳамту фурӯш аст.

**3. Занҷири таъминотии бозор чист?**

а) Коркард ва инкишофи истеҳсолоти маҳсулоти худӣ
б) таъмини мустақими маҳсулот аз ҷониби истеҳсолкунанда ба бозор
в) беҳтаркунии истеҳсоли маҳсулот, фурӯш, коркард ва супоридани маълумот барои харидорон

# Фасли 2. Ба нақша гирифтани тиҷорат

## Дарси 4: Ба нақша гирифтани тиҷорат

**1. Нуқтаи ибтидоии таъмини комёбии тиҷорати шахсӣ чист?**

а) муроҷиат барои машварат ба кормандони ташкилоти дар соҳаи инкишофи хоҷагии қишлоқ фаъолияткунанда
б) тартибдиҳии мустақилонаи нақша ва таҳияи мақсадҳо
в) гирифтани маслиҳати волидайн
г) гирифтани маслиҳати дӯстон

**2. Талаботҳои асосӣ барои расидан ба муваффақият кадомҳоанд?**

а) дар навбати аввал иҷрои корҳо шахсӣ ва оилавӣ
б) ташкили шароит барои истироҳат ва фароғат
в) гирифтани ӯҳдадориҳои ба тиҷорат ҷавобгӯ
г) дер бошад ҳам, корро бо сифати мутобиқ иҷро кардан

**3. Назар чист?**

а) воқеаи кӯтоҳе, ки волидайн нақл кардаанд
б) ҳикояи кӯтоҳи аз омӯзгорон шунидашуда
в) таъиноти мухтасари психолог
г) ҳуҷҷате, ки мақсад ва вазифаҳои тиҷорати туро шарҳ медиҳад

## Дарси 5: Асосҳои баҳисобгирии фаъолияти соҳибкорӣ

**1. Баҳисобгирии фаъолияти соҳибкорӣ чист?**

а) ин дидани баҳисобгирии дурусти ҷараёни воситаҳои пулӣ дар шакли хаттӣ ё шакли электронӣ

б) баҳисобгирии воситаҳои пулӣ дар шакли хаттӣ ё электронӣ сарфи беҳудаи вақт аст, зеро агар даромади коргар хуб бошад, ӯ инро ба хотир мегирад

в) бурдани баҳисобгирӣ (табиӣ ва молиявӣ)-и фаъолияти соҳибкорӣ барои мониторинги инкишофи корхона ва нигоҳдории маълумоти баҳисобгирӣ дар шакли хаттӣ ё электронӣ

**2. Хароҷотҳои доимӣ чист?**

а) хароҷотҳои доимие, ки аз камшавӣ ё зиёдшавии андозаи корхона вобаста нестанд

б) хароҷотҳое, ки давлат пардохт мекунад

в) харочотҳое, ки аз ҳаҷми муқаррарии хароҷот зиёд нест

**3. Сармояи хусусӣ чист?**

а) сармояе, ки волидайн ба кӯдакон пешниҳод мекунанд

б) дороиҳое, ки дар давоми якчанд сол бо мақсади инкишофи тиҷорат ҷамъоварӣ шудаанд

в) сармояи асосӣ – қарзҳо = сармояи хусусӣ

## Дарси 6: Асосҳои тартибдиҳии бюджет

**1. Захираҳои табиӣ чист?**

а) Ҳамаи он чизе, ки дар хона ва боғ мавҷуд аст: хона, оғил/иншоотҳои хоҷагӣ, таҷҳизоти хоҷагии қишлоқ ва асбобҳо

б) Ҳамаи он чизе, ки дар деҳа мавҷуд аст: хона, оғил/иншоотҳои хоҷагӣ, таҷҳизоти хоҷагии қишлоқ ва асбобҳо

в) як қатор ашёе, ки ба ту барои бурдани тиҷорат заруранд: хона, тухмӣ ва таҷҳизот

**2. Захираҳои молиявӣ ин ...?**

а) воситаҳо ва пасандозҳое, ки барои бурдани тиҷорат истифодашаванда

б) пасандозҳои бонкӣ

в) воситаҳои накде, ки волидайн ҷамъоварӣ кардаанд

**3. Оё ба ту тартиб додани бюджет кӯмак кард?**

а) тартибдиҳии бюджет дониши маро васеъ кард

б) тартибдиҳии бюджет нишон медиҳад, ки чӣ тавр зуд ва самаранок ба мақсад расидан мумкин аст, захираҳои шахсӣ чӣ тавр истифода мешаванд.

в) тартибдиҳии бюджет волидайни маро хурсанд мекунад

# Фасли 3. Дастрасӣ ба машваратҳо ва маблағгузорӣ

## Дарси 7: Идоракунии хавфҳо

**1. Ба фикри ту чӣ барои бурдани тиҷорат хавфнок аст?**

а) а) рашки дӯстон ба тиҷорати ту

б) мушкилоте, ки расидан ба комёбии тиҷорати ту монеа мешаванд

в) сабабҳои зиёди дигаре, ки ба комёбии тиҷорати ту таъсири манфӣ мерасонанд

**2. Оё хавфҳоро идора кардан мумкин аст?**

а) не, имконнопазир аст, зеро ҳамаи хавфҳо бо сабаби омилҳои беруна рӯй медиҳанд Соҳибкор хавфҳоро назорат карда наметавонад

б) имконпазир аст, зеро тариқи амаликунии амалҳои муайян хавфҳоро пешгирӣ ё сабук кардан мумкин аст

**3. Гирифтани маълумоти нав ё иловагӣ ба соҳибкор дар чӣ кӯмак мекунад?**

а) дар беҳтар зистан
б) бештар даромад гирифтан
в) гирифтани афзалияти рақобатнок барои бурдани тиҷорат

## Дарси 8: Дастрасӣ ба воситаҳои микрокредитӣ

**1. Қарзҳо ин...?**

а) пуле, ки ба одамони камбизоат қарз дода шудааст
б) воситаҳо барои инкишоф
в) восита барои кӯмак
г) воситаҳо барои зиёдкунии фоида

**2. Кадом гурӯҳҳои мақсаднок кредит гирифта метавонанд?**

а) соҳибкорон　　б) шахсони доро
в) шахсони камбизоат　　г) донишҷӯён ва хонандагон

**3. Кӣ метавонад аъзои кумитаи маҳаллӣ шавад?**

а) занҳо
б) хонандагон ва омӯзгорон
в) муҳосибон
г) занон, тренерон, мутахассисон оиди қарздиҳӣ, муҳосибон, мушовирон оиди масъалаҳои хоҷагии қишлоқ, кормандони иҷтимоии ҷамоати деҳот

## Дарси 9: Дастрасӣ ба машваратҳо

**1. Чаро муроҷиат кардан барои машварат муҳим аст?**

а) Агар соҳибкор шахси маълумотдор бошад, дар ӯ зарурати барои машварат муроҷиат кардан нест
б) барои истифодаи самараноки ҳамаи имкониятҳо
в) барои доштани маълумоти наву муфид

**2. Кооператив чист?**

а) гурӯҳи калони сокинони деҳот
б) гурӯҳи оилаҳое, ки муносибатҳои хешутаборӣ доранд
в) гурӯҳи расмии одамоне, ки манфиатҳои якхела ва дар як соҳа фаъолияткунанда

**3. Пардохти машварат ин ...............**

а) истифодаи нодурусти пул　　б) даромади ягон кас
в) хароҷоти тиҷорат　　д) харҷи беҳудаи пул

Тестҳо

# Фасли 4. Баробарии гендерӣ

## Дарси 10: Сарқонун ва баробарии гендерӣ...
## Дарси 11: Вазифаҳои гендерӣ ва қолабҳо
## Дарси 12: Баробарии гендерӣ дар Қирғизистон

## Дарси 13: Иқдомҳои занони деҳот

**1. Истилоҳи гендер чӣ маъно дорад?**

а) консепсияи умумии иҷтимоӣ оиди ҳифз ва дастгирӣ дар татбиқи ҳуқуқи занон

б) консепсияи умумии иҷтимоӣ, ки фарқияти вазифаҳо, мақом дар ҷомеа, хусусиятҳои рафторӣ ва мадании байни занону мардон

в) консепсияи умумии иҷтимоӣ дар бораи мақоми мардон дар ҷомеа, ҳуқуқ ва маданияти онҳо

**2. Ӯҳдадориҳо ва рафтори мардон, занон ва ҷавонон, ки ҷомеа муайян менамояд:**

а) ҳуқуқпоймолкунии гендерӣ

б) муносибатҳои гендерӣ

в) вазифаҳои гендерӣ

**3. Дастгирии баробар, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои мардон ва занон дар соҳаи ҷамъиятӣ ва сиёсӣ ..... номида мешавад:**

а) баробарии гендерӣ

б) тавозуни гендерӣ

в) муносибатҳои гендерӣ

# Фасли 5. Об

## Дарси 14: Об, санитария ва гигиена барои хонандагони мактаб

**1. Гигиена чист?**

а) соҳаи тиб, ки таъсири шароитҳои зист ва меҳнатро ба солимии инсон ва таҳияи чораҳоро оиди пешгири бемориҳо меомӯзад

б) ҳолати организми инсон, вақте, ки ҳамаи вазифаҳои узвҳо ва низомҳои бадан бо муҳити атроф дар тавозун ҳастанд ва ягон тағйиротҳои носолим вуҷуд надоранд

в) маҷмӯи чораҳои амалие, ки барои татбиқи меъёрҳо ва талаботҳое, ки гигиенаи илмӣ таҳия менамояд, равона шудаанд

**2. Санитария ин ...**

а) ҳолати организми инсон, вақте, ки ҳамаи вазифаҳои узвҳо ва низомҳои бадан бо муҳити атроф дар тавозун ҳастанд ва ягон тағйиротҳои носолим вуҷуд надоранд

б) воридшавии паразитии бемори офар ба организми инсон

в) маҷмӯи чораҳои амалие, ки барои татбиқи меъёрҳо ва талаботҳое, ки гигиенаи илмӣ таҳия менамояд, равона шудаанд

**3. Ранги зарди сурхтоб дар об чӣ маъно дорад?**

а) мавҷуд будани хок, қум ва маводҳои занг дар таркиби он

б) мавҷуд будани манган дар таркиби он

в) мавҷуд будани об ё туршнокии баланди об

**4. Шумо кадом манбаъҳоеро медонед, ки бевосита обро ифлос мекунанд?**

а) оби ифлос, пашша, пестисидҳо, саргин ва мурдаи ҳайвонот, партов, шустани мошина, ҷомашӯӣ, ҳоҷат кунии одамон дар ҷои кушод

б) дастони ифлос, оби қубури об, ҷоҳҳо, чашмаҳо, чоҳи обкашӣ

в) сохтмони хонаҳо, таъмири мошин, шамоли сахт, туман.

**5. Кадом бемориҳои рӯда, ки аз ҷониби бактерияҳо ба вуҷуд меоянд, бо об паҳн мешаванд?**

а) алвеококкоз, эхинококкоз

б) исҳол, дарунравӣ, вабо, домана, ҳепатити, қиҷҷа

в) ҳарду вариант дуруст аст

**6. Чор лаҳзаи аз ҳамаи зарурии шустани дастро бо собун номбар намоед:**

а) пас аз истифодаи ташноб, пас аз ивазкунии уребчаҳои кӯдакон, пеш аз омодакунии хӯрок, пеш аз истеъмоли хӯрок ё хӯрокдиҳии хонандагон

б) пеш аз истифодаи ташноб, пас аз истеъмоли хӯрок, пеш аз ивазкунии уребчаҳои кӯдакон, пас аз ҳар танаффуси дарс

в) пеш аз истифодаи ташноб, пас аз ивази либоси мактабӣ, пас аз ҳар танаффуси дарс, пеш аз афшонидани бинӣ

**7. Тибқи меъёр масофаи байни ташноб ва ҳавз бояд чӣ қадар бошад?**

а) 25 метр

б) 20 метр

в) 15 метр

## Дарси 15: Асосҳои истифодаи самараноки об дар полезҳо

**1. Иттиҳодияи истифода барандагони об (ИИО) бо чӣ кор машғул аст?**

а) таъмини обро ба хоҷагиҳо ва хоҷагиҳои фермерӣ – аъзоёни ИИО бо назар дошти талаботи онҳо ташкил менамояд

б) бо оби нӯшокӣ таъмин мекунад

в) муноқиша ҳоро ҳал менамояд

г) бо масъалаҳои иҷтимоӣ машғул аст

**2. Шумо кадом намудҳои обмониро медонед? (номбар намоед)?**

а) ________________________________________________

________________________________________________

________________________________________________

**3. Ҳангоми обмонии аз меъёр зиёд чи ҳодиса рӯй медиҳад?**

а) ҳеҷ ҳодиса рӯй намедиҳад

б) бемориҳои растаӣ зиёд мешаванд

в) инкишоф, афзоиш ва ҳосилнокӣ паст мешавад

г) растаниҳо пурқувват мешаванд

**4. Шумо кадом омилҳои иқлимии обмониро медонед?**

а) Ҳарорат, шамол, боришоти атмосферӣ, намнокии ҳаво

б) Ҳарорат, намнокӣ

в) хок

г) боришот

**5. Шумо кадом усулҳои самараноки истифодаи обро медонед?**

а) обмонии қатравӣ

б) пурра зери об мононидан

в) обмонӣ дар қаторҳои кӯтоҳ, обмонӣ тавассути қатори дуюм, обмонӣ бо фавввораи тағйирёбанда, обмонии қатравӣ

г) оби борон

# Фасли 6. Ташкили полез

## Дарси 16: Идоракунии устувори захираҳои замин

**1. Гумус чист?**

а) захираҳои табиӣ

б) моводи органикие, ки дар натиҷаи пӯсиши боқимондаҳои растанӣ дар хок ба вуҷуд меояд.

в) моводи ғизоӣ

г) организми зинда

**2. Навъи хоки ба бодлес осон гирифторшаванда?**

а) хоке, ки дар он ягон моводи органикӣ нест

б) хоки муқаррарӣ

в) сафедхок

г) сиёҳхок

**3. Истифодаи ҳарсолаи поруи азотӣ ба...... мерасонад**

а) беҳтаршавии ҳосилнокӣ

б) баландшавии даромаднокӣ

в) туршшавии хок бетавозуншавии унсурҳои хок

г) хароҷот

## Дарси 17: Истифодаи самараноки хок ва тайёркунии компост

**1. Хок чист?**

а) қабати замин, ки аз маводҳои органикӣ ва ғайриорганикӣ иборат аст

б) қуми оддӣ

в) маводҳои ғайриорганикӣ

г) маводҳои органикӣ

**2. Поруҳои асосиеро, ки барои растаниҳо истифода мешаванд, номбар намоед.**

а) азот, оҳан, магний
б) фосфор, сулфур, калсий
в) азот, фосфор, калий

**3. Маводе, ки тариқи он ҳосилнокии хокро осон ва камхарҷ беҳтар кардан мумкин аст?**

а) компост
б) гумус
в) саргин
г) пору

## Дарси 18: Ташкили полез

**1. Полезро дар куҷо ҷойгир кардан беҳтар аст?**

а) дар тарафи офтобӣ
б) он ҷое, ки гарм аст
в) дар тарафи соя
г) он ҷое, ки шамол аст

**2. Истифодаи тухмии кӯҳна ва бесертификат кадом натиҷа медиҳад?**

а) даромаднокӣ зиёд мешавад
б) хароҷот кам мешавад
в) миқдори ҳосил кам мешавад
г) ҳаҷми хароҷот зиёд мешавад

**3. Чаро фермер бояд оиди корҳои иҷрокардааш рӯзнома барад?**

а) фермерони муваффақ рӯзнома мебаранд
б) намедонам
в) барои аз хотир набаровардани хатогиҳо ва комёбиҳои пешина, зеро ин барои иҷрои корҳои дигар бе такрори хатогиҳои қаблӣ имкон медиҳад.
г) барои аз хотир набаровардан

## Дарси 19: Истифодаи самараноки об

**1. Миқдори об (намӣ) дар хок бояд дар сатҳи зарурӣ бошад. Обмонии аз меъёр зиёд ё кам ба хок чӣ гуна таъсир мерасонад?**

а) ба инкишофи растанӣ мебарад
б) растаниҳо хушк мешаванд
в) ягон таъсир намерасонад
г) растаниҳо бо реҷаи муқаррарӣ калон мешаванд

**2. Оби шӯр ба маҳсулнокии сабзавот чӣ гуна таъсир мерасонад?**

а) маҳсулнокиро зиёд мекунад
б) маҳсулнокиро паст мекунад
в) ягон таъсир намерасонад
г) шӯрнокии хокро баланд мекунад

**3. Кадом навъи хок қобилияти обнигоҳдоранда дорад?**

а) гилхок
б) регхок
в) сиёҳхок

# Фасли 7. Усулҳои муосири бурдани хоҷагии қишлоқ

## Дарси 20: Ҳифзи меҳнат дар хоҷагии қишлоқ

**1. Ҳифзи меҳнат дар хоҷагии қишлоқ чӣ маъно дорад?**

а) гирифтани атрофи полез, ҳифз аз хатарҳои беруна
б) чорабиниҳо оиди таъмини солимӣ ва ҳаёти беҳтар
в) чораҳои тиббӣ оиди ҳифзи саломатӣ
г) банақшагирии бехатарии хоҷагии фермерӣ барои ҳамаи одамон

**2. Ҳангоми истифодаи моддаҳои кимиёвӣ кадом қоидаҳоро қатъиян риоя кардан мумкин аст?**

а) мутахассисро даъват кардан, пӯшидани дастпӯшакҳои муҳофизатӣ
б) пӯшидани либоси махсус, ба назар гирифтани самти шамол ҳангоми пошидан, роҳ нагаштан дар қитъаи доруопошидашуда
в) Химикатҳо бояд аз ҷониби мутахассис пошида шаванд

**3. Барои пешгири таъсири манфии заҳрдоруҳо кадом чораҳоро дидан зарур аст?**

а) нигоҳдории мутобиқи хоҷагӣ бо пешгирии шоридан, насб кардани монеаҳо, муроҷиат ба мутахассис, пӯшидани либоси махсус
б) мутахассисро даъват кардан зарур аст
в) аз полез/боғ зуд рафтан, пӯшидани ниқоби муҳофизатӣ

**4. Рамзи мазкури огоҳкунанда чӣ маъно дорад?**

а) Эҳтиёт, шиддати баланд!
б) Хатарнок!
в) Эҳтиёт, маводи заҳрнок!



## Дарси 21: Воситаҳои биологии ҳифзи растаниҳо

**1. Кадоме аз маводҳои дар зер зикршуда ба пестисидҳои ғайриорганикӣ дохил мешаванд?**

а) магний, калсий, хлор
б) сулфур, оҳан, мис
в) хлор, калий, магний

**2. Ҳангоми кишти шибит ҳамроҳи карам...**

а) миқдори пашшаҳои сабзиро кам мекунад
б) миқдори кирмҳоро кам мекунад
в) миқдори зараррасонҳои растаниҳоро кам мекунад

**3. Ҳангоми кишти пиёз ҳамроҳи сабзӣ....**

а) миқдори зараррасонҳои растаниро кам мекунад
б) миқдори пашшаи сабзиро кам мекунад
в) миқдори кирмҳоро кам мекунад

**4. Дар қитъаҳое, ки сирпиёз парвариш карда мешавад...**

а) зараррасонҳо нестанд
б) бемориҳо нестанд
в) ҳосилнокӣ зиёд мешавад

## Дарси 22: Воситаҳои кимиёвии ҳифзи растаниҳо

**1. Кадом воситаҳои кимиёвӣ дар аксарияти мавридҳо истифода мешаванд?**

а) пестисидҳо, гербисидҳо, фунгисидҳо
б) дуст (моводи чангмонанд)
в) биолигнин, триходерма

**2. Воситаҳои зиддизанбурӯғӣ барои чӣ истифода мешаванд?**

а) зарарасонҳо, занбурӯғ, бемориҳо б) ҳашаротҳо ва канаҳо (кайкҳо)
в) алафҳои бегона

**3. Гербисидҳо барои чӣ истифода мешаванд?**

а) ҳашаротҳо ва канаҳо (кайҳо) б) зарарасонҳо, занбурӯғҳо
в) алафҳои бегона

**4. Инсектисидҳо ва акарисидҳо барои чӣ истифода мешаванд?**

а) алафҳои бегона
б) ҳашаротҳо ва канаҳо (кайкҳо)
в) зарарасонҳо, занбӯруғҳо

# Фасли 8. Пешбурди хоҷагии замин барои ноилшавӣ ба некӯаҳволӣ

## Дарси 23: Парвариши сабзавот дар полез

**1. Омилҳое, ки ба инкишофи растанӣ таъсири мусбӣ мерасонанд ин...**

а) одамон, растаниҳо, ҳашаротҳо
б) ҳарорати ҳаво, об, поруҳо, воситаҳои кимиёвӣ ва табиӣ
в) одамон, пору

**2. Кадом намуди пору барои растаниҳо аз ҳама зарурӣ мебошанд?**

а) Азот, фосфор, калий б) синк, мис, оҳан, хлор
б) хлор, манган, магний

**3. Полез чӣ маъно дорад? Полез ин...**

а) қисме аз қитъаи замин, ки дар он сабзавот парвариш карда мешавад
б) қисме аз қитъаи замин, ки онро зуд-зуд иваз мекунанд
в) қитъаи замин, ки нақшаи он аз ҷониби мутахассис тартиб дода шудааст

**4. Барои пурра гирифтани маводҳои ғизоӣ ба одам чӣ қадар мева ва сабзавот истеъмол кардан зарур аст?**

а) асосан гӯшт ва шир, вақте ки мева ва сабзавот намерасад
б) 8-9 маротиба дар як рӯз
в) 4-5 маротиба дар як рӯз
г) асосан нон, бешмбармак, каме сабзавот

## Дарси 24: Парвариши картошка

**1. Агар бехмеваи картошкаи калонро пешакӣ пора карда шинонед, чӣ ҳодиса рӯй медиҳад?**

а) хушк мешавад ва инкишоф намекунад
б) аз беморӣ ҳимоя намешавад ва маҳсулнокӣ паст мешавад
в) инкишоф меёбад, маҳсулнокӣ беҳтар мешавад

**2. Вақти мувофиқ барои обмонии картошка ин...**

а) дар марҳилаи гулкунии барвақтӣ
б) пас аз пайдошавии сабзаҳо дар сатҳи замин
в) дар охири марҳилаи гулкунӣ

**3. Дигар беморӣ ва зараррасонҳои картошка ба ғайр аз гамбусаки колорадӣ боз кадом бемориҳо мебошанд?**

а) медведка, нематодҳо (зараррасонҳои решагӣ), фитофтороз, макроспориоз ва ғ.
б) кирмҳо, шапаракҳо, ширинча
в) зараррасонҳои сабзавот, кирмҳо, саратони картошка

**4. Ҳангоми фурӯши картошка дар бозор ба чӣ диққат додан зарур аст?**

а) интизор шудан, то ки дар баҳор нархи картошка баланд шавад
б) андоза, ҷудокунӣ, бозорро мушоҳида кардан, бо нархи муфид фурӯхтан
в) ҷудо накардан, ба андоза ва сифати картошка нигоҳ накардан

## Дарси 25: Парвариш ва буридани шохҳои дарахтони мевадор

**1. Буридани дарахтони мевадор чӣ аҳамият дорад?**

а) дарахтони мевадор хуб инкишоф мекунанд ва бештар хизмат мекунанд
б) ҳосили зиёд медиҳанд, намуди зоҳирии зебо доранд
в) ҳосили зиёд медиҳанд, намуди зоҳирии зебо доранд, маводи зиёди чӯбро истеҳсол мекунанд

**2. Буриши зимистонаро кай гузаронидан зарур аст ва кадом қисмат дар ин ҳолат инкишоф меёбад?**

а) дар охири зимистон, шохҳои ҷавон
б) зимистон, шохаҳои ҷавон
в) дар аввали баҳор, шохҳои ҷавон

**3. Буриши тобистона кай иҷро мешавад, кадом шохаҳоро буридан зарур аст?**

а) вақте, ки муғчаҳо инкишоф меёбанд, шохҳои пурқувватро буридан зарур аст
б) то бастани муғчаҳо шохаҳои суст, бемор ва осебдида бурида мешаванд
в) вақте, ки баргҳои якум пайдо мешаванд, шохҳои суст, бемор ва осебдида бурида мешаванд

**4. Кадом намуди буришро ту медонӣ?**

а) буриши шохаҳои канорӣ, поёнӣ
б) тунуккунии шохаҳо, ташаккул
в) тунуккунӣ, буриши шохаҳои канорӣ

# Фасли 9. Усулҳои муосири нигоҳдории айвонот

## Дарси 26: Ҳайвонҳо дар хоҷагии ман

**1. Ҳайвонҳо чӣ аҳамият доранд?**

а) дар оила ҳайвонҳои хонагӣ парвариш мешаванд
б) гирифтани фоида тавассути бурдани хоҷагии чорводорӣ ва нигоҳубини чорво
в) нигоҳдории миқдори калони ҳайвонҳо аз ҷониби фермер

**2. Дар кадом қисмати бадани одам аз ҳама зиёд мушакҳо мавҷуданд, ки одамон барои гӯшт истифода мекунанд?**

а) дар қисми пойҳои пеш, дар қисми сина
б) дар қисми қафо, аз охирин қабурға тоо пойҳои қафо
в) дар қисми пойҳои пеш ва қисми сар бо мушакҳои инкишофёфта

**3. Меъдаи ҳайвонҳои кафшакунанда аз чанд қисм иборат аст?**

а) 3: тӯр, рӯдаҳо, рӯдаи дувоздаҳангушта
б) 2: рӯдаи ғафс, тӯр
в) 4: тақсим намешавад

## Дарси 27: Усулҳои муосири бурдани чорводорӣ

**1. Кадом ғизоҳо барои баланд кардани зиёдшавии миқдори шир заруранд?**

а) ғизоҳои тару тоза
б) ғизоҳои дурушт
в) ғизоҳои ботавозун
г) ғизо, намак

**2. Маводҳои асосии зарурӣ дар ғизои ҳайвонҳо .... мебошанд.**

а) маводҳои минералӣ ва органикӣ
б) каҳ, сафедаҳо
в) чарбҳо, карбогидратҳо

**3. Мӯйсаргирии чорвои хурди шохдорро кай иҷро кардан зарур аст?**

а) ҳангоми пайдошавии чирк дар пӯст
б) вақте, ки барраҳо шири модарро мемаканд
в) вақте ки мӯй хуб мерасад

**4. Паҳнкунандаи паразитҳо дар ҳайвонҳо ...**

а) ҳашаротҳо, кирмҳои гуногун
б) вирусҳо, бактерияҳо
в) микроорганизмҳо, захмҳои гуногун

# Фасли 10. Паррандапарварӣ

## Дарси 28: Паррандаҳои хонагӣ дар хоҷагии ман

**1. Аз паррандаҳои хонагӣ кадом маҳсулотро гирифтан мумкин аст?**

а) гӯшт
б) тухм
в) пат ва пар
г) гӯшт, тухм, пат ва пар

**2. Дар ҳайвонҳо кадом узв мавҷуд нест?**

а) сипурз
б) пешобдон
в) шуш
г) гурдаҳо

**3. Чӯҷаҳо дар чанд рӯз мебароянд?**

а) 12-13
б) 20-21
в) 30-31
г) 25-26

## Дарси 29: Усулҳои парвариши паррандаҳои хонагӣ

**1. Дар масоҳати 1 м.кв. тибқи меъёр чанд сар парранда бояд нигоҳубин шавад?**

а) 15
б) 10
в) 6

**2. Чанд грамм ғизо дар як рӯз барои чӯҷаи шашмоҳа зарур аст?**

а) 60 гр.
б) 120 гр.
в) 180 гр
г) 240 гр.

**3. Иқтидори равшанкунии як чароғак дар 1 м.кв. дар мурғхона чӣ қадар аст?**

а) 10 $м^2$
б) 14 $м^2$
в) 18 $м^2$
г) 22 $м^2$

**4. Кадом навъи гӯштӣ/тухмии паррандаҳои хонагиро дар Қирғизистон парвариш мекунанд?**

а) Родонит, Хай-Лайн, Ломан Сенди, Корал
б) Қирғизӣ, Ню-Гемпшир, Род-Айленд, Кучин
в) Кохинкин, Брама, Корниш

# ТАЪРИХИ МУВАФФАҚИЯТИ ОМӮЗГОРОН

## НАСИРАНБЕКОВ ЧИНТЕМИР – омӯзгори фанни химия, мактаби миёнаи ба номи К. Акиев деҳаи Қизил-Жилдиз, ноҳияи Жумғал



“Вақте, ки лоиҳа оғоз шуд ба мо Роза Жунушова тренинги 4 рӯзаро оиди ХШМ дар ш. Ҷалол-Обод гузаштем. Пас аз тренинг мо ҳамроҳ бо 4 омӯзгорони ёрирасон хонандагонро омӯзонидем. Дар аввал барои хонандагон компости намунавиро тайёр кардем. Баъдан ба хонандагон (синфҳои 9-10), ки компостро дар хонаашон тайёр карданд, китобҳои ХШМ супорида шуданд. Тибқи дархости худи хонандагон мо тухмии босифатро бари 1 садяк замин ба ҳар як хонанда тақсим кардем. Ҳар як хонанда дар полези худ сабзавот парвариш карда, фоидаи софро дар ҳудуди 6000 – 13500 сом гирифт. Дар маҷмӯъ мактаб – 204 071 сомро ташкил кард. Дар хонандагон малакаи парвариши сабзавот хубтар шуданд ва онҳо ҳавасмандии онҳо дар ин кор зиёд шуд. Дар доираи лоиҳа ҳангоми дастгирии ХМД Ҷалол-Обод бо қадрдонии меҳнати мо 5 гармхонаи оддӣ барои хонандагони фаъол, омӯзгорон ва мактаб сохта дода шуданд. Баъдан дар гармхонаҳо низомҳои қатравии обмонӣ насб карда шуданд. Пештар мо дар бораи онҳо шунида ва дар телевизор дида будем, акнун туфайли лоиҳаи ХШМ мо технологияҳои нави парвариш ва обмонии зироатҳои хоҷагии қишлоқро истифода менамоем. Хонандагон дар рафти парвариши сабзавот меҳнат карданро омӯхтанд, қайд кардан зарур аст, ки муносибат ва эҳтироми байни духтарон ва писарон ба тарафи мусбӣ дигаргун шуд”.

Насиранбеков Чинтемир барои воридкунӣ ва амаликунии ХШМ саҳми калон гузоштааст. Ӯ ҳамин сол ба андозаи 21 м.кубӣ компостро тайёр кардааст, ки барои поруандозии 40 садяк полез кифоя мекунад.

“Гармхонаи мактабро сарвари маъмурияти ноҳияи Жумгал бо се сарвари ҷамоатҳо диданд. Онҳо имконияти гармхонаҳо ва низоми қатравиро мушоҳида карданд. Хонандагони мо ҳамроҳи волидайн дар деҳа барои худ имкониятҳои навро барои шуғл кашф ва истифода мекунанд”.



## НУРМАТОВА НАФИСА– омӯзгори математика мактаби миёнаи ба номи А. Атамов деҳаи Ак-Қорғон, ноҳияи Ала-Буқа

Соли гузашта ман ҳамроҳи чор хонандадухтарон тухмии картошкаи Алегрия – 150 кг бехмеваро кишт кардем ва 1500 кг, яъне ба 1 кг тухмӣ – 10 кг ҳосил гирифтем.

Имсол дар 3 садяки замин мо помидори навъи Султан – F-1 парвариш менамоем. Ман ҳамроҳи шавҳарам Элдар озмунро оиди таъмини сабзавот барои 7 боғчаи бачагонаи ноҳияи Ала-Буқа буридем. Мо онҳоро бо сабзӣ, картошка, карам, қаланфури булғорӣ ва кабудӣ таъмин менамоем. ХШМ ба ман имкон дод, ки ба хонандагон таҷрибаи амалиро омӯзонам, инчунин тиҷорати оилавии худро дар шароити иқтисодиёти бозаргонӣ инкишоф диҳем.

Мо дар амалия асосҳои маркетингро дар ноҳияи Ала-Буқа омӯхтем.

## СООДОНБЕКОВА БАКТИГУЛ– омӯзгори математика мактаби миёнаи ба номи А.Абдраимов, деҳаи Қазарман, ноҳияи Тоғуз-Торо




Бо ХШМ ман аз 2014 сол кор мекунам. Дар аввал тренинги 4-рӯзаро дар ХМД Ҷалол-Обод гузаштам ва ҳоло дар мактаб 60 хонанда омӯзиш гузашта истодаанд. Соли гузашта даромади умумии хонандагон 86 675 сомро ташкил кард.

Мо хонандагонро тибқи ХШМ дар як ҳафта як маротиба дарс мегӯем, онҳо компост тайёр карданд, китоб, тухмии босифатро гирифтанд.

Дар аввал вазифаи ҳатман тайёр кардани компост буд. Ман норозӣ будам, ки компост дар Тоғуз-Торо зарур нест, зеро хоки мо бе ин ҳам сиёҳзамин аст, акнун компостро тайёр ва дар заминҳои полез истифода карда, ҳосили фаровон ва фоидаро дида истодаем. Акнун паҳншавии оммавӣ байни хонандагон ва омӯзгорон рафта истодааст.

Ман андеша дорам, ки барои кӯдакон пас аз итмоми синфи 5-ум полезро ба чоркунҷаҳо тақсим карда додан зарур аст, бигзор онҳо парвариш кунанд, фоида гиранд ва ба нақша гирифтан, таҳлил карданро омӯзанд. Дар вақти сохтмони гармхона хонандагони ҳавасмандшуда иштирок карданд ва бо чашмони худ тамоми корро диданд. Пештар дар Казарман умуман гармхонаҳо набуданд. Ин барои мо чизи нав буд. Парвариш ва фурӯши бодиринг дар моҳи май – ин барои мо афсона буд. Дирӯз ман 35 кг бодирингро ҳар кг 55 сом фурӯхтам. Мағозаҳои маҳаллӣ онҳоро бо нархи 70 сом мефурӯшанд, овардашударо 55-60 сом мефурӯшанд. Сокинони мо маҳсулоти маҳаллиро хубтар харидорӣ мекунанд. Имрӯз ман бо кормандони қаҳвахонаи маҳаллӣ маслиҳат кардам, онҳо бодирингро бо нархи бозор, яъне 60 сом мехаранд".

Ҳоло сокинони Тоғуз-Торо ба гармхонаи ман зиёд ташриф меоранд. Ба қарибӣ ҳокими ноҳия, намояндаи маъмурияти ноҳия ва намояндаи Шӯрои занони ноҳия омада буданд. Онҳо маро барои супоридани Ифтихорномаи Конгресси занони Қирғизистон тавсия карданд.



## ТОШЕВА НАРГИЗА – омӯзгори фанни биология мактаби миёнаи ба номи А. Навоӣ, ш. Исфана

Ҳамаи мо ба лоиҳаи ХШМ аз 2014 сол ҷалб шудаем. Дар солҳои мазкур тақрибан 200 хонандаи синрфи 8-10 бо забони ӯзбекӣ, қирғизӣ ва русӣ омӯзонида шуданд. Аксарияти онҳо компост тайёр карданд, бо китоб бо се забон таъмин шуданд.

Хонандагон бо истифодаи компост ва парвариши тухмии босифати сабзавот ҳосили фаровон гирифтанд. Даромад аз як садяк замин дар ҳаҷми 1400-3000 сомро ташкил кард.

Ҳамин сол бори аввал барои мактаби мо 2 гармхонаи оддӣ сохта шуд, 2 низоми қатравӣ дар полезҳо насб карда шуданд.

ХШМ ҷаҳонбинии хонандагонро васеъ мекунад, ба онҳо меҳнати амалиро меомӯзонад ва ҳар як хонандаро ба зиндагии оянда омода мекунад.

# ТАЪРИХИ МУВАФФАҚИЯТИ ХОНАНДАГОН

## АЛТИНБЕК қизи АЙСУЛУУ – хонандаи синфи 10 мактаби миёнаи ба номи Н. Мамбетов, ш.Кербен, ноҳияи Ақсы



“Ман тибқи ХШМ дониш гирифта, омодакунии компост, парвариши картошка ва помидорро омӯхтам. Аз 1 садяк замин ман ба миқдори 6600 сом фоида гирифтам. Имсол дар гармхона помидор парвариш мекунам. ХШМ маро чунон ҳавасманд кард, ки ман ба нақша гирифтам, ки ба донишгоҳи аграрӣ дохил шуда, мутахассиси хуб шавам”.

Модар Базарбаева Рахат: “Айсулуу тибқи ХШМ омӯзишро гузашт ва мо махсус барои ӯ 1 садяк замини полезро ҷудо кардем. Ман хурсандам, ки ӯ дониши амалӣ мегирад ва бо парвариши сабзавот дар полез машғул аст. Меҳнати Айсулууро дида бародари хурдиаш Кубаничбек – хонандаи синфи 8 – низ қарор дод, ки меҳнат кунад ва мо ба ӯ 10 садяк заминро ҷудо кардем. Тухмии ҷуворимаккаро ба 490 сом харидем. Ҳоло ӯ бо полези худ машғул аст”.



## БОЛОТБЕКОВ САЛАВАТ – хонандаи синфи 9 мактаби миёнаи ба номи Мақмал, деҳаи Қазарман, ноҳияи Тоғуз-Торо

Тирамоҳ компостро ба андозаи 4x1 м тайёр кардам, баъд китоби ХШМ гирифтам. Соли гузашта модари ман дар самти воридкунии ХШМ фаъолият мекард. ОН вақт ман ҳамроҳи ӯ дар тренинг оиди сохтмони гармхона барои кӯчати сабзавот иштирок кардам. Имсол ман тухмӣ гирифтам, волидайн низ тухмии босифатро аз ХМД Ҷалол-Обод хариданд, дар фасли баҳор гармхонаро сохтем, кӯчат – карам, қаланфури булғорӣ, помидорро парвариш кардем.

Ҳоло дар 0,5 садяк замин картошкаи навъи Санте, дар 0,5 садяк замин помидор, карам ва қаланфури булғорииро парвариш мекунам. Дар полезҳо компостро васеъ истифода мекунанд, дар натиҷа алафи бегона нест ва растаниҳо хуб инкишоф мекунанд. Ҳоло дар полез мо компости кӯҳнаро истифода мекунем, ман бошам компости навро барои истифодаи оянда тайёр кардам. Меҳнату кӯшиши маро дида, ҳамсинфони ман ҳам ба кори полез завқ пайдо карданд. Акнун ман вақти холӣ надорам, ки чун пештара дар кӯчаҳо беҳуда гардам”.

# ТАЪРИХИ МУВАФФАҚИЯТИ ХОНАНДАГОН

## ТЕШЕБАЕВА ХУМОРАЙХОН – хонандаи синфи 11 мактаби ба номи М. Улуғбеки деҳаи Чек-Абад ноҳияи Араван



“Дар аввал ман ба ин ҳавас надоштам, ба омӯзгоронамон ташаккур, ки омодакунии компостро ба мо омӯзониданд, баъдан китоби ХШМ гирифтем. Дар фасли баҳор онҳо ба мо тухмии босифатро доданд. Дар хонаи мо то ин дам 2 гармхонаи 50 м.кв. ҳар кадомаш мавҷуд буд ва падарам кӯшишу ғайрати маро дида, як гармхонаро ба ман супорид, ман бошам тибқи лоиҳа низоми қатравӣ и обмониро гирифтам. Ростаро гӯям, пештар ман дар полез кор карданро дӯст намедоштам. Пас аз парвариши бодиринг дар соли аввал шавқам зиёд шуд. Гармхона барои нигоҳдории ҳосил дар шароитҳои гуногуни обу ҳаво кӯмак мекунад. Сокинони деҳаҳои мо ҳамеша поруҳои минералӣ, ба монанди селитра ва ғ. мехаранд. Мо бошем ба ҷои селитра тайёр ва истифода кардани компостро омӯхтем. Ҳамин сол ман ҳатто барои захира ба соли оянда компостро тайёр кардам. Ман ба бюджети оилавии худ бо фурӯши бодиринг саҳми худро мегузорам. Боз мо ҳисоб кардани даромад ва хароҷотро омӯхтем. Дар 2015 сол ман ба маблағи 6890 сом даромад, имсол бошад аллакай 30 195 сом даромад гирифтам.

Ҳамин сол ман мактабро хатм кардам, маблағи калон зарур буд ва аз ман волидайн напурсидам. Тибқи тести таълимии муассисаҳои олӣ аз 130 хол зиёд гирифтам, ба яке аз МТО шаҳри Ош дохил мешавам ва дар оянда нақша дорам, ки дар лоиҳаҳо кор кунам. Ҳама мепурсанд, ки ман барои ин кай вақт меёбам, барои ин ба ХШМ миннатдорам, ки ба ман масъулиятнок будан, вақт ва имконият қадр карданро омӯхт. Ба монанди ҳамсолонам ман ба худ телефон харидам. Аммо барои муошират дар шабакаҳои иҷтимоӣ вақт надорам, зеро мехонам ва бо ХШМ машғул мебошам. ХШМ барои кушодани иқтидор ва имкониятҳои ман ва дар вақти хонандаи мактаб буданам маблағ кор кардан кӯмак кард. Бо волидайн маслиҳат карда, ман қарор додам, ки ба факултаи дизайнерӣ дохил мешавам ва дар оянда ҳамаи таҷриба ва дониши гирифтаамро васеъ ва зиёд мекунам. Ҳангоми омӯзиш тибқи ХШМ ман ба ҳаёти ҷамъиятии мактаб ва оила саҳм мегузорам, бо гирифтани маблағи пулӣ ман шараф, меҳнат, арзиши волидайнамро дарк кардам”.



## ХОЛИКОВА ФОТИМА – хонандаи синфи 10а мактаби миёнаи ба номи Токтоғул киш-лоқи Халмион ноҳияи Қадамҷой

“Пештар ман ба полез шавқ надоштам. Вақте, ки моро тибқи ХШМ омӯзиш гузарониданд, дар ман шавқи парвариши сабзавот дар полез пайдо шуд. Ҳоло ман карам, помидор, қаланфури булғорӣ парвариш мекунам. Қитъаи замини ман 200 м.кв аст. Помидорро ҳамроҳи ҷуворимакка парвариш мекунам. Ҷуворимакка ба помидор соя ва такя мекунад. Ҳамин тариқ бо мувофиқат ва пурракунии ҳамдигар ҳар ду зироат ҳосил медиҳанд. Соли гузашта дар моҳи октябр ман компост тайёр кардам, имсол бошад онро дар полез истифода кардам, тухмии босифати помидор, карам ва қаланфури булғориро гирифтам. Полезро нигоҳубин мекунам, китоби ХШМ меомӯзам.

Модари Фотима Сирожидинова Малика лоиҳаро дастгирӣ мекунад, ӯ мушоҳида кардааст, ки пас аз истифодаи компост таркиби хок ковок шудааст ва бо каланд осонтар побел мешавад, намнокиро то дер нигоҳ медорад. Инкишоф ва афзоиши сабзавот хеле беҳтар шудааст”.

## КОРОБЧЕНКО СЕРГЕЙ – хонандаи синфи 11 мактаби ба номи М. Калиев қишлоқи Отрадное, ноҳия Ақсуу



Тухмии ХШМ босифатанд. Ман соли гузашта дар 25 м.кв. сабзи коридам ва 180 кг ҳосил гирифтам. Тирамоҳ онро 15 сом барои як кг фурӯхтам ва қисме аз онро дар бозори ш. Қарақол фурӯхтем. Инчунин дар як қатор тухмии лаблабуи барвақтӣ кишт кардем ва 2 халта лаблабу гирифтем, ки онро ҳамроҳи оила истеъмол менамоем.

Имсол гармхонаи андозааш 20 м.кв. сохтам. Дар аввал тухми кабудӣ, шалғамчаи сурх, чаъфарӣ коштам. Ҳамин тариқ мо худро, хешутабору ҳамсояҳоро бо кабудӣ таъмин кардем ва ба маблағи 1000 сом фурӯхтем. Дафъаи дуюм тухми бодиринг коштам ва аз моҳи май лаблабу ва бодиринги тарутозаро ҷамъоварӣ намуда истодаем. Онро дар бозори ш. Қарақол аз нархи бозор 10-20 сом баландтар мефурӯшем ва ин бо он вобаста аст, ки аксарияти одамон ба маҳсулоти тозаи табиӣ хуб баҳогузорӣ менамоянд.



## НУРИДДИН ҚИЗИ АЙНУРА – хонандаи синфи 9 мактаби миёнаи ба номи А.Курманбеков, кишлоқи Жон-Булак, ноҳияи Жети-Огуз

ХШМ – лоиҳае мебошад, ки ба мо меҳнат карданро меомӯзонад. Ман пештар намедонистам, ки дар полез чиро парвариш мекунанд, он ҷо ҳамеша модар ва падарам кор мекарданд.

Бо ёрии лоиҳаи ХШМ дар садяки худ ман шахсан худам мекорам, парвариш мекунам ва ҳосилро ҷамъоварӣ менамоям. Соли гузашта дар полез 224 тухми бодирингро коштам ва 570 кг бодиринг ҳосил гирифтам.

Имсол мо гармхонаи андозааш 40 м.кв. сохтем. Гармхона барои деҳаи мо навгонӣ аст ва дар аввали июн ман аллакай 67 кг бодирингро бо нархи 60-80 сом фурӯхтам.

Дар гармхона тарозу ва пакетҳо ҳастанд. Мизоҷ меояд, ман ҷамъ мекунам, дар тарозу бар мекашам ва мефурӯшам. Маслиҳатҳои ХШМ ба ман даромади воқеиро медиҳанд.

## УРУНБАЙ ҚИЗИ НООРУЗГУЛ – хонандаи синфи 9 мактаби миёнаи Максат, д.Қулунду, ноҳияи Лейлек



Омӯзиши ХШМ омӯзгори фании ҷуғрофия Худайбердиев Алижан мегузаронад. Байни ҳамсинфони ман барои омодакунии дурусти компост мусобиқа меравад. То лоиҳа мо ҳатто намедонистем, ки “компост” чист.

Мо тухмии босифат гирифтем. Ман дар полези худ помидори навъи Скифф ва сабзии Шантане F-1 шинонидам. Компости тайёрро ман дар полез истифода кардам. Аҷоибаш ин ки вақте, ки мо саргини навро (то лоиҳа) истифода мекардем, алафи бегона ва бемориҳо зиёд буд, акнун алафи бегона нест. Ҳамсояҳо, хешутабор полези маро дида, тайёркунии компостро оғоз карданд. Барои иштироки фаъолона дар лоиҳа ба ман низоми обмонии қатравиро насб карданд. Ин барои мо як чизи нав буд. Мо пештар обмонии қатравиро надида будем. Низоми мазкур барои деҳаи мо хеле зарур буд, зеро дар деҳаи мо норасоии об мавҷуд аст ва иқлим гарм мебошад.

## СУЛТАНОВ ДАСТАН – хонандаи синфи 9 мактаби ба номаи Жусуп Сари уулу, шаҳраки Мин-Куш ноҳияи Жумғал



Шаҳраки мо Мин-Куш дар баландии 2000 ва зиёда метр аз сатҳи баҳр ҷойгир аст. Пештар ин ҷо асосан танҳо картошка мепарвариданд. Тибқи ХШМ ман дар соли гузашта сабзӣ, лаблабу ва картошкаро парвариш кардам. Имсол бошад, гармхонаи андозааш 24 м.кв сохтам.

Дар Мин-Куш пештар ин тавр набуд, ки ба санаи 20 май бодиринг дар гармхона пухта расад. Ин рекорди деҳаи мо аст. Парвариши сабзавот дар гармхона аз полез дида, меҳнати хеле зиёду пурмашаққатро талаб мекунад. Ман барои парвариши сабзавот шавқ пайдо кардам. Дар гармхона мо бо аъзоёни оила кор мекунем. Ҳамсояҳо, ҳамсинфон ва ҳамдеҳагон барои дидани гармхонаи ман меоянд ва аз ман мепурсанд, ки чӣ тавр гармхона созанд ва сабзавот парвариш кунанд.

Ман орзу дорам – пас аз итмоми лоиҳа дар як ҷой намеистам, баръакс дар деҳаамон сабзавотпарвариро инкишоф медиҳам. Дар оянда шаҳраки хурдамонро худамон бо сабзавот таъмин менамоем. Акнун ман фикр мекунам, ки барои ҷавонон имконияти меҳнат кардан ҳаст ва онҳо метавонанд ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба шаҳрҳои калон нараванд, дар ҳамин ҷо хоҷагии қишлоқро дар қитъаҳои наздиҳавлигии худ инкишоф диҳанд.

Инчунин духтарон медонанд, ки дар замин чӣ гуна кор кардан зарур аст, сабзавот парвариш мекунанд ва кӯдакони худро бо сабзавоти тару тозаи табиӣ таъмин мекунанд!



## СРАДИНОВА НАЗИРА – хонандаи синфи 11 мактаби ба номи К. Акиев, деҳаи Қизил-Жилдиз ноҳияи Жумғал

Соли гузашта ман дар 1 садяк замин сабзавот парвариш карда, ба маблағи 7925 сом даромад гирифтам. Имсол ман бизнес-нақша тартиб додам ва гармхонаи оддии андозааш 40 м.кв. бо 5 қатор бодиринг ва 1 қатор помидор сохтам.

Дар деҳаи мо сокинон ҳоло кишти сабзавотро оғоз накарда буданд, бодирингҳои ман бошад, пухта расиданд ва ман онҳоро аз аввали моҳи май ба фурӯш баровардам ва дар миёнаи моҳи июн ба маблағи 6200 сом фурӯхтам.

Пештар полезро фақат волидайнам нигоҳубин мекарданд, акнун ман мустақилона онро нигоҳубин менамоям. Ман озмоиш гузаронидам ва помидорро дар 20 м.кв. дар полез зери пленка шинонидам. Ҳоло кӯчатҳо пурқувват инкишоф ёфтанд ва афзоиши онҳо аз кӯчати ҳамсояҳо як моҳ пеш аст. Ин барои деҳаи мо навгонӣ аст. ХШМ маро меҳнат кардан, масъулиятнок будан ва банақшагири вақт, гузаронидани озмоишҳоро омӯхт.

# Суроғаҳо:

| Хадамоти Минтақавии Машварати Деҳоти Ҷалол-Обод (ХММД Ҷ) | |
|---|---|
| Суроға | Ҷумҳурии Қирғизистон, ш. Ҷалолобод, к. Курманбек, 10 |
| Телефон | (996 37 22 ) 5-09-11 |
| Факс | (996 37 22 ) 5-01-56 |
| Суроғаи эл. | **rasja@rasja.kg** |
| Вебсомона | **www. rasja.kg** |
| Директор | Жойболотов Сыргабек Токтосунович |
| Шумораи кормандон | 32 |
| Соли ташкилшавӣ | 1999 |
| Дафтарҳои корӣ | ноҳияҳои Ақсы, Алабуқа, Базарқорғон, Ноокен, Сузак, Токтоғул ва Чатқал |
| Хизматрасонӣ | Таълим, машварат, намоиши амалӣ, рӯзҳои саҳрой ва ғ. |
| Соҳаи асосии фаъолият | • Беҳтаркунии истеҳсолоти х/қ, коркард ва маркетинг.<br>• Усулҳои барқарорсозии иншоотҳои объерӣ ва истифодаи сарфакоронаи об.<br>• Пешбурди устувори хоҷагии чорводорӣ ва идоракунии чарогоҳҳо.<br>• Истифодаи самараноки захираҳои табиӣ.<br>• Ҷавонон ва гендер. |

| Хадамоти Машварати Деҳоти Чуй-Талас (ХМД Чуй Талас) | |
|---|---|
| Суроға | Ҷумҳурии Қирғизистон, ш.Бишкек, к.Гражданская, 43/1, ош. 1-ум |
| Телефон | (996 312) 36-55-67 |
| Факс | (996312) 36-61-17 |
| Суроғаи эл. | **raschui@ktnet.kg; chui_talas@mail.ru** |
| Директор | Бердалиев Шерип |
| Шумораи кормандон | 39 |
| Соли ташкилшавӣ | 2002 |
| Дафтарҳои корӣ | Вилояти Чуй ва Талас, ҳамаи ноҳияҳои вилоятҳо |
| Хизматрасонӣ | Хизматрасонии машваратӣ оиди х/қ |
| Соҳаи асосии фаъолият | Хоҷагии қишлоқ, коркард, маркетинг, иқтисодиёт, чорводорӣ, агрономия, муҳити атроф, истифодаи самараноки хок ва захтираҳои об. |

| Хадамоти Машварати Деҳоти вилояти Иссиққул (ХМД ИК) | |
|---|---|
| Суроға | Ҷумҳурии Қирғизистон, ш.Каракол, к. Кравсов, 208 |
| Телефон | (996-3922) 7-04-58; |
| Факс | (996-3922) 7-06-19 |
| Суроғаи эл. | **rasik@ktnet.kg** |
| Директор | Шамиев Салтанат Мусаевич |
| Шумораи кормандон | 25 |
| Соли ташкилшавӣ | 1999 |
| Дафтарҳои корӣ | ноҳияҳои Ақсуу, Джетиогуз, Тон, Иссиққул ва Тюп |
| Хизматрасонӣ | Таълими сокинони деҳот, фермерон, хоҷагиҳои фермерӣ, иттиҳодияҳо |
| Соҳаи асосии фаъолият | маркетинг, иқтисодиёт, агробизнес, чорводорӣ, гендер |

| Хадамоти Машварати Деҳоти вилояти Норин (ХМД Норин) | |
|---|---|
| Суроға | Ҷумҳурии Қирғизистон, ш.Норин, к. Ленин 103 “3” |
| Телефон | (996 -3522) 5-09-54; 5-09-84; |
| Факс | (996-3522) 5-06-99 |
| Суроғаи эл. | **rasna@ktnet.kg** |
| Директор | Болбаев Бакыт Усенович |
| Шумораи кормандон | 15 |
| Соли ташкилшавӣ | 1999 |
| Хизматрасонӣ | Хизматрасонии машваратӣ оиди х/қ |
| Соҳаи асосии фаъолият | маркетинг, иқтисодиёт, чорводорӣ, агрономия, гендер |

| Хадамоти Машварати Деҳоти Ош (ХМД Ош) | |
|---|---|
| Суроға | Ҷумҳурии Қирғизистон, ш. Ош, к. Масалиев, 47а |
| Телефон | (996 32 22 ) 8-81-18 |
| Факс | (996 32 22 ) 8-81-07 |
| Суроғаи эл. | **oshras@mail.kg** |
| Директор | Токтосунов Сапарбек Токтосунович |
| Шумораи кормандон | 40 |
| Соли ташкилшавӣ | 1999 |
| Дафтарҳои корӣ | Ноҳияҳои Ноокат, Қарасуу, Алай, Узген, Қарақулжа, Чоналай, Араван |
| Хизматрасонӣ | Хизматрасонии машваратӣ оиди х/қ |
| Соҳаи асосии фаъолият | Маркетинг, иқтисодиёт, чорводорӣ, агрономия, гендер |

| Хадамоти Машварати Деҳоти Баткен (ХМД Баткен) | |
|---|---|
| Суроға | Ҷумҳурии Қирғизистон, ш. Баткен, к. Садиков, 38 |
| Телефон | (996 36 22 ) 5-04-42 |
| Факс | (996 36 22 ) 5-03-84 |
| Суроғаи эл. | **rasbatken@gmail.com** |
| Директор | Эсеналиев Шабидин |
| Шумораи кормандон | 19 |
| Соли ташкилшавӣ | 2002 |
| Дафтарҳои корӣ | Ноҳияҳои Кадамджай, Лейлек |
| Хизматрасонӣ | Хизматрасонии маълумотӣ, таълим, коркард ва машварат оиди х/қ |
| Соҳаи асосии фаъолият | Хоҷагии қишлоқ |

| Иттиҳодияи ҷамъиятии "АГРОЛИД" | |
|---|---|
| Суроға | Ҷумҳурии Қирғизистон, ш. Бишкек, к. Оғонбаев - 155 |
| Телефон | (996-312) 66-08-18 |
| Факс | (996-312) 66-08-18 |
| Суроғаиэлектронӣ | **agrolead@agrolead.org,** |
| Вебсомона | **http://www.agrolead.org** |
| Менеҷер | Гульназ Касеева |
| Аъзоён | 14 корманди штатӣ, 20 даъватшуда |
| Соли ташкилшавӣ | 2009 |
| Хизматрасонӣ | • Таълимӣ<br>• Машваратӣ<br>• Маълумотӣ<br>Дигар: •Хизматрасонии миёнаравӣ оиди фурӯш ва таъмини маҳсулоти хоҷагии қишлоқ;<br>• Гузаронидани тадқиқот;<br>• Хизмати Дорухонаҳои агротехникӣ;<br>• Таъмин бо тухмӣ ва маводҳои босифат;<br>• Пешгӯии ҳосилнокии маҳсулот;<br>• Омодакунии маҳсулоти хоҷагии қишлоқ;<br>• Озмоиши зироатҳои хоҷагии қишлоқ; |
| Соҳаифаъолият | Хоҷагии қишлоқ, инкишоф ва беҳтаркуии вазъияти иқтисодӣ |

| Фонди Ҷамъиятии "Мехр Шавхат" | |
|---|---|
| Суроға | Ҷумҳурии Қирғизистон, вилояти Ош, ноҳияи Араван, к. Тавматов, 23 |
| Телефон факс | (996 3231) 2-27-74, 2-62-65 |
| Суроғаи эл. | **mehrshavkat@mail.ru** |
| Директор | Тивалдиева Махарам Холдаровна |
| Шумораи аъзоён | 30 |
| Соли ташкилшавӣ | 1997 |
| Хизматрасонӣ | Хизматрасонии машваратӣ оиди х/қ, татбиқи лоиҳаҳо, рушди ташкилотҳои маҳаллӣ, таълим ва хизматрасонии агрономӣ. |
| Соҳаи фаъолият | ТҒД, хоҷагии қишлоқ, чорводорӣ, шахсони инфиродӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ. |

| Маркази таълим, машварат ва навовариҳо (МТМН) | |
|---|---|
| Суроға | Ҷумҳурии Қирғизистон, ш. Бишкек, к. Гражданская, 43/1 |
| Телефон факс | (996 312)  36-55-67, 36-55-69 |
| Суроғаи эл. | **taic@taic.kg** |
| Вебсомона | **www.taic.kg** |
| Директор | Карасартов Шайыбек Тентимишович |
| Шумораи аъзоён | 13 |
| Соли ташкилшавӣ | 2002 |
| Хизматрасонӣ | Таълим, нашр, машварат, китобхона, идоракунии навовариҳо |
| Соҳаи фаъолият | Ҳамаи соҳаҳои хоҷагии қишлоқ |

| Кооперативи “Мол Тушум” | |
|---|---|
| Суроға | Ҷумҳурии Қирғизистон, ш. Баткен, к. Султанмурат минбаши, 14 |
| Телефон | (996 36 22 ) 6-07-25 |
| Факс | (996 777) 06-83-77 |
| Суроғаи эл. | **abdirashit@mail.ru** |
| Директор | Халмурзаев Абдирашит Назирбекович |
| Шумораи аъзоён | 2005 |
| Соли ташкилшавӣ | 2004 |
| Дафтарҳои корӣ | Баткен, Кадамджай, Исфана |
| Хизматрасонӣ | Тухмии босифат, пору, пестисидҳо, маводҳои байторӣ, таъмини хизматрасонии дорупошӣ ва коркарди меваю сабзавот |

| «TES-сентр” Маркази таълим ва хизматрасонии машваратӣ | |
|---|---|
| Суроға | Ҷумҳурии Қирғизистон, ш. Ош к. Петров 33 “Е” |
| Телефон | (996 3222) 5-42-26, 4-31-98,  4-32-53 |
| Факс | (996 772) 54-04-03<br>(996 3222) 4-30-95 |
| Суроғаи эл. | **tes@tes-centre.org** |
| Вебсомона | **www.tes-centre.org** |
| Директор | Насырова Айнагуль Джаныбаевна |
| Шумораи аъзоён | 24 |
| Соли ташкилшавӣ | 1999 |
| Хизматрасонӣ | 1. Хизматрасонии машваратӣ, таълим барои хоҷагиҳои фермерӣ<br>2. Маркетинг, коркарди маҳсулоти х/қ<br>3. Ҳифзи растаниҳо |
| Соҳаи фаъолият | Хоҷагии қишлоқ, агротиҷорат |

# 1. Фаъолияти якум

**Парвариши картошка дар 4 садяк (= 0,04 га) замин**

## 1.1. Хароҷот:

| № | Намуди хароҷот | Давраи харид | Миқдор / воҳид | Нархи як воҳид (сом) | Ҳамагӣ хароҷот (сом) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Кишт | Апрел | 120 кг | 33 | 3960 |
| 2 | Хизмати трактор | Апрел/май | 1 маротиба | 400 | 400 |
| 3 | Пестисидҳо | Апрел | 1 дона | 300 | 300 |
| 4 | Пору | Май/июл | 1 мавсим | 600 | 600 |
| 5 | Халта барои ҷамъоварии ҳосил | Сентябр | 24 дона | 10 | 240 |
| 6 | Нақлиёт | Октябр | 1 маротиба | 500 | 500 |
| | **Ҳамагӣ:** | | | | **а) 6000** |

## 1.2. Захираҳои нақдии дархосткунанда:

| № | Намуди хароҷот | Давраи харид | Миқдор / воҳид | Нархи як воҳид (сом) | Ҳамагӣ хароҷот (сом) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Пору | Апрел | 1 маротиба | 400 | 400 |
| 2 | Халта барои ҷамъоварии ҳосил | Май/июл | 1 мавсим | 600 | 600 |
| 3 | Нақлиёт | Октябр | 1 маротиба | 500 | 500 |
| | **Ҳамагӣ:** | | | | **б) 1500** |

## 1.3. Даромади ба даст омада

| № | Манбаи даромад | Давраи фурӯш | Миқдор / воҳид | Нархи як воҳид (сом) | Ҳамагӣ хароҷот (сом) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Картошка | Октябр | 1200 кг | 15 | 18000 |
| | **Ҳамагӣ:** | | | | **в) 18000** |

## 1.4. Қарзи талабшаванда:

| Ҳамагӣ харочот | | Захираҳои нақдӣ | | Қарзи талабшаванда |
|---|---|---|---|---|
| а) 6000 | – | б) 1500 | = | г) 4500 |

Мӯҳлати охирини пардохти қарз: моҳ/давра

| 5 | 6 | 7 |
|---|---|---|

(хат кашед)

## 1.5. Пешгӯии харочотҳо:

| № | Моҳҳо | Қарз | Андӯхти шахсӣ | Даромад | Харочот | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Харочоти истеҳсолӣ | Маблағи асосии қарз | Фоизи қарз 2% |
| 1 | Апрел | 4500 | 1500 | | 4260 | | 135 |
| 2 | Май | | | | 400 | | 135 |
| 3 | Июн | | | | 600 | | 135 |
| 4 | Июл | | | | | | 135 |
| 5 | Август | | | | | | 135 |
| 6 | Сентябр | | | | 240 | | 135 |
| 7 | Октябр | | | 18000 | 500 | 4500 | 135 |
| | **Ҳамагӣ:** | **4500** | **1500** | **18000** | **6000** | **4500** | **д) 945** |

## Даромад:

| Ҳамагӣ даромад | | Ҳамагӣ харочот | | Пардохти фоиз | | Фоида |
|---|---|---|---|---|---|---|
| в) 18000 | - | а) 6000 | - | д) 945 | = | е) 11055 |

| Фоида | | Ҳамагӣ харочот | | Фоиданокӣ |
|---|---|---|---|---|
| е) 11055 | : | а) 4000 x 100 | = | 276% |

## 2. Фаъолияти дуюм

**Парвариши сабзӣ дар 3 садяк (= 0,03 га) замин**

### 2.1. Хароҷот:

| № | Намуди хароҷот | Давраи харид | Миқдор / воҳид | Нархи як воҳид (сом) | Ҳамагӣ хароҷот (сом) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Кишт | Апрел | 0,18 кг | 3600 | 648 |
| 2 | Хизмати трактор | Апрел | 1 маротиба | 200 | 200 |
| 3 | Обмонӣ | Май/сент | 1 мавсим | 50 | 50 |
| 4 | Селитра | Май/сент | 2 бор | 100 | 200 |
| 5 | Пестисидҳо | Июн/июл | 1 маротиба | 162 | 162 |
| 6 | Халта барои ҷамъоварии ҳосил | Август | 10 дона | 10 | 100 |
| 7 | Нақлиёт | Октябр | 3 маротиба | 200 | 600 |
| 8 | Пардохт барои ҷой дар бозор | Октябр | 2 рӯз | 20 | 40 |
| | **Ҳамагӣ:** | | | | **а) 2000** |

### 2.2. Захираҳои нақдии дархосткунанда:

| № | Намуди хароҷот | Давраи харид | Миқдор / воҳид | Нархи як воҳид (сом) | Ҳамагӣ хароҷот (сом) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Нақлиёт | Октябрь | 500 | 500 | 500 |
| | | | | | |
| | **Ҳамагӣ:** | | | | **б) 500** |

### 2.3. Даромади ба даст омада:

| № | Манбаи даромад | Давраи фурӯш | Миқдор / воҳид | Нархи як воҳид (сом) | Ҳамагӣ хароҷот (сом) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Сабзӣ | Октябрь | 850 кг | 7 | 5950 |
| | **Ҳамагӣ:** | | | | **в) 5950** |

## 2.4. Қарзи талабшаванда:

| Ҳамагӣ харочот | | Захираҳои накдӣ | | Қарзи талабшаванда |
|---|---|---|---|---|
| а) 2000 | – | б) 500 | = | б) 1500 |

Мӯҳлати охирини пардохти қарз: моҳ/давра

| 5 | 6 | 7 |
|---|---|---|

(хат кашед)

## 2.5. Пешгӯии харочотҳо:

| № | Моҳҳо | Қарз | Андӯхти шахсӣ | Даромад | Харочот | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Харочоти истеҳсолӣ | Маблағи асосии қарз | Фоизи қарз 2% |
| 1 | Апрел | 1500 | 500 | | 648 | | 50 |
| 2 | Май | | | | 200 | | 50 |
| 3 | Июн | | | | 50 | | 50 |
| 4 | Июл | | | | 200 | | 50 |
| 5 | Август | | | | 162 | | 50 |
| 6 | Сентябр | | | | 100 | | 50 |
| 7 | Октябр | | | 5950 | 640 | 1500 | 50 |
| | **Ҳамагӣ:** | **1500** | **500** | **5950** | **2000** | **1500** | **д) 350** |

## Даромад:

| Ҳамагӣ даромад | | Ҳамагӣ харочот | | Пардохти фоиз | | Фоида |
|---|---|---|---|---|---|---|
| в) 5950 | - | а) 2000 | - | д) 350 | = | е) 3600 |

| Фоида | | Ҳамагӣ харочот | | Фоиданокӣ |
|---|---|---|---|---|
| е) 3600 | : | а) 2000 x 100 | = | 180% |

Маълумоти иловагӣ ба дарсҳо

# 1. Фаъолияти якум

Парвариши карам дар 3 садяк (=0,03 га) замин

## 1.1. Хароҷот:

| № | Намуди хароҷот | Давраи харид | Миқдор / воҳид | Нархи як воҳид (сом) | Ҳамагӣ хароҷот (сом) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Кишт | Март/Апрел | 1500 дона | 0.60 | 900 |
| 2 | Хизмати трактор | Апрел/май | 1 маротиба | 300 | 300 |
| 3 | Пестисидҳо | Июн/июл | 0,18 г | 3000 | 540 |
| 4 | Пору | Май/июл | 2 маротиба | 300 | 600 |
| 5 | Халта барои ҷамъоварии ҳосил | Август | 20 дона | 10 | 200 |
| 6 | Нақлиёт | Август/Октябр | 4 маротиба | 115 | 460 |
| | Ҳамагӣ: | | | | а) 3000 |

## 1.2. Захираҳои нақдии дархосткунанда:

| № | Намуди хароҷот | Давраи харид | Миқдор / воҳид | Нархи як воҳид (сом) | Ҳамагӣ хароҷот (сом) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Пору | Май | 1 маротиба | 90 | 90 |
| 2 | Халта барои ҷамъоварии ҳосил | Август | 20 дона | 10 | 200 |
| 3 | Нақлиёт | Октябр | 4 мароти ба | 115 | 460 |
| | Ҳамагӣ | | | | б) 750 |

## 1.3. Даромади ба даст омада:

| № | Манбаи даромад | Давраи фурӯш | Миқдор / воҳид | Нархи як воҳид (сом) | Ҳамагӣ хароҷот (сом) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Карам | Август | 50 дона | 50 | 2500 |
| 2 | Карам | Сентябр | 250 дона | 30 | 7500 |
| 3 | Карам | Октябр | 150 дона | 45 | 6750 |
| | Ҳамагӣ | | | | в) 16750 |

### 1.4. Қарзи талабшаванда:

| Ҳамагӣ харочот | | Захираҳои накдӣ | | Қарзи талабшаванда |
|---|---|---|---|---|
| а) 3000 | – | б) 750 | = | г) 2250 |

Мӯҳлати охирини пардохти қарз: моҳ/давра

| 5 | 6 | 7 |
|---|---|---|

(хат кашед)

### 1.5. Пешгӯии харочотҳо:

| № | Моҳҳо | Қарз | Андӯхти шахсӣ | Даромад | Харочот | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Харочоти истеҳсолӣ | Маблағи асосии қарз | Фоизи қарз 2% |
| 1 | Апрел | 2250 | 750 | | 1200 | | 67.50 |
| 2 | Май | | | | | | 67.50 |
| 3 | Июн | | | | 1140 | | 67.50 |
| 4 | Июл | | | | | | 67.50 |
| 5 | Август | | | 2500 | 200 | | 67.50 |
| 6 | Сентябр | | | 7500 | | | 67.50 |
| 7 | Октябр | | | 6750 | 460 | 2250 | 67.50 |
| | Ҳамагӣ: | 2250 | 750 | 16750 | 3000 | 2250 | д) 472.5 |

### Даромад:

| Ҳамагӣ даромад | | Ҳамагӣ харочот | | Пардохти фоиз | | Фоида |
|---|---|---|---|---|---|---|
| в) 16750 | - | а) 3000 | - | д) 472.5 | = | е) 13277.5 |

| Фоида | | Ҳамагӣ харочот | | Фоиданокӣ |
|---|---|---|---|---|
| е) 13277.5 | : | а) 3000 x 100 | = | 442 % |

МАЪЛУМОТИ ИЛОВАГӢ БА ДАРСҲО

## 2. Фаъолияти дуюм

**Парвариши сабзӣ дар 3 садяк (=0,03 га) замин**

### 2.1. Харочот:

| № | Намуди харочот | Давраи харид | Микдор / воҳид | Нархи як воҳид (сом) | Ҳамагӣ харочот (сом) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Тухмӣ | Апрел | 0,200 | 4000 | 800 |
| 2 | Хизмати трактор | Апрел | 1 маротиба | 300 | 300 |
| 3 | Истифодаи саргин | Май/июн | 180 кг | 3 | 540 |
| 4 | Пестисидҳо | Июн/июн | 0,20 г | 2000 | 400 |
| 5 | Халта барои чамъоварии ҳосил | Октябр | 1 маротибау | 500 | 500 |
| 6 | Наклиёт | Сен/октябр | 46 дона | 10 | 460 |
|  | **Ҳамагӣ:** |  |  |  | **а) 3000** |

### 2.2. Захираҳои накдии дархосткунанда:

| № | Намуди харочот | Давраи харид | Микдор /воҳид | Нархи як воҳид (сом) | Ҳамагӣ харочот (сом) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Наклиёт | Октябрь | 1 маротиба | 500 | 500 |
| 2 | Истифодаи саргин | Май/июн | 180 кг | 3 | 250 |
|  | **Ҳамагӣ:** |  |  |  | **б) 750** |

### 2.3. Даромади бадастомада:

| № | Манбаи даромад | Давраи фурӯш | Микдор /воҳид | Нархи як воҳид (сом) | Ҳамагӣ харочот (сом) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Сабзӣ | Октябр | 12000 кг | 10 | 12000 |
|  | **Ҳамагӣ:** |  |  |  | **в) 12000** |

## 2.4. Қарзи талабшаванда:

| Ҳамагӣ харочот | | Захираҳои нақдӣ | | Қарзи талабшаванда |
|---|---|---|---|---|
| а) 3000 | – | б) 750 | = | б) 2250 |

Мӯҳлати охирини пардохти қарз: моҳ/давра

| 5 | 6 | 7 |
|---|---|---|

(хат кашед)

## 2.5. Пешгӯии харочотҳо:

| № | Моҳҳо | Қарз | Андӯхти шахсӣ | Даромад | Харочот | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Харочоти истеҳсолӣ | Маблағи асосии қарз | Фоизи қарз 2% |
| 1 | Апрел | 2250 | 750 | | 1100 | | 67.5 |
| 2 | Май | | | | 940 | | 67.5 |
| 3 | Июн | | | | 0 | | 67.5 |
| 4 | Июл | | | | 0 | | 67.5 |
| 5 | Август | | | | 0 | | 67.5 |
| 6 | Сентябр | | | | 460 | | 67.5 |
| 7 | Октябр | | | 12000 | 500 | 2250 | 67.5 |
| | **Ҳамагӣ:** | **2250** | **750** | **12000** | **3000** | **2250** | **д) 472.5** |

## Даромад:

| Ҳамагӣ даромад | | Ҳамагӣ харочот | | Пардохти фоиз | | Фоида |
|---|---|---|---|---|---|---|
| в) 12000 | - | а) 3000 | - | д) 472.5 | = | е) 8527.5 |

| Фоида | | Ҳамагӣ харочот | | Фоиданокӣ |
|---|---|---|---|---|
| е) 8527.5 | : | а) 3000 x 100 | = | 284 % |